ISSN 2226-9355

# Паёми

## ДОНИШКАДАИ ЗАБОНҲО

3 (35)
2019

Силсилаи илмҳои:
филологӣ
педагогӣ
таърих
фалсафа

ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
ДДЗТ

*ISSN 2226-9355*

# ПАЁМИ
## ДОНИШКАДАИ ЗАБОНҲО
***(силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих ва фалсафа)***
***2019. №3 (35)***

---

# ВЕСТНИК
## ИНСТИТУТА ЯЗЫКОВ
***(серия филологических, педагогических, исторических и философских наук)***
***2019. №3 (35)***

---

# BULLETIN
## OF THE INSTITUTE OF LANGUAGES
***(the series of philological, pedagogical, historical and philosophical sciences)***
***2019. №3 (35)***

---

Душанбе – Dushanbe - 2019

**ПАЁМИ ДОНИШКАДАИ ЗАБОНҲО**
***Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих ва фалсафа***
**Муассиси маҷалла:**
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
Маҷалла соли 2011 таъсис дода шудааст. Дар як сол 4 шумора нашр мегардад.

***Сармуҳаррир:***
***Раҷабзода Маҳмадулло*** *доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода*

***Муовини сармуҳаррир:***
***Маҳмадҷонов Олимҷон Обидҷонович*** *доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода*

***ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:***

| | |
|---|---|
| ***10.00.00 – филология*** | |
| **Исмоилов Шамсулло** | *доктори илмҳои филологӣ, профессор* |
| **Ҷамшедов Парвонахон** | *доктори илмҳои филологӣ, профессор* |
| **Турсунов Файёзҷон Мелибоевич** | *доктори илмҳои филологӣ, профессор* |
| **Восиева Рухшона Қурбоновна** | *доктори илмҳои филологӣ, профессор* |
| **Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода** | *доктори илмҳои филологӣ, профессор* |
| ***13.00.00 – педагогика*** | |
| **Шербоев Саидбой** | *доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Неъматов Саъдулло Эргашевич** | *доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Шосаидзода Сафар Ҳасан** | *номзади илмҳои педагогӣ, дотсент* |
| **Товбаева Мавлуда Мусулмоновна** | *номзади илмҳои педагогӣ, дотсент* |
| ***07.00.00 – таърих*** | |
| **Ҳотамов Намоз Басарович** | *доктори илмҳои таърих, профессор* |
| **Муллоҷонов Сайфулло Кучакович** | *доктори илмҳои таърих, профессор* |
| **Раҷабов Саиднеъмон Муллоҷонович** | *номзади илмҳои таърих, дотсент* |
| **Икромов Ғайбулло Холович** | *номзади илмҳои таърих, дотсент* |
| ***09.00.00 – фалсафа*** | |
| **Зиёӣ Хуршед Махшулзода** | *доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Маҳмадҷонова Муҳиба Талъатҷоновна** | *доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович** | *номзади илмҳои фалсафа, дотсент* |
| **Мачидов Диловар Ҳафизович** | *номзади илмҳои фалсафа, дотсент* |

*Маҷалла аз 03.07.2019 ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст.*

*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:*

***Дар соҳаи илмҳои филологӣ:*** *10.02.20, 10.02.22, 10.01.03, 10.01.08.*

***Дар соҳаи илмҳои педагогӣ****: 13.00.01, 13.00.02, 13.00.08.*

***Дар соҳаи илмҳои таърих:*** *07.00.02, 07.00.03, 07.00.09, 07.00.15.*

***Дар соҳаи илмҳои фалсафа:*** *09.00.03, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14.*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.

Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии Донишкада ҷойгир карда шудааст (www.ddzt.tj).

Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих ва фалсафа. – 2019. – №3 (35).
ISSN 2226-9355.
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатномаи № 03/МҶ-97 аз 29.01.2018 сол.

**Нишонии маҷалла**: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Сомонаи маҷалла: www.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-50-01

© ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, 2019

**ВЕСТНИК ИНСТИТУТА ЯЗЫКОВ**
**Серия филологических, педагогических, исторических и философских наук**
**Учредитель журнала:**
Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода
Журнал основан в 2011 г. Выходит 4 раза в год.

***Главный редактор журнала:***
***Раджабзода Махмадулло*** *доктор педагогических наук, профессор, ректор Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода*

***Заместитель главного редактора:***
***Махмаджонов Олимджон Обиджонович*** *доктор филологических наук, профессор, проректор по науке и инновации Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода*

***ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:***

| | |
|---|---|
| ***10.00.00 – филология*** | |
| **Исмоилов Шамсулло** | *доктор филологических наук, профессор* |
| **Джамшедов Парвонахон** | *доктор филологических наук, профессор* |
| **Турсунов Файёзджон Мелибоевич** | *доктор филологических наук, профессор* |
| **Восиева Рухшона Курбоновна** | *доктор филологических наук, профессор* |
| **Исрофилниё Шарифмурод Рахимзода** | *доктор филологических наук, профессор* |
| ***13.00.00 – педагогика*** | |
| **Шербоев Саидбой** | *доктор педагогических наук, профессор* |
| **Неъматов Саъдулло Эргашевич** | *доктор педагогических наук, профессор* |
| **Шосаидзода Сафар Хасан** | *кандидат педагогических наук, доцент* |
| **Товбаева Мавлуда Мусулмоновна** | *кандидат педагогических наук, доцент* |
| ***07.00.00 – история*** | |
| **Хотамов Намоз Басарович** | *доктор исторических наук, профессор* |
| **Муллоджонов Сайфулло Кучакович** | *доктор исторических наук, профессор* |
| **Раджабов Саиднеъмон Муллоджонович** | *кандидат исторических наук, доцент* |
| **Икромов Гайбулло Холович** | *кандидат исторических наук, доцент* |
| ***09.00.00 – философия*** | |
| **Зиёи Хуршед Махшулзода** | *доктор философских наук, профессор* |
| **Маҳмаджонова Мухиба Талъатджоновна** | *доктор философских наук, профессор* |
| **Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович** | *кандидат философских наук, доцент* |
| **Маджидов Диловар Хафизович** | *кандидат философских наук, доцент* |

*От 03.07.2019 журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий Республики Таджикистан.*

*Журнал принимает научные статьи по следующим научным областям:*

***В области филологических наук:*** *10.02.20, 10.02.22, 10.01.03, 10.01.08.*

***В области педагогических наук:*** *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08.*

***В области исторических наук:*** *07.00.02, 07.00.03, 07.00.09, 07.00.15.*

***В области философских наук:*** *09.00.03, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14.*

Журнал печатается на таджикском и русском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте института (www.ddzt.tj).

Вестник Института языков.
Серия филологических, педагогических, исторических и философских наук. – 2019. – №3 (35). ISSN 2226-9355.
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство № 03/ЖР-97 от 29.01.2018 г.

**Адрес журнала**: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6.
Сайт журнала: www.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-50-01
© ТГИЯ им. С. Улугзода, 2019

**BULLETIN OF THE INSTITUTE OF LANGUAGES**
***The series of philological, pedagogical, historical and philosophical sciences***
**Founder of the journal:**
Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda
**The journal is established in 2011. Issued 4 times a year.**

***CHIEF EDITOR:***
***Mahmadullo Rajabzoda*** — *Doctor of Pedagogy, Professor, Rector of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda*

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***
***Mahmadjonov Olimjon Obidjonovich*** — *Doctor of Philology, Professor, vice-rector on science and innovations of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda*

***MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:***

| | |
|---|---|
| ***10.00.00 – Philology*** | |
| **Ismoilov Shamsullo** | *Doctor of Philology, Professor* |
| **Jamshedov Parvonakhon** | *Doctor of Philology, Professor* |
| **Tursunov Fauyozjon Meliboevich** | *Doctor of Philology, Professor* |
| **Vosieva Rukhshona Qurbonovna** | *Doctor of Philology, Professor* |
| **Isrofilniyo Sharifmurod Rahimzoda** | *Doctor of Philology, Professor* |
| ***13.00.00 – Pedagogy*** | |
| **Sherboev Saidboy** | *Doctor of Pedagogy, Professor* |
| **Ne'matov Sa'dullo Ergashevich** | *Doctor of Pedagogy, Professor* |
| **Shosaidzoda Safar Hasan** | *Candidate of Pedagogy, associate Professor* |
| **Tovbaeva Mavluda Musulmonovna** | *Candidate of Pedagogy, associate Professor* |
| ***07.00.00 – History*** | |
| **Hotamov Namoz Basarovich** | *Doctor of Historical Sciences, Professor* |
| **Mullojonov Saifullo Kuchakovich** | *Doctor of Historical Sciences, Professor* |
| **Rajabov Saidnemon Mullojonovich** | *Candidate of Historical Sciences, associate Professor* |
| **Ikromov Ghaybullo Holovich** | *Candidate of Historical Sciences, associate Professor* |
| ***09.00.00 – Philosophy*** | |
| **Ziyoi Khurshed Makhshulzoda** | *Doctor of Philosophy, Professor* |
| **Mahmadjonova Muhiba Talatjonovna** | *Doctor of Philosophy, Professor* |
| **Karamkhudoev Shukrat Khudonazarbekovich** | *Candidate of Philosophy, associate Professor* |
| **Majidov Dilovar Hafizovich** | *Candidate of Philosophy, associate Professor* |

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications of the Republic of Tajikistan from 03.07.2009.

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

**In the field philological sciences:** *10.02.20, 10.02.22, 10.01.03, 10.01.08.*

**In the field pedagogic sciences:** *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08.*

**In the field historical sciences:** *07.00.02, 07.00.03, 07.00.09, 07.00.15.*

**In the field philosophical sciences:** *09.00.03, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14.*

The journal is printed in Tajik and Russian languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the Institute (www.ddzt.tj).

Bulletin of the Institute of languages. The series of philological, pedagogical, historical and philosophical sciences. – 2019. – №3 (35). ISSN 2226-9355.
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. Certificate № 03/JR-97 от 29.01.2018 г.

**Address of the journal:** 17/6, Muhammadiev str., Dushanbe, 734019, Republic of Tajikistan.
Web site of the journal: www.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Tel.: (+992 37) 232-50-01

**© TSIL named after S. Ulughzoda, 2019**

**УДК 801.8=915.50=30**

# ҶАНБАҲОИ ЛИНГВОФАРҲАНГИИ ЛЕКСИКАИ МАРОСИМИ МОТАМ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

***Маҳмадҷонов О., Лузинаи З.***
**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Тоҷикон, ки яке аз қавмҳои ориёинажод ба шумор мераванд таъриху тамаддуни ғанӣ доранд. Сарнавишти ориёиҳо, ки мо тоҷикон яке аз меросдорони асили он ҳастем, аз саҳифаҳои басо рангину шигифтангези таърихи башар аст. Ин тамаддун бо ҳама бурду бохташ барои миллати мо як рукни асосии таърихӣ, сарнавишт, арсаи будубош, пайдоишу ташаккули нахустин оинҳои давлатдорӣ, ҷавлонгоҳи дину оини яктопарастӣ, ташаккули фарҳангу арзишҳои миллӣ, арсаи худшиносию ҷаҳоншиносӣ гардидааст [21, с. 47].

Мардуми тоҷик маросими зиёде доранд, ки ҳар яке дорои хусусиятҳои хос мебошад. Маросими мотам низ як ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанг ба шумор меравад. Бояд ҳаминро зикр намоем, ки дар забоншиносии тоҷик як қатор масъалаҳои баҳсноку ҳалталаб мавҷуданд, ки ҳоло ҳам ҳаллу фасли хешро мунтазиранд. Яке аз чунин масъалаҳо таҳлилу тадқиқи амиқи лексикаи маросими мотам дар забони тоҷикӣ ва муқоисаи он бо забонҳои дигар ба ҳисоб меравад.

Аслан, истилоҳи “*мотам”* дар луғат чунин тафсир шудааст: *суг, азо, мусибат, андӯҳу гусса* [17, с.702]. Инчунин бо решаи ин калима калимаҳои мураккаби *мотамзада, мотамкада, мотамсаро* ташаккул ёфтаанд.

Агар жарфтар назар афканем, лексикаи ифодакунандаи маросими мотам дар забони тоҷикӣ барвақт диққати донишмандону мутафаккиронро ба худ ҷалб карда буд. Ҷанбаҳои таърихиву этнографии он аллакай аз тарафи мутафаккирону донишмандон таҳлилу таҳқиқ шудааст.

Лексикаи ифодакунандаи маросими мотам дар тадқиқоти забоншиносон Ҷӯраев Ғ. (Лексикаи тоҷикони арабзабон, 1975), Исмоилов Ш. (Лексикаи лаҳҷаи Рашт, 2018), Гадоев, Н. (Лексикаи лаҳҷаи Тагноб, 2012), Сангинова Р. (Лексикаи лаҳҷаи Конибодом, 2017), Абдуллоева Г. (Лексикаи лаҳҷаи Қаратоғ, 2017) ба чашм мерасад. Ин забоншиносон бори дигар исбот намудаанд, ки ин калимаҳо дар нутқи гуфтугӯии мардуми тоҷик хеле сермаҳсул мебошанд. Баъзеи ин вожаҳо бо мурури замон ба тағийроти фонетикӣ дучор шудаанд.

Ҳангоми таҳлили мавод аён гашт, ки дар гӯиши мардуми баъзе мавзеъ истифодаи вожаҳое ба назар мерасанд, ки барои мардуми дигар маҳал бегонаанд. Масалан, вожаҳое, ки ба маросими дафн ва азодорӣ дар лаҳҷаи Конибодом иртибот мегиранд: *муддан (фавтидан), ҷар кашидан, давра каран, гӯр каран, тазийа, се, ҳафт, бист, чил, сол, хатми Қуръон, оши кавар, сафетпӯшон ва ғайра* [14, с.87].

Таҳлилҳо собит намуданд, ки аксари ин вожаҳо аз даврaҳои қадимтарини рушди забонамон сарчашма гирифта, то ба имрӯз истифодаи ин вожаҳо миёни мардуми тоҷик идома доранд. Масалан, истилоҳи “*нахли тобут*”, ки дар луғат “*ороише ба тобути мурдагон*” тафсир шудааст, дар байни мардуми Қаратоғ то ба имрӯз серистеъмол аст. Сухани аз ҳама қабеҳи занҳои ин мавзеъ “ *нахли тобутакатро бинам*” ба шумор меравад.

Профессор Ш. Исмоилов лексикаи ин бахшро таҳқиқу таҳлил намуда, дар монографияи худ «Лексикаи лаҳҷаи Рашт» чунин овардааст: “Бештари

калимаҳое, ки ба раванди дафн вобастаанд, калимаҳои иқтибосии арабӣ мебошанд: *давра, ҷаноза, майит, хатм* ва ғ. [12, с. 40].

Аслан, истилоҳи "ҷаноза" калимаи иқтибосии арабӣ аст, лекин дар дохили луғати забони тоҷикӣ чунон ҳазм шудааст, ки иқтибосӣ будани онро дарк кардан мушкил аст. Ин истилоҳ дар луғат низ ба ҳамин шакл омадааст: ҷаноза , ҷиноза, мурда; тобуте, ки бо мурда мебаранд [18, с.773].

Гарчанде бештари ин калимаву истилоҳи марбут ба мотам аз забони арабӣ ба луғати забони тоҷикӣ ворид гаштаанд, аммо истифодаи онҳо дар ҳамаи мавзеъҳои тоҷикнишин як хел сурат гирифтааст. Воҳидҳои луғавиии ин силсила дар дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ низ вомехӯранд [7, с. 61]. Масалан, калимаҳои иқтибосии арабии *ҷаноза, майит, майита, намоз нафл* дар ҳамаи лаҳҷаву шеваҳо ва дар забони адабии тоҷикӣ бо ҳамин ном маъмуланд Оид ба тасдиқи ин ақида забоншиноси варзида Атобуллоев С. чунин ишора намудааст: Калимаи «*хайрот*» , ки маънои тақсим намудани чит дар сари қаброро дорад, дар лаҳҷаи Ромит низ ба маънои зикршуда меояд [5, с. 83]. Ин калима аз исми "хайр" бо ҳамроҳ намудани суффикси ҷамъбандии -от ташаккул ёфтааст.

Аз сабаби он ки тасвири забонии ҳар як қавму қабила гуногун аст, тасаввурот оид ба мотам ва азодорӣ низ гуногун аст. Системаи тасаввурот оид ба марг ва ҷаҳонбинӣ оид ба ин дунёву он дунё, қисми ҷудонашавандаи фаҳмиши анъана ва фарҳанг ба ҳисоб меравад. Маросими мотам бо дигар маросими зиндагии инсоният пеш аз ҳама бо маросиме, ки волидайн баргузор менамоянд, алоқамандии зич дорад [20, с. 7].

Чи тавре ки зикр гардид, баъзе маросим ва урфу одатҳое, ки ба маргу мурда вобастагӣ доранд аз даврaҳои хеле қадим маншаъ гирифта, то имрӯз идома ёфта истодаанд. Инро бори дигар мутафаккири варзида А. Шоинбеков дар рисолааш "Традиционная погребально-поминальная обрядность исмаилитов Западного Памира конец Х1Х – начало ХХ1 вв" таҳлил намуда, қайд намудааст, ки дар Бадахшон маросими "*ҷирогмонӣ"* пас аз марг гузаронида мешавад.

Чироғмонию оташпарастии мардуми тоҷик дар "Авесто" инъикос ёфтааст. "Гӯянд рӯзе дар анҷумане, аз доноён пурсиш кард, ки некӯтарин коре, ки шоистаи осоиши раво бошад чист? Дар посух гуфтанд: «сер кардани гуруснагон, хӯрок додан ба чаҳорпоён, фурӯзон доштани оташ, афшондани шираи ҳумо ва об ва парастиши девони беҳтарин корҳост». Зардушт дар ин сухан андеша кард ва гуфт: «аз ин ҳама чаҳор кор нахустинро, ки дар хӯри мардуми дод агар ва равонӣ омӯрзи даст метавон пазируфт магар парастиши девон, ки коре аст душвор ва ҷони биҳиште аз он безор» [2, с. 27].

Дар забони тоҷикӣ истилоҳи "*се", "ҳафт", "чил", "сол"* ифодакунандаи маҳфуми худоиҳои пас аз марг барои ҳама фаҳмост, аммо истилоҳоти «*даъмати фано*» (dabwatu фано) ва "даъмати бақо" (dabwatu bako) фақат хоси мардуми Бадахшон мебошанд .

Муҳаққиқи дигар Х. Кабиров луғати ифодакунандаи урфу одатҳои маросими мотами тоҷикони Хитойро таҳқиқ намуда, қайд намудааст: "Аслан миёни тоҷикони ин мавзеъ ҳам тамоми он урфу одатҳое, ки мардуми мо дар маросими мотам мегузаронанд боқӣ мондааст. Тоҷикони Хитой боз як анъана доранд, ки пеш аз оне ки мурдаро барои хондани ҷаноза ба масҷид бибаранд ба тобут хобонида, бо ҳазориспанд дуд мекунанд, ки инро дар Тоҷикистон мушоҳида накардам" [13, с. 12]. Ин маросим боис гардид, ки ба луғати забони тоҷикӣ боз як калимаи нав – "*испандудкунӣ"* ворид шавад.

Тоҷикони Рашт бошад пас аз мурдаро ба хок супоридан тухми гашничро барои хушбӯй буданаш дар хонае, ки аз он ҷо мурдаро баровардand дуд мекунанд, ки ин урф миёни мардуми ин мавзеъ бо истилоҳи *“тухмигашничдудкунӣ”* маъмул аст.

Вожаи “мотам” дар забони олмонӣ шакли der Trauer, ки ба исми ҷинси мардона маҳсуб аст, мавриди истифода қарор дорад. Инчунин бо решаи Trauer дар забони олмонӣ вожаҳои дигар аз қабили Traueranzeige (эълон кардани марг), die Trauerbirke (хаданг, тӯси ашкрез), das Trauerbotschaft (хабари нохуш), das Trauerflor (уребчаи мотамӣ), das Trauermarsch (суруди маросими мотам) [8, с. 422].

Феъли *вафот кардан* дар забони тоҷикӣ муродифҳои хеле зиёд дорад, Аз қабили *ҷон додан, ҷон супурдан, аз дунё рафтан, вафот кардан, бо ҷаҳон падруд гуфтан, ситора галтидан* ва ғ. Дар забони олмонӣ бошад ин маҳфум дар шаклҳои Sterben- мурдан, aufhören zu leben, aus unserer\euerer Mitte gerissen werden – мо\шуморо тарк кард, sein leben verlieren- ҷон супурдан, umkommen – фавтидан, vor Gottes Richterstuhl treten – ба назди Худо рафтан, vom Tode ereilt werden – бо марг дучор шудан, entschlafen – мурдан, den\seinen Geist aushauchen – ***ҷон*** *додан, die ewige Ruhe finden – оромии ҳамешагиро пайдо кардан* корбаст мешаванд [9, с.238].

Миёни мардуми Бадахшон ақидае арзи вуҷуд дорад : “Ҳар як одам дар осмон ситораи худро дорад, ин ситора ҳангоми тавлидшавӣ нурпошӣ менамояд ва дар вақти марг меафтад. Ҳангоме, ки шахс афтидани ситораро аз осмон мебинад, ин хосияти ниҳоят бад буда, марг ӯро таҳдид мекунад”.

Гарчанде ки феъли “*мурдан”* дар нутқи гуфтугӯй аз ҳама феъли гӯшхарош мебошад, бо вуҷуди ин дар ҳар як минтақаи кишвари мо бо шаклҳои гуногун мавриди истифода қарор дорад. Муҳаққиқ Н.Гадоев қайд намудааст, ки истилоҳи “ *қазо кард, бандагӣ кард”* феъли “*мурдан”-ро дар* лаҳҷаи Тагнов иваз мекунад [7, с. 67].

Муҳаққиқ Сулаймонова Л. дар рисолаи худ “Лексика ва фразеологияи маросими маргу мотам дар забони бошқирдӣ” чунин овардааст: Маросими вобаста ба маргу мотам миёни мардуми бошқирд ба чор давра ҷудо мешаванд:

1. Давраи пеш аз марг
2. Давраи марг
3. Давраи тайёрӣ ба дафн

4. Давраи ёдбуду худоиҳо [16, с. 11].

Ҳамаи ин давраҳоро дар маросими маргу мотами мардуми тоҷик мушоҳида кардан мумкин аст. Олимону забоншиносон ба ин мавзӯъ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ҷанбаҳои гуногуни онро таҳлилу таҳқиқ намудаанд. Забоншиноси рус В.Ф.Филатова дар рисолаи хеш “Обряд и обрядовая лексика в этнолингвистическом аспекте” лексикаи марбут ба маросими мотамро дар забони русӣ таҳлили амиқ намуда, зикр намудааст, ки: “яке аз чизҳои муҳими ин давра ин қабули марги шахси наздик ва гуселонидани арвоҳ ба шумор меравад” [19, с.11].

Калимаву истилоҳоти марбут ба маросими мотам дар забони тоҷикӣ ва олмонӣ хеле зиёданд ва дар ифодаи маъниҳои мухталиф ба кор мераванд. Бинобар ин, онҳоро ба зергурӯҳҳо тасниф менамоем:

**1.Истилоҳоти ифодакунандаи ҳолати пеш аз марги инсон**: *олоӣ гуфтан, касали вазнин шудан-leiden, дар назми ҷон будан- schwerer Todeszustand, ҷон кандан-im Sterben liegen, пиҳил кардан - verzeihen, шаҳодат гуфтан* - Дар луғат истилоҳи

“*шаҳодат гуфтан - хондани калимаи шаҳодат*” дар ҳамин шакл оварда шудааст [15, с. 142]. Вожаи “Худо” дар забони олмонӣ шакли “der Gott”–ро дошта, “мавҷуди воломақом” ифода мешавад . Ин истилоҳ дар забони олмонӣ решаи ҳиндуаврупоӣ дошта, тахминан ба решаи калимаи ҳиндуаврупоии “ghau”, ки маънояш «мавҷуде, ки тавассути сеҳр даъват мешавад» монанд аст [6, с. 80].

Ба таркибҳои луғавие, ки дар ин ҳолат бештар вирди забони шахси муранда ва хешовандони ӯ мебошанд, истилоҳи “*пиҳил кардан”*маънои “*бахшидани гуноҳҳо*” – ро дорад. Муродифи ин истилоҳ дар забони яғнобӣ калимаи “*бихилиталба - пеш аз марг пурсидани бахшидани гуноҳҳо, гапи носазо ва қарз”* ба шумор меравад [3, с.15]. Агар таркиби луғавии “ пиҳил кардан”, яъне *бахшиш пурсидан, пеш аз марг барои гуноҳҳои содиршуда*ро ба забони олмонӣ тарҷумаи таҳтулафзӣ намоем, чунин садо медиҳад: Bitten Sie um Verzeihung bevor sie sterben.

Агар барои тоҷикон нишондиҳандаи марги ногаҳонӣ ва нохушӣ *қарраси зоғи сиёҳ, хондани хурӯс дар намози шом*, *уллоси беисти саг ва дидани асп дар хоб* нишонаи марг ба ҳисоб равад, барои олмониҳо субҳидам дидани тортанак - Spinnt am Morgen bringt Sorgen, *дидани гурбаи сиёҳ- sehe eine schwarze Katze, омадани рӯзи ҷумъа дар санаи 13- ум- am kommenden Freitag den 13* бехосият буда, ба ин боварҳо қариб 80 фоизи олмониҳо эътиқод доранд.

Ҳангоми дар дами марг будани инсон дар забони тоҷикӣ таркибҳои *рӯзаш буд шудаст, биниаш тег додааст, рӯзҳои ба шумор мондааст, ду се рӯза меҳмон аст* ва ғайраро истифода мебаранд.

Дар забони тоҷикӣ истилоҳи *“васиятхонӣ”* хеле зиёд истифода бурда мешавад ва маънии *“баён намудани хоҳишу дархост пеш аз марг”*-ро дорад. Масалан, миёни мардуми Дарвоз баъзе урфу одатҳои зерин то ҳол вуҷуд доранд: *дар хонае, ки бемор интизори марг аст, бо ҷорӯби набаста хонаро нарубанд,* инчунин *ду зан дар як вақт хонаро нарубанд*, инро хосияти бад мегӯянд. Танҳо пас аз марги бемор хонаву ҳавлиҳоро рӯфта, паю қадами мурдаро нест мекунанд.

**2. Номи макон:** *лаҳад, гӯр, манзил,* гӯристон (*der Friedhof*, *Zömeterium, Bergräbnisstätte, Kirchhof, Leichenacker,* Gottesacker) [11, с. 409]

3. **Номгӯи сару либоси мурда:** *кафан, чодар* (як кисми кафан матои калон барои печонидани мурда), *сирпӯш* (матоъ барои пӯшонидани қисми поёни бадани мурда), *курта* (курта барои мурда), *синабанд* (*матоъ барои бастани синаи мурда*). Муодили вожаи *кафан* дар забони олмонӣ *der Totenhemd, der Leichentuch* ба ҳисоб меравад [10, 207].

**4. Номгӯи анъанаву маросими дафн:** *манаҳбандон - den Keifer das Bombers binden, чашмпӯшонӣ- Schieben sie die Agen eines Toten , дасту пой росткунӣ - Begradigen sie das Bein bnd den Arm eines toten, чиликбандӣ - binden sie die finder eines Mannts ва ғайра.*

**5. Вожаҳои ифодакунандаи ашхос:** *муллои ёсинхон, обгармкун, такягир обрез, мурдашӯй, қабркан, гӯркан гӯрков,қабрмон* ва ғайра. Боиси зикр аст, ки аз сабаби тафовут доштани динҳо расму оинҳои мурдагӯронӣ ҳам дар байни ин ду ақвом ба куллӣ фарқ доранд. Масалан, аз вожаҳои дар боло зикршуда: *муллои ёсинхон, обгармкун, такягир обрез, мурдашӯй, қабркан, гӯркан гӯркоб, қабрмон* танҳо таркиби луғавии марде, ки қабр меканад - *ein Mann der ein grab gräbt* ба олмониҳо ошно асту халос. Дар забони олмонӣ дар ин бахш истилоҳи *der Priester, der Geistlich мулло, руҳонӣ* корбаст мешавад.

**6. Истилоҳоти ифодакунандаи маросими мотам (сугворӣ)**: *се* (косаҳалолкунӣ, сиёҳибуроронон), *ҳафт* (оше, ки пас аз ҳафт рӯз дода мешавад) *бист* ( оше, ки пас аз бист рӯз дода мешавад) ,*чил* ( оше, ки пас вз чил рӯз дода мешавад), *сол* ( оше, ки пас аз як сол дода мешавад), *дастархонҷамъкунӣ* (оши сол, соли пурра), *бегоҳи ҷумъагӣ* (то як сол ҳар ҷумъа худоӣ кардан), *бегоҳи душанбегӣ,* (то як сол ҳар рӯзи душанбе худоӣ кардан), *ёдбуд* (ҳар сол дар рӯзи фавти шахси фавтида худоӣ кардан). Истилоҳи "сол"дар лаҳҷаи Қаратоғ дар шакли "хотирҷаъмӣ" маъмул аст [1, с.101]. Олмониҳо ҳангоми аз дунё гузаштани шахси наздикашон фақат як худоӣ - "Bescheid"- ро ҳамеша дар рӯзҳои ҷумъа дар калисо шамъ фурӯзон карда мегузаронанд, ки ин маънои ёдбудро дорад. Аслан, дар бисёру лаҳҷаву шеваҳо истилоҳи "*худоӣ*"-ро ибораи *" Нон кардан"* иваз мекунад. Номи суннатҳое, ки бо нон вобастагӣ доранд, байни мардуми тоҷик бисёранд ва бо калимаву таркибҳои гуногун ифода меёбанд*: нон гузоштан* (дар таги болишти кӯдак нон мегузоранд ва гӯё кӯдакро нон муҳофизат мекунад), *насиба кардани нон* (вақте ки шахси наздики худро ба аскарӣ ё сафари дур гусел мекунанд, бояд нони ношикастаро як газ гирифта, насиба карда, баъд равад, то нони насбакардааш кашаду вай боз ба ин мавзеъ баргардад, нони насибакардашударо дар мехи хона овезон карда мемонанд), *нон мондан* (агар одам шаб танҳо ба роҳ барояд, ба кисаи вай нон мегузоранд, ин маънои онро дорад, ки одамро нон ҳамроҳӣ мекунад), *ноншиканон кардан* (вақте ки духтари ба балоғат расидаро касе хостгорӣ менамояд, ноншиканон кардан мегӯянд), *нон кардан* (дар вақти ба нохушӣ гирифтор шудан ё хоби бад дидан, садақа карданро низ" як табақ нон кардам" мегӯянд), *нону обпазӣ* (пеш аз туй дар хонаи духтардор занҳои деҳа ҷамъ шуда, барои хонаи домод нон ва кулчаҳои гуногун мепазанд).

Гарчанде шахси вафоткарда ҳангоми зинда буданаш ба хешу ақрабояш хеле азизу муътабар буд, вале пас аз фавт нисбати вай суханҳои қабеҳу дурушти *рӯяш хунук*, *даму нафасаш бад, зиёни мурда, сиёҳии мурда* мавриди истифода қарор мегиранд. Бинобар ин, ақидае аст, ки зани ҳомиладор ё зане, ки кӯдаки бачилла дорад ба ҷаноза намеояд, то ин ки ба кӯдак зиёни мурда нарасад. Ин ақидаҳоро муҳаққиқи варзида М. Андреев ҷонибдорӣ намуда, оид ба истилоҳи "*мурда- осеб"* маълумот додааст. Инчунин ин муҳаққиқ воситаҳои мубориза бар зидди онро миёни мардуми тоҷик нишон додааст. Ҳангоми марги касе дар деҳа ҳамон оилаҳое, ки кӯдаконашон "*мурда – осеб"* шудаанд, наздикони кӯдак аз хоки лаҳади он мурда ба гӯши рости кӯдак мемоланд, то ки мурда кӯдаки "*мурда – осебшуда"-ро* назди худ нахонад.

Муҳаққиқ М. Андреев мушоҳида намудааст, ки миёни мардуми Хуф дар ин маврид боз як одати дигар вуҷуд дорад - бо банди мувофиқ қади кӯдакро чен намуда ба роҳе, ки одамон мурдаро ба қабристон мебаранд, баромада кӯдакро дар роҳ гузошта, бандро се бор ба нияти *мурда осеб* гӯён мекашанд ва бо ин амал сиёҳии мурдаро мебароранд, сипас бандро ба соҳибони мурда медиҳад то ки, бо мурда гӯронанд [4, 12].

Ин маросим инчунин миёни мардуми тоҷик бо истилоҳи "с*иёҳибуроронон"* маъмул аст.

Таҳлилҳо собит намуданд, ки дар байни олмонзабонҳо одати *болиштчапамонӣ ва мурдаро дар сандуқ хобонидан* вуҷуд надорад, ин урф танҳо хоси тоҷикон мебошад.

Мардуми тоҷик дар ин бахш боварҳои зиёде дорад, масалан, агар *манаҳи мурдаро сахт набандем, кафанашро мехӯрад ва боз мурдаи нав мешавад, чашми нимкушодаи мурда бошад интизории шахси наздикаш аст.*

Ҳангоми таҳлили вожаҳои ифодакунандаи маросими мотам собит намудем, ки дар забони тоҷикӣ миқдори вожаю истилоҳоти марбут ба маросими мотам хеле зиёданд. Урфу одат ва маросими ба мотам тааллуқдоштаи мардуми тоҷик гуногун буда, дар ҳар як мавзеъи тоҷикнишин ба таври хоса гузаронида мешаванд. Дар забони олмонӣ бошад миқдори ин вожаю истилоҳот камтар аст. Ҳангоми таҳлил собит гардид, ки урфу одатҳои мардуми тоҷик марбут ба маросими маргу мотам аз урфу одатҳои олмониҳо ба куллӣ фарқ доранд.

**Адабиёт**


1. Абдуллоева, Г. Лексикаи лаҳҷаи Қаратоғ. - Душанбе, 2017. - 190 с.
2. Авеста / Перевод Стеблин – Каменского И.М. – М., 1992.
3. Алиев, Б. П. Ягнобская этнографическая лексика. Автореф. дис. канд. филол. наук. -Душанбе,1998, -24 с .
4. Андреев, М. .С. Таджики долины Хуф (Верховья Амударьи). Вып. 1 // Труды АН ТаджССР. Ин-т истории, археологии и этнографии. Т. 7. - Сталинабад, 1953. – 251с.
5. Атобуллоев, С. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ. 4 (Синтаксис).- Душанбе: Дониш ,1984.- 249 с.
6. Wahring, G. Deutsches Warterbuch mit einem Lexikon der deutschen Sprachlehre,1991. – 80 s.
7. Гадоев, Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов. - Душанбе, 2012.- 208 с.
8. Das Neueste Deutsch – russische russisch– Deutsch Wörterbuch. – M., 2006. - 959s.
9. Duden, Das groBe Kreuzworträtsellexikon [Text] / Duden Hrsg. u.bearb. von MeyersLexikonred. - Mannheim; Wien; Zürich: Dudenverlag, 1990. - 1816 s.
10. Duden, Das Wörterbuch der Synonyme. - Dudenverlag Mannheim Zürich.2006. - 336 s.
11. Duden, Band 8.das Synonymwörterbuch. Dudenverlag Mannheim, Zürrich, 2010. - 1136 s.
12. Исмоилов. Ш. Лексикаи лаҳҷаи Рашт. - Душанбе, 2018. - 331 с.
13. Кабиров, Х. Этнолингвистическое исследование бытовой лексики таджиков Китая. –Душанбе, 2017.- 24 с.
14. Сангинова, Р. Лексикаи лаҳҷаи Конибодом. –Душанбе, 2017. - 134с.
15. Сирочиддин Алихони Орзу. Чароғи Ҳидоят. - Душанбе,1992.- 238 с.
16. Сулайманова, Л.Р. Лексика и фразеология погребально- поминального обряда в башкирском языке: этнолингвистический анализ. Автореф. дис. канд. филол. наук. - Уфа, 2006. - 26 с.
17. Фарҳанги забони тоҷикӣ.Ҷ.1.- М., 1969.- 951 с.
18. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2.- М., 1969.- 947 с.
19. Филатова, В. Ф. Обрядовая лексика в этнолингвистическом аспекте. Автореф. дис. канд. филол. наук. - Воронеж,1995. -26 с.
20. Шоинбеков, А.А. Традиционная погребально- поминальная обрядность исмаилитов Западного Памира конец Х1Х – начало ХХ1 вв. СПб, 2007. – 164с.
21. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён. - Душанбе: Ирфон, 2006. – 228 с.

## ҶАНБАҲОИ ЛИНГВОФАРҲАНГИИ ЛЕКСИКАИ МАРОСИМИ МОТАМ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Дар мақола қайд гардидааст, ки тоҷикон яке аз халқҳои ориёинажоди дорои фарҳанги ғанӣ ва мероси беҳамто мебошад.

Мардуми тоҷик маросими зиёде дорад, ки ҳар кадом дорои хусусиятҳои хос мебошад.

Ба андешаи муаллифон, маросими мотам низ як ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳангу тамаддуни тоҷикон ба шумор меравад. Дар забоншиносии тоҷик як қатор масъалаҳои баҳсноку ҳалталаб мавҷуданд, ки ҳанӯз ҳаллу фасл нагардидаанд. Яке аз чунин масъалаҳо таҳлилу тадқиқи амиқи лексикаи маросими мотам дар забони тоҷикӣ ва муқоисаи он бо забонҳои дигар ба ҳисоб меравад.

Маросими мотам дар байни мардуми муқимӣ гуногунанд ва ҳар кадоми он дорои хусусиятҳо ва истилоҳоти гуногун мебошанд. Аксарияти вожаҳои ин бахш дар забони тоҷикӣ калимаҳои иқтибосии арабӣ ба ҳисоб мераванд. Ба андешаи муаллифон, феъли “фавтидан” дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ муродифҳои хеле зиёд дорад. Аксари вожаҳои ифодакунандаи маросими мотам дар забонҳои муқоисашаванда аз даврaҳои аввали рушди забон сарчашма мегиранд.

Муаллифон собит намудаанд, ки аксарияти истилоҳоти истифодашаванда дар забони тоҷикӣ дар забони олмонӣ муодилҳои худро надоранд, ки ин аз гуногунии ҷашну маросим ва дину оини ин миллатҳо вобаста аст. Муаллифон боварҳоеро, муайян намудаанд, ки ба маргу мотам вобаста буда, дар байни тоҷикону олмониҳо маъмуланд.

***Калидвожаҳо****: истилоҳ, лексика, вожа, маросим, мотам, мардуми олмон, забони олмонӣ, мардуми тоҷик, забони тоҷикӣ, забони олмонӣ.*

## ЛИНГВОКУЛЬТУРОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПОГРЕБАЛЬНО-ПОМИНАЛЬНОЙ ЛЕКСИКИ В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

В статье отмечается, что таджики являются одним из народов арийской расы с богатой культурой и уникальным наследием.

У таджиков много церемоний, которые имеют характерные особенности. В статье говорится, что погребально-поминальные церемонии являются неотъемлемой частью таджикской культуры и цивилизации.

Авторы отмечают, что в таджикском языкознании существуют ряд актуальных вопросов, которые до сегодняшнего дня не достаточно изучены. Одной из этих проблем является анализ и изучение погребально-поминальной лексики и её сравнение с другими языками.

Погребально-поминальные ритуалы различны у коренных народов и имеют разные особенности и термины. Большинство слов в этом разделе заимствованы из арабского языка. Отмечается, что глагол “умирать” имеет много синонимов на таджикском и немецком языках. Большинство слов, выражающих погребально-поминальную церемонию на сравниваемых языках, относятся к самым ранним стадиям развития языка. Кроме того, авторы исследования доказали, что многие термины, используемые таджиками в этом разделе, не имеют своих эквивалентов на немецком языке из-за разнообразия церемоний, религий и ритуалов. Авторы определили суеверия, связанные с погребально-поминальными обрядами, которые известны у таджиков и немцев.

***Ключевые слова:*** *термин, лексика, слово, традиция, траур, немецкий народ, таджикский народ , таджикский язык, немецкий язык.*

## LINGUISTIC AND CULTURAL ASPECTS OF FUNERAL AND MEMORIAL VOCABULARY IN TAJIK AND GERMAN LANGUAGES

The article notes that Tajiks are one of the peoples of the Aryan race with a rich culture and unique heritage.

Tajiks have many ceremonies, which have characteristic features. The article shows that funeral and memorial ceremonies are an integral part of Tajik culture and civilization.

The authors note that there are a number of topical issues in Tajik linguistics that have not been sufficiently studied to date. One of these problems is the analysis and study of funeral and memorial vocabulary and its comparison with other languages.

Funeral and memorial rituals are different among indigenous peoples and have different features and terms. Most of the words in this section are borrowed from Arabic. It is noted that the verb " to die" has many synonyms in Tajik and German. Most of the words expressing the funeral and memorial ceremony in the compared languages belong to the earliest stages of language development. In addition, the authors of the study proved that many of the terms used by Tajiks in this section do not have their equivalents in German because of the diversity of ceremonies, religions and rituals. The authors identified the superstitions associated with funeral and memorial rites, which are known among the Tajiks and Germans.

***Keywords:*** *term, vocabulary, words, tradition, mourning, German people, Tajik people, Tajik language, German language.*

***Сведения об авторах: Махмаджонов Олимджон Обиджонович*** *- доктор филологических наук, профессор, проректор по науке и инновации Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода. Адрес: г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (918) 85 00 46, e-mail: Olimjonmuhammadjon@gmail.com*

***Лузинаи Зафардухт*** *– докторант (Phd) 3-ого курса кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева,17/6, тел.: (+992) 90 888 01 33.*

***Information about the authors: Mahmadjonov Olimjon Obidjonovich*** *- doctor of philology, professor, vice-rector on science and innovations of the Tajik State Institute of languages named after Sotim Ulughzoda. Address: 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (918) 85 46 00 e-mail: Olimjonmuhammadjon@gmail.com*

***Luzinai Zafarduht*** *- doctorate student (PhD) of the third course of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of Languages of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda. Address: 734019, Repablic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992) 90 888 01 33*

**УДК 801.8=915.50**

# НАЗАРЕ БА ИСТИЛОҲОТИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ТОҶИКӢ

***Абдуллоева Г.З.***
**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Ҳар як истилоҳ дар забон таърихи пайдоиши худро дорад. Ба андешаи профессор С. Назарзода истилоҳсозӣ фаъолияти огоҳонаи инсон аст, яъне инсон метавонад бевосита ба он мудохила кунад. Ҳадафи он ҳар чи расотар, дақиқтар ва равшантар барои аҳли соҳа ва агар мафҳум марбут ба ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ бошад, барои доираи васеътари аҳли ҷомеа баён кардани маънои мафҳумҳои нав аст. Ҳангоме ки дар ҷомеа чунин мафҳумҳо пайдо мешаванд ва инсонҳо бад-он бармехӯранд, дар навбати аввал саъй мекунанд, ки дар забони ҷории худ вожа ва ё таркиботе пайдо кунанд, ки аз ҷиҳати маъно шабоҳат ё наздикӣ ба онҳо доранд ва барои аҳли фан ё мардум бештар ошно буда, метавонанд маънои мафҳуми навро инъикос намоянд [9, с. 24].

Як қабати аз ҳама муҳими лексикаи забони тоҷикиро калимаю истилоҳоти дорои мафҳумҳои хешовандӣ ташкил медиҳанд. Вожаи **“**хеш” дар луғат ба ҷуз маънии ҷонишинӣ (худ, худам, хештан) боз дар ифодаи мафҳуми “табор”, “ақрабо”, “наздикон” оварда шудааст [11, с. 474]. Истилоҳи хешованд, ки таркибан сохта буда, аз решаи «хеш» сохта шудааст, дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” бо ҳамин маънӣ зикр ёфтааст [11, с. 474]. Ғайр аз ин, истилоҳот дар забони халқ вожаи “**хешигарӣ”** ҳам пайваста ба кор меравад, ки ин исми маънӣ буда, тавассути пасвандҳои – ӣ, - гар ва-ӣ зинаҳои муайяни калимасозиро аз сар гузаронидааст. Ин калима мафҳуми муносибатро ифода мекунад, муносибате, ки зимни аз як авлод баромадан, ё дар асоси никоҳи ду нафар марду зан ба амал омада бошад. Шахсоне, ки дар муносибати хешигарӣ қарор доранд онҳоро “**хешованд”** меноманд. Истилоҳи “**хеш”** дар забони адабиёти классикӣ синоними “**табор”** низ дорад. Дар луғат омадааст, ки табор бар вазни қатор; дудмон ва хешовандон ва қаробатиёнро гӯянд; ва ба маънии асл ва нажод ҳам ҳаст; дар арабӣ ба маънои ҳалок бошад [8, с. 268].

*Саратро зи тан на дур монам на дер,*
*Чунон к -аз таборат фаровон далер. (А. Фирдавсӣ)*

Дар “Луғати имлои забони тоҷикӣ” бо решаи “**хеш”** истилоҳоти хешигарӣ, хешованд, хешовандӣ, хешӣ, хешбача, хешутаборчигӣ, хешутаборбозӣ, хешуақрабо, хешутаборӣ ба қайд гирифта шудаанд [7, с. 261], ки аксаран хусусияти гуфторӣ доранд ва бештар дар доираи нутқи лаҳҷавӣ амал мекунанд.

Мусаллам аст, ки истилоҳоти хешутаборӣ дар шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ аз забони адабӣ фарқ мекунанд. Зеро як маҳфум метавонад дар як маҳал бо ду ё якчанд вожа мавриди истифода қарор гирад. Масалан, зане, ки аз шавҳари якумаш писардор шуда, писарашро ба хонаи шавҳари дуюмаш меорад**,** ин писарро дар лаҳҷаи Қаратоғ “**кола”** ва боз дар баъзе деҳаҳои интишори ҳамин лаҳҷа **“какан”** мегӯянд. Маънои луғавии калимаи “**кола”** дар «Фарҳанги забони точикӣ» «мол, чизу чора, матоъ» аст [11, с. 245]. Аммо дар лаҳҷаи водии Рашт, чунон ки Ш. Исмоилов қайд намудааст, ба ду маънӣ роиҷ аст: а) ҳайвони боркаш, аз ҷинси хару асп; б) дар таркиби ибораи “**сари кола”** ба мафҳуми «тӯйи пеш аз никоҳ, ки дар хонаи домод барпо мегардад» [6, с. 65–66], ки ин ҷо ин маъниҳо ба муносибатҳои таборӣ ҳеҷ гуна умумият надоранд.

Ҳарчанд ки мо пайваста ниёз ба истифодаи ин гурӯҳи вожаҳоро дорем, дар забоншиносии тоҷик то ҳол оид ба луғати хешутаборӣ, ба ҷуз мақолаи алоҳидаи З.Зайниддинова (5, с. 162 – 170; ва қайдҳои ҷудогонаи Н.Гадоев (3, с. 57), Р.Сангинова (10, с. 85), Аъзам Таваккулӣ (1, с.1 31–143), ки дар рисолаҳои худ оид ба ин мавзӯъ мухтасар маълумот додаанд, пажӯҳишҳои дигаре ба назар намерасанд, ки ҷанбаҳои ҳаматарафаи ин гурӯҳи вожаҳоро фаро гирифта бошанд. Воқеан, ин мавзӯъ баҳсталаб аст ва дар асоси маводи луғати лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ тадқиқоти махсусеро тақозо мекунад.

Вожаҳои хешутаборӣ дар ҳар забон метавонанд калиде барои кушодани рамзҳои ношинохтаи луғатҳо ва истилоҳоти дигар ва ҳамчунин нишонае барои дастёбӣ ба вобастагӣ ва иртиботи забонӣ бо якдигар бошанд. Зимни муқоисаи истилоҳоти хешовандии забонҳо шабоҳати фонетикӣ дар бисёре аз забонҳоро мушоҳида мекунем [1, с. 132].

Истилоҳоти хешутабории лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар асарҳои илмӣ аз рӯи муносибати байни хешҳо ба ду гурӯҳи калон ҷудо карда шудаанд:

**Вожаҳои марбут ба номи хешони хунӣ (ҳамхун).**

Ин калимаҳо вобаста ба доираву дараҷаи истеъмол боз ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо мешаванд:

**а)** Калимаҳое, ки хусусияти умумитоҷикӣ доранд: п**адар, модар, модаркалон, бобо, бародар, хоҳар, писар, духтар, амак, амма, хола, тағо ва ғайра.**

Боиси таваҷҷуҳ аст, ки барои ифодаи мафҳуми “**модар”** дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ воҳидҳои луғавии гуногун истифода мешаванд. Масалан, дар лаҳҷаи Хуҷанд муодилҳо **ая/ оя, бува/ бва,** дар лаҳҷаи Истаравшан шаклҳои **нана, бува,** дар лаҳҷаи водии Рашт **оча/ ача,** дар лаҳҷаи Қаратоғ **она**, дар лаҳҷаи ноҳияҳои Айнӣ ва Панҷакент **апа,** дар лаҳҷаи Роғ шакли **нъна** дар Дарвозу Ванҷ гунаҳои **ума, мъма** ба кор мераванд**.**

Чи тавре ки Н. Гадоев қайд намудааст, дар лаҳҷаи Тагнов ифодакунандаи маҳфуми “**модар”** калимаи “**ма”** мебошад [3, с.59]. Ба ақидаи бархе аз забоншиносон аз рӯи мушоҳидаҳо ва аз нигоҳи фонетикӣ истилоҳи “**ма**” ба калимаи **мама**-и забони русӣ хеле наздик буда, як ҳиҷои ин вожа аст ва бори дигар ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ шомил будани забони тоҷикиро ёдрас менамояд. Истилоҳи “**модар”** дар забони олмонӣ дар шакли **muter**, дар англисӣ **mase**, дар забони полякӣ **matka,** дар забони русӣ дар шакли **мама** мавриди истифода қарор дорад. Забоншиносон ақида доранд, ки вожаи “**мама”,** ки аз ҳиҷои ҷуфт сохта шуда, дар давраи аввали пайдоиши хат, вақте ки нав одамон кӯшиши бо ҳиҷо навиштани калимаро доштанд, пайдо шудааст. Баъзе луғатнигорон чунин мепиндоранд, ки гӯё вожаи **“мама**” аз калимаи туркии **эме/меме** сарчашма гирифта бошад**,** ки ин чандон салоҳ нест, зеро дар забони туркӣ ин калима дар ифодаи мафҳуми узве меояд, ки тавассути он кӯдакро шир медиҳанд, яъне “сина” ё “ пистон” корбаст мешавад. Аммо забоншиноси рус А. Дудников вожаи «**мама**»-ро сирф моли забони русӣ медонад [ 4, с.61]. Ин истилоҳ дар забони адабии тоҷик дар шакли **“модар**” маъмул аст ва дар луғати “ Бурҳони қотеъ” дар шакли “**ан**” оварда шудааст, ки дар луғати Занду Позанд волидаро гӯянд, ки модар бошад [ 8, с.113].

Дар баъзе лаҳҷаҳои тоҷикӣ ифодакунандаи мафҳуми “модар” истилоҳи “**нана”** аст. Аммо дар забони англисӣ шакли **нана** ифодагари мафҳуми “модаркалон” аст ва аз сабаби он ки бисёр самимию ширин ба гӯш мерасад, дар нутқ назар ба вожаи “**grandmother”** хеле серистеъмол аст. Дар забони чинӣ низ истилоҳи “**нана”** ба кор меравад, ки мафҳуми “модаркалон”-ро дорад ва дар талаффуз, шакли **няня** пайдо кардааст.

Воқеан, истилоҳи “**нана”** дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ дар шакли овозии **нинӣ** маъмул аст, ки маънияш кӯдак, кӯдаки нав ба дунё омада мебошад. Аз рӯи меҳрубонӣ ва дӯстдорӣ муодилҳои дигари он **нинич**а ва **нинияк** низ ҷо ҷо ба мушоҳида мерасанд. Ин аз умумияти таърихии лаҳҷаҳои тоҷикӣ бо дигар забонҳо ва лаҳҷаҳои оилаи ҳиндуаврупоӣ гувоҳӣ медиҳад.

Боиси зикр, ки истилоҳи “**модар”** дар баъзе лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ синонимҳои лаҳҷавии худро дорад, ки онҳо дар шаклҳои фонетикии **оча, ача**; **нана\нъна**;**ая, оя; бува/бва** мавриди истифода қарор мегиранд. Оид ба ҳудуди интишори ин гурӯҳи вожаҳо дар лаҳҷаҳо тоҷикӣ миёни забоншиносон баҳс идома дорад. Масалан, Н. Гадоев дар рисолаи худ “Лексикаи лаҳҷаи Тагнов” оид ба воҳиди луғавии “*ма*” чунин қайд намудааст: “ Ю.И. Богорад–муҳаққиқи лаҳҷаи Роғ воҳиди луғавии “**ма**”–ро ба лаҳҷаи Роғ мансуб дониста, интишори локалии онро аз лаҳҷаи мазкур намедонад**.** Ҳол он ки дар лаҳҷаи Роғ **модарро “ма**” не, балки **“нъна**” мегӯянд”[ 3, с.58].

Истилоҳи “падар”, ки дар забони адабии тоҷик дар ҳамин шакл маъмулу маъруф гардидааст, дар лаҳҷаву шеваҳои маҳаллӣ муродифҳои зиёд дорад. Дар лаҳҷаҳои шимолӣ бештар дар шакли **ота, дада/ дадо/ додо**, дар лаҳҷаи водии Рашт дар шакли **бово/ аъво/ во,** дар гӯиши сокинони Дарвозу Ванҷ дар шакли **боба,** дар лаҳҷаи ҳардурӣ дар шакли **бобак,** дар лаҳҷаи Тагнов дар шакли **да** дар лаҳҷаҳои Кӯлоб бо гунаи **ата/ ота,** дар гӯиши мардуми Мастчоҳу ноҳияи Айнӣ дар шакли “**додо”** истифода мешавад**.** Калимаи “**дада”** дар қадим шакли **ад/ада**-ро дошта, баъдан боиси пайдо шудани вожаи туркии “**деде”** гардидааст**.** Калимаи “**ота”** бошад, решаи ҳиндуаврупоӣ дошта, аз қаъри асрҳо ибтидо мегирад ва дар шакли маъмул **otьсь- atta** ба мо омада расидааст**.** Дар истилоҳи **“отец”** – и русӣ ҳам решаи **otьсь** ба назар мерасад. Дар гузашта дар байни қавмҳои рустабор дар шаклҳои **отёк, отьнь, отчий** низ корбаст мешудааст [ 12, с.194]. Оид ба истилоҳи “**падар”** ҳаминро бояд зикр намоем, ки дар гузашта дар шакли санскиртии **pitara** маъмул будааст.

Бояд қайд кард, ки истилоҳоти “**модар” ва “падар”** ба гурӯҳи хешони хунӣ дохил шаванд ҳам, истилоҳоти “**падарандар”** ва “**модарандар”-ро** ба ин гурӯҳ дохил карда наметавонем. Истилоҳи “**модарандар”** дар баъзе гӯишҳо дар шаклҳои **моинда\моҳиндар\мойиндар**; **модари угай / очаӯгай** ва истилоҳи “**падарандар**” дар шаклҳои **паиндар\ пияндар; падари угай / отаӯгай** ба кор мераванд.

Дар баъзе лаҳҷаҳо истилоҳоти “**очахон**”, ва “**отахон**” низ ба кор мераванд, ки онҳо ба гурӯҳи хешони ғайрихунӣ мансубанд.

Яке аз истилоҳи маъмул, ки бештар диққати забоншиносонро ба худ кашидааст, ин истилоҳи “**модаркалон”** аст, ки дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ дар шаклҳои мухталиф мавриди истифода қарор дорад. Синонимҳои истилоҳи “**модаркалон”** дар лаҳҷаи Қаратоғ **очакалон** ва **очабивӣ, бъвӣ,** дар лаҳҷаҳои Ҳисор **момо, дар** гӯиши Тагнов **бӣ,** дар Ёвон **мома,** дар лаҳҷаи ноҳияи Айнӣ **бивӣ** дар лаҳҷаи тоҷикони Хуҷанд **бибӣ** ба шумор мераванд**.** Рафти тадқиқ собит намуд, ки дар баъзе мавзеъҳо ифодакунандаи мафҳуми “**модаркалон”** калимаи **“оча”** низ шуда метавонад. Дар деҳаи Чиртаки ноҳияи Турсунзода модарро **апа** ва модаркалонро **оча** мегӯянд.

Чунон ки Н. Гадоев қайд кардааст, истилоҳи “**бобо”** дар лаҳҷаи Тагнов ба мисли забони адабӣ талаффуз карда мешавад [3, с. 58]. Ин истилоҳ дар лаҳҷаи водии Рашт шакли **бовӣ** ва дар лаҳҷаи Қаратоғ гунаи фонетикии **бова-**ро дорад.

Оид ба истилоҳи “**бобо”** дар луғат чунин оварда шудааст: **бобо** - падар ва ҷадаро гӯянд, ки падари падар ва падари модар бошад ва саркарда ва ришсафеди тоифаи қаландаронро низ бобо гӯянд [ 8, с. 135]. Истилоҳи табории “**бобо”** дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба чанд маъно корбаст мешавад: Ин расму русум а(з) **бову бивиҳомон** модагӣ (Қаратоғ). Дар ин ҷумла истилоҳи “**бобо”**( бова) дар ифодаи мафҳуми “гузаштагон” корбаст шудааст. Гарчанде истилоҳи **“бобо**” дар забони тоҷикӣ ҳамчун калимаи сермаъно мавриди истифода қарор дорад, дар китоби “ Фарҳанги забони тоҷикӣ” ҳамагӣ ду маънои ин истилоҳ нишон дода шудаасту халос:1.Падар, волид; 2.Падари падар ё падари модар [ 11, с. 189].

Чи тавре ки маълум аст, истилоҳи “**апа”** низ ба луғати хешони хунӣ шомил буда, дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ шаклҳои **апамулло, апачек, буча, ая, ойтӣ, ойтимуллоро** дорад. Тоҷикон аз рӯи эҳтиром зани аз худ калонро низ **апа** мегӯянд.

Вожаи “**хоҳар”-ро** мо бо шаклҳои **хорък** дар лаҳҷаи Тагнов**, ховар, хуҳар** дар гӯйиши мардуми Ҳисор**, хоҳарак, хоҳарча,** дар баъзе лаҳҷаҳои шимол **хорак,** дар забони рӯшонӣ **ях** дучор мешавем**.** Ҳаминро бояд ёдрас намоем, ки вожаи “**хоҳар”** дар баъзе лаҳҷаҳои водии Ҳисор бештар дар шакли **ҳамшира** мавриди истифода қарор дорад. Истилоҳи “ҳ**амшира”** дар забони тоҷикӣ хеле маъмул буда, дар осори адибони форсу тоҷик хеле зиёд истифода шудааст:

... Ки ман зи ҳ**амширагон** бартарам,
Ҳаме б – осмон ояд бар сарам ( Фирдавсӣ).
****
Ҳамхобаи айши комронӣ,
**Ҳамшираи** оби зиндагонӣ ( Ҳилолӣ).

Истилоҳи **“бийёр”** дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ маҳфуми “**бародари хурдӣ”-ро** ифода мекунад, ки муродифаш дар лаҳҷаҳои шимолӣ вожаи “**уко” / “ука”** мебошад**.** Вожаи “**балък”**, ки хоси лаҳҷаи Тагнов аст, ифокунандаи маҳфуми” **додар**” -и дар забони тоҷикӣ ба шумор меравад [ 3, с. 58].

Истилоҳи “**таго”** дар лаҳҷаю шеваҳои забони тоҷикӣ ба тағйироти **фонетикӣ** гирифтор шуда, шаклҳои **таға, тағоӣ, тъғойӣ, тоғо, тъғо-**ро гирифтааст**.** Аз рӯи гуфтаҳои баъзе мутафаккирон вожаи **“тағо”** калимаи туркӣ буда, дар гузаштаи қадим маънои “**орзу кардан**”- ро доштааст. Ин истилоҳ дар гӯйишҳои маҳаллӣ дар аксар маврид на ба маънои “бародари модар”, балки ба маънои маҷозии “пушту паноҳ”**, “**одаме, ки дастгирӣ мекунад” истифода бурда мешавад: Ага(р) Муниса **таға** медошт, донишкадада дохил мешид ( Ҳисор).

Баъзе аз истилоҳоти ифодакунандаи хешони хунӣ дар дар нутқи ҷории мардуми ноҳияи Панҷакент ба тағйироти фонетикӣ гирифтор шудаанд. Аз қабили вожаи “**амма”**, ки дар ин лаҳҷа шакли **амба-ро** гирифтааст [ 10, с. 67].

2.**Вожаҳое, ки дар ифодаи номи хешони ғайрихунӣ истеъмол мешаванд**: Миқдори вожаҳое, ки дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ маҳфуми хешони ғайрихуниро ифода менамоянд, назар ба гурӯҳи якум зиёдтаранд. Истилоҳи “**зан”** (ҳамсар) низ ба хешони ғайрихунӣ мансуб аст. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар бораи вожаҳои ифодакунандаи маҳфуми **“зан**” дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ З. Зайниддинова тадқиқот бурдааст [5, с. 162-170]. Аз навиштаҷоте, ки ба мо аз гузаштагонамон мерос мондааст, метавон ба чунин хулоса омад, ки эшон ба ҷинси зан ҳамчун тавлидкунандаи насл ва офарандаи зебоӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд ва воҳидҳои зиёди луғавиро барои ифодаи маҳфуми “**зан”** дар

ашъорашон истифода намудаанд, аз қабили **санам, маъшуқа, бут, турк, кабк, гул, моҳ, парӣ, товус, таноз , ҷонона** ва ғайра.

Агар он **турки** шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро (Ҳофиз).

Истилоҳи “**ҷонона”** бештар дар нутқи ҷавонон мавриди истифода қарор дошта,мафҳуми “маъшуқа”, “духтари дӯстошта”, “духтари писандида”-ро дорад. Ин истилоҳ дар луғат низ айнан дар ҳамин шаклу маънӣ омадааст: ҷонона-киноя аз маъшуқ ва матлуб бошад [ 8, с. 311]. Чунонки зикр гардид, як қисми асосии луғати забони тоҷикиро истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ ва калимаҳое, ки бо ин решаҳо сохта шудаанд, ташкил медиҳанд. Масалан, истилоҳоти “**қудоталбон”, “хусурталбон”, “хушдоманталбон”, “арӯсталбон”, “домодталбон”,** ки дар ифодаи номи маросим меоянд, дар ҳамин замина пайдо шудаанд. Ин ҷанбаҳоро ба инобат гирифта, М. Бобоева дар рисолаи худ “Термины брачного родства в немецком и таджикском языках” чунин овардааст: “Истилоҳоти ифодакунандаи маҳфумҳои хешутаборӣ дар забони тоҷикӣ нисбат ба забони олмонӣ бештаранд. Дар забони тоҷикӣ вожаҳое, ки аз решаҳои ҳиндуаврупоӣ сар задаанд, теъдоди зиёд доранд, ки вожаи “зан” аз қабили онҳост. Дар асоси ин вожа дар забонҳои туркӣ ва арабӣ низ калимаҳои нав сохта шудаанд [2, с. 22].

Воқеан, зан–модар олиҳаи зебоӣ ва рамзи бузургист ва шояд ба хотири бузургиаш дар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ калимаи мазкур дорои чунин муродифҳои зиёд буда бошад. Масалан, воҳидҳои луғавии **қънғола, авратина**, **кахоза, кайбону, бева, бапича**, **бъна-зан, сияҳпича, кампир, ҳамсар**, **айёл, аврат, валима**, **заифа**, **паршикаста, мазлума**, **мушти пар, хонум, хотун, бону, нозанин, бегим, пошикаста, духтар**, **завҷа, рафиқа**, **очаи гудако**, **очи бачаҳо**, **ҳамбистар, ҳамболин**, **соҳибхона, арӯс**, **келинчак ва** амсоли инҳо, ки ифодакунандаи маҳфуми “**зан- ҳамсар”** мебошанд.

Вожаҳои “**арӯс”** ва “**келин”** дар забони адабии тоҷик низ ба ҳамин шакл маъмуланд. Устод С. Айнӣ аз ҷиҳати равонӣ ва хубии услуб барои такрор наёфтани калимаҳо дар асарҳояшон ҳар ду вожаро мавриди истифода қарор додаанд: Арбоб Камол ба худ андеша мекард, ки агар Гуландомро ба худ **келин** кунад, харҷи бисёре хоҳад кашид. (Айнӣ, Одина). Гиряе, ки **арӯс** дар вақти никоҳ мекунад, гиряи шодист, ин аломати ба хурсандӣ розӣ шуданаш аст, дар воқеъ арӯсшавандаи ҷаноби мир ҳақ дорад, ки ба арӯсӣ аз ҳад зиёд шодӣ кунад (Айнӣ, Дохунда). Муссалам аст, ки вожаи иқтибосии “**арӯс” аз** забони арабӣ ва “**келинчак” аз** забони туркӣ ба тоҷикӣ гузашта, дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ хусусияти сермаъноӣ пайдо кардаанд. Истилоҳи “**арӯс”,** “**келинчак”** маънии духтари номзадшуда, **духтари тӯйшуда, тӯйшудаистода, зани “ҷавон”-ро** мефаҳманд. Лекин дар лаҳҷаи Қаратоғ, агар хушдоман 90- сола бошаду келинаш 50- сола, келин барои хушдоман келинчак аст. Дар ин маврид пасванди –**ак** ифодакунандаи маҳфуми хурдӣ набуда, балки дар ифодаи навозиш, дӯстдорӣ, меҳрубонӣ, муҳаббат ба кор меравад. Бояд ҳаминро ба назар гирем, ки ҳар яке аз ин вожаҳо дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ боз мавқеи истифода ва тобишҳои маъноии худро доранд. Масалан, вожаи “**ойим-ойимча”** бештар дар лаҳҷаи шимол истеъмол меёбад ва ба маънои “маъшуқае, ки марди зандор бо ӯ ишқварзӣ мекунад”, роиҷ аст. Вай маънан бо вожаи “**любовница”-и** забони русӣ мувофиқат мекуна. Синонимҳояш дар лаҳҷа вожаҳои “**чурук”** ва “**қаплон”** ба ҳисоб рафта,бо калимаи тоҷикии “**хушдор”** ва вожаи туркии “**ӯйнош”**

муносибати антонимӣ доранд. Дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ истилоҳоти “**кундош”** ва “**бохчун”** дар ифодаи мафҳуми муносибати занҳои як мард корбаст мешаванд. Дар луғати “Бурҳони қотеъ” муродифҳои онҳо вожаҳои “амвиснӣ” ва “анбоғ” ба шумор мебошанд: **амвиснӣ** ду занро гӯянд, ки як шавҳар дошта бошанд ва ҳар як мард дигареро **амвиснӣ** бувад [8, с. 113], **анбоғ** ду занро гӯянд, ки дар никоҳи як мард бошанд; ва ҳар як аз эшон марди дигареро **анбоғ** бошад [8, с. 115]. Дар забони шуғнонӣ синоними ин истилоҳ вожаи “**абен/**абин”мебошад. Чи тавре ки маълум аст пасванди “**ин** “ дар гузашта маънои инкорро ифода мекардааст. Ин вожа ба маънои “**бад дидан**” низ корбаст мешавад.

Мушоҳидаҳо далели онанд, ки ҳангоми хурсандӣ ва дар мавриди тӯю сур ҳеҷ вақт истилоҳи “**паршикаста”, “пошикаста”, “заифа”ва “мазлумаю сияҳпича”-ро** нисбат ба зан истифода намекунанд. Баръакс воҳидҳои луғавии “**занак”, “занакҷон”, “хонум”, “бону”, “нозанин”,** ки дорои тобишҳои маънои услубии хурсандӣ, меҳру муҳаббат ва навозишу меҳрубонӣ мебошанд: **Хонумча,** бо(з) тӯйа(ро) кӣ шултур дод, ки да(р) ид куртаи нав кунӣ( Қаратоғ). Бояд хаминро ёдовар шавем , ки агар зан пеш аз шавҳараш мирад, шавҳар ба ӯ г**улам** гуфта фиғон мекунад, агар шавҳар мирад, зан **хонам** ё **тӯрам, шоҳам** гӯён нола мекунад. Дар ин маврид маҷозро истифода бурдани соҳибони лаҳҷа баръало намоён аст. Зан дар асл ба мисли гул зебо, дилкаш ва чароғи ҳар як хонадон аст. Шавҳар бошад, сутуни хонадон, файзу баракат, ободии рӯзгори зан аст.

Одатан, шавҳар миёни занони Самарқанду Бухоро бо истилоҳоти “**хӯҷаин”, “нисбат”, “мардакҷон”, “хонадор”, “мӯсафед”, “ёр”, “додош”, “дадеш”, “отеш”** ифода мешавад. Истилоҳи “**домод”** дар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ гунаҳои **думод, шоҳ, шах, куёв, подчо** дорад.

Оид ба вожаи “**янга”** М. Бобоҷонова чунин овардааст**: “**Воҳиди луғавии “**янга”** дар забони тоҷикӣ ин бо эҳтиром муроҷиат намудан ба зани шахсе, ки шиноси азизи туст, агар ӯ аз гӯянда калон бошад, агар хурд бошад, **чои** ин истилоҳро калимаи “**келин”** иваз мекунад” [2, с. 23]. Муродифҳои ин вожа **келиноя**, ки шакли **кеноярo** гирифтааст, мебошад. Дар лаҳҷаи Тагнов бошад, келин дорои муродифи **сънор** аст [4, с. 59]. Дар лаҳҷаи Қаратоғ келини калониро **очакелин\онакелин**, келини хурдиро **кенҷакелин** ва аз хурдӣ пешро **ӯлҷа** мегӯянд. Истилоҳи “**хуштоман” / қайно / қайнона / хъштуман / хушдоман** (модарарӯс, модаршӯй), “**қайсинӣ” / яъна / йана / қайсангъл / қайсингил (**хоҳарзан, хоҳаршӯй) дар лаҳҷаҳо тафовути ҷиддӣ надоранд. Аммо ҳангоми муроҷиат ба хушдоман вожаҳои “**янгамулло”, “холамулло”, “амаҷон”, “янгамоҳ”, “холамоҳ”** ва “**очаҷон”** мавриди истифода қарор мегиранд. Ифодакунандаи мафҳуми “**бародар**” ё “**додари зан**” дар баъзе лаҳҷаҳои шимолӣ воҳиди луғавии “**қайнӣ”** ба шумор меравад. Дар баъзе лаҳҷаҳои ҷанубӣ ин вожа бо исилоҳоти “**эвар”/ ҳевар** ва **хъсърбурда / хъсърбача** ифода мегардад. Ин истилоҳ дар лаҳҷаи водии Ҳисор дар шакли **хусурбача** ба кор меравад.

Вожаи “**хусур”** ба гурӯҳи хешони ғайрихунӣ мансуб буда**,** дар забони тоҷикӣ ифодакунандаи маҳфуми “**падари зан”** ва **“падари шавҳар”** мебошад. Дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба тағйироти фонетикӣ дучор шуда, шаклҳои **хусур, хъсър, хъср, хусърро** гирифтааст. Ин калима дар забони форсӣ низ ба ин маъно, дар забони суғдӣ калимаи **yws [**xwas] [13, с. 722], дар суғдӣ будоӣ **6ws** падари зан аст. Шуғниониҳо падари зан ва падари шавҳаро **хисур** мегӯянд [14, с. 133].

Аз тафсилоти мухтасари боло бармеояд, ки истилоҳоти хешутаборӣ як қисми калони луғати лаҳҷаву шеваҳоро ташкил медиҳанд. Аксарияти ин калимаҳо дар осори ниёгонамон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Истилоҳоти ин бахш, дар лаҳҷаву шеваҳо аз ҷиҳати шакл гуногун бошанд ҳам, дар маҷмӯъ мафҳумҳои ягона доранд.

**Адабиёт**


1. Аъзам, Т. Сухане чанд дар бораи вожаи “хусур”, яке аз истилоҳоти хешовандӣ дар забони яғнобӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2013. – №4(30). – С.131 - 134.
2. Бобоева, М.Т. Термины брачного родства в немецком и таджикском языке: Автореф. дисс... канд. пед. наук / М.Т. Бобоева. – Боку, 1990. – 24 с.
3. Гадоев, Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов / Н. Гадоев. – Душанбе, 2012. – 208 с.
4. Дудников, А.В. Русский язык / А.В. Дудников. – М., 1983. – 261 с.
5. Зайниддинова, З. Аз хусуси истилоҳи «палонҷ» ва синонимҳои он / З. Зайниддинова // Забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1990. – С. 64–68.
6. Исмоилов, Ш. Лексикаи лаҳҷаи водии Рашт / Ш. Исмоилов. – Душанбе, 2018. – 331 с.
7. Калонтаров, Я.И. Луғати имлои забони тоҷикӣ / И.Я. Калонтаров. – Душанбе: Ирфон, 1974 . – 333 с.
8. Муҳаммадҳусайнӣ Бурҳон. Бурҳони Қотеъ. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.
9. Назарзода, С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо / С. Назарзода. – Душанбе, 2013. – 375 с.
10. Сангинова, Р. Лексикаи лаҳҷаи тоҷикони Конибодом / Р. Сангинова. – Душанбе, 2017. – 77 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – М., 1969. – 951 с.
12. Фасмер, М. Этимологический словарь русского языка / М. Фасмер. Том 2. - М.: Прогресс, 1986. – 871 с.
13. جلیلیان. ع. فرهنگ باشور – کردی – کردی فارسی، انتشارات پر سما1385. .
14. خسروی. ع. فرنگ بختیاری. تهران، فرهنگسرا، 1386. .


## НАЗАРЕ БА ИСТИЛОҲОТИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ТОҶИКӢ


Дар мақола зикр гардидааст, ки истилоҳот дар забон дар натиҷаи кӯшиши соҳибзабон ба вуҷуд омада, як қабати муҳими лексикаро ташкил медиҳад.

Муаллиф қайд менамояд, ки аз қадим ин гурӯҳи калимаҳо, ки доимо дар истеъмол буданд, дар адабиёти илмию бадеӣ хеле васеъ инъикос ёфтаанд.

Муаллиф ба таҳқиқоти забоншиносон такя намуда, истилоҳи ифодакунандаи мафҳуми “хешованд”-ро дар шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст: хешовандони хунӣ ва хешовандони ғайрихунӣ. Ба андешаи муаллифи мақола, аксарияти ин вожаҳо, чи тавре ки дар айни замон дар лаҳҷаву шеваҳо мавриди истифода қарор доранд, дар осори ниёгонамон ва дар луғатҳои тафсирӣ низ ба ҳамин шакл корбаст шудаанд.

Муаллиф собит намудааст, ки баҳсҳо дар атрофи ин мавзӯъ миёни забоншиносон то имрӯз идома доранд.

Дар мақола мавридҳои истифодаи истилоҳоти хешовандӣ дар лаҳҷаю шеваҳои тоҷикӣ муайян карда шудаанд.

Қайд гардидааст, ки гарчанде ин навъи истилоҳот аз ҷиҳати шакл дар лаҳҷаву шеваҳои тоҷикӣ гуногун бошанд ҳам, аммо мафҳумҳои онҳо як буда, онҳо бо баъзе тағйиротҳои савтӣ дар шеваю лаҳҷаҳо корбаст шуда истодаанд.



***Калидвожаҳо:*** *Лексика, истилоҳ, хешутаборӣ, зан, додар, хоҳар, бародар, забони тоҷикӣ, калима, лаҳҷа, шева, забони адабӣ.*

## ВЗГЛЯД НА ТЕРМИНЫ РОДСТВА В ТАДЖИКСКИХ ГОВОРАХ

В статье отмечается, что термины в языке возникли в результате усилий носителей языка и формируют важный слой лексики. Как отмечает автор, с древних времён эта группа слов, которые были в постоянном использовании очень широко отражаются в научной и художественной литературе. Ссылаясь на исследование языковедов автор разделяет термины родства в говорах и диалектах на две группы: термины, связанные с кровным родством, а также термины, связанные с некровным родством.

Автор утверждает, что эта группа слов занимает важный слой лексики таджикского языка. В статье отмечается, что большинство из этих слов в наследии предках и толковых словарях были использованы в таких же формах, которые сегодня используются в говорах и диалектах. Отмечается, что дискуссии вокруг этой темы среди лингвистов продолжаются. В статье определены случаи использования терминов родства в таджикских говорах и диалектах.

Автор отмечает, что хотя этот тип терминологии отличается по своим формам в таджикских говорах и диалектах, но значение у них одинаковы. Сегодня эти термины, с некоторыми фонетическими изменениями используются в говорах и диалектах.

***Ключевые слова:*** *Лексика, термин, родство, жена, брат, сестра, старший брат, таджикский язык, слово, говор, диалект, литературный язык.*

## A VIEW ON KINSHIP TERMS IN TAJIK DIALECTS

The article notes that the terms in the language arose as a result of the efforts of native speakers and form an important level of vocabulary. As the author notes, since ancient times this group of words, having been in constant use, are very widely reflected in scientific and fiction. Referring to the study of linguists, the author divides the terms of kinship in dialects and subdialects into two groups: terms related to consanguinity, as well as terms related to non-consanguinity.

The author argues that this group of words occupy an important layer of the vocabulary of the Tajik language. The article notes that most of these words in the heritage of ancestors and explanatory dictionaries were used in the same form that are used today in dialects and dialects. It is noted that discussions around this topic among linguists continue. The article defines the cases of using kinship terms in Tajik dialects and dialects.

The author notes that although this type of terminology differs in its forms in Tajik dialects and dialects, but their meaning is the same, today these terms, with some phonetic changes, are used in dialects and dialects.

***Keywords:*** *vocabulary, term, kinship, wife, brother, sister, older brother, Tajik language, words, dialect, subdialect, literary language.*

***Сведения об авторах: Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** *– кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и информационного обеспечения управления Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода.* ***Адрес:*** *734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Мухаммадиева, 17/6, тел.: 917116426, 2329190.*

***Information about the author: Abdulloeva Gulrukhsor Ziyodulloevna*** *– candidate of Philology, associate Professor of the Department of Tajik language and information support of management of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda.* ***Address:*** *734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992)917116426, 2329190*

**УДК 801=950**

# ХУСУСИЯТҲОИ ИФОДАЁБИИ ҶУМЛАҲОИ САВОЛӢ ДАР ЗАБОНИ ЧИНӢ

***Саидзода В., Самадова Г.***
**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Тарзу воситаҳои ифодаи ҷумлаҳои саволӣ гуногун аст. Воситаи асосии ифодаи ҷумлаҳои саволӣ интонатсия ба шумор меравад. Интонатсия унсури ногузири ташаккули ҳамаи навъҳои ҷумлаи саволӣ мебошад. Интонатсияи саволӣ аз интонатсияи хабарӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Дар ҷумлаҳои саволӣ калимаҳое, ки савол ба вай мансуб аст, хеле пурқуваттар талаффуз мешавад. Ҷои калимаҳое, ки задаи мантиқӣ гирифтаанд, дар ҷумла нисбатан озод аст. Бинобар ин, интонатсияи ҷумлаи саволӣ дар забони тоҷикӣ як хел нест. Агар калимаи заданок дар охири ҷумла ояд, интонатсияи саволӣ ором оғоз ёфта, талаффузи он дар охир қувват мегирад ва баландтар мегардад: Тарзу воситаҳои ифодаи ҷумлаҳои саволӣ гуногун аст.

Дар ташаккули ҷумлаҳои саволӣ бар замми интонатсия воситаҳои зиёди дигар низ истифода мешаванд. Дар ифодаи ҷумлаҳои саволӣ калима, таркиб ва ҳиссачаҳои саволӣ мақоми хоса доранд. Истифодаи онҳо ба мақсади саволдиҳанда ва ба кадом аъзои ҷумла мансуб будани аъзои ҷавобшавандаи ҷумла вобаста аст. Дар ҷумлаҳои саволӣ ҷонишинҳои саволӣ ва зарфҳои ҷонишинӣ низ фаровон истифода мешаванд. Ин воҳидҳои саволӣ мувофиқи аъзои ҷумла сурат мегирад.

Калима ва таркибҳои саволии **киро?, чиро?, аз кӣ?, бо чӣ?, бо кӣ, ба кӣ?, ба чӣ?** ва амсоли инҳо барои муайян намудани объекти ҷумла истифода мешаванд ва худашон дар ҷумла вазифаи пуркунандаро адо менамоянд: Киро кофта гаштед писар? Ӯ чиро дар назар дорад?

Ҷумлаҳои саволӣ аз рӯи маъно ва мазмун ба ҷумлаҳои саволии водоркунӣ, хоса ва риторикӣ тақсим мешавад, ки ҳар се намуди ин ҷумлаҳо ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони чинӣ серистеъмоланд.

Ҷумлаҳои саволии хоса, ғайр аз савол тобишҳои модалӣ, тааҷҷуб, ҳайрат, шубҳа, гумон, қатъият, боварӣ, муҳокима ва ғайра дошта метавонад.

Ҳиссачаҳои *наход, наход ки ва на ин ки* саволро бо тобиши тааҷҷуб, нобоварӣ ва норозигӣ ифода мекунанд. Ин ҳиссачаҳо, асосан, дар аввали ҷумла ва гоҳҳо дар паҳлӯи аъзои таъкидшавандаи ҷумла меоянд. Як хусусияти ҷумлаҳои саволӣ ин аст, ки дар онҳо тааҷҷуб, ҳайрат, шубҳа ва афсӯс дар шакли савол ифода меёбад [3, с.224].

Ҷумлаҳои саволӣ аз рӯи маънову мазмун ба ҷумлаҳои саволии водоркунӣ тақсим мешаванд.

1. Гурӯҳи асосӣ ва сермаҳсулро ҷумлаҳои саволии хоса ташкил менамоянд:

**- 不可能是 Gulnor 的爸爸不认识这个人? -** Наход, ки падари Гулнор ин одамро нашиносад?

**- 还没去吗?** - Ҳоло ҳам нарафтаӣ?

**- 想明天睡觉吗**? - Магар пагоҳ хоб мекунӣ? [2, с.42].

Дар назари аввал ин ҷумлаҳо дар шакли савол ифода ёфта бошанд ҳам, дар амал онҳо маънои даъват ба амале доранд ва ҷозибанокии суханро таъмин мекунанд.

Барои он ки ҳар гуна амалро ба савол мубаддал созем, бояд ҳамагӣ дар анҷомаи ҷумла ҳиссачаи саволии 吗 **ma**–ро гузорем. Чунончи: 你好吗**? nǐhǎo ma**? - Ҳоли ту хуб аст? ё ин ки чӣ ҳол дорӣ? [26, с.23].

Намунаи дигар: модари ман табиб аст. - 我妈妈是大夫（Wǒ māma shì dàifu. Ҳиссачаи саволии 吗 **(ma)**-ро дар охири ҷумла мегузорем ва ҷумлаи саволии зеринро ба вуҷуд меорем: - **你的**妈妈是大夫吗？ - Wǒ māma shì dàifu ma? - Модари ту табиб аст?

Яке аз роҳҳои асосии ифодаи ҳиссиёт дар ҷумлаҳои забони чинӣ ин мутобиқат бо мубтадои ҷумла асос мегардад ва дар ҷумлаҳои саволӣ оҳангнокии он тағйир ёфта, мубтадо дар шакли умумӣ садо медиҳад. Чунончи:

- 想明白了，你？– Шояд боақл шуда бошӣ? [2, с.45].

Омехташавии сохтори ҷумла дар забони чинӣ ҳангоми ифодаи ҳиссиёт ду роҳ дорад: суолҳои хитобӣ ва таъкидӣ.

Истилоҳи 反问мазмуни суолро дорад. Суолҳои хитобӣ ба хотири муайян намудани мубоҳиса ва музокира меоянд. Барои суолҳои риторикӣ мазмуни муқобилгузоштаи матн муҳим аст.

Суолҳои дорои мазмуни хитобӣ оҳангҳои гуногун, ба монанди шубҳа, ҳайрат, инкор намудан, писханд ва мисли ҳаминро дорад.

Дар ин ҳолат интонатсия нақши муҳим мебозад ва калимаи мисли 难道, ҷонишини суолӣ, ҳиссачаи инкорӣ-тасдиқиро мефаҳмонад, ки тавасути оҳанг мазмуни он маълум мегардад:

- 岂但qidan，岂唯qiwei – наход ҳамин қадар, охир на фақат;
- 何尝hechang – вақте ки чунин буд, ки…; оё чизе рух додаст;
- 何况hekuang – дар ҳоле ки:
- 何必hebi – барои чи, аз чӣ сабаб:
- 哪个nage, 什么 - shenme – ҳеҷ гуна, ҳеҷ хел, ягон нафар:
- 哪里nali, 哪儿 - nar – аз куҷо ин
- 哪能 - naneng，怎能zenneng – чи хел ин мумкин, охир мумкин нест [9, с.38].

Дар забони чинӣ ду роҳи ифодаёбии ҷузъҳои ҷумлаҳои дорои мазмуни ҳиссиётӣ мебошад: чида шудани аъзоёни ҷумла ва таъкид шудани аъзои ҷумла.

Аъзоҳои чида дар шакли ҷамъ низ меоянд. Пасванди ҷамъ, одатан, ба ҷузъи охирин васл мешавад. Ин ҳодиса ҳангоми бо пайвандакҳои *-у* ва *-ю* пайваст шудани аъзоҳои чидаи ҷумла бештар мушоҳида мешавад. Ҳиссачаҳои пайвандакӣ дар таркиби муайянкунандаи чида: **又。。。又。。。：**

- 这是又长又 难的几句子 - Ин ҷумла ҳам дароз ва ҳам мушкил аст.
- 我买了三张又 黄的纸。- Ман се варақи ҳам сафед ва ҳам тунук харидам [10, с.102].

Дар ташаккули ҷумлаҳои саволӣ ба замми интонатсия воситаҳои зиёди дигар низ истифода мешаванд. Дар ифодаи ҷумлаҳои саволӣ калима, таркиб ва ҳиссачаҳои саволӣ мақоми хоса доранд. Истифодаи онҳо ба мақсади саволдиҳанда ва ба кадом аъзои ҷумла мансуб будани аъзои ҷавобшавандаи ҷумла вобаста аст.

Дар ҷумлаҳои саволии забони чинӣ ҷонишинҳои саволӣ ва зарфҳои ҷонишинӣ низ фаровон истифода мешаванд. Ин воҳидҳои саволӣ мувофиқи аъзоҳои ҷумла сурат мегиранд.

Ҷонишини **"还是"** дар ҷумлаҳои саволӣ омада, аз ду фикр ичро шудан ё нашудани якеро ба тарзи гумону тахмин ифода мекунад.

Чунин ҷумлаҳои саволиро ҷумлаҳои саволии алтернативӣ меноманд.

1) **A:你回家**还是上班?- Ту ба хона меравӣ ё ин ки ба кор?

**B: 我回家**。- Ман ба хона меравам.

2) A: **你去**图书馆还是去体育馆？-Ту ба китобхона меравӣ ё ба варзишгоҳ?

B: **我去**图书馆.- Ман ба китобхона меравам.

3) A:**那种菜果**贵还是便宜？- Он намуди себ қимат аст ё арзон?

Вожаҳои ёрирасони **"了"**. Ҷумлаҳои саволии инкорӣ ва тасдиқӣ дар забони чинӣ бо чунин шакл сохта мешаванд:

"...**了＋没有**" ё "..." феъл＋**没**＋ феъл?"

1. **你告**诉他了没有?

Ту ӯро хабардор кардӣ ё не?

2. **我告**诉他了.

Ҳа, хабардор кардам.

3. **你去**邮局了没有?

Ту ба почта рафтӣ ё не? [11, с.92].

Дар забони чинӣ ҷумлаҳои саволии ифодакунандаи замон бо феълҳои ёридиҳандаи **了, 没, 过** низ сохта мешаванд, ки замони гузаштаи дурро ифода мекунанд.

Мисолҳо:

**他去没去大学?**

Ӯ ба донишгоҳ рафта буд ё не?

**她看书了吗?**

Ӯ китобро хонда шуд- мӣ?

**你去过中国吗?**

Ту ба Хитой рафта будӣ-мӣ?

Феъли ёридиҳандаи **"过"** амалеро мефаҳмонад, ки амал, ё ҳолат дар замони гузаштаи дур ба анҷом расидааст.

**A:你看没看这本书?** - Ту ин китобро хонда будӣ?

B:**我看过这本书**。- Ман ин китобро хонда будам [11, с.94].

Ҷумлаҳои саволӣ бо ҷонишинҳои саволии **"不是...吗?"** омада, ҳолатеро ифода мекунанд, ки саволи додашуда ҷавобро талаб намекунад. Чунончи:

**这个问题不是很容易吗?怎么还来问我?** - Магар ин савол осон нест? Чӣ хел боз омада, маро мепурсад?

**不是早就告**诉你了吗？我不想结婚。Магар ман барвақт нагуфта будам, ки ман оиладор шудан намехоҳам.

**3)** Вожаҳои ёварӣ **怎么能(会)不...呢?** дар ҷумлаҳои саволӣ ҳолатеро талаб мекунад, ки ичроиши он ҳатмист. Чунончи:

**每天工作十几小时,怎么会(能)不得病呢?** - Ӯ ҳар рӯз зиёда аз 10 соат кор мекунад, чӣ хел бемор шуда наметавонад?

**他学习那么努力,怎么会(能)考不上大学呢?** - Вай аз таҳти дил дарс мехонад, чӣ тавр ба донишгоҳ қабул шуда наметавонад? [12, с.87].

Ҷумлаҳои саволии нопурра бо **"呢**?-ne" бо чунин роҳ сохта мешавад.

"исм/ҷонишин **+呢?"**

Дар ду ҳолат меояд.

**1) Мисол**:"...**在哪儿呢?** "...дар куҷо?"

**1.我的词典呢?(我的词典在哪儿**?) - Луғати ман дар куҷост?

2.**王老师呢?(王老师在哪儿?)** Муаллими Ванг дар куҷост?

Ҷумлаҳои саволӣ ҳангоми омадан бо ҷонишинҳои саволӣ бо зада талаффуз карда мешаванд.

**他姓什么**? Насаби ту чист?

**你去哪儿**? Ту ба куҷо меравӣ?

**你喜**欢什么书? Ба ту чӣ хел китоб писанд аст?

Дар ҷумлаҳои саволии нопурра бо ҳиссачаи "**呢**?" оҳанг дар охири ҷумла каме пасттар мешавад.

Мисол:

**我去市**场,**你呢**? - Ман ба бозор меравам, ту чӣ?

**我**们考考试了, **你呢**? - Мо имтиҳон супоридем, шумо чӣ? [14, с.54].

Ҷумлаҳои саволие ҳастанд, ки ҷавоб талаб намекунанд, фикрро тасдиқу инкор намекунанд, балки шунавандаро ба амале, иҷрои коре водор наменамоянд. Ин гуна ҷумлаҳои сода ҷумлаҳои саволии водоркунӣ ном доранд. Пуркунанда метавонад бо пешоянд ва бе пешоянд ояд. Дар таркиби пуркунанда пешояндҳои зерин ифода меёбанд:

- **给**， **对**， **向**， одатан дар таркиби пуркунандаҳои ба саволҳои ба кӣ?, ба чӣ? ҷавобдиҳанда истифода мешаванд.

- **用** одатан, дар таркиби пуркунандаҳои ба саволи бо чӣ? ҷавобдиҳанда истифода мешаванд.

- **被**， **给**， **为**， **叫**， **让**， **由** дар таркиби пуркунандаҳои ба саволҳои бо кӣ?, бо чӣ? кӣ дар ҷумлаҳои маҷҳул (пассив) ҷавобдиҳанда истифода мешаванд.

Калима ва таркибҳои саволии киро, чиро, аз кӣ, бо кӣ, бо чӣ, ба кӣ, ба чӣ ва амсоли инҳо барои муайян намудани объекти ҷумла истифода мешаванд ва худашон дар ҷумла вазифаи пуркунандаро адо менамояд:

- **比**，**较** дар таркиби пуркунандаҳои ба саволҳои бо муқоиса бо кӣ ?, бо муқоиса бо чӣ ? ҷавобдиҳанда истифода мешаванд .

- **向** баъзан дар таркиби пуркунандаҳои ба саволи дар кӣ ? ҷавобдиҳанда истифода мешаванд .

- **跟** одатан дар таркиби пуркунандаҳои ба саволҳои бо кӣ? ҷавобдиҳанда истифода мешавад [14, с.75-76].

Ҷумлаҳои нопурраи матнӣ дар муколама (диалог) ва монолог ба кор бурда мешаванд. Зикр наёфтани саръазоҳо ба мавриди кор фармудани ҷумлаҳои нопурра ҳам вобастагӣ дорад. Масалан, мубтадо бештар дар монолог ҳангоми

ҳикоят ё нақлу ривоят аз таркиби ҷумла ҳифз мегардад. Одатан ҳангоми баёни ҳодиса ё воқеае дар ҷумлаи аввал соҳиби амалу ҳолат, ё аломатро ба тарзи возеҳ зикр намуда, сипас бидуни таъкид ё ишораи мубтадо нақлро давом медиҳанд.

Дар монолог низ фикр ба тариқи саволу ҷавоб ифода мегардад, вале дар ин ҳол пурсиш на барои донистани далели номаълум ё норавшан, балки бо мақсади пуртаъсир ифода кардани матлаб, ҷалб намудани диққати мусоҳиб ба ягон нуқтаи муҳим воқеъ мегардад.

Ҷумлаҳои саволӣ яке аз хелҳои серистеъмолтарин дар ҳаёти ҳаррӯзаи инсонҳост. Оғози рӯзи ҳар як инсон бо истифодаи ҷумлаҳои саволӣ ҷараён мегирад.

Тавре аён гашт, дар ташаккули ҷумлаҳои саволии забони чинӣ ба замми интонатсия, воситаҳои зиёди забонӣ истифода мешаванд. Дар ифодаи ҷумлаҳои саволӣ калима, таркиб ва ҳиссачаҳои саволӣ мақоми хоса доранд. Сохтори ҷумла ба муносибати маъноию грамматикии байни вожаю ибораҳо вобаста мебошанд.

**Адабиёт**


1. Грамматикаи забони адабии тоҷик. Ҷ.2. - Душанбе, 1985. – 386 с.
2. Иванов, А, Поливанов Е. Грамматика современного китайского языка.- М., 1987. – 304 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.2 . – Душанбе, 1973. - 432 с.
4. Норматов, М., Рашидов Ш. Омӯзиши ҷумлаҳои яктаркиба. - Душанбе, 1988. – 123 с.
5. Раҳматова, С. Ҷумлаи саволӣ ва хелҳои он. - Душанбе, 1987. – 67 с.
6. Рустамов, Ш. Мушкилоти синтаксис. - Душанбе, 1988. – 387 с.
7. Семенас, А.Л. Лексика китайского языка. – М., 2005. - 297 с.
8. Солнцева, В.М. Теоретическая грамматика китайского языка. – М. 1978. – 292 с.
9. Шутова, Е.И. Синтаксис современного китайского языка. – М., 1991. – 307 с.
10. 陈定安.英汉比较与翻译.中国对外翻译出版公司, 1998. – 187 с.
11. 陈洁.俄语翻译理论语言学派管窥.中国俄语教学, 2000. – 202 с.
12. 巴尔胡达罗夫著.语言与翻译.中国对外翻译出版公司, 1985. 167 с.
13. 常敬宇编著.汉语词汇与文化.北京大学出版社, 1993. 257 с.
14. 任学良．汉语造词法，北京，1981. - 107 с.


## ХУСУСИЯТҲОИ ИФОДАЁБИИ ҶУМЛАҲОИ САВОЛӢ ДАР ЗАБОНИ ЧИНӢ

Дар мақолаи мазкур роҳҳо ва хусусиятҳои ифодаёбии ҷумлаҳои саволӣ, ки дар забони чинӣ тарзу воситаҳои ифодаёбии гуногун доранд, мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтаанд.

Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки ташаккули ҷумлаҳои саволиро ба воситаҳои гуногуни грамматикӣ бо таври возеҳ нишон диҳанд. Дар мақола инчунин дар бораи интонатсия, навъҳои интонатсия, тобишҳои дигари он, ки ба муҳиту матн, хусусиятҳои фардии нутқ вобаста мебошанд, унсури ногузири ташаккули ҳамаи навъҳои ҷумлаи саволӣ маълумот дода шудааст. Қайд карда шудааст, ки дар ташаккули ҷумлаҳои саволӣ бар замми интонатсия воситаҳои зиёди дигар - калима, таркиб ва ҳиссачаҳои саволӣ низ истифода мешаванд, ки

дар ифодаи ҷумлаҳои саволӣ ва истифодаи онҳо ба мақсади пурсиш ва ба кадом аъзои ҷумла мансуб будани вожаи ҷавоби ҷумла мақоми хоса доранд.

Ҳамчунин, ҷумлаҳои саволии хоса, ҳиссачаҳо аз рӯи маънову мазмун ба гурӯҳҳо тақсимбандӣ шуда, вобаста будани сохтори ҷумла аз муносибати маъноию грамматикии байни вожаю ибораҳо, роҳҳои ифодаёбии ҷузъҳои ҷумлаҳои дорои мазмуни ҳиссиётӣ, таъкид шудани аъзои ҷумла, чида шудани аъзои ҷумла, ҷамъбандии онҳо бо пайвандакҳои пайвасткунанда, ҷонишинҳои саволӣ ва зарфҳои ҷонишинӣ ва вожаҳои истилоҳии чинӣ, ки мазмуни суолро доранд, шарҳу эзоҳ дода шудаанд.

***Калидвожаҳо:*** *забони чинӣ, грамматика, синтаксис, намудҳои ҷумла, таркибҳои саволӣ, интонатсия, ҳиссачаҳо, таркибҳои саволӣ.*

## ОСОБЕННОСТИ ВЫРАЖЕНИЯ ВОПРОСИТЕЛЬНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В КИТАЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье исследуются способы и специфика построения вопросительных предложений китайского языка, которые имеют разнообразные способы выражения. Авторы с помощью различных грамматических ресурсов определили построение вопросительных предложений выразительным способом. В статье имеются сведения об интонации, их разновидностях, смысловых оттенках, которые связаны с текстом, особенностями употребления слов и т.д.

Отмечается, что в процессе образования вопросительных предложений наряду с интонацией используются и другие средства, как словосочетания и вопросительные частицы, которые относятся к разным членам предложения и имеют особые формы в создании вопросительных предложений.

Также классифицируются вопросительные слова, частицы по смыслу и содержанию, в зависимости от структуры, в том числе, смысла грамматических отношений между словами, фразами, способами выражения элементов имеющих эмоциональное содержание. Интерпритируются подчеркивание членов предложения, однородные члены предложения, сочетания с сочинительными союзами, вопросительными местоимениями, наречными местоимениями и китайской терминологией, которые имеют содержание вопроса.

***Ключевые слова:*** *китайския язык, грамматика, синтаксис, виды предложений, вопросительные слова, интонация, вопросительные и составные частицы.*

## ON THE FEATURES OF THE EXPRESSION OF INTERROGATIVE SENTENCES IN CHINESE

This article considers the ways and specifics of constructing of interrogative sentences of the Chinese language, which have a variety of ways of expression.

The authors tried to define the expressive ways of constructing interrogative sentences with various grammatical resources. It also provides information about intonation, its varieties and other shades of it, which are related to the text, to the peculiarities of the words usage etc., and as the main tool for determining the types of interrogative sentences. It is noted that in the formation of interrogative sentences, in addition to intonation, other means are used, like phrases and interrogative particles that relate to different members of sentences and have special forms in creating interrogative sentences.

Also classified are question words, particles by meaning and content, structure dependencies, including the meaning of grammatical relations between words, phrases, ways of expressing elements with emotional content. The underscore of the members of the sentence, homogeneous members of the sentence, combination with writing unions,

interrogative pronouns, adverbial pronouns and Chinese terminology that have the content of the question are interpreted.

***Keywords:*** *Chinese language, grammar, syntax, types of sentences, interrogative words, intonation, interrogative and composite particles.*

***Сведение об авторах: Саидзода Вайсиддин*** *– кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедры филологии Юго-Восточной Азии Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992) 93 9996065.*

***Самадова Гулджахон*** *– ассистент кафедры филологии Юго-Восточной Азии Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992)904312191*

***Information about the authors: Saidzoda Waysiddin*** *– candidate of Philology, associate Professor, head of the Department of Philology of South-East Asia of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992) 93 9996065*

***Samadova Guljahon*** *– assistant of the Department of Philology of South-East Asia of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992) 93 9996065*

**УДК 407.132.3**

# ИЗ ИСТОРИИ ЛИНГВИСТИЧЕСКИХ УЧЕНИЙ В СОВРЕМЕННОМ РУССКОМ ЯЗЫКЕ

***Мирзоева Г.Х.***
**Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода**

«Лингвистика - наука о языке и языкознании» [7, с. 327]. Этот термин в языкознании исследуется уже многие десятилетия и рассматривает историческое развитие лингвистических учений, новообразования в системе языковедческих наук, парадоксы в мире филологических направлений. Вся история языкознания насыщена фактами о её изменчевом характере, которые пересматриваются, изучаются и подвергаются обсуждениям.

В Таджикистане особое внимание уделяется исследованию и изучению различных языков в зависимости от культурных, экономических и политических взглядов. В основном это русский язык, который считается языком мира, дружбы и конечно же языком межнационального общения в среднеазиатском регионе. По современным соображениям главным этапом в этом вопросе является владение языком. Невозможно овладеть культурой, историей, языком русского народа если мы не будем читать научную, художественную литературу, учебники, популярные издания. Именно исследование истории языка даёт нам множество информаций о его научном, этимологическом и учебном статусе. Это освещение основных этапов развития науки о языке от древнейших эпох до современного состояния, дает современному исследователю сведения о главных лингвистических школах и видающихся языковедах, основных принципах, методики исследования, наиболее важных достижениях той или иной школы. Основой современной русской лингвистической школы являются именно те школы или направления, которые начиная с XIX века вложили первые “кирпичи” научных познаний.

Студенты современных высших учебных заведений у нас в стране должны осознать, что развитие науки определяется потребностями практики, углубленному осознанию теоретических знаний. Современные успехи не были бы эффективны без достижения прошлого. В лингвистике есть современная историография, которая помогает понять состояние науки о языке в настоящее время и тенденции современного развития языкознания, его тесную связь с жизнью.

История лингвистических учений или история языкознания рассматривает такие стороны, как философские основы лингвистических концепций, теоретическую направленность и конкретные достижения в практике языкового “строительства”. Если исследовать историю основных школ и направлений мирового языкознания и дать характеристику их принципам, нам необходимо изучить методику исследований и научных достижений выдающихся языковедов прошлого и современности.

“Изучение истории о языке имеет большое воспитательное и познавательное значение. Возникновение культуры народов связано с появлением языка, как средство выражения, поэтому познание культуры начинается прежде всего с познания языка. История языкознания неразрывно связана с общим развитием культуры и истории других наук” [1, с. 4].

Исследуя историю языка, мы рассматриваем вопросы теоретических основ преподавания, современные требования в области изучения языка, связи современности с прошлым, современные условия, предоставленные в области

исследования и изучения языков (современная технология и интерактивные методы преподавания).

Изучая историю лингвистики, мы должны изучить факторы, повлиявшие на развитие языковой системы, которое в данное время изучаются в филологических вузах и делятся на различные учебные предметы. В первую очередь мы исследуем факты зарождения науки о языке:

- это исследование языкознания в древней Индии, греко–римское языкознание, арабское языкознание, языкознание эпохи возрождения и первые попытки установления родства языков и их историческое развитие.

- это попытки определения теории происхождения языка в изучении трудов таких великих ученых как Ф. Бэкон, Р. Декарт, Д. Локк, Г. Лейбниц, М.В. Ломоносов, и А.Н. Радищев.

Именно языкознание, в России начиная с XX века, исследует сравнительно-историческую проблематику в трудах И.И. Срезневского, Ф.И. Буслаева, лексикографическую деятельность В.И. Даля, которыми пользуются в современной лингвистической науке, как готовыми бесценными материалами.

В изучении русской лингвистики рассматривают и придерживаются лингвистических концепций А.А. Потебни, А.А. Шлейхера, которые рассматривают философскую и биологическую точку зрения развития языков.

Лингвистическая концепция Ф.Ф. Фортунатова рассматривает проблему языка и мышления, учение о словосочетаниях, о форме слова, сравнивается историческая и современная проблематика языка.

Лингвистическая концепция Фердинанда де Соссюра исследует истоки всех лингвистических концепций, определяет язык как теорию и речь. Исследует учение о лингвистическом знаке, учение о синхронии и диахронии, рассматривает внешнюю и внутреннюю лингвистику. Все эти особенности, в лингвистической науке, имея исторические корни до настоящего времени, в свою очередь, являются материалами для новых исследований.

В истории русских лингвистических учений особое место принадлежит В.В. Виноградову, его статьи посвящены критическому разбору и оценке лингвистических трудов, взглядов и идей русских языковедов. Мы преподаватели лингвистических высших учебных заведений, где изучаются все стороны развития русской лингвистики, интересуемся всеми фактами развития языкознания на современном этапе. Академик В.В. Виноградов внес огромный вклад в развитие русского языкознания. Это такие труды, как «Современный русский язык. Введение в грамматическое учение о слове», «Русская наука о русском литературном языке», «Из истории изучения русского синтаксиса (от Ломоносова до Потебни и Фортунатова), «Проблемы литературных языков и закономерностей их образования и развития», которые были изданы большими тиражами с 1938 до начала семидесятых годов прошлого века.

В целом, В.В. Виноградов исследуя историю русского языкознания, рассматривал пять основных вопросов:

- изучение истории грамматических учений;

-история изучения лексикологии и семасиологии;

-история изучения стилистики и культуры русского языка;

-история изучения развития русского литературного языка;

-развитие науки о русском литературном языке;

Можно привести в пример гениальную мысль В. В. Виноградова «Я сторонник системного изучения языка. Вижу в языке исторически развивающуюся, сложную структуру, которая состоит из множества систем. Эти

системы не лежат в плоскости уровневого анализа, так как развитие языка есть развитие областей его применения и субъективного осознания. Рассматривать количественный рост и прогресс языка по его отдельным уровням (фонология и морфология) нельзя, так как там невозможно этого обнаружить. Эти особенности наблюдаются в таких понятиях, как социальная систематизация языка структура двухчастна, так как язык существует в человеке и обществе» [2, с. 27]

В период развития советского языкознания в XX веке, русских лингвистов беспокоил другой вопрос «социолингвистические проблемы языков народов СССР», это тоже немаловажный вопрос. В этот период развития истории языкознания рассматривались следующие аспекты;

-панорама языков народов Советского Союза – эти народы имели смешанный вариант с индоевропейскими языками, алтайскими, уральскими, иберийско – кавказскими, палеоазиатскими и прочими языками. Следовало изучить все взаимосвязи, родство, ветви образования этих языков, которое и обуславливало историческое развитие в языкознании;

- языковое строительство и культурная революция – можем почеркнуть один вопрос в этом аспекте, касающееся нашей страны, это успехи культурного строительства и переход на русскую графическую систему. До настоящего времени таджики пользуются буквами кириллицы и это не повлияло на национальный колорит исторического языка.

– в отношении Таджикистана именно русский язык в регионе и во всём содружестве бывшего СССР до настоящего времени является языком межнационального общения;

Языковед М. И Исаев в своей работе, «Социолингвистические проблемы языков» рассматривает те исторически важные вопросы, которые касаются языкового строительства в постсоветский период, и отмечает; «…в России рассматриваются социолингвистические проблемы многочисленных языков, наблюдается процесс языкового строительства, в результате которого создано около пятидесяти письменностей, рассмотрены основные закономерности становления и эволюции литературных языков. При языковом взаимодействии усилился процесс, сближения наций. В этом процессе главную роль играет русский язык, который стал средством межнационального общения в двуязычном и многонациональном вакууме» [3, с. 18]. Все эти факты свидетельствуют об исторических изменениях и современном строе русской лингвистики.

Мы не можем ни отметить и лингвистические парадоксы, накопившиеся в процессе языкового строительства и его развития. Ученый В. В. Одинцов в своей работе «Лингвистические парадоксы» отмечает несколько необходимых фактов касающихся лингвистических точек зрения;

- исследование языковой логики - рождение и национальная природа языка:

- исправление узаконенных ошибок – работа над структурой речи и письма;

- богатство и гибкость языка – словообразовательная система языка;

- влияние времени – историческая устойчивость языковых форм;

- судьба слов – активная и пассивная лексика;

- творцы новых слов – всё новое и заимствованное;

- грамматика и язык – синтаксический строй языка;

- культура выявления аргументации – новые предложения и факты, влияющие на развитие языка.

Лингвистика основана на слове. «Лингвистика изучает язык. Лингвисты пытаются установить закономерности, лежащие в основе этого сложного и многогранного явления, помочь в овладении языком, облегчить взаимное общение людей. Язык – ключ к драгоценному наследию прошлого, инструмент, позволяющий овладеть накопленными богатствами, совершенными достижениями человеческой культуры, человеческой мысли» [6, с. 64]. Именно эти гипотезы стали для современной науки фундаментом в реализации новых факторов в языковой системе. Эти парадоксы являются частицей того откровенного, чистого и необходимого для человека явления, как язык. Последние сто лет многие лингвисты рассматривали язык, как феномен, как парадокс, как явление демонстрации человеческой мысли и как неотъемлемая часть человеческого «Я» в природе.

История лингвистических учений в современном русском языке придерживается вопроса синхронной социолингвистики. Эта тема в лингвистике рассматривает основные теоретические проблемы, принципы выделения языковых подсистем, языковой ситуации, двуязычие, языковую политику и речевое поведение. Синхронная лингвистика рассматривает вопрос одновременного развития лингвистических новообразований. Процессы, происходящие в языковой науке, исследуют предпосылки социолингвистического подхода к языку. Она включает в себя исследование следующих факторов:

- изучения членения континуума языковой коммуникации и функциональной дифференциации языков;
- исследование языковой коммуникации, её сфер;
- исследование понятия «функция»;
- исследование термина «функциональная коммуникация»;
- изучение языковых общностей и речевых общностей;
- исследование понятия функциональной стратификации отдельного языка;

Исследования лингвистических учений тесно связаны с проблематикой социологической лингвистики, которая до настоящего момента является актуальной и требует научного подхода. Именно в билингвальных условиях, где один язык требует досконального изучения или является востребованным, или просто является языком межнационального общения социологические вопросы тесно связаны с языковыми.

Это исследование таких аспектов как:

- функция социолингвистики как предмет;
- сопоставление социолингвистики и интралингвистики;
- методологическая схожесть социолингвистики и социологии;
- изучение подсистем языка, включающее в себя значимость лингвистических единиц и лингвистических вариантов;
- изучение подъязыков и функциональных стилей;
- исследование типологии языковых ситуаций, к которым входят:
- экзоглоссные сбалансированные и несбалансированные языковые ситуации и эндоглоссные сбалансированные и несбалансированные языковые ситуации;
- исследование понятия «билингвизм» и «диглоссия»;
- изучение понятия «языковая политика» и «языковое прогнозирование»;

- рассмотрение детерминантов речевого поведения;

Эти пункты лингвистического учения бесконечны, именно в них определяется вся сложная и богатая научная структура языка. «Язык явление биологическое, тесно связанная с физиологическими качествами человека, но в процессе своей репрезентации становится научным фактом. Научный факт требует исследования и в этом процессе выявляется вся её сложная живая развивающаяся структура» [5, с. 67]. Другая сторона лингвистических исследований рассматривает «лингвистическая социология», исследующая компоненты лингвосоциологии и лингвистические проблемы развивающихся стран. Мировая языковая проблема включает в себя особенность современных заимствованных слов, которые буквально «вторгаются» в языковую сферу, дополняя этим, языковой лексический фонд каждого языка в мире. Это современные процедуры в лингвистической науке, можно сказать коммуникативное давление в процесс лингвистических преобразований.

«Язык – явление сложное и многоаспектное. Это обуславливает наличие ряда лингвистических дисциплин, изучающих и описывающих различные аспекты устройства и функционирования языка, куда входит исследование фонетики, лексикологии, морфологии, синтаксиса, стилистики, лингвистического анализа текста, диалектологии, исторической грамматики. Однако язык представляет собой органическое целое, и потому правомерно особая дисциплина изучающая наиболее общие закономерности происхождения, развития и функционирования языка в его многообразных связях с человеком, обществом, историей и культурой, а таґже способы его исследования и описания» [8, с. 17]. Истории лингвистических учений в современном русском языке рассматривает ещё один сложный вопрос – это научно – техническая революция и его влияние на лингвистику. Здесь лингвисты рассматривают методы изучения и описания языков. Исследуют само понятие лингвистический метод, рассматривают описательный метод в лингвистике, изучают таксономический (строй, порядок) метод, изучение лингвогенетических методов, типологический метод и методику моделирования и формально – количественного анализа. Все эти пункты исследуются десятилетиями и входят в историю лингвистических учений.

Современные требования в изучении мировых языков включают в свою основу именно эти вышеназванные аспекты, рассматривающие конструирование и грамматический строй языков. Изучая иностранные языки, в том числе и русский язык, национальная аудитория скрупулёзно должна исследовать все лингвистические факторы, имеющие исторические корни и рассматривать технологию их употребления в науке.

Как же эти научно–исторические обоснования о языке, прививать студентам филологических вузов независимо от того, что эта русская аудитория или национальная? Какими методами доказать историческое развитие лингвистики и его многоструктурные аспекты? Как доказать связь между прошлым и настоящим в лингвистическом развитии?

По мнению В.Н. Клюевой вопрос развития истории науки всегда феноменален; «…наша цель помочь усвоить основы науки о языке, суметь объяснить суть лингвистических терминологий, на высоком уровне заставить студентов рассматривать сложные актуальные вопросы проблематики общего и частного языкознания. Заинтересовать студентов, приводя различные гипотезы для размышления, искать и исследовать различную литературу по тематике и

изучить труды великих лингвистов, вложившие свой вклад в изучение лингвистической науки» [4, 70].

Студенты поступившие в лингвистические вузы, и изучающие именно русский язык, сами должны быть заинтересованы в том, что, не исследовав историю языка с реальными современными требованиями невозможно его усвоить. Ознакомление с теорией исследования языка направляет филологов на его практическое усвоение.

История лингвистических учений в современном русском языке бесконечна, она дополняется, и появляются всё новые и новые формулировки, которые выявляют факты для исследования.

В данной статье мы рассмотрели множество вопросов исследования истории лингвистических учений на современном этапе в изучении русского языка. Выявили основные точки соприкосновения исторических языковых факторов для современного филолога – исследователя.

**Литература**

1.Березин, Ф. М. История лингвистических учений. – М.: Высшая школа, 1984. – 312 с.
2.Виноградов, В. В. История русских лингвистических учений. – М.: Высшая школа, 1978. – 365 с.
3.Исаев, М. И. Социолингвистические проблемы языков мира. – М.: Высшая школа, 1982. – 166 с.
4.Клюев, В. Н. Задачник по курсу «Введение в языкознание». - М.: Высшая школа, 1962. – 105 с.
5.Никольская, Л. Б. Синхронная социолингвистика. - М.: Наука, 1976. – 165 с.
6.Одинцов, В.В Лингвистические парадоксы. - М.: Просвещение, 1982. – 174 с.
7. Ожегов, С. И. и Шведова Н. Ю. Толковый словарь русского языка. - М., 2005. – 940 с.
8. Хроленко, А.Т. Общее языкознание. – М.: Просвещение, 1981. – 92 с.

## ИЗ ИСТОРИИ ЛИНГВИСТИЧЕСКИХ УЧЕНИЙ В СОВРЕМЕННОМ РУССКОМ ЯЗЫКЕ

Данная статья посвящена истории лингвистических учений в современном русском языке. Изучая особенности русской грамматики, его лингвистические аспекты автор затронул разные стороны его репрезентации. Самое главное в исследовании данной темы, это выявление тех особенностей, которые десятилетиями беспокоили лингвистов, как неисследованный материал, как новообразование в языке, как отражение национальных и социальных особенностей, как этимологическое исследование слов.

По мнению автора статьи, лингвистика является наукой о языке и языкознании. Этот термин исследуется уже многие десятилетия со стороны лингвистов и рассматривает историческое развитие лингвистических учений на основе научных трудов. Все новообразования в системе языковедческих наук, парадоксы в мире филологических направлений имеют образовательный и учебный характер.

Отмечается, что вся история языкознания насыщена фактами о её изменчивом характере, труды многих учёных-лингвистов пересматриваются, изучаются и подвергаются обсуждениям.

В статье перечислены все особенности лингвистических учений, цели и задачи направленные на преобразование науки, исследование этимологических и

исторических корней развития лингвистики как научное направление. В статье показаны развитие, исторические корни и репрезентацию лингвистики как научный и учебный материал.

***Ключевые слова**; лингвистика, история, репрезентация, этимология, факторы языка, терминология, грамматика, обучение, научный материал.*

## АЗ ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР ЗАБОНИ МУОСИРИ РУС

Мақолаи мазкур ба хусусиятҳои лингвистии забони муосир бахшида шудааст. Дар марҳилаи навин омӯзиши таърихи забоншиносӣ ва инъикоси он ҳамчун маводи илмӣ бағоят муҳим аст. Мавзӯи мақола пурра ба омилҳое бахшида шудааст, ки солҳои сол таваҷҷуҳи забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст ва ин навовариҳо дар забон, тасвири хусусиятҳои миллӣ ва этимологӣ дар илми забоншиносӣ мебошанд.

Қайд гардидааст, ки ба ривоҷу равнақи забоншиносӣ омилҳои иҷтимоӣ низ таъсир мерасонад, бинобар ин, ҳаёти инсоният ба навгониҳои илми забоншиносӣ таъсир расонида, зарурати омӯзиши таърихи гузаштаи онро тақозо мекунад.

Ба андешаи муаллифи мақола лингвистика илм дар бораи забон ва забоншиносӣ буда, истилоҳи мазкур солҳои сол мавриди омӯзиш қарор дорад. Дар мақола маводи илмии забоншиносони муосири рус ва асрҳои пешин мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудаанд.

Дар мақола зикр гардидааст, ки таърихи забоншиносӣ фарогири факту рақамҳои зиёде дар бораи таърихи равнақи забон мебошад. Муаллиф оид ба хусусияти таълимӣ ва илмии он маълумоти муфассал дода, аз ҷумла қайд намудааст, ки тамоми маълумот дар бораи омӯзиши илми забоншиносӣ аз тарафи олимон таҳлил карда мешавад.

Ҳамзамон, дар мақола хусусиятҳои омӯзишии илми забоншиносӣ, мақсад, таърихи забон ва решаҳои этимологии он, тарзи омӯзиш, роҳҳои паҳншавӣ ва татбиқи он дар раванди таълим мавриди таҳлили ҳамҷониба қарор дода шудаанд.

***Калидвожаҳо:** лингвистика, таърих, этимология, омилҳои забонӣ, истилоҳот, сарфу наҳв, омӯзиш, маводи илмӣ.*

## FROM THE HISTORY OF LINGUISTIC STUDIES IN THE MODERN RUSSIAN LANGUAGE

This article is dedicated to the history of linguistics studies in modern Russian. Studying the peculiarities of Russian grammar, its linguistics aspects, we must touch upon various aspects of its representation. The most important thing in the study of this heme is to identify those features that have been bothering the linguists for decodes, as unexplored material, as a neoplasm in language, as a reflection of national and social characteristics, as an etymological study of words.

According to the author, linguistics is the science of language and lingual studies. This term has been researched for many decodes by linguistic and considers the historical development of linguistic teachings on the basic of scientific works of scholars of linguistics.

All new growths in the system of linguistic studies, paradoxes in the world of the philological directions have educational character. The whole history of linguistics is full of facts about its changing nature; the works of many scholars - linguists are reviewed, studied and discussed.

There article lists the features of linguistic teachings, the objectives of the task aimed at transforming science the study of etymological roots of the development of linguistics as a scientific direction. In the article we showed the development historical roots and representation of linguistics as a scientific and educational material.

***Keywords:*** *linguistics, history, representation, etymology, factors, language, terminology, grammar, teaching, scientific, material.*

***Сведения об авторе: Мирзоева Гулджахон Халиловна*** *– старший преподаватель кафедры современного русского языка и сопоставительного языкознания Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода.* ***Адрес:*** *734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул, Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992) 918734133, E-mail: mirsoeva.guljahon@mail.ru*

***Information about the author: Mirzoeva Guljahon Khalilovna*** *- senior lecturer of the Department of modern Russian language and comparative linguistics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda.* ***Address:*** *734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992) 918734133, E-mail: mirsoeva.guljahon@mail.ru*

**УДК 681.3.06**

# ТАРКИБИ СОХТОРӢ ВА ВИЖАГИҲОИ КОРБУРДИ УНСУРҲОИ ЗАБОНИИ ДИСКУРСИ КОМПЮТЕРӢ

***Шамсов Б.***

**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Мафҳуми дискурс дар натиҷаи аз ҳудуди ҷумла берун шудани таҳқиқоти лингвистӣ ва оғоз ёфтани омӯзиши синтаксиси фароҷумла ба вуҷуд омадааст. Бинобар ин, аз нигоҳи забоншиносӣ дискурс ин пеш аз ҳама воҳиди маҷмӯие мебошад, ки аз ҷумлаҳои муттасили бо ҳам робитаи маъноӣ дошта таркиб ёфтааст. Ҳар як соҳибзабон аз принсипҳои калидии муайяне бархӯрдор аст, ки ба ӯ имкон медиҳанд, то ӯ ҳамкориҳои маъноии воҳидҳои забониро дар ҳамаи қабатҳои дискурс пайгирӣ намояд. Амали ин принсип тамоми қабатҳои забонро (аз қабати фонологӣ то қабати фароҷумла) фаро гирифтааст, ки ин дар навбати худ амалҳои зеринро таъмин менамояд: а) ба таври автоматӣ кушодани таркиби дискурс ба маънои анъанавӣ; б) назорати таркиби сохтор ҳангоми маъноҳои гайрианъанавӣ.

Азбаски тавлидкунандаи маъно таркиб ва вазифаи синтаксисии воҳидҳои забонӣ ба шумор меравад, зарур аст, ки синтагмантикаи дискурсиро дар ҳама қабатҳо таҳлил намуда, он принсипҳое муайян карда шаванд, ки сохтани сохтори дискурс ва вусъати маъноҳои онҳо аз принсипҳо вобаста аст. Нисбатаи воҳидҳои забонии дорои маънои аслӣ ҳамчун оператори муҳим дар ташаккули дискурс таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад.

Масъалаи семантика (маъно) дар маркази таваҷҷуҳи забоншиносии муосир на аз он ҷиҳат қарор дорад, ки туфайли он моҳияти мухобиротии забон ошкор мегардад, балки барои он ки паҳлӯи маъноии забон бевосита ба фаъолияти маърифати инсон алоқаманд аст ва соҳаи омӯзиши бисёр фанҳои омехта: фалсафа, адабиётшиносӣ, информатика ва дигар илмҳо ба шумор рафта, дар раванди ташаккулёбии донишҳо ва интиқоли онҳо нақши маъноиро таҳқиқ мекунад.

Ҳамзамон, чунин усули омӯзиши дискурс дугона аст, зеро он аз як тараф, маҳсули фаъолияти мухобиротӣ мебошад, аз тарафи дигар, дискурс ба амали мухобирот, ба фаъолияти нутқронӣ нигаронида шудааст. Мафҳуми дискурс ба мафҳуми “нутқи ба таври хаттӣ мураттабшуда” наздикӣ дорад ва вазифаи он, пеш аз ҳама, вазифаи комуникативӣ мебошад.

Объекти таҳқиқоти мо яке аз навъҳои паҳнгардидаи дискурс – дискурси компютерӣ мебошад. Мафҳуми “дискурси компютерӣ»-ро бо ду тарз тасвир кардан мумкин аст, аз як тараф, ин ҳар гуна муошират дар шабакаҳои компютерӣ, муошират ба истифодаи сигналҳои махсус – сигналҳои электронии мухобира мебошад; аз тарафи дигар, дискурси компютериро метавон, ҳамчун суҳбат аз рӯи мавзӯи бо компютерҳо алоқаманд маънидод кард. Барои мо ҳар ду таъиноти дискурси компютерӣ муҳим мебошанд.

Мақсади таҳқиқоти фавқ баррасии хусусиятҳои сохторию маъноии дискурси компютерии забони англисӣ ба шумор меравад. Барои амалӣ гардонидан, ин мақсад иҷрои корҳои зерин зарур аст:

- аниқ кардани мундариҷаи мафҳуми “дискурс” аз лиҳози маъно:
- таҳлили воҳидҳои системаи забон, ки тавассути онҳо самантикаи дискурси компютерии забони англисӣ ифода меёбад:
- таҳлили усулҳои сохторӣ ва мураттаб сохтани мухобироти компютерии англисӣ.

Мухобироти забонӣ аз силсилаи ифодаҳо иборат аст ва онҳо маълумотеро дар бар гирифтанд, ки асоси онро ҳамкории ашёҳои моддию маънавӣ ва ҳодисаву ҳолатҳо ташкил медиҳад.

Амали мухобиротӣ ҳамеша ҳам пурра донистани забон аз тарафи адресат ва ҳам мавҷудияти донишҳои замонавии заруриро, ки дар асоси онҳо ин ё он маълумот таъмин мегардад, ифода мекунад. Дар раванди эҷоди дискурс ҳатман сатҳи дониши онҳое, ки дискурси мазкур ба онҳо нигаронида шудааст, ба назар гирифта мешавад. Аксаран маҳз донишҳо ва ихтисоси адресат хусусияти баён ва сохтори дискурсро муайян мекунад. Дар раванди мухобира тавассути дискурс мубодилаи иттилоот байни ашхоси бо ҳам дар иртибот қарордошта, ки дорои сатҳи муайяни донишҳои зарурӣ барои дарк ва аз худ кардани маводи дахлдор мебошад, сурат мегирад. Дар ин маврид сатҳи адресатҳо бояд якхела бошад ва дарки нутқи ҳамдигар (пурра ва қисми дарки муҳтавои суҳбат) дар чаҳорчӯби баробари захираи луғавии мусоҳибон баррасӣ мешавад. Захираҳои луғавии ҳамсуҳбатон як бахши салоҳияти фарҳангию илмии ҳамсуҳбатон дар сурати баробар будани салоҳияти забондонии онҳо ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, воҳиди забоние, ки ин ё он маълумотро ташкил медиҳанд, дорои мундариҷа мебошанд, зеро маҳз тавассути мундариҷа мухобира сурат мегирад ва хусусияти маъноии воҳидҳои забонӣ бояд на аз рӯи параметрҳои сохторӣ, балки аз рӯи хусусиятҳои порчаи реалии воқеият, ки асоси маънои воҳиди дахлдори забонро ташкил медиҳанд, муайян карда шавад [8, с. 332].

Одатан, ҷумла воҳиди асосии ташаккули матн ба шумор меравад. Маҳз бо ёрии ҷумла маълумоти нав дар матн дар раванди вусъат бахшидан ба он ифода карда мешавад. Дар таркиби матн ҳама гуна ҷумла дорои қобилияти алоқаманд шудан бо ҷумлаҳои дигар мебошад. Дар барқарор намудани робитаи байни ҷумлаҳо воситаҳои луғавӣ, луғавию морфологӣ ва грамматикӣ иштирок мекунанд. Тартиби маъноҳои замонию намудӣ, модалӣ ва масоҳат дар ҷумла, ҳамчунин дар ҷумла муносибати фоилу мафъул муносибати алоқамандкуниро иҷро мекунад.

Хусусияти хоси дискурси компютерии англисиро бояд мавҷудияти системаҳои аломатҳои мухталиф дар он эътироф кард, ки на танҳо аз воҳидҳои забонӣ, балки рақамҳои математикӣ графикҳо ва ҷадвалҳо иборатанд. Дар раванди эҷоди дискурс адресат бо истифодаи пайдарҳами формулаҳо, воҳидҳои забонӣ ва (графикаҳо) маълумотро сабт мекунад. Бахши муҳими дискурси компютерӣ мувофиқ гардонидани он ба адресат мебошад, зеро ин амал ба сохтори дискурс таъсиргузор аст. Барои тавзеҳи он муодили (аналоги) онро аз назар мегузаронем. Раванди гирифтани маълумоти нав аз ҷониби адресат аз таҷзия ва дарки ин маълумот иборат аст. Азбаски худи адресат муайян мекунад, ки чиро бояд хонад, аз ин рӯ, вай дар дискурси компютерӣ он почаҳоеро ҷустуҷӯ мекунад, ки маълумоти бештар доранд ва онҳоро таҳлил кардан мумкин аст [7, с. 239].

Албатта, ҳар як нақшаи ҷустуҷӯӣ инфиродӣ аст, зеро дараҷаи омодагии махсус ва дараҷаи умумии донишҳои адресат муайян карда мешавад. Аммо таркиби дақиқи дискурси компютерӣ имкон медиҳад, ки баъзе бандҳои асосӣ дар нақшаи дар боло зикршуда ҷудо карда шаванд.

Маълумот дар дискурси компютерӣ, асосан аз ҷиҳати умумии компютерӣ ва аз ҷиҳати аҳамият барои ихтисоси маҳдуд гурӯҳбандӣ мешавад.

Аз ин рӯ, дар дискурси компютерӣ ҳамеша метавон, порчаҳои дохилӣ (тахассусе, ки танҳо барои мутахассисон фаҳмо мебошанд) ва беруниро (маъмул

ва барои нафарони ғайримутахассис ҳам дастрасанд) фарқ кард. Тариқи анъанавии матн мавҷудияти сарсухан, қисми асосӣ ва хулосаро талаб мекунад.

Сарсухани дискурси компютерӣ сохтори якхела надорад ва аз нигоҳи корбурдӣ онро метавон аз се қисми зерин фарқ кард:

1. Иттилоотӣ умумӣ, 2. Проблемагузорӣ барои арзёбии масъала, 3. Маълумот барои натиҷагирӣ [2, с. 29]. Дар маҷмӯъ, маълумоти қисми сарсухан маҷмӯи маъноҳоеро фаро мегирад, ки минбаъд он зери мафҳуми "маҷмӯи маъноӣ" ифода мегардад. Дар матнҳои компютерӣ маъно дар ҳар як бахши сарсухан мушоҳида мешаванд.

Хусусияти хоси қисми маълумоти умумии сарсухан ин гуногунии унсурҳои диахронӣ, истинодҳо, истилоҳоти муқаррарӣ мебошад. Маҷмӯи маъноҳое, ки дар ин қисми сарсухан ҷамъ мешавад, таҳкурсии муайяни иттилоотии дорои хусусияти тасдиқиро ба вуҷуд меорад.

Қисми иттилоотии матн порчаҳои зерини матнро фаро мегирад:

Дар он оҳанги пурсиш, қисман муҳокимаронӣҳои адресат бештар ба кор бурда мешаванд. Дар қисми проблемагузорию арзёбӣ далелҳои дорои хусусияти назариявӣ ва тачрибавӣ ҷамъ мешаванд. Онҳо монеаи мафҳумиеро ба вуҷуд меоранд, ки донишҳоро аз ҳам ҷудо мекунанд. Дар ин бахши иттилоот таркибҳое ба мисли no evidence, however, several attempts, although ва ғайра, ки тобиши маъноии хилоф, шубҳа доранд ворид карда мешаванд.

Хотимаи матни сарсухан дар бахшҳои хулосабарорӣ ва ё натиҷагирӣ ҷой дода мешаванд. Дар ин ҷо адресат бо истифода аз калимаҳои нисбатан умумиистеъмол дар бораи хусусияти кори анҷомёфта ва натиҷаҳои нисбатан аҳамиятноки он маълумот медиҳад. Аз нигоҳи равоншиносӣ ин қисм муҳим арзёбӣ мешавад, зеро баъд аз анҷоми таҳлил адресат корро дар маҷмӯъ пешакӣ арзёбӣ мекунад. Ҳамзамон, адресат маълумотҳоро таҳлил карда, камёфт будани онҳо ва аз сабаби нокифоя будани маълумоти пешниҳодшуда нигоҳдорӣ ва ё ихтисоршавии онро эҳсос карда, барои дарёфти маълумоти бештар ҳавасманд мебошад. Бинобар ин, қисми сарсухан нақши "дом"-и психологиро мебозад.

Ҳамин тавр, сарсухани дискурси компютерӣ таркиби мустақим аст, ки дорои мундариҷаи комил ва блоки иттилоотии дорои хусусиятҳои камтари тасвирӣ мебошад. Аз ин рӯ, сохтори аломатии он нисбатан яксон буда, табиати устувори мухобиротиву забонӣ дорад. Сабаби ворид намудани ифодаҳои рамзӣ, дар навбати аввал, аз вазифаҳои сарфа намудани ҳаҷми эътирофшудаи системаи аломатҳо бармеояд. Таносуби миқдори аломатҳои ғайризабонӣ ва миқдори аломатҳои забонӣ дар сарсухан ночиз аст.

Дар қисми асосии дискурси компютерӣ ҳолати баръаксро мушоҳида кардан мумкин аст. Одатан, он якчанд қисмро дар бар мегирад, ки маводи назариявию тачрибавиро ифода мекунанд, натиҷаҳои бадастомада баррасӣ мешаванд, муқоиса ба далелҳо ва принсипҳои маъмул сурат мегирад. Дар муқоиса бо қисми иттилооти умумии сарсухан қисми асосии дискурси компютерӣ хусусияти исботкунӣ дорад ва метавонад ҳамчун алгоритми исботкунӣ маънидод карда шавад.

Далолаткунӣ, исботкунӣ, асосан, ҳамкории ин системаҳо аз рӯи прагматикаи дискурс муайян карда мешавад ва яке аз унсурҳои муҳими амали мухобира ба шумор меравад. Ба сифати мисол порчаи зерини дискурси компютерӣ, ки системаҳои аломатҳои формуладориро дорад, оварда мешавад:

Хусусияти хоси тасвири дискурси компютерӣ ин мавҷудияти миқдори зиёди синтагмаҳои дуҷонаи навъи C program, function main, bracas C funetions. Мавҷудияти онҳо аз нуқтаи назари рамзкушоӣ муҳим аст, зеро чунин таркибҳо

имкон медиҳанд, ки маънои нав дар аломатҳои умумии виртуалӣ ифода гардад. Ифодашавандаи виртуалӣ program ба ифодакунандаи С мушаххас карда шуда, дорои ягонагию умумияти том мебошад. Ҳамин тавр, ақидаи зерин исбот мешавад: “Дар забон воситаҳои дигари амалисозии нисбӣ ва мутлақи калимаҳои виртуалӣ ба таври ҷудогона аз алоқамандии маънои забон дар маводи хаттӣ вуҷуд дорад” [8, с. 241].

Тасвири унсурҳои диаграмма ба истифодаи синтагмаҳо имкон медиҳад, ки на танҳо унсури мантиқӣ ташаккул ёбад, балки он бо мундариҷаи мушаххаси компютерӣ низ мукаммал гардонида шавад. Ба сифати мисол системаҳои аломатҳои графикӣ дар ҳудуди дискурси компютерӣ оварда мешавад:

Рамзкушоии баръакси он ва навиштани маълумот дар шакли калимаҳои зиёд имкон медиҳад, ки навъи муайяни маълумотҳои компютерӣ шинохта шаванд, ки қаблан навиштани онҳо бо ёрии лексикаи компютерӣ кушодани ҳаҷми калони матнро талаб мекард. Ба ғайр аз ин, тасвири диаграммавӣ имкон медиҳад, ки маълумот дар шакли фишурда нигоҳдорӣ шавад ва ин усули муайян кардани навъҳои мухталифи маълумот ба шумор меравад.

Маълумоти аввалия бо роҳи иҷрои амалиёти мантиқӣ бо унсурҳои зимнӣ (имплитситӣ), маълумоти дуюмдараҷа пур карда мешавад. Дар натиҷа дар мундариҷаи матн таркиби навъҳои мухталифи маълумоти забонӣ ва ғайризабонӣ ба вуҷуд омада, маълумот дар чаҳорчӯби блоки дохилӣ ташаккул меёбад. Порчаи системаҳои аломатҳои забониро аз назар мегузаронем, ки ба андешаи мо, мисоли барҷаста шуда метавонад.

Туфайли ду системаи аломатҳо аз сатҳи шаклӣ ба мантиқӣ, як ҷумла ҳаҷми калони иттилоотиро фаро мегирад. Чунин ивазкунӣ гузариши аз кул ба ҷузъ ва ҷузъиётро маълум мекунад. Муттасилии мухобирот ва алоқамандӣ дар ин матни хурд бо истифодаи миқдори ками воҳидҳои луғавӣ ва ҳадди аксари зичии сегментҳои матн ба даст меояд.

Аз ин нуқтаи назар тавъамшавии мувофиқи системаҳои мухталифи аломатҳо дар чаҳорчӯби дискурси компютерӣ на танҳо мувофиқи матлаб, балки зарур мебошад, зеро танҳо дар чунин сурат эътимоднокии таркибии аломатҳо, мустақилият ва фишурдагии он таъмин карда мешавад.

Маълумоти мушаххас одатан дар охири дискурс меояд. Таҷаммӯъҳои ниҳоӣ, ки аз ҷиҳати пайдоиш нисбат ба маълумоти мушаххас дуюмдараҷа маҳсуб мешаванд, дар блоки маълумотҳои аввалия оварда мешаванд. Ҳамзамон, онҳо дар ҳалли масъалаҳои муайяни когнитивию коммуникативӣ омили ибтидоӣ ба шумор мераванд ва мавҷудияти ин таҷмӯъаҳо аз нуқтаи назари лексика, синтаксис, услуб ва парагматикаи дискурси компютерӣ муҳим арзёбӣ мешаванд.

Дар таркиби дискурси компютерӣ хулоса ҳамчун унсури блоки берунӣ нақши муҳим мебозад. Хулоса маълумотеро, ки дар қисми маълумоти интихобшудаи сарсухан оварда шудааст, дақиқ ва мушаххас менамояд. Хулоса унсури блоки иттилоотии берунӣ ба шумор меравад. Вазифаи иловагии муҳими хулоса аз пешгӯӣ кардани таҳқиқоти минбаъда ва имкониятҳо иборат аст, ки барои адресат муҳим мебошанд. Хусусияти хоси хулоса ин пурра аз формула орӣ будани он аст, зеро ба формуладорӣ дар ҷое муҳим аст, ки муҳаққиқ бояд қонуниятҳои миқдорӣ ё қонуниятҳое ки баҳисобгирии дақиқи мантиқиро тақозо мекунад, ба вуҷуд меоянд [1, с. 45]. Дар бахши натиҷагирӣ адресат ба сатҳи тафсири сифатӣ мегузарад, ки эҳтимоли ба вуҷуд омадани унсурҳои забонҳои формулавӣ босуръат коҳиш меёбанд.

*Хулосаҳо ва дурнамои таҳқиқоти минбаъда*. Мавҷудияти аломатҳо ва рамзҳои дорои табиати мухталиф дар дискурси компютерӣ аз бисёрвазифагии

(многофункциональность) он гувоҳӣ медиҳад, ки унсурҳои асосии онро бояд ҳамчун прагматика (муносибати байни системаи аломатҳо ва онҳое, ки ин системаҳоро истифода мебаранд) ва мувофиқати пурраи иртиботи референтӣ (иртиботи аломат бо объектҳои хориҷ аз воқеияти забонӣ дар раванди мухобира) эътироф кард. Ифоданокии равшани блоки иттилоотӣ дар дискурси компютерӣ бо ҷалби фаъолонаи ҳам воситаҳои забонӣ ва ҳам воситаҳои ғайризабонӣ ба даст меояд. Дар ин маврид омилҳои сохторию таркибӣ, инчунин усулҳои анъанавии мураттаб сохтани асари илмӣ низ нақши муҳим мебозанд.

Дар дискурси компютерӣ ҳамеша воситаҳое иштирок мекунанд, ки сатҳи баланди маълумоти маърифатиро таъин менамоянд. Барои дискурси компютерӣ образҳои эҳсосотӣ, истифодаи аз ҳад зиёди синонимҳо ва истилоҳот, ки ба матн алоқамандӣ надоранд, хос нест.

**Адабиёт**


1. Березин, Ф. М., Гловин Б.Н. Общее языкознание. - М.: Просвещение, 1979 – 45с.
2. Бех, П. А., Тарасова Т. А. Некоторые особенности структурно - семантической органнизации научного текста // Научный и общественно-политический текст: лингвистические и линводидактические аспекты изучения // Сборник научной конф. по иностр. языкам. / Отв. ред. А. М. Соколова. – М.: Наука, 1999. - 29 с.
3. Галичкина, Е. Н. Специфка компьютерного дискурса на английском и русском языках (на материале жанра компьютерных конференций): Автореф. дис. канд филол. наук. - Астрахань, 2001. - 22 с.
4. Кондрашов, П.Е. Компьютерный дискурс: социолингвистический аспект: Автореф. дис... канд. филол. наук. − / П.Е. Кондрашов. – Краснодар, 2004. − 19с.
5. Мухторов, З.М. Социальный компьютинг в исследовании вопросов интернет-толерантности / З. Мухторов // Исследование толерантности в молодежной среде Таджикистана (лингвистические аспекты): коллективная монография. - М., 2016. – 94 с.
6. Мухторов, З.М. Дискурсивный анализ и социальный компьютинг / З. Мухторов // Вестник Худж. гос. ун.-та имени академик Б. Гафурова. №3(44). - Худжанд, 2015. – 190 с.
7. Наер, В. Л. Прагматика научных текстов: / В. Л. Наер (вербальный и невербальный аспекты) // Функциональные стили: Лингвометодические аспекты. - М.: Наука, 1985. – 239 с.
8. Степанов, Ю. С. В поисках прагматики: (Проблема субъекта). – М.: Изд. Ан СССР Сер. лит. и яз., 1981. – Т. 40. – №4. – С. 325 – 332.
9. Уфимцева, А. А. Лексическое значение: / А. А. Уфимцева (принцип семиологического описания лексики). – М.: Наука, 1986. – 241 с.


## ТАРКИБИ СОХТОРӢ ВА ВИЖАГИҲОИ КОРБУРДИ УНСУРҲОИ ЗАБОНИИ ДИСКУРСИ КОМПЮТЕРӢ

Дар мақола сухан дар бораи вижагиҳои дискурси компютерӣ, инчунин унсурҳои таркбии ин намуди таркиби забонӣ меравад. Қайд гардидааст, ки дискурс ҳамчун воҳиди нутқ дар давраи ҳозира дар чаҳорчуби забоншиносии муосир мавриди таҳлил ва таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Дар замони муосир омӯзиши дискурс яке аз ҷанбаҳои нави ин падидаро фаро гирифтааст, аз ин рӯ, рушди ботадриҷи омӯзиши дискурси компютерӣ мушоҳида мешавад.

Масъалаи дигар ва бағоят муҳим, ин таносуби дискурс ба маъно ба шумор рафта, баррасии он боиси пайдо шудани хусусиятҳои нави маъноии калимаҳо

дар фазои дискурси компютерӣ - яке аз масъалаҳои ҷолиби замони муосир мегардад.

Тавре ки аз таҳқиқот дар соҳаи дискурси компютерӣ бармеояд, дар муқоисаи калимаҳо бештар шакли ихтисор ба кор бурда мешаванд. Дар ин маврид муаллифони дискурси компютерӣ ба сифати мисол шаклҳои ихтисори калимаҳоро ба таври мутлақ дар шаклҳо ва таркибҳои гуногун истифода мебаранд, ки баъзан, маънои чунин калимаҳо вобаста ба истифодаи онҳо дар матн, инчунин бо назардошти муносибати маъноии онҳо бо калимаҳои дигар дар таркиби ҷумла ва ибора муайян карда мешавад.

Ҳамин тавр, ба ақидаи бисёр муҳаққиқон, дискурси компютерӣ дар забоншиносии муосир муҳим арзёбӣ мешавад ва дар баробари ин истифодаи методҳои махсуси таҳқиқ заминаи методологии ба худ хосро тақозо мекунад.

***Калидвожаҳо:*** *забон, таркиби забонӣ, муошират, мухобирот, вижагиҳои дискурс, дискурси компютерӣ, технологияи иттилоотӣ, таносуби маъноӣ.*

## СТРУКТУРНЫЙ СОСТАВ И ОСОБЕННОСТИ ПРИМЕНЕНИЯ ЯЗЫКОВЫХ ЭЛЕМЕНТОВ КОМПЬЮТЕРНОГО ДИСКУРСА

В статье речь идет об особенностях компьютерного дискурса, а также составных элементов данной разновидности языковых конструкций. Отмечается, что в рамках современной лингвистики дискурс будучи речевой единицей в настоящее время подвергается всестороннему анализу и исследованию. Изучение дискурса в настоящее время приобретает новые аспекты интерпретации и поступательное развитие в этом плане, рассматривается в компьютерном дискурсе.

Другим немаловажным вопросом является проблема соотношения дискурса и семантики, где можно рассмотреть приобретение новых семантических особенностей слова в пространстве компьютерного дискурса. Следует особо отметить, что любые языковые единицы при анализе их дискурсивных особенностей рассматриваются в процессе погружения в речи.

Как показывают исследования в структуре компьютерного дискурса сравнительно чаще употребляются слова в сокращенной форме, при этом авторы компьютерного дискурса приводят сокращенные формы слов абсолютно в различных видах и конструкциях, что иногда можно раскрыть значение данных слов в зависимости от их применения в контексте, а также с учетом их семантического соотношения с другими словами в составе предложений и словосочетаний.

Таким образом, по мнению многих исследователей, компьютерный дискурс в современной лингвистике приобретает особую актуальность и наряду с этим требует применения специфических методов исследования, а также своеобразной методологической базы.

***Ключевые слова:*** *язык, языковая конструкция, общение, коммуникация, особенности дискурса, компьютерный дискурс, информационные технологии, семантическое соотношение*

## THE STRUCTURAL COMPOSITION AND FEATURES OF USAGE LINGUAL ELEMENTS OF THE COMPUTER DISCOURSE

The article considers the peculiarities of computer discourse, as well as the constituent elements of these varieties of language constructions. It is noted that discourse being a speech unit is now subjected to comprehensive analysis and research in the framework of modern linguistics. The study of discourse is currently gaining the

new aspect of interpretation and progressive development in this regard is considered in computer discourse.

Another quite important problem is the relationship between discourse and semantics, where it is actual to consider the acquisition of new semantic features of the word in the space of computer discourse. It worth to mention, that any linguistic unit in the analysis of their discursive features are considered in the process of immersion in speech.

As it is shown in researches, the structure of computer discourse relatively more often used words in abbreviated form and the authors of computer discourse give abbreviated forms of words in absolutely different types and designs, which sometimes can reveal the meaning of these words, depending on their application in the context, as well as taking into account their semantic relationship with other words in composition of sentences and phrases.

Thus, according to many researchers, computer discourse in modern linguistics becomes particularly relevant and at the same time requires the use of specific research methods, as well as a peculiar of methodological framework.

***Keywords:*** *language, intercourse, communication, particularity discourse, computer discourse, information technology.*

***Сведения об авторе:*** *Шамсов Бахтовар - соискатель кафедры таджикского языка и информационного обеспечения управления Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992)988979197, E-mail: Salmon_199@mail.ru.*

***Information about the author*: ***Shamsov Bakhtovar – applicant of the Department of Tajik language and information support of management of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992)988979197, E-mail: Salmon_199@mail.ru.*

**УДК 801.3**

# ҶОЙГОҲИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲО ДАР ҲИКОЯҲОИ АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ

***Сатторова Д.Қ.***
**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Зарбулмасалу мақолҳо дурдонаҳои гаронбаҳое мебошанд, ки ҳамчун беҳтарин намунаҳои эҷодиёти халқ диққати махсусро талаб мекунанд. Онҳо инъикосгари фалсафаи ҳаёти аҷдодони гузаштаи мо ба шумор рафта, дар давоми садсолаҳо сайқал ёфтаанд. Уламо ва удабои гузаштаи форсу тоҷик дар эҷодиёташон зарбулмасалу мақолҳоро ба таври васеъ ва бамаврид истифода бурдаанд.

Дар адабиёти бадеӣ зарбулмасалу мақолҳо бештар дар нутқи персонажҳо истифода мешавад. Абдусалом Деҳотӣ зарбулмасалу мақолҳоро дар асарҳои худ хеле фаровон ба кор бурдааст. Яке аз хусусиятҳои барҷастаи забони осори нависанда аз он иборат аст, ки дар мавриди истифодаи зарбулмасалу мақолҳо хеле эҳтиёткор буда, ҳар кадоми онҳоро дар ҷои худ ва бо мақсади муайян кор фармуда тавонистааст.

Бояд қайд кард, ки барои забоншиносон таърихи зарбулмасалу мақолҳоро муайян кардан хеле душвор аст. Дар бештари ҳолатҳо макони пайдоиши ин ё он зарбулмасалу мақол ва роҳи таърихии тайнамудаи онҳоро дар забони мардуми ҷаҳон барқарор карда наметавонанд. Ин махсусан дар зарбулмасалу мақолҳои монанд, ки дар забонҳои гуногун ва дар тафаккури инсоният вуҷуд доранд, мушоҳида карда мешавад.

Зарбулмасал ва мақол яке аз хелҳои оммавии адабиёти лафзии халқ ва муҳимтарин захираи услубии забони миллӣ ба шумор меравад. Зарбулмасал ва мақол моҳияти ҳодисаҳои басо мураккабро барҷаста нишон дода, аз ҷиҳати сохт кӯтоҳ ва мухтасар мебошанд. Дар зарбулмасалу мақолҳо ҷаҳонбинию заковати оммаи васеи аҳли меҳнат, муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҷрибаҳои зиндагӣ ва ақидаи инсоният басо сода, пурмазмуну бадеӣ ифода ёфтааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки асоси боигарии забони адабӣ ва назми адабиёти шӯравиро забони зиндаи умумихалқӣ ва эҷодиёти шифоҳии халқ ташкил медиҳад. Зарбулмасал ва мақолҳо ба нависанда маводе медиҳад, ки он аз ҷиҳати шакли бадеӣ ва мундариҷаи идеявӣ яке аз аломатҳои барҷастаи хусни баркамоли асари бадеӣ ҳисоб меёбад. Зарбулмасал ва мақолҳо яке аз воситаҳои ниҳоят пурқуввати тасвирӣ мебошанд ва ба забони нависанда дохил шуда, асари онро ҳам аз ҷиҳати шакли бадеӣ ва ҳам аз ҷиҳати мундариҷа ба дараҷаи ҳақиқатан халқӣ боло мебардоранд.

Зарбулмасал ва мақолҳо дар шароитҳои гуногуни зиндагӣ пайдо шуда, тамоми таҷрибаи ҳаётӣ, иҷтимоӣ - таърихиро ба таври барҷаста ва намунавӣ, образнок ва пурмазмуну умумӣ ифода менамоянд. Онҳо ба асари бадеӣ характери халқӣ, кӯтоҳбаёнӣ, ҷоннокӣ, пуробурангии ба худ хоси бадеӣ мебахшанд. «Касе, ки аввалин маротиба дар давраи адабиёти советии мо дар асарҳои худ зарбулмасалҳои халқро кор фармудааст, устоди насри тоҷик - Садриддин Айнӣ мебошад» (12, с. 34).

Зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ба монанди адабиёти бадеӣ ду хел мешавад: зарбулмасалу мақолҳои шифоҳӣ ва китобатӣ. Зарбулмасалу мақолҳои шифоҳӣ онҳое мебошанд, ки дар тамоми қаламрави Тоҷикистон ва берун аз он бо лаҳҷаи ҳамон маҳал гуфта мешавад. Зарбулмасалу мақолҳои китобатӣ бошад,

онҳое мебошанд, ки дар асарҳои бадеӣ, илмӣ, сиёсӣ ва матбуоти ҷорӣ истеъмол мешаванд. Манбаи асосии пайдоиши зарбулмасалу мақолҳои китобатӣ ин зарбулмасалу мақолҳои шифоҳӣ мебошад, яъне ин ду навъ зарбулмасалу мақолҳо ба ҳам наздикӣ доранд. «Дар даврањои аввали ташаккули забони адабии тоҷик унсурҳои забони гуфтугӯйӣ ба забони адабӣ ва адабиёт дохил гардида, сабаби инкишофи ва қувват гирифтани ҷанбаи демократии он гардиданд. Дар ҳамин ҷараён зарбулмасалу мақолҳо низ ба таври фаровон ба асарҳои бадеӣ дохил шудаанд. Яке аз ташаббускорони ин иқдоми нек Абӯабдуллои Рӯдакӣ буд. Хидмати ниҳоят шоистаи ӯ дар ин аст, ки ӯ асарҳои худро бо забони содда навишта, бо ҳамин роҳ дар инкишофи минбаъдаи забони адабӣ ҳиссаи муҳим гузошт» (19, с. 3).

Абӯабдуллои Рӯдакӣ аввалин шахсе буд, ки беҳтарин унсурҳои забони халқӣ, аз ҷумла зарбулмасалу мақолҳоро дар асарҳои худ ҳамчун муҳимтарин воситаи тасвири бадеӣ қарор дод.

Зарбумасал ва мақолҳо монанди ибораҳои фразеологӣ ба сухани нависанда ва персонажҳои ӯ дохил гардида, хислатҳои характерноки одамон, ҳаёт ва муҳити иҷтимоии давру замонро инъикос менамоянд. Дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ чизи асосие, ки бештар мавриди назар шуд, он буд, ки нависанда дар истифодаи ибораҳои фразеологӣ хеле фаъол аст.

Дар асрҳои 1Х-Х унсурҳои забони гуфтугӯйӣ ба забони тоҷикӣ ворид гардиданд. Ҷолиб аст, ки устодони сухан, шоирону нависандагон дар баробари зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ бо мурури замон дар ин замина офаридаҳои зиёде эҷод кардаанд. Ин навъ зарбулмасалу мақолҳо дар қолаби шоҳбайтҳо ё пораҳои шеърии ҳикматомез оварда шудаанд. Адибони муосир онҳоро дар мавридҳои зарурӣ ба асарҳои худ дохил карда, сухани худро мукаммал ва мустаҳкам намудаанд.

Абдусалом Деҳотӣ низ дар истифодаи шоҳбайтҳои ҳикматомези бузургони гузашта низ маҳорати хуб нишон додааст. Нависанда дар ҳама ҳикояҳои худ зидди бесаводӣ баромада, ҳамеша ин масъаларо дар мадди аввал мегузошт. Вай зоҳидон, шайхҳои фиребгар ва эшонҳои риёкору дурӯғгӯйро бад медид, ба фолбинону муфтхӯрони беору номус назари бад дошт. Аз ин рӯ, аз забони персонажи худ, ки як деҳқони оддии бесавод буд, ба онҳо лаънат мехонад ва байти Саъдии Шерозиро дар ин ҷо хеле моҳирона истифода мебарад:

«Собир, бо вуҷуди он ки як деҳқони оддии бесавод буда, аз фалсафаи даҳригӣ хабар надорад, зоҳидон, шайхҳо ва эшонҳои риёкору муфтхӯр, қаландарони беору номус, фолбину дуохонҳои дурӯғгӯю фиребгарро табиатан бад медид.

«Як бозори тез бошад, ки кас ҳамаи ин молҳои дупоро рама карда бурда фурӯшаду моли чорпо харад!_ мегуфт вай мувофиқи мазмуни ин байти Саъдӣ:

***Говону харони борбардор***
***Беҳ з - одамиёни мардумозор***» (2,26).

Қайд кардан лозим аст, ки таърихи пайдоиши зарбулмасал ва мақолҳои халқиро муқаррар кардан мушкил аст. «Пайдоиши назми халқи тоҷик, - менависад И. С. Брагинский, - сарчашмаи худро аз қадимтарин эътиқодот ва урфу одатҳои гузаштагони халқи тоҷик, аз даврањои сохти ибтидоӣ – обшинагии Осиёи Миёна мегирад» (1, с. 145). Инро ба назар гирифта, гуфтан

лозим аст, ки зарбулмасал ва мақол яке аз қадимтарин намудҳои эҷодиёти бадеии халқ аст.

Мақол ва зарбулмасал дар сухани тасвирии нависандагон бештарин ва ба сифати тавсиф ва баҳодиҳии муаллиф ба ҳодиса, одамон ва чизҳо воқеъ гаштаанд. Масалан, устод Абдусалом Деҳотӣ зарбулмасали *«аз биниаш гирӣ ҷонаш мебарояд» (2, с.74), «ба як йигит чил ҳунар кам» (75), «Ангура хӯр, боғаша напурс» (2, с. 75), «як дари баста, сад дари кушода» (77), «аз анбори холӣ даҳ ман шолӣ» (2, с. 88)*- ро дар мавридҳои зерин кор фармудааст:

*« …ҷисми ниҳоят лолғару ноҳиф, чунон ки мегӯянд, аз биниаш гирӣ ҷонаш мебарояд …-ин аст тасвири мухтасари баъзе сифатҳои ҳамавақтаи ӯ» (2.74).*

*«- Коратон-чӣ? «Ангура хӯр, боғаша напурс» гуфтаанд,-ҷавоб дод бо табассум» (2, с.75).*

*-Ҳайрон нашавед, «ба як йигит чил ҳунар кам» мегӯянд (2, с. 75).*

*«Аз анбори холӣ, даҳ ман шолӣ»* ин мақол доир ба ваъдаҳои ҳавоӣ дар бораи иҷрои ягон вазифа мебошад

Дар байни мардуми тоҷик зарбулмасали *«аз биниаш гирӣ, ҷонаш мебарояд» дар шакли «аз биниаш қапӣ, ҷонаш мебарояд»* низ истеъмол аст. Ин мақол дар ҳаққи инсонҳое гуфта мешавад, ки бо ҷисми ниҳоят лоғару нотавони худ кореро ба анҷом мерасонанд, ки аз ӯҳдаи он шахсони солим на ҳама вақт мебароянд. Бинобар ин, Абдусалом Деҳотӣ низ ин мақолро дар ҳаққи персонажи марказии ҳикояи худ Шитоб Туробӣ овардааст, ки ӯ бо ҷисми ниҳоят харобу лоғари худ бисёр серҳаракат буд.

Мақоли «Ангурро хӯр, боғашро напурс» дар «Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афаризмҳои тоҷикию форсӣ» чунин шарҳ ёфтааст: Чун аз чизе қонеъ гаштӣ, мақсадат ба даст омад, дар бораи сабабу манбаи он мапурс. Масалан, Деҳотӣ дар ҷои дигар ин мақолро чунин истифода бурдааст:

*- Аз рӯякаш гардам, ин аз кадом дарак омаду худаш чӣ қадар?*

*- «Ангура хӯр, боғаша напурс» гуфтаанд, аз кадом дарак буданашро напурс,-гуфт шавҳараш Эргашбой ва «як, ду, се» гӯён қоғазҳоро якта –якта, ба занаш писанд кунонда, то шаст шумурд» (2, с. 56).*

Зарбулмасали «Ба як мард чил ҳунар кам» дар забони гуфтугӯйӣ дар варианти «ба як йигит (ҷавон) чил ҳунар кам» меояд, дар фарҳанги М. Фозилов ин зарбулмасал чунин шарҳ дода шудааст: мард ҳарчи бештар ҳунар омӯзад, хуб аст, ҳар як ҳунар вақте ҳатман ба кор меояд.

Зарбулмасали «аз анбори холӣ, сад ман шолӣ» дар мавриде кор фармуда мешавад, ки агар ваъдаи касе хушку холӣ ва беасос бошад. (18, с. 55).

Зарбулмасалу мақолҳо ифодаҳое ҳастанд, ки дар шароитҳои гуногуни ҳаёт пайдо шудаанд ва дар онҳо тамоми таҷрибаҳои ҳаётӣ «ба таври намунавӣ, ба таври формулаҳои мухтасару образнок ва сермазмуни умумӣ кардашуда таҷассум меёбанд» (11, с. 206).

Зарбулмасалу мақол агар аз як тараф ба асари бадеӣ характери халқӣ, кӯтоҳбаёнӣ ва пуробурангии ба худ хоси бадеӣ бахшад, аз тарафи дигар воситаи гӯёю буррои тавсифӣ ва иҷрокунандаи муҳокимаҳои тезу тунди масъалаҳои иҷтимоӣ шуморида мешавад.

Нависанда ҳангоми дохил кардани зарбулмасалу мақолҳо ба забони персонажи асар вазъияти гӯяндаро равшан карда, эзоҳ медиҳад.

Дар баъзе мавридҳо зарбулмасалу мақолҳо дар ҳикояҳои Деҳотӣ дар охир омада, мавзӯъ ва мақсади нависандаро ҷамъбаст менамоянд. Масалан,

*«- Ин нагз… хоби одам ҳам мувофиқи вазъият ва кору бори замонаш мешавад. Дар вақтҳои пеш, аксарияти халқи мо камбағалу бенаво буд, як зарбулмасал бисёр шунида мешуд: «Бачаи камбагал нон хоб мебинад» (2, с. 129).*

*- Имрӯз ҳам хӯҷаин, ман ба тӯйи Имонқул меравам, ки ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад» (2, с. 133).*

*- Ҷаҳлам омаду «рав, раве, гуфтам; кар ҳам заду кӯр ҳам зад, пасмонда кӯлух ҳам зад, акнун ту ҳам ба ман оқсақолӣ мекунӣ-мӣ?» гуфтам (2, с. 132).*

*Бобо Шукур баёноти дуру дарозро табиатан дӯст намедорад. «Гапи бисёр ба хар бор» - мегӯяд ӯ (2, с. 123).*

Дар ин ҷо гӯянда суханро дароз кардан намехоҳад ва бо ҳамин мақол хомӯширо ба миён меорад.

Зарбулмасал ва мақолҳоро нависандагон он тарз истифода мебаранд, ки онро мундариҷаи асар талаб менамояд. Онҳо фикру мулоҳизаҳои нависандагонро оид ба ҳодисаҳо, персонажҳо ва рафтору кирдори онҳо ифода менамоянд. Масалан, зарбулмасали «Болои сӯхта намакоб»-ро дар асар мебинем:

*«Марди миёнсоле, ки дар наздикии ҷои мо нишаста, ба писарчааш бодиринг пӯст карда медод, ба болои алами фиребхӯрии мо, гӯё аз рӯи зарбулмасали «болои сӯхта намакоб», киноя нозуке зам кард» (2, с. 111).*

*«Як дари баста сад, дари кушода»- Ин қадар дӯг назанед, «як дари баста, сад дари кушода» гуфтаанд» (2, с. 77).*

«Ихтиёр ба дасти бахтиёр» - *Хайр, писарам, «ихтиёр ба дасти бахтиёр» гуфтаанд, фарзанд аз они тую келинам, мувофиқи табъатон чӣ ки ном монетон-майлатон! - биби Ҳодиса асабӣ шудани писарашро дида, якбора ҳамин қадар гузашт кард…(2, с. 83).*

Баъзан матнҳои Абдусалом Деҳотиро сар то сар мақолу зарбулмасалҳо ташкил медиҳанд, яъне ба воситаи ду-се мақол фикри адиб ҷамъбаст мешавад:

*«Танҳо дар баъзе ҷойҳо ҷӯйборҳои хурде буданд, ки оби онҳо ба маънии пурраи мақоли тоҷикӣ, «қатрае аз дарё» буд. Уштурро бо кафлез об додан мумкин нест. Ободии дашт об талаб мекард,- оби фаровон! Зеро ки «обу ободонӣ» гуфтаанд» (2, с. 175).*

Бояд қайд кард, ки дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ зарбулмасалу мақолҳое, ки кор фармуда шудаанд, аз забони персонажҳо оварда шудааст, вале дар очеркҳои нависанда зарбулмасалу мақол дар забони худи муаллиф мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҳар як мақолу зарбулмасал дар ҷои худ истифода шуда, нутқи нависандаро боз ҳам равшану возеҳ гардондааст. Зарбулмаалу мақолҳо дар ҳолате ба кор бурда мешавад, ки фикре тасдиқ ё рад гардад ва ё ягон амали ношоистае маҳкум карда шавад.

Зарбулмасалу мақол воситаи асоснок кардани фикр буда, нависандаи нозукбин моҳирона ва эҳтиёткорона дар нутқи худ метавонад аз онҳо самаранок истифода барад.

Абдусалом Деҳотӣ нависандаи хеле нозукписанд ва зудфаҳм буд. Мавзӯи асосии эҷодиёти ӯ асосан аз ҳаёти воқеии ҳамзамонони худ гирифта шудааст. Ӯ ба воситаи зарбулмасалу мақол камбудиҳои одамони бесавод ва ҷоҳилро фош мекард. Нависанда бештар ба ҷавондухтарон ва ҷавоннисорони солҳои баъди инқилоб аҳамият медод. Дар симои онҳо ояндаи ҷамъият, ояндаи ободи Тоҷикистони азизро медид ва барои ҷомеаи ободу зиндагии осоиштаи инсоният мубориза мебурд.

Зарбулмасали *«Буз агар хирман кӯбад, ҳоҷати барзагов набуд»*-ро дар ҳолате кор фармудааст, ки дар ҷомеаи нав духтарон мехостанд баробари мардон дар саҳро кор кунанд ва аз меҳнати ҳалоли худ оромона зиндагӣ намоянд. Аммо падарони ҷоҳил зид мебаромаданд:

*«Ба ёдам меояд, ки духтари яке аз ҳамсоябоғҳои мо ба каландзанӣ ва киштукор ҳаваси калон дошт. Аммо падараш писхандкунон мегуфт:*

*- Аз чарху дук намон» Буз агар хирман кӯбад-ҳоҷати барзагов набуд» (2, с.176).*

Дар «Фарҳанги зарбулмасалу мақол» ин мақол чунин шарҳ ёфтааст:

1.Ҳар кас мувофиқи қобилияти худ кореро иҷро мекунад. 2. аз ӯҳдаи иҷрои ҳар коре ҳар кас намебарояд. 3. танҳо кордон аз ӯҳдаи иҷрои кори мушкил мебарояд (18, с.245).

Дар эҷодиёти нависанда зарбулмасалу мақолҳое вомехӯранд, ки дар истифода дар байни мардум муътадиланд, на кам ва на бисёр вомехӯранд. *«Олими беамал занбӯри беасал» (3, с.250), «Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан»-(3.178), «Аз як даст садо намебарояд»-(3, с. 272). «Он ҷо, ки аён аст, чӣ ҳоҷат ба баён»-(3, с. 329).*

*«Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан»- барои изҳори тайёр будан ба иҷрои коре ё аз ҷону дил қабул намудани касе гуфта мешавад:*

*«Соли 1936, вақте ки партия ва ҳукумат меҳнаткашони Тоҷикистонро барои обод кардани водии Вахш даъват карданд, мо кистакузиҳо ҳам- «Аз дӯст як ишорат аз мо ба сар давидан» гӯён ба ин ҷо омадем» (2, с.178).*

*«Мувофиқати илм ва амал, ё дурусттараш дар амал кор фармуда шудани илм-ин буд яке аз орзуҳои бисёрҳо олимон ва равшанфикрони дунё дар замонҳои гузашта. Илми бе амал онҳоро дилхун мекард. «Олими беамал-занбӯри бе асал»,- навишта буд Саъдӣ» (2, с. 250).*

*«Аз як даст садо барнаояд»- барои бомуваффақият ба анҷом расидани ҳар коре иттифоқу иттиҳод лозим аст; кас дар танҳоӣ ба иҷрои неки корҳо оҷиз аст:*

*«Ду-се соли пеш раиси нав интихобшуда Раҷабалӣ Давлатов ва ҷонишини вай Пахол Ҳалимов ба кори пурҷӯш сар карданд. Лекин чунон ки дар урфият мегӯянд, «Аз як даст садо барнамеояд». Раис ҳар қадар чашми кордон бошад ҳам, бе мадади омма кори намоёни карда наметавонист (2, с. 272).*

*«Он чӣ, ки аён аст, ҳоҷат ба баён нест»- Ин мақолро нависанда дар чунин шакл овардааст:*

*Мо ин газалро мухтасаран нақл кардем. «Он чӣ, ки аён аст, чӣ ҳоҷат ба баён» гуфтаанд (2, с. 329).*

Баъзе зарбулмасалу мақолҳое дар эҷодиёти нависанда ба назар расид, ки дараҷаи истеъмолашон хеле кам аст. Ба монанди*: «як пул таги даҳ ман хок» (2, с. 187). «Оҳу ҳам ба андешаи марг қадам мезад»(2, с. 325).*

*Рӯзгори Нормурод ба сахтию талхӣ мегузашт. Барои камбағал он ва ҳамаи онҳое, ки аз пушти меҳнати ҳалоли худ рӯз мегузаронданд.*

*«Як пул таги даҳ ман хок» буд. Хизматҳои вазнини дари хонаи боёнро адо карда, нафақаи аҳлу аёлро ҳосил намудан лозим буд, ки гарчанде камбағалон меҳнати зиёд мекарданд, вале музди кам бар ивазаш мегирифтанд. Меҳнати онҳо аз тарафи боён қадр карда намешуд (3, с. 34).*

*«Яке аз хешовандони сершуморашон дар Файзобод ном қишлоқ зиндагӣ мекард, вай ба дараҷае қашшоқ буд, ки ба қавли худаш, «ба девор занӣ, қаламаро*

*гирифта мехест». Аҳволи ҳамсояҳои аз аҳволи худаш бадтар буд, ки беҳтар не (3, с.* 45*).*

*«Дар байни саргаҳи об ва замини ташнаи он ҷо кӯҳ монеаи ноҷунбон буду одамизод аз илоҷи он оҷиз. Аммо одамони советӣ ба ин беадолатии табиат таслим нашудаанд. Онҳо ҳанӯз дар соли 1940 дар синаи кӯҳ рахнаҳо андохта, бо қувваи техника ҷигари онро пора- пора карданд. Дар натиҷаи ин аз нишебиҳои рост фуромадаи кӯҳ, аз он ҷойҳое, ки ба қавли шоир «оҳу ҳам бо андешаи марг қадам мезад», ҷӯйбори файзборе гузаронида шуд» (3, с.325).*

Абдусалом Деҳотӣ баъзе зарбулмасалу мақолҳоро такроран 2-3 маротиба истифода бурдааст. Масалан, дар саҳифаи 90, дар мақолаи «Дарёҳои неъматбахш» чунин меорад:

*«Деҳқони камбағал гоҳо бо миробон пора дода, гоҳо бо ҷанҷол, каллакафонию куртадаронӣ карда, каме об мегирифт. Агар аз ин тадбирҳо худдорӣ кунад, кишташ бе об монда, сухта мерафт. Ба зарбулмасали халқ гӯш кунед, ки ин мазмунро чи хуб ифодааст:*

*«Бедавлат агар кишт кунад, об наёбад. Бодавлатро киштаю нокишта баробар» (3, с.90).*

*«Давлатмандон ба амалдорон пора дода, қисми зиёди оби меомадагиро ба замину боги худ мегирифтанд. Насиби камбағалон бошад, ҷилдиробае буд, монанди ашки ҳасрат. Азизони гузашта бедарак нагуфтаанд, ки:*

*Бедавлат агар кишт кунад, об наёбад,*

*Бодавлатро-киштаю нокишта баробар» (3, с. 219).*

Ба мақоли «Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро» дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ вонахӯрдем, аммо дар очеркҳои устод се маротиба дар мавридҳои гуногун ба чашм расид:

*«Лекин дере нагузашта худи онҳо ҳам дар ин кор маҳорат пайдо карданд ва ҳатто (чуноне ки мегӯянд: «Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро») аз устодони худ ҳам пеш гузаштаанд» (3, с. 177).*

*«Одамони меҳнатдӯсти кӯҳсор дар ин ҷо касби нав- пахтакориро зуд аз худ кардаанд ва дар рӯёндани ҳосили баланд чунин омил шудаанд, ки аз устодони худ- пахтакорони кӯҳна ҳам гузаштаанд: турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро!» (3, с.269).*

*«Меҳнат ва ҷидду ҷаҳди собитқадамона масчоҳиёнро зуд аз шогирдӣ ба мартабаи устодӣ расонд. Зарбулмасали «турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро» гӯё дар шаъни онҳо гуфта шудааст» (3, с.292).*

Дар зери зарбулмасали «Дасти одамизод гул аст» чунин маъниҳоро фаҳмидан мумкин аст: Одамизод ҳама корро ба хубӣ иҷро менамояд ва ҳар неъмате, ки дар ҷаҳон ҳаст маҳсули меҳнати одамон аст.

«Ҳикояҳои Деҳотӣ на танҳо аз ҷиҳати шаклу мундариҷа ва идеяи худ, балки аз ҷиҳати услуб ва забон низ шоёни диққат мебошанд. Нависанда калимаҳои халқӣ - гуфтугӯйӣ, ибораю ифода ва мақолу зарбулмасалҳои халқиро дар мавридҳои мувофиқ моҳирона истифода бурдааст» (19, с. 56).

Хулоса, Абдусалом Деҳотӣ бо офаридани ҳикояҳо ва ғунҷонидани маъниҳои беканор мақсад ва ҳадафҳои худро дорад. Албатта, ба ҳама маълум аст, ки замони зиндагии Абдусалом Деҳотӣ чиро тақозо мекард ва ҳамаи он адибону нависандагоне, ки дар солҳои сиюм кору фаъолият намудаанд, ҳамфикр ва пайравӣ якдигар буданд. Масъалаи муҳимме, ки дар назди нависандагону адибон гузошта шуда буд, тақозо менамуд, ки ҳаёти пасазинқилобии халқи тоҷик, ободии ватани маҳбуб ва инкишофи маорифи халқ, обу ободонии

заминҳои навкорам, дил кандан аз ҳар гуна хурофот ва ақидаҳои кӯҳна (дар ҳикояҳои «Аждаҳои чӯпонато», «Каромоти охирин», «Аҷинаҳо», «Қиссаи номонӣ») ва дӯстии халқҳо барин мавзӯъҳо дар адабиёти бадеӣ инъикос карда шавад ва барои ҳалли ин масоили рӯз нависандаро зарур буд, ки маҳорати забонфаҳмию забондонии худро нишон диҳад.

Дар осори Абдусалом Деҳотӣ зарбулмасалу мақол зиёд ба назар расид, ки ин бесабаб нест. Нависанда, асосан, дар ҳикояҳои худ ҳаёти мардуми деҳотро тасвир кардааст ва қайд кардан лозим аст, ки макони панду ҳикмат ва кони мақолу зарбулмасал деҳот аст. Таҷрибаи мардони майдон ва пирони кор барои насли ҷавон дарси зиндагӣ ва пешрафти ҳаёт аст. Ҳамаи он мақолу зарбулмасалҳое, ки тавлид мешаванд, таҷрибаи солҳои сол андӯхтаи инсонро дар худ таҷассум менамоянд.

**Адабиёт**


1. Брагинский, И.С. Из истории таджикской народной поэзии. - М., 1956 .
2. Деҳотӣ, А. Куллиёт. Ҷилди 3. – Душанбе, 1966. – 367 с.
3. Деҳотӣ, А. Куллиёт. Ҷилди 5. – Душанбе, 1996. – 367 с.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. Қисми 1. - Душанбе:Ирфон, 1973. – С.17-87.
5. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. - Душанбе: Ирфон, 1967. - 186 с.
6. Камоллидинов, Б. Калимаҳои гуфтугӯйӣ дар ҳикояҳои Ҳаким Карим. //Маҷмӯаи аспирантҳо. Ҷилди 5. – Душанбе, 1966. – С. 4-19.
7. Луғати русӣ-тоҷикӣ. / Мураттибон С. Ҷ. Арзуманов, М. Аминзода, А. П. Деҳотӣ, Н.Н. Ерщов ва дигарон. – М.-Сталинобод, 1949. - 880с.
8. Луғати русӣ-тоҷикӣ. / Мураттибон С. Ҷ. Арзуманов, Ҳ . А. Аҳрорӣ, Н. Беҳбудӣ, Н.Н. Ерщов, Ш. Собир ва дигарон- М.: Русский язык, 1985. – 1280 с.
9. Луғати тоҷикӣ-русӣ. / Таҳти таҳрири Е. Н. Павловский, Е.Э. Бертельс, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил. Ҷилди 1 (ҳарфҳои А то О). -Сталинобод, 1966. – 194 с.
10. Луғати тоҷикӣ-русӣ. / Мураттибон Н. Н. Ерщов, Я.И. Калонтаров, Р. Л. Неменова, А. К. Писарчик ва дигарон. – М., 1954. – 789 с.
11. Маъсумӣ, Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш. - Душанбе: Дониш, 1976. - 73 с.
12. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. -Сталинобод, 1959. – 294 с.
13. Маъсумӣ, Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат. - Душанбе: Ирфон, 1966. – 267 с.
14. Маҳмадҷонов, О., Қудратова Б.А. Бозтоби номвожаҳои субстратӣ дар осори А. Ҷомӣ // Паёми донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2019. - № 4 (32). – С. 3-9.
15. Маҳмадҷонов О. Рақабова С. Курси лексионии забони адабии тоҷик. – Душанбе, 2008. - 73 с.
16. Талбакова, Ҳ. Истеъмоли калимаҳои ифодакунандаи касбу ҳунар (дӯзандагӣ) дар «Маъвои дил»-и Р.Ҷалил. // Мақолаҳо доир ба забон ва адабиёти точик. – Душанбе: УДТ, 1973. - С.71-80.
17. Тоҳирова Қ. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (материалхо).- Душанбе, 1967. – 80 с.
18. Фарҳанги забони тоҷикӣ. / Мураттибон Капранов В.А., Рауфов Ҳ., Зеҳнӣ Т. ва дигарон. - Иборат аз 2 ҷилд. - М.: Советская энциклопедия, 1969.-Ҷ.1. -951с; Ҷ. 2.-948с.
19. Юсуфов Ҳ. Калимаҳои русию интернатсионалӣ дар осори С. Айнӣ. //Армуғон-Ҷилди 2.- Душанбе: Дониш, 1971- С. 43-53.

## ҶОЙГОҲИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲО ДАР ҲИКОЯҲОИ АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ

Мақола ба мавзӯи бисёр муҳим – ҷойгоҳи зарбулмасалу мақолҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ бахшида шудааст.

Қайд гардидааст, ки зарбулмасалу мақолҳо дурдонаҳои гаронбаҳое мебошанд, ки ҳамчун яке аз беҳтарин намунаҳои эҷодиёти халқ таваҷҷуҳи олимону мутахассисонро ба худ ҷалб менамоянд. Онҳо фалсафаи ҳаёти аҷдодони гузаштаи моро инъикос намуда, дар давоми садсолаҳо сайқал ёфтаанд.

Дар адабиёти бадеӣ зарбулмасалу мақолҳо бештар дар нутқи қаҳрамонҳои асар истифода мешавад. Нависандаи машҳури тоҷик Абдусалом Деҳотӣ зарбулмасалу мақолҳоро дар асарҳои худ хеле фаровон ба кор бурдааст. Яке аз хусусиятҳои барҷастаи забони осори нависанда аз он иборат аст, ки дар мавриди истифодаи зарбулмасалу мақолҳо хеле эҳтиёткор буда, ҳар кадоми онҳоро дар ҷои худ ва бо мақсади муайян кор фармуда тавонистааст.

Муаллифи мақола кӯшиш намудааст, ки ҷойгоҳи зарбулмасалу мақолро дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ мавриди пажӯҳиш қарор диҳад. Дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ бештар зарбулмасалу мақолҳо дар гуфтори қаҳрамонҳои асар ба назар мерасанд. Масалан, *« …ҷисми ниҳоят лоғару наҳиф, чунон ки мегӯянд,* ***аз бинияш гирӣ ҷонаш мебарояд*** *…-ин аст тасвири мухтасари баъзе сифатҳои ҳамавақтаи ӯ» (2, с.74).*

*«- Коратон-чӣ?* ***«Ангура хӯр, боғаша напурс»*** *гуфтаанд,- ҷавоб дод бо табассум» (2, с. 75).*

*-Ҳайрон нашавед,* ***«ба як йигит чил ҳунар кам»*** *мегӯянд (2, с. 75).*

Ба андешаи муаллифи мақола, зарбулмасалу мақолҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ мавқеи намоён ишғол намуда, барои муъҷазбаёнӣ, пуробуранг баромадани нутқи қаҳрамони асар таъбирҳои пандомӯз ва ғайра мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

***Калидвожаҳо:*** *зарбулмасал, мақол, Абдусалом Деҳотӣ, ҳикоя, муъҷазбаёнӣ, забони асари бадеӣ, нависанда, услуб.*

## МЕСТО ПОСЛОВИЦ И ПОГОВОРОК В ТВОРЧЕСТВЕ АБДУСАЛОМА ДЕХОТИ

Статья посвящена очень важной теме - место пословиц и поговорок в творчестве Абдусалома Дехоти.

Отмечается, что пословицы и поговорки являются одним из лучших жанров народного творчества, которые отражают философию жизни наших предков и в течение множества веков усовершенствовались, исходя из этого, они требуют особого внимания исследователей.

В художественной литературе пословицы и поговорки в основном используются в речи героев произведений. Талантливый таджикский литератор Абдусалом Дехоти в своём творчестве широко использовал пословицы и поговорки. По мнению автора статьи, одним из особенностей языка произведений данного писателя заключается в том, что в них писатель проявил своё мастерство. Поэтому все пословицы и поговорки в произведениях данного автора использованы уместно и с определённой целью.

В рассказах писателя пословицы и поговорки в большинстве случаях встречаются в речи героев рассказа. Например, «...тело его было слишком худощавое, как говорят в народе, если схватишь его за нос, то душа покинет его тело... это есть краткое описание некоторых его постоянных качеств» (2, с. 74).

«Какое твоё дело? Говорят: «Ешь виноград и не спрашивай с чьего сада оно» ответил с улыбкой» (2, с. 75).

Автор статьи отмечает, что пословицы и поговорки в рассказах Абдусалома Дехоти занимают важное место. Они использованы автором с целью краткого выражения мысли, стилистического украшения речи героев произведения, они имеют научную основу и широко исследуются лингвистами.

***Ключевие слова**: пословицы, поговорки, рассказ, Абдусалом Дехоти, краткость, выражение, язык, художественное произведение, писатель, стиль.*

## THE POINTS OF THE SAYINGS AND PROVERBS IN ABDUSALOM DEHOTI'S WRITINGS

Article is devoted to very important subject - the place of proverbs and sayings in Abdusalom Dekhoti's creativity.

It is noted that proverbs and sayings are one of the best genres of folk art which reflect philosophy of life of our ancestors and during a set of centuries were improved, proceeding from it, they require special attention of researchers.

In fiction of a proverb and a saying are generally used in the speech of heroes of works. The talented Tajik writer Abdusalom Dekhoti in the creativity widely used proverbs and sayings. According to the author of article, one of features of language of works of this writer is that in them the writer showed the skill. Therefore all proverbs and sayings in works by this author are used appropriate and with a certain purpose.

In stories by the writer of a proverb and a saying in the majority cases occur in the speech of heroes of the story. For example, "... his body was too thin as speak in the people if you seize him by a nose, then soul will leave his body... it is the short description of some of its constant qualities". The author of article notes that proverbs and sayings in stories by Abdusalom Dekhoti take the important place. They are used by the author for the purpose of short expression of a thought, stylistic decoration of the speech of heroes of the works, they have a scientific basis and are widely investigated by linguists

The author of the article tried to analyze the places of the sayings and proverbs in the works of Abdusalom Dehoti. In the tales Abdusalom Dehoti the sayings and proverbs are seen in the character`s spreech. For example, *''It is not your business? **If you eat the grape, don`t ask its home**. It said, answered in a smile.''* That is why, the proverbs and sayings are used a lot in the works of Abdusalom Dehoti.

***Keywords:** proverbs, sayings, Abdusalom Dehoti, tale, briefing, the lahguage of fictional work, writer, style.*

***Сведения об авторе**: Сатторова Дилрабо Кахоровна – старший преподаватель кафедры таджикского языка и информационного обеспечения управления Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992) 901303691*

***Information about the author:** Sattorova Dilrabo Qahorovna - senior lecturer of the Department of Tajik language and information support of management of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992) 901303691*

**УДК 491.550-3 (575.3)**

# РЕАЛИЯҲО ҲАМЧУН ПАДИДАИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ БЕМУОДИЛ (ДАР МИСОЛИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ)

***Кесамирова С.Р.***
**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Мусаллам аст, ки тарҷумонӣ нисбат ба соҳаи тарҷумашиносӣ бештар рушду равнақ ёфтааст. Тарҷумонро зарур меояд, ки пеш аз тарҷумаи ин ё он матн аз тамоми роҳу усулҳое, ки дар назарияи тарҷума омӯзонида мешавад, бархурдор бошад. Албатта дар раванди тарҷума баъзе истилоҳоте вомехӯранд, ки тарҷума намудани онҳо ғайриимкон ба назар мерасад. Махсусан ин ҳолат дар мавриди «реалияҳо» баръало мушоҳида мешавад. Аз рӯи хусусиятҳои назарияи тарҷума реалияҳо "тарҷуманашавандаанд", аммо новобаста аз ин дар тарҷумашиносӣ баъзе усулҳои тарҷума мавҷуданд, ки масъалаи тарҷумаи реалияҳоро ҳаллу фасл мекунанд. Тарҷумони хуб бояд аз ин нозукиҳои тарҷума огоҳ бошад. Агар мутарҷим ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳ зоҳир накунад, пас ҳама метавонанд мисли ӯ ин ё он матнро новобаста аз дараҷаи забондониаш тарҷумаи калима ба калима кунанд, вале дар ин мавриди матни тарҷумашуда маъноеро ифода намекунад. Вақте ки тарҷумон реалияро тарҷума карда натавонад ва аз усулҳои тарҷумаи он хабардор набошад, маълум мегардад, ки ӯ аз касби тарҷумонӣ тамоман дур аст.

Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки омӯзиши хусусияти калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои хоси миллӣ дар мисоли реалияҳоро ҳамчун воҳидҳои луғавии бемуодил дар забони англисӣ ва таҳлили тарҷумаи онҳо ба забони тоҷикӣ баррасӣ намоем.

Дар мавриди реалияҳо ҳамчун ифодакунандаи обуранг ва унсурҳои миллӣ ҳанӯз аз аввали солҳои 1950 олимон сухан гуфтаанд. Дар таҳқиқоти олими рус Л. Н. Соболев, мо на танҳо истилоҳи «реалия»-ро мебинем, балки ифодаи тафсири онро низ мушоҳида мекунем [7, с. 281].

Инчунин дар бораи реалияҳо Г.В. Чернов қайд намудааст, ки бештар бо номи "воҳидҳои луғавии бемуодил" («безэквивалентная лексика») маъруф аст [9, с.223 – 224]. Дар таҳқиқоти Г.В. Шатков (1952), М.Н. Алексеев (1931), А.В. Федоров (1953), Я.И. Рецкер (1950) ва И. Келлер (1892) омӯзиши реалияҳо ба назар мерасад.

Дар таҳқиқоти олимони Ғарб, ба мисли Нюмарк, ки танҳо national institutional terms – ро дастрас кардан мумкин аст, ки ба реалияҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ мувофиқат дорад. Cultural terms – бештар ба гурӯҳи дигари реалияҳо ишора мекунад [3, с. 1988].

Дар навбати аввал монандии реалия бо истилоҳ ба чашм мерасад. Нисбат ба бештари воҳидҳои луғавӣ, истилоҳот мафҳумҳои аниқу муайян, предмет ва ҳодисаҳоро меомӯзад. Ҳатто дар рисолаи илмии А. Д. Швейтсер ҳам «термин – реалия» вомехӯрад [11, с.253].

Бояд тазаккур дод, ки ба шохаҳо ҷудошавии байни онҳо аҳамияти калон дорад. Реалияҳо бе ягон тағйирот ба воҳиди луғавии бемуодил дохил мешаванд, вале истилоҳот бошанд, қариб дар ҳама матнҳо бо эквивалент тарҷума мешаванд.

Истилоҳ – ин элементи зеризабонии илм буда, тобишҳои миллӣ ё таърихии худро гум карда, мутлақо дар бештари ҳолатҳо вазифаи унвониро иҷро мекунад. Вақте ки он дар матн бо жанри дигар меояд, нақши бавуҷудоварии ин ё он

вазифаи услубиро иҷро мекунад. Реалия махсусан бо адабиёти бадеие, ки яке аз воситаҳои ифодаи обуранги маҳаллӣ ё муваққатӣ мебошад, вобастагӣ дорад. Дар матнҳои илмӣ реалияҳо бештар нақши истилоҳоти муқарарриро мебозанд. Аз истилоҳ нишонаҳои миллӣ талаб кардан мумкин нест.

Доираи муҳими реалияҳо соли 1958 аз тарафи олим Г.В. Чернов таҳқиқ шуда, реалияҳо аз терминҳо бо тарзи истифодаашон, ба соҳибзабонон шинос буданашон фарқ мекунанд, аммо ба хонандагони матни тарҷума онҳо ношинос ва бегонаанд [9, с.166].

Баъзеи реалияҳо аломатҳои исми хосро доранд, дигарашон ҳам исми хос ва ҳам реалия мешаванд. Бояд қайд кард, ки ба кадом гурӯҳ дохил шудани баъзе номҳо баҳсталаб аст. Воқеан, ҳудуди реалияҳо ва исмҳои хосро дар баъзе ҳолатҳо муайян кардан номумкин аст. Зеро дар имлои номҳо бенизомӣ мушоҳида мешавад. Сабаби дуюм - тафовут байни қоидаҳои имлои забонҳо мухталиф мебошад.

Маҳдудиятҳо байни баъзе исмҳои хос ва реалияҳо хеле ноустуворанд, дар баъзе маврид онҳо тамоман вуҷуд надоранд. Дар баъзе ҳолатҳо ба имло такя карда, як категория ба категорияи дигар интиқол меёбад. Новобаста аз мулоҳизаи В.С. Виноградова мо майли исмҳои хосро ба реалияҳо дохил карданро надорем [5, с. 98]. Тибқи меъёрҳои назарияи тарҷума, мо онҳоро ҳамчун синфи мустақил «лексикаи муодил» меҳисобем, ки дар вақти тарҷума аломатҳои ба худ хосро доранд ва тарзи тарҷумаи онҳо ба шакли тарҷумаи реалияҳо мувофиқ мебошад. Ба реалияҳо онҳо аз ҷиҳати обуранги миллӣ ва таърихӣ иртибот доранд, аз ҳамин сабаб олимон онҳоро ба реалияҳо дохил мекунанд.

Бештари реалияҳо худро аз меъёрҳои адабӣ берун кардаанд. Мафҳуми охирин мазмунан хеле васеъ буда, аз ин рӯ, мо танҳо воҳидҳои луғавиро реалия ҳисоб мекунем. Яке аз реалияҳои забони англисӣ инҳо мебошанд: cowboy - амер. ковбой, говчарон, lamberman - дарахтбур, ҷангалбур, тоҷири тахтафурӯш, чӯбфурӯш, ranch - амер. ранчо; хоҷагии калони фермерӣ/молдорӣ, dude ranch – пансионат, blues - амер. блуз (як навъи мусиқии ҷаз бо оҳанги ҳузнангез), banjo - банҷо (асбоби мусиқӣ), terrace - терраса, айвон, пешайвон, долон, dime - амер. тангаи 10 сентӣ.

Реалияи ***cowboy*** ба исми ҷондори ҷинси мардона дахл дошта, аз решаи *cow (гов) + boy (писар)* гирифта шуда, дар фарҳанги забони англисӣ ва тоҷикӣ чун ***ковбой, говчарон*** омадааст. Ин калима дар фарҳанги этимологии забони англисӣ “Online Etymology Dictionary” маънои марде, ки дар болои асп нишаста ҳайвоноти шохдорро ҳангоми чаридан дар наздикии ферма нигоҳубин мекунад, дар назар дорад. Аслан ин калима дар Америкаи ғарбӣ пайдо шуда, баъдан онро ҳамчун калимаи таҳқиромез нисбати як гурӯҳ ғоратгароне, ки дар ҳамсоягии штати Ню Йорк дар раванди Револютсияи соли 1775 зиндагӣ мекарданд, бо ифодаи “***cowboy”*** таҳқир мекарданд [13]. Ин калима дар забони англисӣ ба маънои маҷозӣ, чун марди дағал ва бешарму беҳаё низ истифода мегардид. Ҳоло бошад, дар замони муосир калимаи ***cowboy*** дар забони англисӣ ба ғайр аз маънои *говчарон* дар байни ҷавонону наврасон ҳамчун калимаи таҳқиркунии шахсест, ки нав аз деҳот ба шаҳр омадааст ва, ӯро ҷавонон “***cowboy”*** лақабгузорӣ мекунанд, ки дар забони тоҷикӣ маънои “*қишлоқӣ-ро* дорад. Аз ин таҳлил бармеояд, ки калимаи ***cowboy*** хоси забони англисӣ буда, дар қисми Америкаи Ҷанубӣ ба вуҷуд омадааст ва дар забони тоҷикӣ муодил надорад, яъне ҳамчун реалия ба сифати яке аз воҳидҳои луғавии бемуодил истифода мешавад.

Яке аз воҳидҳои луғавии бемуодили дигар ин ***ranch*** мебошад, ки муродифаш ***country house*** буда, дар фарҳанги забони тоҷикӣ ҳамчун ***ранчо - хоҷагии калони фермерӣ/молдорӣ*** дарҷ гаштааст. Ин реалия аз забони испаниягӣ дар шакли ***rancho*** пайдо шуда, онро ҳамчун хонаҳои хурдакаки молдорон ё як гурӯҳ кулбаҳои фермерӣ, ки дар он чорво нигоҳ дошта мешавад, истифода мебаранд. Монанди ин реалия, дигар реалияҳои манзил низ дар забони англисӣ мавҷуданд, масалан ***palace, castle,townhouse, cottage, villa, ranch, trailer, apartment/house.*** Калимаи ***apartment*** низ воҳиди луғавии бемуодил мебошад, чунки дар фарҳанг ҳамчун *апартамент, утоқ ё хонаҳои ҷудо-ҷудо* шарҳ дода шудааст [9]. Агар маънои аслии ин калимаро таҳлил намоем, он хонаҳоеро ифода мекунад, ки дар биноҳои баландошёна ҷойгир ҳастанд. Мутобиқи калимаи англисии "***apartment"*** дар забони тоҷикӣ ин калимаи иқтибосшудаи забони русии "квартира" мебошад. Агар хонаи заминиро ифода кардан хоҳем, он гоҳ калимаи англисии "house"– ро истифода мебарем. Муродифи калимаи хонаи заминӣ дар забони гуфтугӯии тоҷикӣ "ҳавлӣ" мебошад, ки ба калимаи англисии "yard" мувофиқат мекунад. Реалияҳои ***castle,townhouse, cottage, villa, ranch, trailer, apartment*** дар забони тоҷикӣ аналоги худро ёфтаанд ва дигарашон бошад ба воҳиди луғавии бемуодил дохил шудаанд. Реалияҳои ***apartment, palace ё castle, house*** ҳамчун аналог монандиҳои худро ёфтаанд ва ***cottage, villa, ranch, trailer*** бошад то ҳол бемуодил мондаанд.

Тибқи таснифоти С. Влахов ва С. Флорин реалияи ***Halloween*** ба гурӯҳи калони реалияҳои санъату маданият дохил шуда, ҳамчун як зергурӯҳи хурдакаки ҷашну маросим ба шумор меравад [6, с.47]. Мувофиқи эзоҳоти этимологии луғати англисии Оксфорд калимаи ***Halloween*** аввалин бор дар қарнҳои XVI аз калимаи ихтисоршудаи забони шотландӣ - ***All-Hallows-Even*** гирифта шуда, маънояш "***шоми ҳама шахсиятҳои муқаддас***" мебошад. Ин маросим дар охирин шаби моҳи октябр ҷашн гирифта мешавад, ки мувофиқи тадқиқот моҳи октябр охирин моҳи тақвимии қабилаҳои келтӣ ба шумор меравад. Онҳо ин ҷашнро шаби соли кӯҳна номномгузорӣ карда, шаби занҳои ҷодугар эълон намуда буданд. Калимаи ***hollow*** аз ибораи (***holy person, saint***) сарчашма гирифта, калимаи ***Even*** ба маънои ***evening*** омадааст. Дар забони англисии қадим онро дар шакли ***halwemesse day*** истифода менамуданд **[14]**. Бояд зикр намоем, ки ин маросим аз қабилаҳои келтии Шотландия сарчашма гирифта, то ҳол ҳамчун як иди хоси мардуми англис ҳар сол 31-уми октябр ҷашн гирифта мешавад ва ба забони тоҷикӣ бо роҳи транслитератсия ҳамчун реалия ба луғати забони англисӣ ва тоҷикӣ интиқол ёфтааст.

Реалияҳо яке аз гурӯҳҳои калонтарини воҳидҳои луғавии бемуодил ба шумор рафта, бо роҳу воситаҳои гуногун ба мисли транслитератсия, калка, шарҳи маънӣ, эзоҳ дар поварақ ва ғ. тарҷума мегарданд. Масалан:

*November, December, and half of January passed away.* ***Christmas and the New Year*** *had been celebrated at Gateshead with the usual festive cheer;* (2, 21).

*Моҳҳои ноябр, декабр ва нимаи январ сипарӣ гаштанд. Дар Гейтсҳэд, чун ҳамеша* ***Мавлуди Исо ва Соли Навро*** *шоду хуррам ҷашн гирифтанд;* (11, 26).

Чи тавре, ки дар тарҷумашиносӣ маълум аст, ҷашну маросим ба гурӯҳи реалияҳои санъат ва фарҳанг дохил шуда, дар дигар забон тарҷуманашавандаанд. Реалияи матни асл, ки ***Christmas*** мебошад, хоси дини насронӣ буда, ба матни тарҷума ба таври шарҳи маънӣ ***Мавлуди Исо*** интиқол ёфтааст. Гарчанде ***Соли Нав*** дар тамоми мамлакатҳои дунё ҷашн гирифта ме шавад, вале ин ид хоси миллати англис мебошад, зеро ҷашнгирии он дар асри

XIII аз ҳамон миллат сарчашма мегирад. ***Соли Нав*** бошад, ба таври калка аз забони А ба забони Б тарҷума шудааст:

*…sometimes she would come up in the interval to seek her thimble or her scissors, or perhaps to bring me something by way of supper a bun or a* ***cheese-cake****-then she would sit on the bed while I ate it*,…(2, 22).

*…ӯ баъзан дар тӯли бегоҳирӯзӣ давида меомад, ки ангуштвона ё дукордаро бигирад ва ё баҳри шомонахӯрии ман чизе чун нон,* ***санбӯсаи панирдор*** *биёрад, он гоҳ ӯ, то хӯрдани ман, дар гӯшаи ҷогаҳ менишаст* ... (11, 27).

Реалияи ***cheese-cake*** шаклан калимаи мураккаб буда, ба гурӯҳи реалияҳои ҳаётӣ ва хӯроку таомҳо дохил мешавад. Дар матни тарҷума ин реалия бо усули аналоги функционалӣ чун ***санбӯсаи панирдор*** монандӣ ёфта, он ба хонандаи тоҷик мазмунан он қадар мутобиқ нест, зеро *санбӯсаҳои* халқи тоҷик аз ***cheese-cake*** ба куллӣ фарқ мекунанд. Реалияи ***cheese-cake*** - ро бемуодили муваққатӣ гӯем ҳам ғалат намекунем, чунки дар дӯконҳои қаннодӣ ин намуди хӯрок дар байни мардуми тоҷик серистеъмол мебошад, аммо ба мазмуни ин калима ҳеҷ кас сарфаҳм намеравад:

*Ман дар солҳои 1312 ҳиҷрӣ, ки талабаи* ***мадрасаҳои*** *Бухоро ба шумор мерафтам, бе бошишгоҳ мондам ва дар Бухоро*,…(4, 7).

*In the year 1312 of the Islamic calendar, or 1895 by present reckoning, I, a student at a Bukhara* ***madrassah****, found myself without a place to live* …(1, 186).

Калимаи мадраса дар матни асл ҳангоми гузариш ба матни тарҷума чун реалия ба таври ***madrassah*** транслитератсия шудааст, вале агар калимаи дар матни асл омадаро мулоҳиза намоем, он реалияи забони тоҷикӣ нест, зеро дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ин калима решаи арабӣ дошта, ба забони тоҷикӣ ҳамчун калимаи иқтибосӣ ворид гаштааст. Азбаски мазмуни ин калима ба тарҷумони англисзабон нофаҳмо аст, онро ҳамчун реалия аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ интиқол додааст.

Хулоса, аз мисолҳои таҳлилшуда маълум мегардад, ки реалияҳо хусусияти хоси як миллат буда, дар натиҷаи истифодаи баъзе усулҳои тарҷума ҳангоми гузариш аз як забон ба забони дигар колорит, яъне тобиши маъноии худро гум мекунанд, вале дар ҳолатҳои дигар обуранги миллӣ низ хуб нигоҳ дошта мешавад. Қариб ҳама тарзу усулҳои тарҷумаи реалияҳо, ғайр аз *тарҷума дар асоси матн* ва *калка* дар адабиёти бадеӣ васеъ истифода мешаванд. Вақте ки мисолҳоро аз рӯи хусусият ва усулҳои тарҷума ба гурӯҳҳо тақсим кардем, маълум шуд, ки тарҷумонҳо бештар усулҳои *транскрипсия, транслитератсия, эзоҳи поварақ* ва *иваз кардани реалия бо реалияи забони тарҷумаро* истифода мебаранд. Аз ин ҷиҳат, ҳангоми интихоби ин ё он усули тарҷумаи реалияҳо, новобаста аз тадқиқоти назариявӣ, тарҷумонҳо ба гувоҳии дили худ ва таҷрибаи корӣ такя намуда, реалияҳои матни аслро ба матни тарҷума интиқол медиҳанд.

**Адабиёт**


1. Aini S. The death of money-lender / S. Aini. - Moscow: Raduga, 1986. - P. 321.
2. Charlotte, Bronte. Jane Eyre / Charlotte Bronte; edited with an introduction by M. Smith. - Oxford University Press, 1975. - 496 p.
3. Newmark, P. A Textbook of Translation / P. Newmark. - New York, 1988. - 292 p.
4. Айнӣ, С. Марги судхӯр / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1961. - 350 с.
5. Виноградов, В. С. Введение в переводоведение (общие и лексические вопросы) / В. С. Виноградов. - М.: Издательство института общего среднего образования РАО, 2001. - 224 с.
6. Влахов, С. И. Непереводимое в переводе / С. И. Влахов, С. П. Флорин. - 4-е изд. - М.: Р. Валент, 2009. - 360 с.

7. Соболев, Л. Н. Пособие по переводу с русского языка на французский / Л. Н. Соболев. - М.: Издательство литературы на иностранных языках, 1952. – 298с.
8. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ, ҷ.1./ С.Назарзода, А.Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – 950 с.
9. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. - Душанбе: Эр-граф, 2017. – 1016 с.
10. Чернов, Г.В. Вопросы перевода русской безэквивалентной лексики на английский язык: автореф. дисс… канд… филол… наук / Г.В.Чернов. - М., 1958. - 24 с.
11. Шарлотта, Б. Ҷейн Эйр. Роман. (тарҷ. аз русӣ Салими Зарафшонфар) / Шарлотта Б. – Душанбе: Истиқбол, 2010. - 412 с.
12. Швейцер, А. Д. Теория перевода: Статус, проблемы, аспекты / А. Д. Швейцер; отв. ред. В. Н. Ярцева. - 2-е. изд. - М.: ЛИБРОКОМ, 2009. - 216 с.
13. Site Online Etymonline dictionary [el. resources]. URL: - https://www.etymonline.com/,16.07.19. (Dater of access: 16.07.2019)
14. Site Lexico [el. resources]. URL: - https://www.lexico.com/en/explore/etymology (Dater of access: 14.07.2019)

## РЕАЛИЯҲО ҲАМЧУН ПАДИДАИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ БЕМУОДИЛ (ДАР МИСОЛИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ)

Мақолаи мазкур ба хусусиятҳои хоси миллӣ доштани реалияҳо ва ба гурӯҳи воҳидҳои луғавии бемуодил дохил шудани онҳо ҳамчун “тарҷуманашавандаҳо” бахшида шудааст. Дар мақола инчунин фарқияти реалия аз истилоҳ ва исми хос нишон дода шудааст. Дар мақола дарҷ мегардад, ки фарқияти реалия аз истилоҳ дар он аст, ки реалияҳо тобиши миллӣ дошта, бештар дар услуби бадеӣ ва гуфтугӯӣ истифода мешавад. Истилоҳ бошад, вазифаи унвониро иҷро намуда, бештар дар услуби илмӣ ва коргузорӣ ба назар мерасад.

Дар мақола вобаста ба ақидаҳои олимони тарҷумашинос таснифоти гуногуни реалияҳо - реалияҳои иҷтимоӣ, реалияҳои санъату маданият, реалияҳои ҳарбӣ, реалияҳои дину мазҳаб ва ғайра инъикос гардидаанд.

Мақолаи мазкур инчунин масъалаи истифодаи баъзе усулҳои тарҷумаро ҳангоми гузариш аз як забон ба забони дигар фаро гирифта, зикр гардидааст, ки қариб тамоми тарзу усулҳои тарҷумаи реалияҳо, ба истиснои тарҷума дар асоси матн ва калка, дар адабиёти бадеӣ васеъ истифода мешаванд. Ҳангоми аз рӯи хусусият ва усулҳои тарҷума ба гурӯҳҳо тақсим кардани мисолҳо муаллиф қайд менамояд, ки тарҷумонҳо дар рафти фаъолият бештар усулҳои транскрипсия, транслитератсия, эзоҳи поварақ ва иваз кардани реалия бо реалияи забони тарҷумаро истифода мебаранд.

***Калидвожаҳо:*** *тарҷума, англисӣ, тоҷикӣ, реалия, воҳидҳои луғавии бемуодил, тарҷуманашаванда, транслитерансия, транскрипсия, эзоҳи поварақ, шарҳи маънӣ, калка, нимкалка.*

## РЕАЛИИ КАК ФЕНОМЕН БЕЗЭКВИВАЛЕНТНОЙ ЛЕКСИКИ (НА ПРИМЕРЕ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ)

В статье говорится о реалиях, входящих в группу безэквивалентной лексики как “непереводимое” и содержащие национальные особенности. В статье рассматриваются отличия реалий от терминов и собственных имён. В ней также говорится, что реалии отличаются от терминов тем, что реалии, подчеркивая

национальный колорит, больше всего употребляются в художественном и разговорном стиле. А термины встречаются в официально-деловом и научном стиле.

Опираясь на научные взгляды переводчиков, в статье можно встретить группу реалий с различными названиями, такими как социальные реалии, реалии исскуства и культуры, реалии военной лексики, реалии религиозного направления и т.д.

Также в статье показаны некоторые методы перехода от единиц одного языка к единице другого языка.Почти все способы передачи реалий, кроме кальки, широко используются в художественной литературе. Переводчики в процессе работы больше используют методы транскрипции, транслитерации, сноски и смены реалий реалиями переводимого языка.

***Ключевые слова:*** *перевод, английский язык, таджикский язык, реалии, безэквивалентные лексические единицы, непереводимые, транслитерация, транскрипция, сноска, интерпретация, калька, полукалька.*

## REALIA AS A PHENOMENON OF NON-EQUIVALENT LEXICAL UNITS (ON THE EXAMPLE OF ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES)

The article talks about the realia's that comprise a group of equivalence as "untranslatables" and contain national particularities. Also in the article, the differences of reality from terms and from proper names are considered. It is also said that the difference between realities and terms is that realities emphasizing national coloring are most often used in a fiction and colloquial style. And the terms acting as an addressee are more often found in official business and scientific style.

Based on the scientific views of translators, in the article you can see a group of realia's with various names, such as social realia's, realia's of art and culture, realia's of military vocabulary, realia's of a religious meaning, etc.

The article also shows some methods of translation when switching from one language to another, almost all methods of translating realia's, except for text translation and tracing, are widely used in fiction when distributing examples into groups, depending on the features and methods of translation, it turned out that translators in their most of the works use the methods of transcription, transliteration, footnotes and changing realia's by the realia's of the target language.

***Keywords:*** *translation, English, Tajiki Languagr, realia, non-equivalent lexical units, untranslatables, transliteration, transcription, footnote, interpretation, calculus, half-calculus.*

***Сведения об авторе:*** *Кесамирова Саодат – соискатель кафедры грамматики и теории перевода Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел (99237)2325000; E-mail: nigina90_90@inbox.ru (+992)900007097.*

***Information about the author:*** *Kesamirova Saodat –post-graduate student, the Department of Grammar and Theory of Translation of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda. Address: 734019, Dushanbe st/ Muhammadiev 17/6, tel(99237)2325000; E-mail:nigina90_90@inbox.ru (+992)900007097.*

**УДК 808.2**

# СОВРЕМЕННЫЙ РУССКИЙ ЯЗЫК И ОТФРАЗЕОЛОГИЧЕСКОЕ ОБРАЗОВАНИЕ СЛОВ

***Одинаева Ш.Г.***
**Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода**

Функционирование нетрадиционных, окказиональных слов и фразеологизмов закономерно с точки зрения развития лексической и фразеологической систем языка во многом обусловливает языковое динамическое состояние. На сегодняшний день отмечается все большая активность производных лексем, образованных на базе фразеологизмов, которые на этапе появления рассматриваются как окказионализмы. Как отмечает Е.Н. Ермакова, - «состояние языка и его динамичность обусловливает функционирование и взаимодействие в нем нормированных, узуальных и окказиональных знаков» [4, с. 286].

Во внутреннем или внешнем отличии от узуальных фразеологизмов проявляется специфичность окказиональных фразеологизмов. К окказиональному употреблению также относятся структурно-семантические преобразования фразеологизма, основанные на количественном изменении компонентного состава. Лингвистическая литература показывает и другие термины, которые обозначают эти инновации: индивидуальные слова, индивидуально - авторские слова, потенциальные слова, слова - однодневки, слова-экспромты, слова-метеоры, эгологизмы, одноразовые неологизмы, стилистические неологизмы, авторские неологизмы и другие. В современном языкознании производные лексемы – окказионализмы, которые образованы на базе фразеологизмов, чаще всего называют отфраземными словами, а сам процесс образование отфраземной лексемы, - лексической отфразеологической деривацией. На исходной базе образования вторичной единицы можно понять лексическую отфразеологическую девиацию, в данном случае – на базе фразеологизма образование лексемы.

Показав превращения пословиц во фразеологизмы в процесс «сворачивания» В.М. Мокиенко описал количественные изменения фразеологизмов: *Ешь пирог с грибами, а язык держи за зубами - держать язык за зубами* [5, с.94]. Но процесс количественных изменений на этом не прекращается, так как сам фразеологизм может «сокращаться». Русский язык имеет особый фонд сопоставляющих фразеологизмов: благодаря специфической организации семантики и структуры фразеологизма, а именно – цельности фразеологического значения и единства формы и содержания при опущении одного или нескольких компонентов многие из них фокусируют все значение бывшего фразеологизма в одном «осколочном» компоненте. Этот компонент квалифицируют как отфразеологическую лексему: кондрашка хватила – «кто – либо скоропостижно скончался, внезапно разбило параличом» - кондрашка – «об апоплексическом ударе»; точить балясы – «вести пустые разговоры» балясы – «пустые разговоры»; *сыр–бор разгорелся* – «завязалась перебранка» сыр-бор – «склока, перебранка»; закладывать за воротник «выпивать спиртные напитки, пристрастие к употреблению алкогольных напитков» - закладывать тем же значением; тянуть лямку – «делать тяжёлую однообразную работу» - лямка «об однообразном деле» и др. В отфразеологической деривации фразеологические единицы превращаются во фразеологический осколок, то есть фразеологизм «сжимается» и приближается к пределу словосочетания. Но слово, как бы тесно оно ни было

связано с фразеологизмом, уже обладает лексическим, а не фразеологическим значением.

Ученые Т.П. Белоусова, М.А. Алексеенко, Н.Ш. Шанский, Н.Ф. Алефиренко, А.М. Бушуй, А.М. Мелерович, В.М. Мокиенко, А.В. петров, Р.Н. Попов, Г.А. Селиванов, Е.В. Сенько, М.Б. Ташлыкова, И.Ю. Третьякова, Л.А. Чиненова, В.К. Янцен и др. в своих работах до сегодняшнего дня рассматривают способ «вычленения» из фразеологизма лексем. Например, О.С. Ахманова описала в целом механизм наделения одного компонента значением всего фразеологизма: «… у слов, входящих в состав фразеологических единиц возникают новые значения, сперва «потенциальные», как бы «поглощенные» суммарным значением сложного номинативного целого, но способные актуализироваться, выделиться, приобрести способность отдельного воспроизведения [1, с. 257]: *плакать в жилетку* – «кому-либо на что-либо пожаловаться» - *жилетка* – человек, которому можно поплакаться и пожаловаться на что либо»; *изобретать велосипед* – «говорить о давно всем известной информации» - *велосипед* «нужное и лишнее открытие».

Производная единица в результате отфразеологической деривации почти не оставляет информации об утраченном компоненте. По мнению В.М. Мокиенко «…фразеологический прототип глагола *баклушничать* или *канителиться* можно восстановить лишь потому, что современный язык сохранил в активном употреблении сочетания *бить баклуши* и *тянуть канитель*, значение которых и стержневой компонент соответствуют приведенным глаголам. Сложнее найти глагольный компонент разг. *сачковать,* ибо слово теперь гораздо шире по употреблению исходного сочетания бить сака (сачка) – «бездельничать» [5, с.146].

Лексико-грамматическая структура устойчивого сочетания и его особенности определяют возможность/невозможность семантического сжатия ФЕ (отфразеологической деривации), а также потенциальными лексико-семантическими способностями слова - компонента, вбирающего в себя значения всей ФЕ [6, с.242]. Например, фразеологизм *ей - Богу* образует глагол *божиться* со значением «клясться именем Бога в истинности и правильности своих слов». Подходящее слово, который имеет в себе значение всего фразеологизма, является компонент Богу, так как другой компонент не имеет смысла как внутри фразеологической единицы, так и за ее пределами. Значение фразеологизма имеет в себе процессуальный оттенок, что и было выражено в производном слове глагольными фронтами – ть – и – ся-. Таким образом, образовалось слово, передающее смысл производящего фразеологизма и способное к самостоятельному употреблению, но уже не являющееся частью фразеологизма.

Отфразеологическая лексема несет дополнительный эмоционально-экспрессивный заряд. Возьмём, к примеру произведения, в которых использованы данные фразеологизмы. Отфразеологическая лексема *влипнуть* (*влип*) сохраняет значения процессуального фразеологизма *влипнуть в историю,* в которой говорится «о замешанности в каком-либо предосудительном деле», но это значение получает дополнительную коннотацию. Сравним: *Чудик обладал одной особенностью: с ним постоянно что-нибудь случалось. Он не хотел этого, страдал, но то и дело влипал в какие –нибудь истории – мелкие, впрочем, но досадные (В. Шукшин.Чудик). – (Колька) пытался воздействовать на нее (жадную жену), но получил железный отпор. – У нас в деревне и то бабы не такие железные… - Заткнись со своей деревней. – посоветовала Валя. – Ехай туда, кому ты здесь нужен! «Ну и влип…» - терзался изумленный Колька. – Как влип! (В.*

*Шукшин. Жена мужа в Париж провожала)*. Этой лексемой герой произведений не только характеризовал свое положение, но и выражал эмоции.

Судя по анализу 109 фразеологизмов и их производных можно прийти к выводу, что в качестве производящих чаще всего выступают процессуальные фразеологизмы (76%), реже предметные (11%) и качественно - обстоятельственные (8%), редко модальные (1,8%) и количественные (1,8%), только один призрачный фразеологизм выступает в качестве производящего.

Глаголы, существительные и прилагательные образуются, основываясь на процессуальных ФЕ: *мутить воду – мутить*, *ободрать до нитки – ободрать*, *драть глотку – глотник*, *крепкий орешек – орешек*, *петь аллилуйю – аллилуйный*, *снимать пенки – пенки*, *олух царя небесного – олух*, *втирать очки – втирать*. Образование глаголов без присоединения к производным словам каких-либо аффиксов состоит 63%: *валить валом – валить*, *закладывать за воротник – закладывать*. Другой вариант на почве фразеологизмов образование новых слов весьма продуктивным способом считается с использованием суффиксации и префиксации, вычленение одного из компонентов, имеющего значение всей фразеологической системы. «Данный способ образования новых слов от первого варианта отличается непременным «участием» суффиксации и префиксации,…» (сущность которого заключалась в «простом» вычленении одного из компонентов фразеологизма): *морщить (-ся) морщить лоб –, вздыбиться – встать на дыбы*; *баклушничать – бить баклуши*; *балясничать – точить балясы*; *подспудный*, *подспудно – держать под спудом*; Исследователи характеризуют этот способ как лексико–морфологический. По мнению Е.В. Сенько, лексико–морфологический способ – «наиболее последовательное и эффективное средство устранения фразеологического противоречия раздельно оформленность – семантическая целостность» [7, с.76].

Наиболее используемый формат в отфразеологической деривации является фрагмент *– ся*: *тянуть канитель – канителиться, скалить зубы – скалиться*. Этот фрагмент как бы вбирает в глагольный компонент значение всего фразеологизма [2, с.44]. В одних и тех же конструкциях строгое происхождение такого «вбирания» характерно: глагол+ существительное в винительном падеже единственного числа: *сматывать удочку – сматываться*; *зажмурить глаза – зажмуриться*; *таращить глаза – таращиться*; *потупить голову – потупиться*; *нахохлить перья – нахохлиться* и др. Суффикс заменяет имя, т.е. опущенный компонент при подобном словообразовании выполняет свою исконную функцию.

Имя существительное может вычленяться, осуществляясь на базе процессуальных и предметных фразеологизмов. Таким образом, базой для образования производных существительных служат процессуальные фразеологизмы: *тянуть лямку – «*заниматься тяжелым, однообразным делом*»* - *лямка* – «о долгой, однообразной работе»; *накатать телегу* – «отправить очерняющее кого-либо, что-либо письмо в официальное учреждение» - *телега* – «направленное письмо в официальное учреждение с целю очернить кого-либо»; *нести ахинею* – «говорить пустяки» - *ахинея*– «вздор»; *играть в бирюльки* – «заняться бессмыслицей» - *бирюльки* – «пустяки». Данное словообразование в результате утрачивает в производной лексеме категориальное значение процессуальности и формирует связанное с предметностью индивидуальное значение. Проиллюстрируем: *Вся его жизнь была лямкой добросовестного морского служаки, который даже и в прежние суровые времена отличался добротой (Станюкович. «Два моряка»). Да и напевай на ухо турусы сладкие (Н.В.*

*Гоголь. «Женитьба»). Балакин времени не терял. Он сочинил и прислал в горком «телегу». Самыми чёрными красками обрисовал хулиганское поведение … Лягушиной. (Е. Воробьев. «Крыша над головой»).*

Между производящим фразеологизмом и производной лексемой встречается полное категориальное соответствие при вычленении глагольного компонента из состава фразеологизма: базой для производного глагола становится процессуальный фразеологизм. Надо отметить, что всё же не всегда можно утверждать с уверенностью о направлении производности: глагол стал средством для образования фразеологизма или же сам образовался от него. В этом случае точный ответ не всегда дают даже словари.

Основой образования десяти существительных и двух прилагательных послужили предметные фразеологизмы. Четыре существительных из десяти образовались с помощью «чистой» импликации *дубина стоеросовая – дубина*, остальные – с помощью суффиксов: *верное дело – верн-як*. Прилагательные образованы и без добавления аффиксов: *жареные факты – жареное*, и с помощью аффиксов: *недобрый глаз – глаз-лив-ый*. Материал, несмотря на это, показывает, что производящий фразеологизм и производная лексема в результате отфразеологической деривации возможны как категориальное соответствие, так и категориальное несоответствие.

По словам Е.Н. Ермакова, в процессе создания окказиональных единиц «встречаются ярко выраженная прагматическая направленность, в котором главное условие, вызывающее трансформацию фразеологизма, является выбор говорящего в «обновленном виде» имеющуюся единицу в языке и этим усилить оценочность, экспрессию высказывания» [4, с. 286].

Таким образом, можно прийти к выводу, что образование производных слов на базе фразеологизмов в основном осуществляется на речевом уровне, а слова производные имеют разговорную окраску. К созданию данных слов подталкивает тенденция к экономии речевых усилий и стремление избежать тавтологии, которая вполне достигаема современным носителям языка. Обширный индивидуальный лексикон даёт выбор необходимых слов в определенной коммуникативной ситуации говорящим. Средством ярко и образно отражать действительность выступают отфразеологические окказиональные слова. Отфразеологические лексемы имеют различную судьбу: просто единичными окажутся многие новообразования, недолговечными бывают другие и в языке не закрепляются, узуальный статус берут третьи, общеупотребительные. В любом случае анализ таких новообразований важен и очень интересен, так как внимания и изучения заслуживает любое языковое явление.

**Литература**


1. Ахманова, О.С. Очерки по общей и русской лексикологи/ О.С. Ахманова. – М., 1957. –295 с.
2. Гвоздарев, Ю.А. Процессы образования фразеологических единиц в русском языке / Ю.А. Гвоздарев. - Проблемы русского фразообразования.- Тула, 1973. - С. 63.
3. Ермакова, Е.Н. Отфразеологическое словообразование в современном русском языке: причины, условия, механизм / Е.Н. Ермакова. // Вестник ЧГПУ. – 2012. – № 2.- С. 214.
4. Ермакова, Е.Н. Преобразовательные возможности современного русского языка: окказиональные и потенциальные слова и фразеологизмы / Е.Н. Ермакова. // Вестник ЧГПУ.-2012.- №3.- С. 293.

5. Мокиенко, В.М. Славянская фразеология: учеб. пособие для вузов по спец. «Рус. яз. и лит.»./ В.М. Мокиенко. – 2-е изд., испр. и доп. –М.: Высшая школа, 1989. – 287 с.
6. Петров, А.В. Отфразеологическая деривация сквозь призму базовых понятий словообразования // Восточно-украинский лингвистический сборник. Выпуск десятый.- Донецк, 2004. - С. 263.
7. Сенько, Е.В. Неологизация в современном русском языке конца XX века: межуровневый аспект: автореф. дис. докт. филол. наук. – Волгоград. 2000. – 429 с.
8. Словарь отфразеологической лексики современного русского языка / М.А. Алексеенко, Т.П. Белоусова, О.И. Литвинникова. – М.: Азбуковник, 2003. – 395 с.

## СОВРЕМЕННЫЙ РУССКИЙ ЯЗЫК И ОТФРАЗЕОЛОГИЧЕСКОЕ ОБРАЗОВАНИЕ СЛОВ

В статье исследуется природа образования слов на базе фразеологизмов. Отфразеологические лексемы рассматриваются в соотношении со своими производящими фразеологизмами: сопоставляется компонентный состав сравниваемых единиц, анализируется частеречная характеристика и семантические свойства производимых лексем; выявляются функции новообразований.

Автором проанализировано более ста фразеологизмов и их производных, что позволило прийти к выводу, что в качестве производящих чаще всего выступают процессуальные фразеологизмы, реже предметные и качественно-обстоятельственные. По мнению автора, образование производных слов на базе фразеологизмов в основном осуществляется на речевом уровне, а слова производные имеют разговорную окраску. Создание данных слов объясняется стремлением к экономии речевых действий и избежание тавтологии. Богатый индивидуальный лексикон позволяет выбрать необходимые слова в определенных коммуникативных ситуациях.

Автор считает, что отфразеологические окказиональные слова несут в себе дополнительный эмоционально-экспрессивный заряд и служат средством образного и яркого отражения действительности, и поэтому их следует изучать как языковое явление.

***Ключевые слова:*** *современный русский язык, отфразеологическая лексема, производящий фразеологизм, компонент фразеологизма, окказионализм, глагол.*

## ЗАБОНИ МУОСИРИ РУС ВА КАЛИМАСОЗӢ ДАР ЗАМИНАИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ

Дар мақола моҳияти ташаккулёбии калимаҳо дар заминаи воҳидҳои фразеологӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст. Калимаҳои ин гурӯҳ аз рӯи таносуб ба воҳидҳои фразеологии калимасоз баррасӣ мегарданд: ҷузъҳои воҳидҳои қиёсшаванда муқоиса карда мешаванд; тавсифи онҳо аз рӯи ҳиссаҳои нутқ ва хусусияти маъноии вожаҳои сохта таҳлил мегардад; вазифаҳои воҳидҳои луғавии нав муайян карда мешаванд.

Муаллиф зиёда аз сад воҳиди фразеологӣ ва калимаҳои сохташударо таҳлил намуда, ба хулосаи зерин расидааст: ба ҳайси калимасоз бештар фразеологизмҳои протсессуалӣ истифода гардида, воҳидҳои фразеологии предметӣ ва сифатию ҳолӣ каммаҳсуланд. Ба ақидаи муаллиф ба вуҷуд омадани

калимаҳои сохта дар заминаи фразеологизмҳо асосан дар сатҳи нутқ сурат гирифта, калимаҳои сохташуда обуранги услуби гуфтугӯиро доранд. Сохта шудани чунин калимаҳо вобаста ба кӯшиши сарфа намудани амалҳои нутқӣ ва роҳ надодан ба такрорҳо мебошад. Захираи луғавии ғании инфиродӣ барои интихоби калимаҳои зарурӣ дар вазъиятҳои гуногуни муоширатӣ имкон фароҳам меорад.

Ба андешаи муаллиф, калимаҳои окказионалии дар заминаи фразеологизмҳо сохташуда дорои хусусияти иловагии эмотсионалию экспрессивӣ мебошанд ва ҳамчун воситаи образнок ва возеҳ ифода намудани воқеият хизмат мекунанд, аз ин рӯ, онҳоро бояд ҳамчун падидаи лингвистӣ омӯхт.

***Калидвожаҳо:*** *забони муосири рус, воҳиди луғавии аз фразеологизм сохташуда, фразеологизми калимасоз, ҷузъи фразеологизм, окказионализм, феъл.*

## WORD FORMATION FROM PHRASEOLOGICAL UNITS IN MODERN RUSSIAN

The article explores the nature of education based on the words of phraseologies. Phraseological words are considered in correlation with their manufacturing phraseologies: maps composition compared units, analyses the characteristics of part of speech and noun lexemes produced; identify features of neoplasm.

The author analyzed more than a hundred phraseological units and their derivatives, which allowed concluding that as a procedural act often producing anagrams, less substantive and qualitative. According to the author, the formation of derivatives on the basis of phraseological units primarily on speech level, and the words are derived from conversation. The creation of these words means to save speech Action and avoid tautology. Rich individual lexicon allows you to select the necessary words in specific communicative situations.

The author believes that phraseological occasional words carry additional emotional and expressive charge and provide a means of figurative and bright reflection of reality, and therefore should be studied as a linguistic phenomenon.

***Keywords:*** *modern Russian language, phraseological lexeme, producing phraseology, component of phraseology, occasionalism, verb.*

***Сведения об авторе: Одинаева Шахло Голибджоновна*** *– аспирант 3-го курса кафедры методики преподавания Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992) 985 15 12 92, E-mail: Shahlo2019@bk.ru*

***Information about the author: Odinaeva Shakhlo Golibjonovna*** *– post graduate of student 3-year of the Department of methodology of teaching of the Tajik State Institute of languages named after Sotim Ulughzoda. Address: 734019, 17/6, Mukhammadiev street, Dushanbe, Republic of Tajikistan Tel.: (+ 992) 98515 12 92, E-mail: Shahlo_2019@bk.ru*

УДК 82-3 (091)

# ОБРАЗ ВА ТАСВИР ДАР НАСРИ НИМАИ ДУВУМИ АСРИ XIX

*Олимова Х.Ҳ.*
**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғода**

Аллома Аҳмади Дониш дар “Наводир-ул-вақоеъ” ҳаёти иҷтимоии мардуми Бухоро ва атрофи онро воқеъбинона тасвир намудааст. Дар баробари ҳамзамонон дар асар образҳое низ ҳастанд, ки ба адабиёти форсу тоҷик дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ворид гардидаанд. Воқеан, Аҳмад махдуми Дониш, ки қабл аз ҳама муттафаккир буд, таҳмилкунандаи сиришт ва ғояҳои дини мубини ислом ба шумор мерафт. Аз ҳамин хотир, андешаҳои волои Аҳмади Дониш тафсиркунандаи образҳои шуурӣ ва ухравӣ мебошанд. Аҳмади Дониш ба ҷавҳари қаҳрамонҳои худ ҷилои нав мебахшад ва дар таркиби асар онҳоро мураккаб менамояд. Образҳои бадеӣ дар асари мазкур ифодакунандаи эҳсосоти рамзии нависанда буда, типҳои мухталифи ҳамзамонон, осори динӣ ва мифологӣ мебошанд. Образҳо дар осори Дониш муайян набуда, онҳоро метавон образи асосӣ-худи муаллиф, ҳамсуҳбатони Дониш, ки муайян ва номуайян ҳастанд, образҳои ашхоси баргузидаи дини мубини ислом, образҳои мифологӣ номид. Расул Ҳодизода дар баҳси анъана ва навоварӣ таъкид бар он мекунад, ки “дар асарҳои монографӣ ва дигар тадқиқотҳои илмӣ-бадеӣ ба ҷиҳати бадеияти эҷодиёти ин ё он нависанда мо кам аҳамият медиҳем. Дар натиҷа симои фардии нависандаю шоирони мо дар сояи таҳлили ғоявии эҷодиёти онҳо гум шуда меравад ва ҳамон гуногунии услубу равияҳои эҷодӣ, ки реализми сотсиалистӣ онро тақвият ва илҳо мекунад, ба назар нонамуда мемонад” [8, с.179].

Тазоди як образ боиси пайдоиши тассавуроти наве дар умқи инсон мегардад. Фақат муаллиф метавонад ба он характери тозаи таъсирнок бахшад, ки ин аз ҳунари тасвирофарӣ ва баёни андешаи нависанда вобастагӣ дорад. Яъне дар маҷмуъ онҳо образҳои классикӣ мебошанд ва барои таъкиди ваҳдати вуҷуди халоиқ ва халқ, иродаи инсон ва дарки ягонагии мавҷудияти Худованд заминаи воқеиро низ мебозад. Толстой дар рисолаи “Санъат чист?” қайд намудааст, ки “Воситаҳои баланди санъат фақат барои он бузурганд, ки муҳтавои он ба ҳама мафҳуманд. Қиссаи Юсуф , ки ба забони чинӣ тарҷима гардидааст, чиниҳоро ба тасхир овардааст. Саргузашти Сакиа –Муни моро ба ваҷд меорад... Ана барои ҳамин ҳунар ва мафҳуми он агар моро ба ваҷд наорад, ин маънои онро надорад, ки мо забони онро намефаҳмем, ин худ санъат нест”[7, с. 205].

Воқеан, симои муаллиф дар асарҳои бадеӣ дар шакли асосӣ ва ё паси пардагӣ на ҳамеша мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Дар вақти таҳлилу баррасии симои муаллифон шахсият, ҳаракат ва мақсади муаллифро дарк намудан мумкин аст. Аксари муҳаққиқон ба фардият ва ё умумияти нақши муаллиф дар асар таваҷҷуҳ менамоянд. Баъзан муаллиф иштирокчии бевоситаи асар ва ё образи мустақилест. Аммо дар ҳолати дигар муаллиф ровии бевоситаи асар мебошад. Муҳаққиқ М.М. Бахтин муаллифро ҳамчун категорияи этетикӣ мешуморад ва меорад: «Муаллиф дар марзи олами бунёдкардааш ҳамчун эҷодкор бояд истад.... муаллиф ҳамчун шахсият дар пешорӯйи хонанда дар такопӯйи воқеот иштирок менамояд... Муаллиф шоҳиди воқеотест, ки қаҳрамони асар онро намебинад» [2, с. 166]. Яъне қаҳрамон дар фазои асари бадеӣ фаъолияти маҳдуд дорад ва тобеи вазъият аст. Бо ин амал аз муаллифи воқеӣ ва ё худ ровӣ тафовут дорад. Ба қавли Д.С. Лихачёв “Қаҳрамон ба фазои махсус

офаридашуда ворид намегардад – фазо хонанда ва қаҳрамонро муттаҳид менамояд. Хонанда қаробати худро ба тамоми ҳаводисе, ки дар асари бадеӣ ба амал меояд, эҳсос менамояд ва худро ҳамраҳи дарду ғами қаҳрамон меҳисобад” [6, с. 183].

Мушкилоти асосии дарёфтани нақши муаллиф дар асари бадеӣ қабл аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки образи муаллифро метавон асосӣ номид ва ё онро берун аз асар ба шахси гӯянда нисбат дод. Дар адабиёти бадеӣ шахсияти муаллиф бо мафҳумҳои қаҳрамони лирикӣ, «ман»-и муаллиф, худи муаллиф ва муаллиф пас аз муаллиф донистаанд. Дар «Наводир-ул-вақоеъ” Аҳмади Дониш ба ҳайси муаллиф дар самти марказӣ ва пас аз ноқилони вақоеъ ҷой дорад ва ин барои дарки ҳақиқати бадеии асар кӯмак мерасонад, зеро муаллиф андеша баён менамояд ва аз рӯзгораш мисолҳо меорад. Омӯзиши асари бадеӣ барои дарки дониш, ҷаҳонбинӣ, хислат, равон ва ҳадафҳои муаллиф дар ҷомеа замина фароҳам меорад.

Образи Дониш дар муқаддимаи асар ҷило медиҳад ва тамоми хислати муаллиф пеши назар ҷилва мекунад. Онро метавон ин гуна матраҳ намуд:

1. Зикри номи муаллиф, ки муаллиф дар ҷавҳари асар нақши асосиро мебозад ва аз интиҳои «Наводир-ул-вақоеъ” ишора ба худ менамояд: “Аммо баъд чунин гӯяд бандаи «заифалмуфтақиру ило афви раббиҳи-л-борӣ – Аҳмад ибн-ан-Носир ас-Сиддиқӣ ал-хифо ал-Бухорӣ...”
2. Зикри шуғл ва касбияти муаллиф: “... ба тақозои фитрат ва муқтазои ҷибиллат ҳам аз сиғари синн, ки чашми ман ба ҷаҳони фарох боз шуд, руҷӯъ ба завоиду фавозил, ки абнои ҷинсро тарози ҷома ва зеби амома аст, аз татаббӯи имлою иншо ва хома оварда...”
3. Зикри соҳибтаҷриба будани муаллиф: “... баъд аэ эҳрози фазоили муктасабӣ ва резачинии моидаи арбоби дониш маводди бисёр аз никоту ишорот, ки хулоса ва натиҷаи масоили илмия аст, дар хазинаи мударикаам ҷамъ омада буд”.
4. Зикри хислати воқеънигории муаллиф: “Агар маро дар қазияе шубҳа афтодӣ ҳам, он шубҳаро баъд аз таваҷҷуҳ ва тафаккур аз замири худ ба далоил ҳал кардаме, бе он ки руҷӯе бо ғайр орам ва аз касе пурсам”.
5. Зикри мушоҳидакории муаллиф: “Ва ҳар чӣ аз ҳар кӣ шунудаме, ки муаддӣ ба ҳикмате ва мавъизате буд, агар муҷмал буд, ба тафсил бинавиштаме ва агар муфассал буд, муҷмал кардаме”.
6. Зикри муносибати муаллиф ба иҷтимоъ, замона ва ҳамзамонон: “Ва дар ҳақиқати ҳар қавле ва феъле нигаристаме ва бар зоҳири чизҳо назар наандохтаме ва бар ботини он таваҷҷуҳ сохтаме. Ва чун замона ва аҳли он мустаъидди инчунин шуғл набуд, ман худро бад-ин тариқа машғул доштаме, то бад-ин восита ҳикоёту ривоёт аз он чи дидаву шунида будам, дар шаққоту авроқ ҷамъ шуда, абнои ҷинс барои тааҷҷуб мебурданд ва мутолаа мекарданд, боз меоварданд”.
7. Зикри таассуфи муаллиф ва огоҳии эшон аз тадбирҳои кишварҳои муттамаддин: “... дар мамолики Эрону Исломбул ва Фарангистон ҳарсола зиёда аз понсад китоб дар қавоиди фунуну улум мудавван ва муаллаф мешавад, ки соҳибони он ҳанӯз зиндаанд. Ва салотине, ки ба номи онҳо мувашшаҳ намудаанд, алҳол бар ҳаётанд”.
8. Зикри муносибати муаллиф ба аморат: “Чун мардуми мо онҳоро намебинанд, ба шунида эътимод наёранд, балки худ аслан аз ин замин зиёда ба замини дигар зътиқод накунанд”.

9. Зикри ҷаҳонбинии муаллиф: “Ва ин мардум он чи дар мобайни авроқ ёбанд, агар ҳама пучу музахраф бошад, насси қотеъ гумон кунанд ва он чи дар кутуби мутадовилаи эшон, чун «Сайқалинома» ва «Бӯмуслимнома» набувад, онро пучу музахраф шиносанд. Бинобар ин аксари афозили ин диёр ин шуғлро ҳамл ба молиҳӯлиё ва савдо карда, бо муҳаррири сутур муонид, на зидд буданд ва мегуфтанд: «Ҳозо ифкун ифтариҳӣ ва аонаҳӯ ллайҳи қавмумн охаруна»..

10. Зикри муносибати ҳамзамонон ба муаллиф “Ва он чи маонии баланд, ки дар калимоти ман меёфтанд, донишварон ранг бар рух мешикастанд на аз қадру маҳалли ман хориҷ медонистанд ва ноқистарон билкулл ба инкор мебаромаданд”.

11. Зикри ихтилофоти муаллиф ба иҷтимоъ: “Чунки ман бо халқ ба либосе баромада будам, ки ба ҳеҷ кадом аз олиму ҷоҳил мувофиқат надошт, на дастору шона, ки сару ришро ороям ва дар қатори уламо бошам ва на корду фӯта, ки дар камар бандам ва аз ҷумлаи ҷуҳало бароям”.

12. Зикри авзои равонии муаллиф аз тазоди рӯзгор: “Бад – он сабаб, ки атвори ҳеҷ як аз абнои рӯзгор дар назарам писанд наёманда буд ва рафтори ҳеҷ кадом матбӯи хотирам наяфтода...”

13. Зикри ифтихор аз дониш: “... аз ғояти дилгирӣ ва дилтангӣ барои рафъи ғаму ҳамм ҳам, дар ҳузури аҳбобу асҳоб қалам бармедоштам ва сафҳаҳо сиёҳ мекардам, ки маъниҳои равшантар аз Моҳ дошт. Ва он чӣ муаллифин барои тадвин ҷои хилвату назеҳ талабанд, ман дар маҷмаъю харобаҳо ва мақобир дар ҳузури руфақо беҳтар иншо ва имло менамудам...”

14. Зикри пешниҳоди ҳампешагон ва муносибати муаллиф бар онҳо: “Ва билҷумла онон, ки бо ман мизоҷдон буданд, баъд аз бурду оварди нусхаҳои ман ва ташаттути авроқи он ва тақаддуму тааххури ривоёт ба воситаи дахли ҳикоёти дигарон ибром оварданд, ки «ҳайф бошад, ки он чи навиштаӣ ба бод равад ва дар об афтад ва хок шавад ё бисӯзад. Онро аз суханони дигарон ҷудо кун ва ба як ҷо ҷамъ овар, ки аз ту ҳамин боқӣ монад ва муҷиби ёдоварии аҳбоб шавад, то набошию бошӣ ва мирию намирӣ».

15. Зикри иродаи муаллиф ва ҷасорataш ҷиҳати тасниф ва таҳияи асари худ: “Фалоҷарам, он чи дар дафотир ҳозир дидам, дар ин аврок, кашидам, хотири аҳбобро ва ҳувалмуваффиқу валмӯину. Ва онро ба «Наводир-ул-вақоеъ» мавсум гардонидам, чунки ҳар кадом аз ҳикоят ва ривоят, ки дар ин маҷмӯа қаламӣ шуда, мавқуф бар муқаддима ва сабабе будааст. Ва бар таҳрири ҳар як иллате муқаддам афтода, ки он дар зайли он қисса марқум хоҳад шуд” [4, с. 20-22].

Дар як матни хурд, яъне оғози асар тасвир намудани ҳолати равонӣ, ки тавъам ба хислати инсон аст, аз қудрати тасвирофарии нависанда дарак медиҳад.

Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ” бевосита ба тавсифи аҳволи худ зиёд баромад кардааст ва ҷузъиёти зиндагии ин муттафаккирро аз саҳфаҳои асараш ёфтан мумкин аст. Масалан, вазъи худро пас аз хасташавии беадад аз китобат ва тасвири лавҳ инъикос менамояд ва ин корро барои худ номувофиқ медонад, ин гуна ба қалам додааст: “Дар он асно касон ҷузвҳо барои лавҳу зинат меоварданд. Ман мегуфтам: «Маро сад дирам бояд, то қаламе аз ҷой бардорам. Ба сӯъи мизоҷи ман ҳамл мекарданд ва мегуфтанд: «Фалон ба ду дирам лавҳи покиза мекунад, ин мард ба даҳ-дирам аз ҷой намеҷунбад!» Ман мегуфтам: «Пеши он фалон биравед ва маҷлиси ман холӣ доранд. Ва ман ҳиммат бад-он ҷо баста будам, ки даҳ ҳазор дирам садди назари ман намешуд, то рӯзе шаш қаламмӯя барбастам, ки дар нафосат кори қалами Беҳзод кунад. Мегуфтам: «Ин шаш қалам шаш ҳазор динор диҳад, агар корфармо бошад». То

он ки он қаламҳоро дар қаламдон кирм бихӯрд ва ҳеҷ амале накард. Ва ман мегуфтам: «Барои касби ризқи муқаддар мувофиқи таври одамият набувад, ки хидмати дунону хасисон кунад” [4, с.122].

Аз матни боло маълум намудан мумкин аст, ки мутафаккир хаттотӣ ва лавоҳиро барои дарёфти маблағ ба сомон расонида бошад ҳам, аммо баъдан ба хулосае меояд, ки ризқ аз азал аст ва аз ин кор даст мекашад. Дар вақти тавсифи пешаҳо Дониш муҳимияти онҳоро шарҳ дода, дар баъзеи он таваққуф аз худ мекунад ва ин василаи ошно шудан ба пешаҳои доштаи Дониш мебошад. Маълум аст, ки Аҳмади Дониш ба навиштани шеър низ машғул буд, аммо онро самимона қабул надошт , аз илми арӯз вуқуф набуд ва ҳатто барои ҷамъоварии ашъораш кӯшише ҳам накардааст. Дар ин маврид меорад: “...ман дар эҳрози асбоб ва адавоти он аз вазну қофия ва арӯз ҳеҷ кӯшиш накардам, балки надида ва нашунида, ки шеър чунин рисолаҳо ва чунин мизонҳо дорад. Ва он чи бар забони ман вуруд ёфта, дафъӣ ва бетакаллуф буда, ки дар маворид ва мавоқеъ навиштаам ва беш дар ин санъат шуғл нанамудам” [4, с.122].

Касби дигаре , ки Аҳмадмахдум иштиғол дошт, ин мунаҷҷимӣ буд. Аҳмади Дониш тавассути гардиши ситораҳо вазъи сиёсии ҷаҳонро матраҳ менамуд ва дар баёни пешаи мунаҷҷимӣ онро мушкил медонад ва ҳадафҳои мунаҷҷимон чунин тазаккур медиҳад, ки: “Онҳо осмонро барои нон фуруд оварданд. Ман бино ба ду доия дар ин илм шуғл намудам; – яке он ки: бидонам ва ба ҳама бигӯям. Дигар, шояд ки чизе аз умури мустақбалаи худ маълум кунам ва бар тибқи он амал кунам. Ва алҳаққ баъд аз он ки ман дар ин илм хавз кардам, нусхаҳои нуҷумӣ ба рӯйи кор омад ва дастурот аз сандуққҳои адим қадам берун ниҳод. Ва таҳсили фаровон дар ин фан ба даст даромад, то ки истихроҷи як кавкаб, ки ба сӣ ҷадвал камобеш тамом мешуд, ба дувоздаҳ ҷадвал, ба итмом расид ва бад-ин восита ба куллиёти ахлоқу аъмоли худ, филҷумла, вуқуфе ҳосил кардам” [4, с.130].

Ба андешаи Дониш онҳое, ки ба ин кор даст мезананд, бояд содиқона нуҷумро биомӯзанд ва “бештар аз уламои русум ва мутамаккину ҳалим ва собир мешавад ва корҳоро муфавваз ба мабдаъ меорад, аз ҷиҳати яқин; на чун дигарон, ки бар забон гӯянд ва дар дил имон надоранд. Ва беҳуда худро ба ҳар кӯю дар назанад ва кӯрона ба ҳар тарафе чанг наяндозад» [4, с.102].

Воқеан ,Садриддин Айнӣ дар “Ёддоштҳо” дар фавсли ҳикояти «Одами аҷиб” тазаккур менамояд, ки бинобар ба мунаҷҷимӣ машғул будан ва тавассути он вазъи ҷурмҳои осмонӣ маълум намудан Донишро ба «фолбинӣ», «ҷодугарӣ» ва «сеҳрбозӣ» маҳкум менамоянд. Дар ҳикояти «Оби ганда ба хандақ” дар бораи ба назди Аҳмади Дониш омадани афғоне барои фолкушоиро тасвир менамояд, ки аз ин ҳолатАҳмадмахдум дар ғазаб мешавад.

Аҳмади Дониш пешравӣ ва асоси касбу пешаҳоро дар таълим медонист. Аммо пешаи муаллимиро мураккаб ва мушкил дониста, вазъияти худро дар вақти таълим гирифтанаш дар назди устодон чунин тасвир менамояд: “Ва дарсу тадрис ва гирд овардани шогирдонро билмарра кореҳ будам ва табъам мутанаффиру мутафаррид аз ғавғою ҳангома буд. Ва ба ҳоли устодоне, ки пеши онҳо таламмуз мекардам, тараҳҳум меовардам, ки инҳоро чӣ доия бар ин ташвишу ғавғо розӣ дошта?! Манофеи дунявию ухравии эшонро аз китобҳо мечӯстам, ҳамаро бар хилоф медидам. Ва бар сулуки уламои тобеъину мутақаддимин номувофиқ. Ва дар ташхиси маонӣ ва ваъдаҳо ки дар фазилати илму аҳли он омада, мутаҷраддид мешудам, ки «ал-илму изз-уд-дунё ва шараф-ул-охи-рати», мурод аз ин илм кадом илм бошад?” [4, с. 128].

Аҳмади Дониш дар забон лакнат дошт ва таҳсилро дар назди модар намуда, баъдан ба дабистон меравад ва дар хонавода фарзанди ягона буд ва ба қавли ӯ фарзандони пеш аз ӯ ва баъд аз ӯ вафот карда будаанд: “Ва пеш аз он ки маро ба дабиристон барои таълиму тааллум ниҳанд, дар хона ба ҳузури атфол пеши модар ба муколамаи абҷад ва тахтаи лавҳ вуқуфе ба хат ва хондани он ва гоҳе мавзун сохтани калом ба қофия, бе он ки ӯро маъние бошад, бинобар истеъдоди фитрӣ ба ҳосил будааст. Ва ба хотир дорам, ки дар овони тифилият ба қалам ва мидод ба деворҳои хокӣ болои кулӯх хатҳо ва шаклҳо мекашидаам ба ҳандаса мувофиқ ва ҳарфҳо мениҳодам ба таълим мутобиқ” [4, с. 20-22]. Дар тасвири замони кӯдакияш Аҳмади Дониш онро низ тазаккур мегардад, ки ӯ то омадан ба дабистон саводи кофие ба даст меорад ва вақти шурӯъ аз “Чаҳоркитоб” оғоз менамояд. Дигар ин ки “луғотро ба ҳамдигар татбиқ ва қиёс мекардам, ки маънии «қола» – гуфт, ва маънии «яқулу» – мегӯяд, ва маънии гӯянда – қоил ва маънии «қул» – бигӯ, маънии «аҳад» – танҳо, маънии ««самад» – бениёз. Ва дар фарқи ихтилофи луғот ақли ман қусуре меовард, ки миёни «воҳид» ва «аҳад» тафриқа чист ва онро намедонистам ва дилтанг мешудам. Ва ин ҳолат наздик ба марҳалаи нуҳум ва даҳум аз умри ман воқеъ шуда буд”[4, с. 20-22].

Бинобар он ки дар забонаш лакнат дошт, натавонист, ки Қуръонро аз бар намояд ва ё худ қорӣ бигардад ва ҳамзамон аз он ҳавсала надошт, ки муаллим маъноояшро намефаҳмонд: «Маро барои чӣ дар он кор доштаанд, ки самара ғавғои атфол ва ҳосилу натиҷа зарб ва шатм ва қайди хурдсол бошад».

Адабиёти бадеӣ ҳамчун ҷаҳонбинии тозае натиҷаи фаъолияти эҷодкор аст, ки қабл аз ҳама тариқи мусоҳиба ва ё худ суҳбат бо хонанда ба анҷом мерасад. Образи муаллиф ифодакунандаи ғояи асосии асар аст ва матлаби нависанда маҳз ҳамин тариқ баён мегардад. Аксари муҳаққиқон ба фардият ва ё умумияти нақши муаллиф дар асар таваҷҷуҳ менамоянд. Баъзан муаллиф иштирокчии бевоситаи асар ва ё образи мустақилест. Муҳаққиқ М.М. Бахтин муаллифи воқеӣ ва муаллифро ҳамчун категорияи эстетикӣ мешуморад. Ва меорад: «Муаллиф бояд дар марзи олами офаридааш иштирок намояд... ва рӯ ба рӯйи хонанда биистад. Муаллиф он инро медонад, ки хонанда ва ҳатто худи қаҳрамон намедонад” [2, с.15].

Яъне қаҳрамон дар фазои асари бадеӣ фаъолияти маҳдуд дорад ва тобеи вазъият аст. Бо ин амал аз муаллифи воқеӣ ва ё худ ровӣ тафовут дорад. Олими шинохта В.В. Виноградов ба фаъолияти озоди муаллиф дар асар чунин баҳогузорӣ намудааст: «Дар мазҳакаи адабӣ нависанда метавонад дар раванди як асари бадеӣ ниқоби услуби худро иваз намояд» [3, с.53]. Ба андешаи В. В. Виноградов асоси таснифи образи муаллиф дар асар муносибати худи муалиф ба асари бадеӣ мебошад [3, с.56]. Ҳамзамон образи муаллиф дар номи асар ифода мегардад ва ӯ шахсест, ки симои худро дар унвон инъикос менамояд. Ин ҷаҳонбинии муаллиф аст, ки дар асар пайдо мешавад ва таҷассуми худро меёбад. Симои Дониш дар дохили асар низ таъкид мегардад. Ё дар ҷойи дигар ба фарзандонаш муроҷиат менамояд: “Фарзандони ааззи амҷад – Абулкарам ва Асъад «ҳадоҳумал-лоҳу ило-с-сабил-ир-рушди» бидонанд, ки дар он айём, ки шуморо ҳанӯз фароғате аз дабистон ва истиғно аз ширу пистон муяссар нашуда буд, маро доияи сафаре афтод, ки агар асбоб мунофақат кунад ва бар он иқдом равад, яҳтамил, ки муроҷаат даст надиҳад ва агар муроҷаат воқеъ шавад, юмкин, ки фурсати пардохт ба ҳоли шумо дубора набошад” [5, с. 17].

Аҳмади Дониш дар асар бо ибораҳои “муҳаррири сутур” аз худ ишора менамояд ва ба ҳайси ровӣ ва қаҳрамони асосии асар мутаваҷҷеҳ ба масъалаҳои дар асар тазаккургардида мақсади худро баён менамояд ва чунин мақсадгузорӣ дар баъзе ҳолатҳо бо мухотаб ифода мегардад: “Муҳаррири сутур гӯяд, ки «ман дар ин ҳикоят инкоре доштам, ки як мард, агар ҳама аз фӯлод бувад, асберо бад-ин ранг натавонад бардошт, магар ки муболаға бошад ва ифтиро, то дар «Унсур»-и бедилӣ дидам, ки Мирзоқаландар, амми Бедил, асби савории худро назди кӯфтагӣ ва мондагӣ аз як сои кӯҳистон бардошта гузаронида” [4, с. 249].

Неруйи асосии калом дар ифодаи хотирот буда, вазифаи муаллиф низ дар назди хонанда аз маводи хотираҳо омода намудани ҳақиқати воқеии гузашта бидуни таҳриф мебошад.Муаллиф қабл аз ҳама дар асари бадеӣ шахси воқеист ва «Наводир-ул-вақоеъ” асарест, ки дар фаслҳои алоҳидаи он аз рӯзгори Дониш низ сухан меравад, мисли сафарҳо, суҳбат бо муосирон ва муҳокимаю мушоҳидаҳояш, ки худаш бевосита иштирокчӣ аст. Аз ин хотир, дар мураттаб намудани тарҷумаи ҳоли муаллиф ин асар нақши муҳим мебозад. Масалан, лутф ва ё дағалгуфтории Дониш.

Қаҳрамонҳои «Наводир-ул-вақоеъ» ҳамзамонони Дониш буда, дар симои онҳо рӯҳияи мардуми Бухоро, донишу фарҳанг ва завқу шавқи онҳо ифода ёфтааст.

Ҳамин тариқ, образҳо дар «Наводир-ул-вақоеъ» ба таври алоҳидагӣ ифода шуда, аз лиҳози маънӣ барои мақсади муаллиф ё дарки худшиносӣ пазируфта шудаанд. Чунин мисолпардозӣ аз ҳаёти қаҳрамонони гузашта ё ашхоси баргузида дар осори Дониш зиёд дида мешаванд. Дар андешаҳои фалсафии Дониш ин гуна чеҳраҳои таърихӣ ва ё динӣ зиёд ба чашм мерасанд. Зикри ин симоҳо аломати норизоӣ аз шоҳони давр ва муширкони соҳибмансаб ба таври хитоб ба гӯши хонанда мерасад, ки ба андешаи Дониш қисмати онҳо барои одамиён ибрат бошад.

**Адабиёт**


**1.** Бахтин, М.М. К методологии гуманитарных наук. / М.М. Бахтин – М., 1986. – С.381-393.

2. Бахтин, М.М .Эстетика словесного творчество. / М.М. Бахтин. – М., 1986. – 445 с.

3. Виноградов, В.В. Проблема сказа в стилистике / Виноградов В.В. // О языке художественной прозы.- М., 1980. – С. 53.

4. Дониш, А. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 1. / Аҳмади Дониш. –Душанбе: Дониш, 1988. – 288 с.

5. Дониш, А. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2. / Аҳмади Дониш. – Душанбе: Дониш, 1988. – 344 с.

6. Лихачев, Д.С. Поэтика древнерусской литературы. /Д. С. Лихачев. – Л.: Худ. литературы, 1987. – 656 с.

7. Толстой, Л.Н. Что такое искусство? / Л.Н. Толстой. – М.: Современик, 1985.

8. Ҳодизода, Р. Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик // Анъана ва навоварӣ (саҳ.100-111) / Расул Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 416 с.


## ОБРАЗ ВА ТАСВИР ДАР НАСРИ НИМАИ ДУВУМИ АСРИ XIX

Дар мақола қайд гардидааст,ки истилоҳи образ маънои “тасвир”, «сурат», «сувар», «мусаввир», «мусаввар», «мусаввара», «тасаввур» буда, суханшиносон онро муҳокот ва ё тимсол низ гуфтаанд. Образҳо дар «Наводир-ул-вақоеъ” дар таркиби матнҳои овардаи мусанниф ба хотири тасдиқ ва масал инъикос

меёбанд. Образи асосии асар дар унвони асар ифода гардида, воқеаҳои нотакрору нодирро дар бар мегирад. Мушкилоти асосии дарёфтани нақши муаллиф дар асари бадеӣ, қабл аз ҳама дар он пайдо мегардад, ки образи муаллифро метавон асосӣ номид ва ё онро берун аз асар ба шахси гӯянда нисбат дод. Қайд гардидааст, ки дар адабиёти бадеӣ шахсияти муаллиф бо мафҳумҳои қаҳрамони лирикӣ, "ман"-и муаллиф, худи муаллиф ва муаллиф пас аз муаллиф ифода ёфттааст.

Муаллиф дар мақола овардааст, ки дар «Наводир-ул-вақоеъ" Аҳмади Дониш ба ҳайси муаллиф дар самти марказӣ ва пас аз ноқилони вақоеъ ҷой дорад ва ин барои дарки ҳақиқати бадеии асар кӯмак мерасонад, зеро муаллиф андеша баён менамояд ва аз рӯзгораш мисолҳо меорад.

Ба андешаи муаллиф, омӯзиши образҳо дар "Наводир-ул -вақоеъ" барои дарки дониш, ҷаҳонбинӣ, хислат, равон ва ҳадафҳои муаллиф дар ҷомеа замина фароҳам меорад.

***Калидвожаҳо:*** *образ, тасвир, муаллиф, сабк, наср, андеша, калима, воқеияти зиндагӣ, ҷараён, нависанда.*

## ОБРАЗ И ОПИСАНИЕ В ПРОЗЕ ВТОРОЙ ПОЛОВИНЫ XIX ВЕКА

В данной статье отмечается, что термин «образ» используется в значениях «рисунок», «холст», «художник, «воображение», также знатоками слова упомянуто, что есть случаи его использования в значениях «пародирование» или «изображение». Образы в «Наводир-ул-вакое» отражены в текстах стихов для подтверждения и иллюстрации. Основной объект работы выражается в названии работы и содержит уникальные и редкие события. Основная трудность в поиске роли автора в произведении искусства заключается, прежде всего, в том, что авторский образ можно назвать основным или связать его с человеком, находящимся вне произведения. В художественной литературе личность автора определяется понятиями лирического героизма, личностью автора, автором и автором после автора.

В статье отмечается, что в «Наводир-ул-вакое» Ахмад Дониш как автор занимает центральное место и постреалистичным способом пытается понять литературную правду произведения, поскольку автор выражает свои мысли и приводит примеры.

По мнению автора изучение изображений в «Наводир-ул-вакое» дает основу для понимания авторских знаний, мировоззрения, характера, духа и целей.

***Ключевые слова:*** *образ, описание, автор, стиль, проза, мысль, слово, реальность жизни, процесс, писатель.*

## IMAGE AND DESCRIPTION IN PROSE IN THE SECOND HALF OF THE XIX CENTURY

In this article it is noted that the term "image" is used in the meanings of "drawing", "canvas", "artist, "imagination", also the word connoisseurs mentioned that there are cases of its use in the meanings of "parody" or "image". The images in "Nawadir-ul-waqae`" reflected in the texts of poems for confirmation and illustration. The main object of the work is expressed in the title of the work and contains unique and rare events. The main difficulty in finding the role of the author in the work of art is, first of all, that the author's image can be called the main one or connect it with the person who is outside the work. In fiction, the personality of an author is defined by

the concepts of lyrical heroism, the personality of the author, the author, and the author after the author.

In the article, the author quoted that in" Nawadir-ul-waqae` " Ahmad Donish as the author takes center stage and in a more realistic way tries to understand the literary truth of the work, as the author expresses his thoughts and gives examples.

According to the author, the study of images in "Nawadir-ul-waqae`" provides a basis for understanding the author's knowledge, worldview, character, spirit and goals.

***Keywords:*** *image, description, author, style, prose, thought, word, reality of life, process, writer.*

***Сведения об авторе: Олимова Хосият Хакимовна*** *– кандидат филолологических наук, доцент кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода.* ***Адрес:*** *734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе ул. Мухаммадиева 17/6, тел.: (+992) 917160791, E-mail: hosiyat.olimova@mail.ru*

***Information about the author: Olimova Khosiyat Hakimovna*** *- candidate of Philology, associate Professor of the Department of theory and history literature of the Tajik state Institute of languages named after Sotim Ulughzod.* ***Address:*** *734019, Dushanbe 17/6 Muhammadiev str., phone.: (+992) 917160791, E-mail: hosiyat.olimova@mail.ru*

**УДК 82 (575.3) (092)**

# СОТИМ УЛУҒЗОДА – ПАЙВАНДГАРИ ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗ

***Бобоалиева З.П.***
**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Сотим Улуғзода яке аз нависандагони бузурги адабиёти навини миллати тоҷик мебошад, ки бо офаридани осори пураразиш дар ташаккули худогоҳӣ ва худшиносии миллии халқи тоҷик нақши созанда дорад. Аксари мавзӯъҳои осори Сотим Улуғзода ба баёни воқеоти таърихӣ ва муаррифии чеҳраҳои бузурги илмию адабӣ ва сиёсии миллати тоҷик бахшида шудаанд.

Дар оғози марҳилаи эҷодии хеш Сотим Улуғзода ба ҳодисаҳои рӯзгори худ бештар аз диди сиёсӣ ва иҷтимоии замони Шӯравӣ нигаристааст. Аммо баъдтар дар масири эҷодии нависанда тағйироти куллӣ иттифоқ афтода, сабку услуби эҷодӣ ва дарунмояи осори ӯ ба сӯи дигар майл мекунад.

Устоди марҳум - Худоӣ Шарифзода фаъолияти эҷодӣ ва офарандагии Сотим Улуғзодаро, бо таваҷҷуҳ ба замон ва вусъати ҷаҳонбинии адабии нависанда ба ду бахш ҷудо мекунад: “якум, аз оғози халлоқияти ҳунарӣ ё эҷоди адабӣ то офариниши романи «Навобод» дар соли 1953, намоишномаҳои «Калтакдорони сурх» (соли 1940), «Дар оташ» (соли 1944), қиссаи «Ёрони боҳиммат» (соли 1947) ва романи «Навобод» (соли 1953), ки бозгӯи адабии замони нависанда ва ба равиши эстетикаи реализми сотсиалистӣ нақши ҳаводиси замон аз мавқеи диди сиёсӣ ва иҷтимоии он аст. Бо офариниши қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» дар эҷодиёти Сотим Улуғзода гардиши бисёр ҷиддӣ дар офариниши шахсияти қаҳрамон, тақдири он дар раванди ҳаводиси марбут ба таърихи тоҷикон ва сарнавишти онҳо дар фосилаи наздик ба як ҳазору сесад сол оғоз ёфтааст. Ҷаҳонбинии нависанда аз мавқеи ҷаҳонбинии илмӣ ба таълимоти материализми таърихӣ такя дорад ва ба назари синфигароӣ асос меёбад” [7, с. 158].

Мақсади аслии адиб - рӯ овардан ба таърихи ғанӣ ва фарҳанги волои миллати худ, пайванд сохтану шиносонидани насли имрӯз ба таърихи ҳазорсолаи мардуми тоҷик ва шахсиятҳои таърихсозу ифтихорофар мебошад, ки ин амр дар қиссаҳои «Субҳи ҷавонии мо», «Ривояти суғдӣ», романҳои «Восеъ», «Фирдавсӣ» ва осори дигари адиб ба хубӣ мушоҳида мешавад.

Ҳамчунин, “омили асосии таҳрики ормону хоҳишҳои нависанда муҳит, замону макон ва саъйи шахсии ӯ ба шинохти сарчашма ва бархости онҳо ва посух ба ин ниёзҳост [7, с. 157].

Сабку услуби тозаи нависандагии хешро Сотим Улуғзода аз қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» шурӯъ намуда, дар дигар асарҳои хеш пайваста идома медиҳад. Қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» аз тасвир намудани деҳаи хеш таҳти унвони «Деҳаи мо» оғоз мегардад: «…Деҳа дар масофаи дуре ба боғот мепайвандад. Аз боғот он тараф сафед-сафед лентаҳои борики роҳҳо намоёнанд, ки ба ҷониби деҳоти ҳамсоя кашида шудаанд. Аз он деҳаҳо дур, хеле дур, дар он тарафи шаҳрчаи Тӯс дарёи Сир ҷорист…» [4, 7].

Қисми якуми романи «Фирдавсӣ» низ бо номи «Хонаводаи деҳнишин» оғоз мегардад: «…Кашафрӯд аз миёни водӣ ҷорист, водиро аз шимолу ҷануб ду силсилаи мувозии кӯҳсорон иҳота кардаанд. Насими рӯди пуробу пурхурӯш ва дами кӯҳсорони барфпӯш нек асаре бар иқлими вилоят доранд: дар обу ҳавои мусоид аз баҳорон то поёни тирамоҳ киштзорҳо пурфайз, боғистонҳо шукуфон, меваҳои ширадор фаровон, чаманзорҳо ба нашъу намоянд…» [3, с. 5].

Дар ҳар ду асар тасвир кардани Кашафрӯд ва Сирдарё низ хеле ҷолиб аст ва ин ҷо аз он сархатҳо ёд кардани мо ба сабаби он аст, ки эътироф ва эътиқоди нависанда аз шоири бузург дар ин ду асар – деҳаи худро Тӯс ном ниҳодан дар қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» баръало намудор мегардад: «Дар байни деҳоти атрофи Тӯс калонтаринаш деҳаи мост…» [4, с.7].

Табиист, ки ҳар як нависанда ва офарандаи сухан ҷаҳонбинӣ, тарзи гуфтор ва сабку услуби хосаи тасвир намудани ҳаёт ва зиндагиро дорад, ки дар ин самт Сотим Улуғзода низ бо сабки хосаи таърихнигорӣ ва зинда гардонидани воқеоту ҳодисаҳои гузаштагони хеш аз дигар адибон фарқ мекунад. Ҳамин вижагиро метавон дар асари ӯ, ки барои шиносонидани чеҳраи воқеии Абулқосим Фирдавсӣ ба муосиронаш романи ҳамноми шоир - «Фирдавсӣ»-ро меофарад, нек мушоҳида кард. Махсусияти ин асари нависанда дар он зоҳир мегардад, ки мисли дигар осори таърихияш адиб онро дар асоси ҳодисаҳои воқеии таърихӣ навиштааст: «Ба ҳамин тарз вай пас аз ҳаждаҳ соли меҳнати муттасил дар октябри соли 994 нусхаи (варианти) аввалини «Шоҳнома»-ро ба охир расонд» [3, с. 70].

Боиси тазаккур аст, ки асоси мантиқӣ ва ҳақиқати зиндагӣ доштани сухани бадеии Сотим Улуғзода, махсусан дар муколамаи қаҳрамонҳои асар баръало мегардад ва онро дар қисми «Баҳс бо имом» дар романи «Фирдавсӣ», ки воқеӣ тасвир ёфтааст, метавон мушоҳида кард: «– Ҷаноби охунд, шунидам, шумо дар ҷомеаи Тобирон талабагонеро, ки машғули хондани қиссаи Зол ва Рудоба будаанд, танбеҳ дода аз хондани он қисса манъ кардаед?... Абдунабӣ бо лаҳни истиғноомез ҷавоб дод: – Бале, танбеҳ кардам. Ба ҳар ҳол саҳни ҷомеъ ҷои қироати қиссаҳои оташпарастон нест, ҳам мусалмонон он гуна қиссаҳоро нахонанд беҳтар. Фирдавсӣ суоли дигар дод: – Ҳамчунин шумо бандаро ба маҷуспарастӣ гунаҳкор карда ба шайхи бузургвор шикоят бурдаед? Ҷавоби суол чунин буд: – Ҳар як мусулмони содиқро дар ҳифзи имони хеш ва дини мубини ислом ва шариати он кӯшо будан ҳам фарз ва ҳам суннат аст…» [3, с. 27].

Вижагии дигари романи «Фирдавсӣ» дар он аст, ки нависанда кӯшидааст бо мӯҷазбаёнӣ ва истифода кардан аз муҳассаноти бадеӣ тасвирҳоро бо маъниҳои мушаххас баён намояд: «Дар вақти расидани ин хабар волӣ тараддуди шикор рафтан дошт. Лашкариёнаш сагҳо, юзҳо ва бозҳои шикориро ба сафар тайёр карда буданд» [3, с. 31].

Ҳамин нуктаи мӯҷазбаёнӣ ва мухтасарнигорӣ ҳамчунин дар вақти тасвир намудани эҳсосоти ишқу муҳаббати қаҳрамонҳояш низ ба назар мерасад: «Вай Ширини сиёҳчашмаки чилкокулро зеботарин духтари деҳа медид. Ҳар гоҳ ки бо вай дар кӯю кӯча вомехӯрд, ё вақте ки Ширинро модараш аз тариқи ҳамсоягӣ бо супорише назди Фотимабону ё Равшан мефиристод, Бобак аз вай чашм канда наметавонист. Ширин чун медид, ки ҷавонак ба ӯ чашм дӯхтааст, шармгинона табассуме мекарду мерафт» [3, с. 221].

Тамоми шахсиятҳои таърихӣ, адабию илмӣ ва сиёсие, ки дар осори Сотим Улуғзода ба унвони қаҳрамони асар интихоб шудаанд, намоди таърихи халқ ва корномаи миллати тоҷик дар тӯли таърих аст. Ҳадафи аслии нависанда аз интихоби чунин мавзӯъҳо баёни ҳофизаи таърихии миллат ва чеҳраҳои мондагоре мебошад, ки дар ташаккули худогоҳию худшиносӣ мақоми хос доранд. Сотим Улуғзода тавонистааст, тавассути зинда намудани чеҳраҳои таърихӣ дар адабиёти муосири тоҷик асарҳои мондагореро офарад, ки барои насли имрӯзу фардо боиси тарбияву намуна бошанд.

**Адабиёт**

1. Абдуллоев, А. Абдулқосими Фирдавсӣ /А. Абдуллоев. –Душанбе: Адиб, 1987. – 235 с.
2. Асозода, Х. Абдулқосими Фирдавсӣ дар шинохти Сотим Улуғзода /А. Худойназар. – Душанбе: Адиб, 1999. – 80 с.
3. Улуғзода, С. Фирдавсӣ. Роман /С. Улуғзода. – Душанбе: Адиб, 1991. – 256 с.
4. Улуғзода, С. Мунтахабот. Иборат аз ду ҷилд (Тартибдиҳанда Ҷ. Муруватов). Повестҳо. Ҷ.1/С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 448с.
5. Мирзо, М. Паёми ахлоқии Фирдавсӣ / М. Муллоаҳмад. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 256 с.
6. Шарифов, Х. Таҳаввули мазмун ва ифода дар эҷодиёти Сотим Улуғзода / Х. Шарифов //Услуб ва камолоти сухан (Маҷмӯаи мақолаҳо) –Душанбе: Ирфон, 1985. – 176 с. – С. 26-43.
7. Шарифов, Х. Гӯяндаи ҳамосаи миллат /Х. Шарифов //Сездаҳ мақола (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Офсет Империя, 2013. – 272 с.

## СОТИМ УЛУҒЗОДА-ПАЙВАНДГАРИ ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗ

Дар мақола қайд гардидааст, ки Сотим Улуғзода нависанда, публисист, мунаққид ва мутарҷими бузурги садаи ХХ ба шумор рафта, бештар ба тасвир намудани чеҳраҳо ва воқеоти таърихӣ қаламфарсоӣ намудааст. Ба андешаи муаллиф, эҷодиёти Сотим Улуғзода гуногунжанр буда, дорои мавзӯоти ғанист. Бештари асарҳои ӯ ба ҳодисаҳои зиндагии аз ҷиҳати замон ва давраи хеле тӯлонии таърихӣ бахшида шудаанд. Мақсади нависанда аз рӯ овардан ба таърихи гузаштаи бой ва фарҳанги воло-пайванд сохтани имрӯз ба таърихи ҳазорсолаи мардумаш мебошад, ки инро метавон дар романи «Фирдавсӣ»-и адиб мушоҳида намуд.

Дар мақола муаллиф эҷодиёти нависанда Сотим Улуғзодаро аз нигоҳи сабки таърихнигории нависанда мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Дар натиҷаи таҳқиқ муаллиф қайд менамояд, ки Сотим Улуғзода бештар дар асарҳои худ, ба вижа романи «Фирдавсӣ» чеҳраҳо ва воқеаҳои таърихиро тасвир намуда, ба ин васила таърихи гузаштаи халқи тоҷикро бо имрӯз пайванди бадеӣ мебахшад.

Ба надешаи муаллиф, - Сотим Улуғзода бо ин усул мехоҳад насли имрӯзро ба таърихи ҳазорсолаи мардуми тоҷик ва шахсиятҳои таърихсозу ифтихорофар, таърихи ғанӣ ва фарҳанги волои миллати тоҷик шиносонад.

Дар баробари ин муҳаққиқ паҳлӯҳои дигари сабки эҷодии нависандаро мавриди пажӯҳиш қарор дода, пас аз таҳлили осори адиб, муҳаққиқ ба хулосае омадааст, ки вижагии дигари сабки нависандагии Сотим Улуғзода дар он аст, ки ӯ бо мӯҷазбаёнӣ ва истифода аз муҳассаноти бадеӣ тасвирҳоро бо маъниҳои мушаххас баён менамояд.

***Калидвожаҳо**: Сотим Улуғзода, асар, таърих, чеҳраҳо, романи «Фирдавсӣ», тасвир, осор, нависанда, мӯъҷаз, сабк, воқеаҳои таърихӣ, чеҳраҳои таърихӣ.*

## СОТИМ УЛУГЗАДЕ – МОСТ МЕЖДУ НАСТОЯЩИМ И ПРОШЛЫМ

В статье отмечается, что Сотим Улугзода великий писатель, литературный критик и переводчик ХХ века, который больше всего описывал в своих произведениях исторические события и исторические лица. Творчество писателя многогранно и имеет богатую тематику. Большая часть его работ посвящена историческим событиям. Целью писателя является обращение к богатой истории и великой культуре своего народа – это соединяет сегодняшний день с прошлым, что особенно заметно в его романе «Фирдоуси».

Статья посвящена исследованию особенностей творчества Сотима Улугзода с точки зрения его исторического метода.

В ходе исследования автор приходит к выводу, что Сотим Улугзода в большинстве своих произведениях, в том числе в романе «Фирдоуси» изображает исторические события и исторические личности.

По мнению автора, С. Улугзода посредством этого метода хочет познакомить нынешнее поколение с богатой тысячлетней историей таджикского народа, историческими лицами и великой культурой.

Автором исследуются и другие особенности писательского стиля С. Улугзода. После анализа творчества писателя, автор приходит к выводу, что еще одна особенность творчества писателя заключается в том, что он выражает образы с увлекательным использованием художественного стиля.

Таким образом, автор статьи исследуя данную тему, пытается внести свой вклад в решение поставленного вопроса.

***Ключевые слова:*** *Сотим Улугзода, творчество, история, образы, роман "Фирдоуси", изображение, метод, исторические события, исторические личности.*

## SOTIM ULUGHZODA IS A TIE BETWEEN TODAY AND THE PAST

Sotim Ulughzoda is a great writer, literary critic and translator of the XXth century, who most of all described historical events and historical figures in his works.

The creativity of the writer are multifaceted and has rich themes. Most of his works are devoted to historical events. The goal of the writer is an appeal of the rich history and great culture of his people, which can connect the past with today and it can be noted in his novel "Firdawsi".

The article is devoted to the study of creativity peculiarities of Sotim Ulughzoda, from the historical method point of view.

In the course of the study, the author concludes that Sotim Ulughzoda depicts historical events and personalities in most of his works, including the novel "Firdawsi".

According to the author, S. Ulughzoda, with this method, wanted to acquaint the current generation with the ancient history, historical figures and the rich culture of the Tajik people.

Also, the author explores other features of S. Ulughzoda's writing skills and style. Analyzing the writer's creativity, the author concluded that another feature of the writer's creativity is the expressing images with a fascinating use of artistic expression.

Thus, the author of the article, exploring this topic, tries somehow to contribute to this issue with his research.

***Keywords****: Sotim Ulughzoda, creativity, history, images, the novel "Firdawsi", illustration, method, analyze, expression, connection.*

***Сведения об авторе: Бобоалиева Зебониссо Пирмуродовна*** *- к.ф.н., доцент, проректор по воспитательной работе Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул Мухаммадиева 17/6, тел.: (+992) 931038191, 2325122, E-mail: zebosh@list.ru*

***Information about the author: Boboalieva Zebonisso Pirmurodovna*** *– candidate of philology, Vice-rector on upbringing of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda.* ***Address:*** *734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992) 931038191, 2325122, E-mail: zebosh@list.ru*

**УДК 891.550**

# ТАЪРИХ ВА ДАРКИ ТОЗАИ БАДЕИИ ОН ДАР ОСОРИ МУҲАММАДЗАМОНИ СОЛЕҲ

***Абдуҷалили А.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Таваҷҷуҳ ба таърих, омӯзиш ва баҳрабардорӣ аз рӯзгори мардони бузурги таърихофарин ҳамеша аз ниёзҳои маънавии инсоният мебошад, ки ҷанбаҳои гуногуни он дар осори мухталифи илмию фарҳангӣ, аз он ҷумла адабиёти бадеӣ таҷаллӣ пайдо кардааст. Зеро ба таъкиди аҳли илм «… ягона василаи хештаншиносӣ таърих аст. Таърих бошад, пайванди рӯҳонии наслҳост. Маҳз худогоҳии таърихист, ки Инсон миёни соири мавҷудоти зинда ҷудо шуда меистад ва аз фарш то арш нуфуз карда, ба байтушшарафи ҳастӣ мерасад» [5, с. 53].

Муҳаммадзамони Солеҳ аз ҷумлаи нависандагони навпардози тоҷик аст, ки дар муқоиса бо ҳампешагони хеш «бештар таърихназар ва аз баъзе ҷиҳатҳои дар ибтикорот ҷасурона қадам мебардорад, дар тадқиқи бадеии ҳувияти этникии миллат дасти тавоно доштаашро ба субут расонида меояд» [11, с.164].

Вай нависандаест, ки аз оғози эҷодиёташ ба бозкушоиву решаёбии бадеию фалсафии таърихи миллат ва рӯзгори ҳамнажодонаш пардохта, хонандагони осорашро ба дарку фаҳми тозаи бадеии сарнавишти аҷдодон раҳнамун сохтааст. Бинобар ин, ба андешаи адабиётшинос Абдухолиқи Набавӣ вай нависандаест, ки «хонандаи худро ба шаклу воситаҳои шартиву рамзӣ ба умқи таърих ҳидоят мекард («Сарви Кишмар» [8], «Дарвеши ҳақиқат», «Қиссаи шеърҳои хунин»), аз решаҳо, пайвандҳо, созандагиву фоҷиаҳои ҳамнажодҳо қисса мегуфт ва андешаи ӯро дар заминаи таърихи маънавии салафонаш бунёд кардан мехост» [3, с. 184].

Воқеан, дар ҳикояҳои дар боло зикршуда, тавре, ки қайд гардид нависанда фарозу фуруди рӯзгори аҷдодон, дастхуши бегонагон қарор гирифтани арзишҳои миллӣ ва ваҳшонияти ғосибонро дар баробари фарҳангу тамаддуни нотакрори ориённажодон ба риштаи тасвир кашида буд. Аз ин ҷиҳат, вақте ки хонанда ин осори нависандаро мехонад, худро дар ҷараёни воқеаҳои таърихӣ ва талошу набардҳои қаҳрамон, куллан ҳолу ҳавои замони тасвир мебинад ва эҳсоси баланди нафрат ба истилогарон дар қалби вай шиддат мегирад.

Чунин ҳолат ҳамзамон диди таърихназарӣ ва ибратпазирии хонандаи борикбину рамузфаҳмро ба гузаштаи аҷдодон ва сарнавишти халқу Ватан мутаваҷҷеҳ менамояд. Муҳаммадзамони Солеҳ дар ин маврид ва бо ин равиш чанд осори сирф таърихӣ эҷод кардааст. Аз ҷумла хикояи «Сарви Кишмар» достонҳои «Ардавирафнома ё сояҳои шикаста» ([9], романи «Девори Хуросон» [10]. Дар қиссаи «Шеърҳои хунин», ки дар ҳошияи «Таърихи табарӣ» навишта шудааст, махсусан, симо, андеша ва ҷаҳони ботинии Ардавон пури Марзбон дар қиссаи «Шеърҳои хунин» ҷолиби диққат буда, маънавибунёд аст. Дар ин қисса ғалаёни ботинии Ардавон, гуфтугӯи зеҳнии ӯ бо падараш ва омодагии вай барои сурудани шеър дар назди издиҳом боиси тавлиди андешаи хонанда мегарданд. Рӯёрӯйии Ардавон ҳамчун дабири донишманд дар муқобили Амири бегонаи Хуросон барои баён доштан шеъру сухани воло бо забони модариаш ва ба ин васила таъйид намудани салобати маънавии ӯ дар баробари фармонфармои бегона аз лаҳзаҳои муҳим ва муассири қисса мебошанд. Аз ҷумла: «Ардавон баргашта сӯи Амир нигарист: Имрӯз Амири Хуросон дар он оинаи садваҷҳӣ худро хеле кӯчаку ночиз мебинад.

Амир дар ниҳод хеле хашмгин шуда буд, вале ба амри имтиҳон худро барои сабр кардан маҷбур мекард: шояд боз каси дигар пайдо шавад. Вай бояд ҳамаи он касонеро, ки аз ин суханон андеша мекунанд, бишносад. Барои ин ӯ ба ҳар дашном, ба ҳар густохӣ, ба ҳар вайронкорӣ, бардошт мекунад. Ӯ танҳо, танҳо дар худ фарёди Бағдодро иқрор мекунад: «Мо ҳанӯз ғалаба накардаем!» [10, с.115].

Ардавон боз ба сӯи мардум баргашт ва чашм ба тарафи уфуқҳои дур дӯхт. Дар ҳоле, ки хун дар шараёнҳояш ба туғён омада буд, хитоб кард:

- Бо танаффур зиндагӣ кардан сӯи озодӣ меорад! Бо танаффур зиндагӣ кардан ва дӯст доштан бардагист! Ин суруди садоқат ва хиёнат нисбат ба Ватан аст» [10, с.141-142].

Адабиётшинос Абдухолиқ Набавӣ паёми қиссаи мазкурро дар чанд ҷумла натиҷагирӣ менамояд ва диққатро бештар сари моҳияти ватандӯстии қаҳрамони қисса – Ардавон писари Марзбон тамаркуз дода, таъкид мекунад, ки ватанпарастии Ардавон дар ду сурат пеши назари хонанда таҷаллӣ пайдо кардааст: «Аввалан, ӯ (яъне Ардавон - А.А) ба таърихи тамаддун ва қаҳрамонии халқаш пайванди қавӣ дорад. Вай аз Монӣ ва Хуррамиёну Бобаке, ки «Оё бо танаффур зиндагӣ кардан ва дӯст доштан мумкин аст?...» - гӯён ҳатто вуҷуди хунрезӣ ӯ фарёд мезад, ё аз хиради Маздо, ки пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори некро талқин менамуд ва ҳамчунин аз корномаи Ибни Муқаффаъ сарчашма мегирад. Сонӣ, Ардавон ба арабҳо, ки шеъри Аҷамро дар дили мардум куштаанд, нафрати беандоза дошт. Ин дабири одӣ бо ин ҳама дороию шуҷоат ба «оинаи садваҷҳие табдил ёфт, ки имрӯз амири Хуросон дар он худро хеле кӯчаку ночиз мебинад». Ва дар ҳар гуфтору пиндори Ардавон, ки шеъри порсиро аламбардорӣ мекунад, амир пай мебарад, ки онҳо ҳанӯз ғалаба накардаанд. Хулосаи ҳикоя низ ҳаминро талқин мекунад, ки ғосибон ҳанӯз ғалаба накардаанд» [12, с. 128-129].

Агар ғояи шикаст ё пирӯз нашудани ғосибон, бо вуҷуди ҳукмравоии сиёсиашон дар сарзамини аҷдодонро нависанда танҳо дар қолаби як қисса, аз ҷумла «Шеърҳои хунин» хулоса карда бошад, пас расо баъд аз чордаҳ сол, андеша ва ғояи фавқро бо диди фарох ва пурвусъат дар романи пурмӯҳтавояш – «Девори Хуросон» аз нав ба миён мегузорад. Дар тавофут ба Ардавон писари Марзбон қаҳрамони марказии романи зикршуда Исмоили Сомонӣ на танҳо дабир, балки ҳамзамон сарвар, амиру сарлашкар, шоҳи одилу раиятпарвар, сиёсатмадори муваффақ аст, ки бо ҳусни тадбиру рой як давлати муназзаму муқтадирро поягузорӣ мекунад. Аз ин лиҳоз, донишмандону ноқидони риштаи адабпажӯҳӣ ба романи мазкур баҳои баланд дода, онро яке аз беҳтарин ва пурбортарин дастовардҳои эҷодии нависанда донистанд. Аз ҷумла, адабиётшинос Атахон Сайфуллоев романи мазкурро ба риштаи таҳлилу баррасӣ кашида, оид ба он дар ҳаҷми панҷоҳ сафҳа таҳти унвони «Романи таърихии ҳозирзамон» нақди муфассале навиштааст. Ба таъкиди Атахон Сайфуллоев нависанда бо эҷоди «Девори Хуросон»: «… асари яклухте офаридааст, ки таърихи халқҳои эронӣ, қабл аз ҳама тоҷиконро, дар асри даҳ бо тамоми зиддияту мураккабот ва робитаи мутақобил бо хилофати араб ва туркҳои бодиянишин ба таҳқиқу тасвир оварда, мавқеу мақоми Исмоили Сомониро дар ҳаллу фасли воқеаҳои сиёсии тақдирсоз хеле рӯшану барҷаста нишон медиҳад» [1, 43].

Муҳаққиқ ҷойи дигар ёдовар мешавад, ки: «Тахайюли баландпарвози бадеии ӯ (Муҳаммадзамони Солеҳ – А.А.) имкон додааст, ки ӯ бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ бо банду басти қавӣ воқеияти реалии замони ҳукмронии

Исмоили Сомониро дар шакли роман ба қалам орад. Дар он халқ, ҷомеа, мамлакат, муборизаву талошҳои сахт ба хотири озодию истиқлолият, ҳастӣ ва бақои миллат ба таври бадеӣ инъикос ёфтаанд» [1, с.50].

Адабиётшинос Абдухолиқи Набавӣ низ романи «Девори Хуросон» - и Муҳаммадзамони Солеҳро дар мақолааш бо номи «Девори Хуросон» - румони марҳилавӣ дар насри муосир нақду баррасӣ карда вежагиҳои онро ба таври зайл натиҷагирӣ намудааст:

- сохтор, тору пуд ва дарунмояи он маҳсули омӯзишу таҳқиқ ва андешаҳои дарозмуддату ҷиддии нависанда сари таърихи пурвоқеаву тақдирсози мардуми тоҷик дар замони таҷаддуди миллӣ ва эҳёи давлатдории вай аст. Аз ин ҷиҳат, муаллифи «Девори Хуросон» бо эҷоди он: «дарунмояи таърихӣ ва андешаи миллии насрро ғанои тоза бахшид» [10, с.13].

- образи офаридаи нависанда дар румони «Девори Хуросон», яъне Исмоили Сомонӣ як образи комилу ҷолиби ин амири ботадбир мебошад, ки: «ба сифати як подшоҳи қоҳиру одил, хирадманд, ботадбир, далеру нотарс, саҳнасозу ҷабҳашикан, худотарсу боадаб, инсони мушфиқу меҳрубон, андешаманд, дилу ният ва амалу қавлаш нек, шахси ватандӯсту миллатпараст, таърихсозу бунёдгузори маънавиёти тозаи қавми тоҷик дар саҳифаҳои румон қадам ба қадам қомат меафрозад, зинда мегардад, кору пайкор мекунад, панд медиҳанд, чун инсони комил дар дили кас менишинад» [10, с.15].

- романи «Девори Хуросон» аз нигоҳи шаклу жанр ҷолиби таваҷҷуҳ буда, асоси ҷанбаъҳои ҳунарию адабии онро поэтикаи намоишнома ташкил медиҳад. «- Бинобар ин, - менависад, Абдухолиқ Набавӣ, - ин амали Муҳаммадзамони Солеҳро намешавад ғайримунтазира донист, балки он як кӯшише барои ба асли /аврупоии/ худ бештар тамос додани румони тоҷикӣ ҳисобидан дуруст мебошад. Аз ҳамин ҷост, ки онро метавон бо шавқ мутолиа намуд, ба осонӣ саҳнавӣ кард ва ҳам рӯи навори синамо оварда» [10, с.15].

- дар баробари ин ва дигар хусусиятҳои зикршуда, Абдухолиқ Набавӣ ба чунин натиҷаи куллӣ мерасад, ниҳоятан романи «Девори Хуросон», ки дар мавзӯи таърихӣ ва дар мавриди кору пайкори амир Исмоили Сомонӣ чун поягузори давлати нахустини тоҷикон таълиф шудааст, бо он ҳама рӯҳи созандагиву эҳёгарӣ пеш аз 1100 сол бо масъалаҳои рӯзгори замони мо, ҳамсадо ва ҳамнаво мегардад ва дар тавсияи тафаккури миллии мо саҳми босазое гирифта метавонад.

Таъкиди ҳамоҳангӣ, ҳамнавоӣ ва ҳамсадоии масъалаҳои дар романи «Девори Хуросон» матраҳшудаи даврони Исмоили Сомонӣ бо замони мо яке аз вежа гиҳои рӯшани асари мазкур мебошад, ки аз дарку диди тозаи маърифати таърихии муаллифи он шаҳодат медиҳад. Яъне, нависанда бо иншои романи «Девори Хуросон» аз як тараф симои пурнаҷобати Исмоили Сомониро дар либоси бадеият, бо сабки равону тозаи классикӣ, забони шевою шеъргуна офарида, аз ҷониби дигар умумият, ягонагӣ ва ҳамсонии муҳимтарин масъалаҳои давраи ҳукмронии Исмоили Сомониро бо даврони пас аз 1100 соли вай, дар шароити Истиқлоли давлатӣ ва бунёди давлати мустақили миллии тоҷикон айният медиҳад. Чунки даврони Сомониён, бахусус замони ташаккули шахсияти сиёсии Исмоили Сомонӣ, рушду камол, корномаи беназир ва нақши ӯ дар таъсису тарвиҷу тавсеи давлати бунёдкардааш бо ҳолату воқеият рӯзгори пас аз ёздаҳасраи давлатдорию давлатсозии ворисону ҳамнажодонаш шабоҳат ва пайвандҳои зиёде дорад.

Ҷои зикр аст, ки романи таърихӣ-драмавии «Девори Хуросон» як асари навоварона дар адабиёти тоҷик мебошад. Вай дар заминаи мутолиаи манбаъҳои

хеле куҳану мӯътамаде чун «Таърихи Бухоро»-и Абӯбакри Наршахӣ, «Таърихи Байҳақ»-и Ибни Фундуқ, «Шарҳи таърихи Яманӣ»-и Манинӣ, «Суратуларз»-и Ибни Ҳавқал, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Равзатуссафо»-и Мирхонд, «Ҳабибуссияр»-и Хондамир, «Таърихи нигористон»-и Қозӣ Аҳмади Ғаффории Кошонӣ, «Комил»-и Ибни Асир, «Наҳҷ-ул-балоға», «Таърихи Сиистон» ва як силсила тадқиқотҳои илмии донишмандони дохиливу хориҷӣ эҷод шуда, дар натиҷа романе дар рӯҳи замон ва сабки вежае табдил гардидааст. То имрӯз оид ба зидагинома, кору пайкор, муборизаҳои чашмрас, комёриву комгориҳои Исмоили Сомонӣ аҳлу ақрабояш, то шикастхӯриаш аз ҷониби ғуломони саисаш асарҳои зиёд, достонҳо, шеърҳо, мақолаҳо, повесту романҳо эҷод гаштаанд, аммо романи Муҳаммадзамони Солеҳ бо фарогирии мавзӯъ, шарҳу баёну баррасии воқеот, тасвири тимсолҳо (образҳо, қаҳрамони хубу бад) асарест ба худ хос. Нависанда кӯшидааст Исмоили Сомониро ҳамчун сутуни побарҷои ободгар, мондагори давлату давлатдор, соҳибтамаддуну соҳибфарҳанг ба қалам кашад. Дар тасвири нависанда Исмоили Сомонӣ тимсолест ҷовидона, омӯзанда, пайгиришаванда. Исмоили Сомонӣ, ки хуни ориёӣ, наҷобату рӯҳи рустамона, ковиёнаю сиёвушона дар он ҷӯш мезад, онест, ки бояд даҳояш донист ва сабақи давлатдорӣ ва фарҳангиашро биомӯхт. Ӯ ҳам девори муқтадири Хуросони бузург асту ҳам рӯҳи бешикасти Тоҷикистони соҳибистиқлоли сутург. Нависанда дар арзёбии Девори Хуросон бешикастии Девори Тоҷикистонро низ дар назар дорад. Аз Абӯбакр Муҳаммад бинни Ҷафари Наршахӣ мехонем: «… Ва дар рӯзгори Оли Сомон (сулолае, ки солҳои 875-999 дар Осиёи Миёна, Хуросон ва қисми Эрон ҳукмронӣ кардаанд. - А. А.) амири саид Наср бинни Аҳмад бинни Исмоили Сомонӣ ба Регистон биное фармуд. Ва сарое сохтанд бағоят некӯ… ва бар дари сарои хеш сарои уммол фармуд бино карданд…, ҳар омилеро алоҳида девоне будӣ… Ҳар амире, ки будӣ баъд аз он иморат мефармуд ва нигоҳ медошт ва маунат ва харҷи азим бар мардумони Бухоро буд. Ва ҳар соле моле азим бибастӣ ва ҳашарҳои бисёр то ба рӯзгори амир Исмоили Сомонӣ, ки ӯ халқро раҳо кард ва он девор хароб шуд ва гуфт: «То ман зинда бошам, бораи вилояти Бухоро манам!». [9, с.302]. Ҳамин рӯҳияи ватанпарастӣ дар саросари роман эҳсос мешавад. Аз ғояҳои ватандорӣ, ҳидоят ба ҳифзи нангу номус, ки Рӯдакию Фирдавсӣ ва дигар абармардони Хуросони бузург баён медоштанд, низ ба кор гирифта шудааст. Мазумуни мазкурро М.Солеҳ чунин тасвир кардааст:

«Ва Рустам аз Бухоро сар мекашад - Марзбоне мустаҳкамтар аз девори Чин, сангинтар аз садди Зулқарнайн! Куруши Кабир ба хато шуда Искандар - пайғамбар ба палид! Эй Хуросон, Зулқарнайни ту Куруш буд ва имрӯз ба додхоҳӣ бархостааст! Ифтихороти туро ба яғмо бурдаанд ин бобулиҳову қибтиён! Дарахти Асурик, Дарахти Аҳуро дигар дар ин ҷо сабз мешавад, дигар бор аз ин ҷо сар мекашад!

Ҳафтод ҳазор чодари яъҷуҷ ба қурбонгаҳи Иброҳим нисор мешавад. Бозори Нахшаб пур аз ғулом аст имрӯз!

Дигар бораҳо ба шаҳрҳо фурӯ меуфтанд! Киштзорҳо то ба уфуқҳо доман кашидаанд. БОРАИ ШУМО МАНАМ!..» [10, с.393].

Аз ин пораҳо бар меояд, ки нависанда Исмоили Сомониро на танҳо «бораи Бухоро», балки «Девори Хуросон» аст, «яъне на танҳо як вилояти Бухоро, балки тамоми сарзамини бузурги Хуросон дар паноҳи ӯ қарор дошт. Амир Исмоил дар қаламрави мамлакат аҷдоди бузурги худро зиндаю поянда гардонид. На танҳо Бухоро, балки тамоми хиттаи Хуросон ва қудрати бузурги моддию маънавияш, бо баргаштанаш ба асли худ ангуштнамои ҷаҳони мутамаддин гардида буд. Ҳарчанд ки талошу набарду муборизаҳо давом дошт» [1, с.53].

Худи Муҳаммадзамони Солеҳ дар мавриди романи мазкур гуфтааст: «Асаре, ки дар мавзӯи таърихӣ навишта мешавад, ҳеҷ гаҳ наметавонад нусхабардорӣ ва ё акси таърих бошад, зеро бардошти як муаллиф аз таърих ба мисли ёдоварии рӯъёест, ки дишаб дар хоб дидаем ва фардо бояд натиҷааш маълум гардад, яъне дар оянда ва ё ҳоло таъбир шавад. Ин муносибат фақат ва фақат сюрреалистона сурат мепазирад. Аз ин рӯ наметавон ба яқин гуфт, ки ин аз ману он аз таърих аст. Албатта муаллиф ба фактҳои таърихӣ, ҳодисоти умдаи он такя мекунад, вале дар ташреҳи он боз сюрреалист боқӣ мемонад. Муҳим он аст, ки ҳадаф ва муроди ман аз ин ёдоварӣ, аз ин рӯъёи таърих чӣ паёме ба имрӯзу оянда додан мешавад. Агар муаллиф паёме ба имрӯзу оянда надошта бошад, навиштани асаре дар мавзӯи гузаштаҳо беарзиш аст, бефоида аст, зеро таърих худ бозгӯи худ аст» [6].

Мутобиқи тасвири Муҳаммадзамони Солеҳ Исмоили Сомонӣ дар рӯзҳои аввали маншури ҳукумати шаҳри Бухороро дарёфт кардан ва диду боздидаш аз ин шаҳри бузург, ба ин васила ошноии ӯ аз вазъи равонию маънавии мардум дарк мекунад, ки: «Бухоро дар дасти соҳибони хеш нест. Ва онро ба эшон баргардониданӣ ҳам нестанд. Вақте ки ман бо деҳқонзодагони асили Бухоро сӯҳбат мекардам ва аз онҳо розу ниёзашонро мепурсидам, дар чеҳраи ин ҷанобон хашму эътироз пайдо мешуд. Магар он пири муғонро надидед, ҳис накардед? Он қадар бимаш додаанд, ки ҷуғидан надошт. Ӯ дар диёри худ бегона аст, ғариб аст… Чаро гумон намекунед, ки фардо бо Шумо чунин накунанд, яъне ҳайсиятатонро баранд, асолататонро ночиз гардонанд, фахру ғурури озодагиатонро поймол созанд…» [10, с.63].

Исмоили Сомонӣ ҳамчун қаҳрамони марказии «Девори Хуросон» дар идомаи ин гуфтугӯ бо камоли сароҳат эълон медорад, ки вай албатта аз ойини муқаддаси Ислом пайравӣ мекунад, аммо пайравии вай огоҳона, хирадмандона ва ошиқона аст. Ӯ марзи эътиқоди динӣ ва ифтихори миллиро ба дурустӣ мешиносад, ташхис карда метавонад ва диндории вай рӯҳияи бегонапарастӣ ва ба истилоҳи имрӯз арабгароӣ надорад. Аз ин ҷост, ки ба муқобили рӯҳониёни иртиҷоӣ ва бегонапараст баромада мегӯяд: «Онҳо аз ман уммати ислом сохтан мехоҳанд. Алҳамдулиллоҳ, ман мусалмонам, вале иронӣ, аз нажоди озодагон. Вале онҳо мехоҳанд ман сари як дастурхон бо як шабушкхору бо як малаххор биншинам…» [10, с.63].

Таъкиди «ман мусалмонам, вале иронӣ, (алҳол, тоҷик – А.А.) аз нажоди озодагон», ки нависанда аз номи қаҳрамонаш ёдовар мешавад, беш аз ёздаҳ аср инҷониб дар ҳаёту сарнавишти мардуми тоҷик аз пурсишҳои асосӣ, усулӣ ва меҳварии ташаккули шахсияти ин миллатро ташкил медиҳад. То ҳанӯз ҳам ин баҳс дар миёни қишри рӯшанфикрон, рӯҳониён ва сиёсатмадорон ҷой дорад, ки мо аввал тоҷик ҳастем ё мусалмон?!

Исмоили тасвирнамудаи Муҳаммадзамони Солеҳ дар нахустин лаҳзаҳои ҳокими Бухоро гардиданаш вазъи руҳию равонии ҳамнажодонашро хуб ташхис намуда, тақвият бахшидани эҳсоси худогоҳию хештаншиносии мардум, истиқлоли андеша ва эҳёи тафаккури миллиро муҳимтарин рисолати давлати Сомониён медонад. Вай таъкид менамояд, ки: «Ҳамагуна давлате, ки фоқиди андешаи миллат бошад, пойдор нест. Мардуми Бухороро ба мисли бақияи нуқоти Эрон аз хеш бегона сохтаанд. Саффориҳо ба ҷуз рақобатҳои сиёсӣ бо хилофат дар ин замина кореро анҷом надодаанд. Ҳатто барои он фурсати андешидан ҳам наёфтаанд. Вазифаи мо дар ин марҳала аз бедор кардани виҷдони таърихии мардум ва аз инҳитоту мушаббеҳшавӣ нигоҳ доштани он аст» [10, с.69].

Сипас Исмоили Сомонӣ дар ҷавоб ба пурсиши мушовири амири Сомониён – Наср ибни Аҳмад, ки дар романи мазкур бо номи Симо ал Кабир ёд карда мешавад, бо такя ба як ҳадиси Паёмбари Ислом мафҳуми мушаббеҳшавиро шарҳ дода, ӯ мегӯяд: «Ман ташаббаҳа биқавмин фаҳм минҳу» фармудааст, расули Худо. Яъне ҳар кӣ худро ба қавми дигаре ташбеҳ созад, дигар ба ҷомеаи худ пайваста нест, ба қавми дигаре вобаста аст, аз решаи худ буридааст, бо худ бегона шудааст, ойинаи дигаре шудааст. Мардуми мо аз Имоми Аъзам ба он сабаб пайравӣ карданд, ки муташаббеҳ нашаванд. Ин равия озодиҳое медод. Вагарна хуруҷи Абумуслим бегона мебуд. Чаро сафедҷомагон бо роҳбарии Ҳошим бинни Ҳаким хуруҷ карданд? Чӣ омиле онҳоро барангехт? Ин исёнҳо алайҳи чӣ буд? Алайҳи ҳамин муташаббеҳ шудан!..

Вақте як озода бадавӣ ва фоқиди фарҳанги хеш шуд, биниш ва эҳсосаш қодир нест, ки арзишу зебоии қавми хешро, таъриху фарҳанги хешро дарёбад. Қавми моро ба ҳамин марҳила расонидаанд. Яке аз мушаххасот ва мояи фахри як озода, ки ӯро аз ақвоми ваҳшӣ ва бадавӣ мутамоиз месозад, доштани виҷдони таърихӣ ва маърифату ишқ ба суннати гузашта аст» 10, с. 70].

Бо чунин андешаву барномаву афкору мақсади воло Амир Исмоил барои бедор намудани виҷдони таърихӣ, густариш додани маърифат, ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ ва эҳёи фарҳанги миллии ҳамнажодонаш саъю талош мекунад. Барои амалӣ намудани ҳамин ормони бузург ӯ дар мусоҳиба бо вазири кабири Сомониён – Балъамӣ таъкид мекунад, ки: «…дар ин сарзамини пуршукӯҳу паҳновари Ирон пас аз тасаллути араб бояд давоми миллатро таъмин намуд… Ва акнун вазифаи мост, ки он арзишҳоро, ки пояи давоми миллати ironӣ будааст, пояи бунёдгузории як ҳукумати навин бикунем, то он арзишҳову ормонҳо он ҳукуматро ба дӯш бикашанд ва ҷон бибахшанд. Акнун он ҳангом фаро расидааст, ки он арзишҳову ормонҳо аз сарчашмаи давоми миллат дар зарфи ҳукумат рехта шаванд. Чун ин миллат аст, ки ҳазорсолаҳо давоми худро таъмин кардааст, то ҷое, ки ҳукуматҳо аз ӯҳдаи ин масъулият барнаёмадаанд. Аз ин рӯ миллати ironӣ бинобар ҳаққе, ки дар асари «сарчашмаи давоми худ будан» дорад, ҳаққи бунёдгузории ҳукумат ва низомеро дорад, ки таҷассуми ин арзишҳо ва ормонҳо бошад» [10, с.70].

Ҳамин тавр, ба андешаи андешаи адабиётшинос Абдухолиқ Набавӣ: «Амир Исмоили Сомонӣ дар тасвиру ташреҳи Муҳаммадзамони Солеҳ, пеш аз ҳама, чун шоҳи таърихсоз пеши назар меояд. Ӯ аз аввал инро хеле хуб эҳсос кардаву рисолати хешро муайян карда буд: «Гуё мо, фақат мо, қурбони таърих будаем. Дигар бас аст. Ман омадаам, ки онро қатъ кунам. Дигар ман амини шумо ҳастам… Ман омадаам, ки шуморо наҷот диҳам! Ман омадаам, ки дардҳои шуморо таскин диҳам. Ман омадаам, ки ниёзҳои шуморо бароварда созам. Он Баҳроми Варҷованд манам!» [10, с. 15]. Ва тамоми кору пайкори амир Исмоил равонаи иҷрои масъулиятест барои мардуми худро «бурдан ба сироти мустақим, расонидан ба сироти мустақим» мебошад. Чун замоне, ки ӯ ба сӯи Табаристон ба муқобили Алавиён лашкар мекашад ва ба диёри ҷадди бузургвораш Баҳроми Чӯбина мерасад, ҳамоно мақсади барқарор кардани адолати таърих, «ҳақро ба ҳақдораш бирасонидан»-ро пеши худ мегузорад.

Яке аз муҳимтарин хислатҳои Амири Исмоил дар он зоҳир мегардад, ки вай «воқеан марди худотарс аст, аз аркони дин, илми фиқҳу аҳодис хеле хуб огоҳ мебошад, инсонест, ки дар ҳолати равонӣ дар ӯ нишонаҳои муҳаддисӣ ба зуҳур меояд, бахусус агар аз муҳаббати ватан, миллат ва эътиқод ба Худои якка ручӯъ кунад, рӯҳаш покиза мешавад, ба асли ҳақиқати чизҳо зудтар мерасад. Вале дар тасвири Муҳаммадзамони Солеҳ ин эътиқод огоҳона аст ва аз муҳокимаҳои мутаноқиз низ барӣ нест. Инро сабаб он аст, ки амир Исмоил худ як марди

хирадманду олим аст, таърихи адён, бахусус дини бостонии ориёии зардуштӣ ва исломиро омӯхтааст. Амир Исмоил ҷонибдори покизагӣ ва асолати дин аст ва аз пешравоёни мазҳаб ва ҳама гуна инсони мӯъмин риояти бетақаллуби онро тақозо мекунад, вай бовар дорад, ки байни динҳо, аз ҷумла зардуштия ва ислом дар масоили бунёдӣ (ваҳдоният ва покизагӣ дар фикру амал ва қавли инсон) мухолифатҳои ҷиддӣ нест. Ва аз ҳамин меъёр ба мардони мазҳабиву уламои табиӣ - ҳам бо китобдори Муғсурат, ҳам ба фақеҳ Абулҳафси Сағир ва ҳам ба файласуфу донишманди тиб Муҳаммад Закариёи Розӣ эътиқоди яксон дорад, аз ҳар яки эшон соҳоти гуногуни илмро омӯхта, ё масоили мушкилеро барои худ рӯшан кардааст. Гузашта аз ин илму дониш ва хирадро ба сифати аслу бунёди давлатдорӣ медонад. Охирин насиҳати ӯ ба писараш Аҳмад чунин аст: «Дӯстдори илм бошу мардони хирад», ё: «Мардони фозилу донишманди ростин… таассуб надоранд» ва ё: «Худшиносӣ ба илм муяссар мешавад…» [10, с.16].

Муҳаммадзамони Солеҳ симои Исмоили покизадину покизаихлос ва покизаэътиқодро тарзе тасвир мекунад, ки пеши назар таҷассум мегардад ва ба қалби хонанда унс мегирад. Қаҳрамони нависанда ҳамеша ба Офаридгори хеш такя мекунад, аз Ӯ паноҳ меҷӯяд. Дар ин бобат монологҳои ботинии Амир Исмоил басо таъсирбахш буда, бо рӯҳу равони одамони замонҳои гуногун ҳамсадо мегарданд: «Эй аз офариниш бениёз, эй ба ҳама Олам Ҳаст, эй ҳама ҷаҳон дугонаву ту Якто, ман паноҳ фақат ба ту овардаам. Дар ин олами дубуна чун метавон ба ту монанд шуд?! Якрӯ шуд? Якто шуд?!! Оё юғе фарохури гардани ғафси ҳафтоду ду миллат фароҳам омадааст?! Оё башар ҳадафи хешро ёфтааст?...Оё башар ҳадафе дорад?! Оё башаре, ки ба гунаи фариштагон бошад, вуҷуд дорад?! Оё башар метавонад худогуна бишавад, дар ҳоле, ки худ вуҷудаш таҳтушшои шак қарор гирифтааст? Чаро чист? Аз рӯяи сояҳои ин махлуқи башаргуна бояд ҷаҳид? Мисли Ҷамшед бояд парид, чун Кайхусрав бояд раҳид. То он замон домангири ту хоҳанд буд, эй Худо. Бо номи ту фасод хоҳанд кард, эй Парвардигор. Оҳ агар башар медонист, ки бар самти муқобили ту қарор гирифтааст! Аз ту дур гардидааст! Эй кош башар ин хатои хешро мешинохт ва ҳар ду иқрор мекард! Ва ҳадафи офаринишро медонист. Он гоҳ буд, ки Иблис бе дасту поча мешуд, музтар мемонд, ҳадафи исёнаш бемоҳият мегардид: Иблис ба пучӣ мегароид! Девҳои гӯлзанандаи ин махлуқи башаргуна ҳалок мешуданд. Ва аз аъмоли онҳо дигар шигифтзада намешуданд, аъузхонӣ аз забонҳо меуфтод. Вале афсӯс, ки ин хом офаридгорро гӯл зад: Иблис аз тани ӯ нарафта буд. Он, ки дар баробари фариштагони асмо мехонд, Иблис буд. Аз ин рӯ кори ҳодиён бе натиҷа монд, муслиҳин ба ҷое нарасонданд. Одам фақат лаҷан буд. Аз ӯ фақат бӯйи бад меомад. Атри фиребу Иблис ҳам ӯро хушбӯй нагардонд... Деви Видоту! Ҳукумати беқонунӣ! Ҷангали Гаутама! То ба рӯзи Хурдод ҳамчунон боқӣ хоҳад монд...» [10, с. 277-279].

Мутобиқи таъкиди адабиётшинос Атахон Сайфуллоев монологҳои қаҳрамони марказии «Девори Хуросон» боз аз он ҷиҳат ҷолиби диққатанд, ки «ғояҳои олии ватанхоҳона ва башардӯстона касб кардаанд ва хеле содиқонаву самимӣ ҳам мебошанд. Масалан, ӯ дар бораи соҳиби ҳақиқӣ пайдо кардани Бухоро ва ҷовидона мондани ӯ мегӯяд:

«Эй бузург меҳано, эй Бузург Хуросон, дигар тобиши ховар аз туст! Ту расолати хешро дарёфтаӣ! Пайки ту омад, Баҳроми ту омад! Бо ороста дирафши ба ойини хусравон! Дигар офтоб аз дили ту уруҷ хоҳад намуд. Ту дигар ба Кайхусрави хеш бол хоҳӣ дод! Ту Ҷамшедро ба сарзамини ҷовидона ҷавониҳо хоҳӣ кашид! Эй Хуросон, Эй сарзамини пайёмоварони раҳоӣ, эй маҳди Офариниш! Ҷовидона моно!» [9, с.270].

Дар радифи имони комил доштан, ватанхоҳу ватандӯст будан,барои бунёди давлати воқеан миллӣ талош варзидан, дар тасвири нависанда Муҳаммадзамони Солеҳ Шоҳ Исмоил донишвару донишгустар аст. Ин амири маърифатпарвар ба ҳар ҷое тасаллут меёбад, пеш аз ҳама дар пайи густариш бахшидани илму хирад талош меварзад ва ба волиёну гумоштагонаш таъкид мекунад, ки: «…ҳиммат гуморед, мадрасаҳо кушоед, ҳар шаҳристони ин кишварро Бағдод созед. Чаро аз он, ки мардум бесавод мемонанд, ба хашм намеоед? Таҳсили илму маърифат бояд маҷбурӣ бошад. Ҳама Муҳаммади Розӣ нест! Дигаронро иҷборан тарбият мебояд кард!... Аввал мебояд мадраса сохт, баъд масҷид!... Китобхонаҳои мо пур аз китоб аст. Аъроб натавонистанд ҷумла китоби моро ба коми обу оташ андозанд. Ин амали зишту худобехабарона буд. Вақте ки ба он ниёзманд шуданд, дигар дер шуда буд. Уммавиҳо ҳарчанд тафриқа андохтанду моро хор шумориданд, боз бе мо буда натавонистанд. Ин китобҳо бояд самар бахшанд, мағзҳои китобзой бизоянд» [10, с.375].

Адабиётшиносон Амирияздон Алимардонов, Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ ва Мубашшири Акбарзод вежагиҳои романи «Девори Хуросонро» ба риштаи таҳқиқ кашида, дуруст таъкид месозанд, ки: «Саропойи ин асар аз меҳандӯстиву мардумпарастӣ, ҷавонмардиву саховатмандӣ, адолату садоқат ва дигар хислатҳои судманду сутудании девори Хуросон амир Исмоили Сомонӣ саршор аст. Муаллиф аз офаридани чеҳраи ин шоҳи пояндаёд дар адабиёт ба хубӣ баромадааст ва метавон бо сари баланд гуфт, ки ҳар сухан, ки нависанда бо меҳр аз забони амир Исмоил меоварад, панд аст, ҳикмат аст, ҳидояту раҳнамоӣ аст. Агар гуфтаҳои ӯро дар масоили гуногуни сиёсату давлатдорӣ пайи ҳам гузорем, метавон аз он қонунномае таҳияву тадвин кард, ки ба нафъи баъдинагон хидмат карда тавонад. Ақидаҳои ӯ, ки аз омӯхтаву андӯхтаҳояш дар фарозу шеби зиндагӣ бармеоянд, он қадар қавист, ки наметавон ҳарфе аз он кам кард, ё бар он афзуд. Ин ҷо ҷасорат ва маҳорати нависандагии муаллифи «Девори Хуросон» худ ба худ ҷилванамоӣ мекунад» [1, с.118].

Адабиётшинос Замира Улмасова, ки ба романи «Девори Хуросон» таваҷҷуҳи хос зоҳир кардааст, таъкид менамояд, ки дар романи мазкур: «…хоҳ ба таври иттилоотӣ, хоҳ бо манзаранигорӣ, хоҳ бо усули муколама ва хоҳ бо сабки монологи ботинӣ вақоеи ҳақиқати таърихии ба сари қудрат омадани Исмоили Сомонӣ инъикос ёфтааст» [1, 180].

Ин муҳаққиқи тоҷик ҳамзамон таъкид мекунад, ки романи «Девори Хуросон» бо вуҷуди асари таърихӣ буданаш «аҳамияти замонавӣ дорад. Масъалаи муҳимме, ки дар роман ҳаллу фасли худро ёфтааст, ба асли хеш баргаштан аст ва он дар замони истиқлол низ аҳамияти беандоза дорад. Исмоили Сомонӣ бо ҷасорати фавқуллода, ақлу хирад, кордонӣ ва заковати азалии худ давлати абарқудрати тоҷиконро ташкил дод» [1, с.285].

Ба Муҳаммадзамони Солеҳ муяссар гардидааст, ки бо эҷоди «Девори Хуросон» як романи тоза ва асари комил дар мактаби насри бадеии таърихии тоҷик офарида, назари муайян ва махсуси худро ба воқеоти он замон дар таъйини пайванд бо имрӯз иброз дорад.

Ҳамин тавр, метавон ба чунин натиҷахо расид, ки дар романи мазкур симои мунаввару муҳташам ва хирадманду хирадсолори Исмоили Сомонӣ бо тамоми хасоиси шахсияти инсонӣ, маънавӣ, андешаҳои амиқи давлатдорӣ, сарлашкарӣ ва сипаҳсолорӣ таҷассум ёфтааст.

Ин симои таърихӣ маҳсулу зодаи қудрату истеъдоди табиӣ, андешаву тафаккур ва хостаҳои ботинии офарандааш Муҳаммадзамони Солеҳ аст, ки аз дарки тозаву бадеи таърихии ӯ башорат медиҳад.

Нависанда бо офаридани симои маҳбубаш дар романи «Девори Хуросон» чеҳраи наву тозаи Исмоили Сомониро ба сифати шоҳи одиле, ки бо диду маърифати баланду ноб аз таърихи миллату аҷдодаш сабақ мегирад ва баҳри эҳёи миллӣ, эҳёи давлатдорӣ, густариш бахшидани фарҳангу ҷаҳонбинӣ ва худогоҳии миллаташ як ҳукумати бо адлу додро ба мерос мегузорад, муаррифӣ менамояд.

Дар пайванд бо вежагӣ ва ормонҳои замони муосир баён шудани воқеаву ҳодисаҳои қарни 9, нақши Исмоили Сомонӣ дар ҳаллу фасли муҳимтарин масъалаҳои замонаш, аз он ҷумла баҳрамандӣ аз сарнавишт ва рӯзгори гузашта, тақвияту таҳкими ҳофизаи таърихӣ, бунёди ҷомеаи адолатпарвар, барқарор намудани адолат, тарбия ва камолоти насли ҷавони донишманду бофарҳанг, таъмини истиқлолияти сиёсию маънавӣ ва фарҳангию илмӣ, имрӯз низ аҳамияти усулӣ ва амалии бештар касб менамояд.

Бо таҳлили симои Исмоили Сомонӣ нависанда, Муҳаммадзамони Солеҳ нишон медиҳад, ки ба бозкушоии рамзу рози ҷанбаҳои мухталифи шахсияти таърихии ин абармард ва доҳии миллати тоҷик ноил шудааст.

Нависанда симои Исмоили Сомониро тарзе ба риштаи тасвир кашидааст, ки бо салобати роҳбарию пешвоӣ, донишу хирад, фазилатмандию инсонгарӣ ва ҳамзамон шахсияти миллӣ буданаш зуд ба дилҳо роҳ меёбад.

**Адабиёт**


1. Амон, А. Тулуъе баъд аз ғуруб: маҷмуи мақолаҳо дар бораи Муҳаммадзамони Солеҳ (Восход после захода: сборник статей о Мухаммадзамоне Солехе) / А. Амон. – Душанбе: Шумон, 2013. – 331 с.
2. Бахтин, М. М. Эстетика словесного творчества / М.М. Бахтин. – М.: Искусство, 1979. – 424 с.
3. Бахтин, М. М. Вопросы литературы и эстетики: иследования разных лет / М.М. Бахтин. – М: Художественная литература, 1975. – 504 с.
4. Бобоев, М. Тасвири ҳаёт (Изображение жизни) / М. Бобоев //Адабиёт ва санъат. – 1983. – №28.
5. Демидчик, Л.Н. Таърихи адабиёти тоҷик: насри солхои 30 / Н.Л. Демидчик. – Душанбе: Дониш, 1978. – Ҷ. 2. - 310 с.
6. Зарафшонфар, Баргаштан барои офаридан / Зарафшонфар // Ҷавонони Тоҷикстон, - 1999. - 29 апр.
7. Мисбоҳиддин, Н. Диди таърихии романнависони имрӯзаи тоҷик / Н. Мисбоҳиддин // Садои Шарқ. – 2006. – № 12. – С. 117-132
8. Муҳаммадзамони, С. Сарви Кишмар / С. Муҳаммадзамон. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 147 с.
9. Муҳаммадзамони, С. Оҳанги шаҳри ишқ. / С. Муҳаммадзамон. - Душанбе: Адиб, 1989. – 190 с.
10. Муҳаммадзамони, С. Девори Хуросон / С. Муҳаммадзамон.– Душанбе: Адиб, 2005. – 449 с.
11. Набиев, А. Адабиёт ва нақди адабӣ / А. Набиев. – Душанбе: Адиб, 1993. – 304 с.
12. Набиев, А. Ҷусторхо ва ибтикорот дар наср. / А. Набиев. – Душанбе: Адиб, 2009. – 283 с.
13. Солеҳ, Ш. Вижагиҳои сабки бадеии осори Муҳаммадзамони Солеҳ (Стилистические и художественные особенности произведений Мухаммадзамона Солеха) / Ш.Солеҳ // Адаб. – 2011. – № 1. – С. 62-69.
14. Шакурӣ, М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷики садаи XX / М. Шакурӣ. – Душанбе:

Пайванд, 2006 с.
15. Шамсиддини, С. Сабки Муҳаммадзамони Солеҳ / С. Шамсиддин // Адаб, – 2011. –№ 4. – С.32-36.
16. Шаҳлои Абдуҳалим. Баҳор оғози анҷомҳост / А. Шаҳло // Паёми Душанбе, – 2001. – № 9.
17. Шукруллоев, К. Масъалаҳои насри муосир (/ К. Шукруллоев // Садои Шарқ. –1988. – № 7. – С. 42-53
18. Hawthorn, J. A Glossary of Contemporary Literaru Theory / J. Hawthorn. – London: Routledje, 1993. – 183 p.
19. Masson, N. Panaroma de la Litteratura Fracaise / N. Masson. – Bilgigue: Marabout, 1990. – 330 p.

## ТАЪРИХ ВА ДАРКИ ТОЗАИ БАДЕИИ ОН ДАР ОСОРИ МУҲАММАДЗАМОНИ СОЛЕҲ

Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки таваҷҷуҳ ба таърих, омӯзиш ва баҳрабардорӣ аз рӯзгори мардони бузург ба монанди Исмоили Сомонӣ, Закариёи Розӣ, Ибни Муқаффаъ таърихофаринро, ки ҳамеша аз ниёзҳои маънавии инсоният мебошанд, ҷанбаҳои гуногуни таърихро дар осори мухталифи илмию фарҳангӣ, аз он ҷумла дар осори Муҳммадзамони Солеҳ ба риштаи таҳқиқ кашад.

Муаллиф бо диди нависандаи тоҷик Муҳммадзамони Солеҳ фарозу фуруди рӯзгори аҷдодон, дастхуши бегонагон қарор гирифтани арзишҳои миллӣ ва ваҳшонияти ғосибонро дар баробари фарҳангу тамаддуни нотакрори ориённажодонро баррасӣ намудааст.

Дар мақола қайд гардидааст, ки хонанда осори нависандаро мутолиа намуда, худро дар ҷараёни воқеаҳои таърихӣ ва талошу набардҳои қаҳрамон, куллан ҳолу ҳавои замони тасвир мебинад ва эҳсоси баланди нафрат ба истилогарон дар қалби вай шиддат мегирад.

***Ключевые слова:*** *Таваҷҷуҳ ба таърих, романи таърихӣ-драмавӣ, озодӣ, дин, рӯҳияи бегонапарастӣ, виҷдони таърихӣ, тамаддун, фарҳанги миллӣ, таърихи миллат, адабиёти тоҷик.*

## ИСТОРИЯ И ЕГО СОВРЕМЕННОЕ ЛИТЕРАТУРНОЕ ОСОЗНАНИЕ В ТВОРЧЕСТВЕ МУХАММАДЗАМОНА СОЛЕХА

В статье, автор проводит анализ творческого внимания к истории, а также изучение жизни великих людей, таких как Исмоили Сомони, Закариёи Рози, Ибн Мукаффа, которые творили историю, в научно-культурном творчестве, в том числе в творчестве Мухаммадзамона Солеха. Отмечается, что анализ исторических событий и применение опыта великих людей необходимы для человечества.

Автор рассматривает видение тажикского писателя Мухаммадзамона Солеха об успехах и неудачах предков, злоупотребление национальными ценностями со стороны чужаков, и жестокость оккупантов по отношению к культуре и цивилизации арийских племён (иранских народов).

В статье автор старается анализировать и донести до читателя сущность творчества Мухаммадзамона Солеха его видение, что позволит ему почувствовать себя в процессе исторических событий и понять стремление героев, оценить их борьбу, и в результате выработать в себе четкое понимание роли героев и оккупантов в истории таджикского народа.

***Ключевые слова:*** *Внимание к истории, историко-драматический роман, свобода, религия, почитание чужой культуры, историческая совесть, цивилизация, национальная культура, история нации, таджикская литература.*

## HISTORY AND ITS MODERN PERCEPTION IN THE CREATIONS OF MUHAMMADZAMON SOLEH

In this article, the author analyzes the attention to history and the study of lives of great people such as Ismoili Somoni, Zakariyoi Rozi, Ibn Mukaffa, which made history, in the Tajik scientific and cultural creations, in particular in the creations of Muhammadzamon Soleh.

The author considers such analyses and the application of experience of great historical people as an essential task for humanity. The views of a Tajik writer, Muhammadzamon Soleh, about the success and failures of ancestors, abuse of national values by aliens, and the violence of occupants to the culture and civilization of Arian people (Iranian people) are reviewed.

In this article the author tries to analyze and to convey to the attention of the reader the views of Muhammadzamon Soleh, which will allow him to feel thyself in the context of historical events and to perceive the aspiration of heroes, evaluate their struggle, and as a result to work out a clear perception of the roles of heroes and occupants in the history of the Tajik nation.

***Keywords:*** *Attention to history, historical and dramatic novel, freedom, religion, veneration of a foreign culture, historical conscience, civilization, national culture, history of the nation, Tajik literature.*

***Сведения об авторе:*** *Абдуджалили Амон – кандидат филологических наук, руководитель отдела аналитики и связи с общественностью, Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 121, тел.: (+992) 902550290, E-mail. abdujalil.amon@outlook.com*

***Information about the author:*** *Abdujalil Amon –candidate of philology, head of the department of analytics and public relations of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.* ***Address:*** *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, avenue Rudaki 121., phone: (+992) 902550290, E-mail. abdujalil.amon@outlook.com*

**УДК 82-1(091) (575.3)**

# ҶУСТУҶӮҲОИ ҲУНАРӢ ДАР ШЕЪРИ СОЛҲОИ 60-70-УМИ АСРИ ХХ

***Ҳамзаев М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Нақди адабӣ аксаран таҳаввули шеъри муосир, аз қабили тозакориҳо ва ҷустуҷӯҳои ҳунариро, ки дар он хидмати ду тан аз саромадони ин падида - Ғаффор Мирзо ва Муъмин Қаноат бузург аст, хеле арзанда арзёбӣ мекунад. Мактаби адабии бузурге, ки ин ду нафар поя гузоштанд, баъдҳо шоирони зиёдеро парвариш кард. Агар шоирон аз шеъри Ғаффор Мирзо кор гирифтан аз забони зиндаи мардумро омӯхта бошанд, аз шеъри Муъмин Қаноат ҳунари нигориш, тарзи баён ва нигариш ба ашёро аз бар намуданд. Дарвоқеъ, шеърҳои Муъмин Қаноат дар мисоли “Пири гулфурӯшон”, “Гули бодом”, “Обшор” ва ғайра аз аввалин шеърҳое буданд, ки бо тасвиркориҳои тоза ва нигариши шоирона рӯи кор омаданд. Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар мисоли таркибу ибораҳои шоирона ва ташбеҳу образҳои воқеӣ дар онҳо зоҳир гардид, ки ҳунари баланди шоирии ӯро таҷассум карданд. Шеъри “Пири гулфрӯшон”-и Муъмин Қаноъат аз беҳтарин шеъри тасвирии ӯ маҳсуб меёфт:

*Кӯҳи Варзобро чи даврон аст,*
*Гӯиё пири гулфурӯшон аст:*
*Ҷомаи беқасаб ба бар дорад,*
*Локии шоҳӣ дар камар дорад,*
*Саллаи суф гирди сар дорад,*
*Сабади гул ба пеши бар дорад* [3, с. 16].

Дар шеъри макур ҳама чиз воқеӣ ба назар мерасад, пири гулфрӯшон, ҷомаи беқасаб, локии шоҳӣ, саллаи суф, сабади гул-ҳама воқеӣ тасвир шудаанд. Дар ин шеър, ҳамон навъе, ки Аскар Ҳаким менависад “тасвири кӯҳсор, ки одатан бо ташбеҳу истиора ва сифатҳои қолабӣ ва забонзадшудаи сарбафалак, осмонхарош, уқобногузар ва монанди инҳо адо карда мешуд, монеъ шуда, бо овардани сифатҳое, ки маҳз ба ҳамин ҳолат дахл доранд, тасвирро мушаххасу хотирнишин ва оҳанги баёнро табиӣ гардонидааст. Ба ин чиз, бешубҳа, хусусияти халқии ҷузъиёти бадеии шеър низ мадади калон кардааст” [18, с. 109].

Тасвиркориҳои Ғаффор Мирзо низ дар шеър барои шоирони минбаъда заминаҳои густурда фароҳам овард. Дар шеъри ӯ низ ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ ва тасвирҳои шоирона ба тарзи воқеӣ рӯнамоӣ мекунад, ки дар навбати худ хеле шоирона ва ҷолиби диққатанд. Масалан, дар шеъри “Шаршараи Восеъ”-и ӯ чунин тасвири зебову дилнишинро мебинем:

*Бар даҳони гор, поёни дара,*
*Мефарояд паҳну суфта шаршара.*
*Пардаи обӣ табиат бофтаст,*
*Ҳамчу модар бар дараш партофтаст,*
*Ғорро то ҳифз аз чашмон кунад,*
*Қаҳрамон фарзандро пинҳон кунад* [9, с. 80].

Ҳарчанд ин пардаи бофтаи табиат аз оби шаршара барои пинҳон кардани қаҳрамон дар пеши ғор ба кор рафтааст ва ба таври воқеӣ тасвир шудааст, вале дар навбати худ тасвири баланди шоиронаест, ки дар он айём назири худро камтар дорад. Ташбеҳи паҳну суфтаи шаршара ба парда ҳунари баланди шоирии Ғаффор Мирзоро нишон медиҳад.

Ҳамин гуна тасвиркориҳои шоирона дар шеърҳои дигари ӯ низ зоҳир мегарданд:

*Менигаристам ба лабони ақиқ,*
*Гардани фавворае аз ширро* [9, с. 42].

Дар ин байт низ ташбеҳи гардани баланду сафеди ёр ба фаввораи шир хеле шоирона ва бо нигоҳи тоза ба тасвир омадааст.

Аминҷон Шукӯҳӣ низ дар ашъори лирикии худ дар ҷусторҳои ҳунарӣ тавфиқи зиёд ёфта буд. Ӯ мекӯшид аз банду қайди яклухту якнавохти шеъри солҳои 40-50-и асри ХХ ва корбасти тасвирҳои классикӣ, ки дар замони муосир низ фаровон ба кор мерафтанд, андак-андак худро раҳо кунад. Аз ин рӯ, дар шеъри лирикии ӯ воқеияти рӯзгори худи ӯ, баёни ҳолоти дили ошиқонаи ӯ хеле самимона, воқеӣ ва бо нигоҳи нисбатан тозатар ва мутафовит аз ҳамзамонони худ таҷассум мешавад.

Ташбеҳи мӯйи маъшуқ ба шохаҳои овезони беди маҷнун дар мисоли таркибу ибораҳои “мӯйи маҷнунбед”, “кокулони беди маҷнун”, “чавгони маҷнунбед” ва ғайра дар адабиёти солҳои 60-70-и асри гузашта зиёд ба чашм мерасад. Масалан, дар шеъри “Ёдаш ба хайр”-и Мастон Шералӣ чунин як тасвири марғубу шоиронаро мушоҳида менамоем:

*...Рӯй не, як пораи хуршед буд,*
*Мӯй не, ҷавгони маҷнунбед буд* [26, с. 90].

Ташбеҳи рӯй ба як пораи хуршед низ дар ин шеър, дар баробари куҳна ва зиёд ба кор рафтанаш дар адабиёти гузашта, дар айни замон мусиқӣ ва хушоҳангии қофияро таъмин намуда, шеърро шукӯҳи чашмрас мебахшад.

Тасвири дарё ва ташбеҳ шудани он ба оина, ки таҷассумкунандаи чеҳраҳои инсонҳо ва табиат маҳсуб аст, баъдҳо дар шеъри Ғоиб Сафарзода бо тасвирҳои марғуби шоирона рӯи кор меояд ва аз ташаккули бинишу нигоришҳои шоиронае, ки беш аз пеш рушд ёфтаанд, дарак медиҳад. Масалан:

*Моҳи комил аз фазо чун дилбари дилбохта,*
*Чеҳра дар оинаи дарё тамошо мекунад...*
*Ҳар гиёҳи соҳили дарё табассум мекунад,*
*Зиндагиро рӯд дар ҷӯшаш таҷассум мекунад* [10, с. 22].

Дар муқоиса ба шеъри пешин, ки зикраш рафт, ба вижа ташбеҳи оинаву об ин ҷо зарби дасти шоир ва тахайюлоти рангини ӯ афзалияти бештар дорад. Ҳарфи дили Ғоиб Сафарзода эҳсос мешавад. Тамошо кардани маҳтоб чеҳраи худро дар оинаи дарё ва зиндагиро таҷассум кардани рӯд дар мисоли табиат хеле дилкашу дилнишину шоирона аст, ки назирашро дар адабиёти солҳои мавриди назар камтар вомехӯрем. Ҳамин гуна ташбеҳи оинаву об дар як шеъри дигари ӯ низ зебо ва шоирона баён гардидааст:

*Кӣ имшаб дар лаби ҷӯйи мусаффо бо ту бинишаста,*
*Ба рӯйи об аксашро бари акси ту ларзон дид?* [10, с. 103].

Албатта, ин ҷо мавзӯъ дигар аст, аммо тасвири обу оина, ки яке бо дигаре мушаххасан ташбеҳ мешавад, хеле шоирона рӯи кор омадааст. Дар воқеъ аксро дар об ларзон дидан тасвири баланди шоирона ва ниҳоят воқеист.

Дар ҳар сурат воқеӣ ба тасвир гирифтани манзара, ки дар шеъри солҳои 40-уми асри ХХ рӯ ба инкишоф дошт, бо кӯшиши шоироне чун М. Турсунзода, М. Миршакар, Б. Раҳимзода, А. Шукӯҳӣ, М. Қаноат, Ғ. Мирзо, М. Шералӣ, Қ. Киром ва дигарон рафта–рафта бо тобишҳои шоирона пайванд шуда, ба зиндагии воқеии мардум хӯ гирифт. Насли дигар аз ин шоирон аз қабили Л. Шералӣ, Ҳ. Файзулло, Б. Собир, Гулрухсор, С. Маъмур, Гулназар ва дигарон дар зери таъсири сурудаҳои онҳо, ба хусус сурудаҳои Ғаффор Мирзо ва Муъмин Қаноат, ки дар ин роҳ тавфиқи бештар ёфта буданд, ба шеър бо нигоҳи дигар менигаристанд ва равиши худро дар ин роҳ пайдо менамуданд. Акнун дар шеъри

ин шоирон ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ густариши бештар меёфт. Дар шеъри Муъмин Қаноат нигариш ба мавзӯъ бештар бо нигоҳи шоирона ва тарзи ифода, ибораорой ва хаёлпардозиҳои рангин, нигариш ба зоҳиру ботини шеър сурат мегирифт. Дар воқеъ "Нақши шеъри Муъмин Қаоат дар пешравии завқи шоирони солҳои 60-80-уми асри пешин ниҳоят равшан аст" [1, с. 71].

Нигариш ба мавзӯъ ва тарзи ифодаи он дар шеъри шоирони ин давра густурдатар менамояд. Тозагии шеъри ин давра аксаран дар тасвирҳои шоирона зоҳир мегардад. Қутбӣ Киром аз ин даст шоиронест, ки камобеш дар солҳои мавриди назар талошҳое барои офаридани тасвирҳои шоирона карда буд, аммо ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри ӯ баъди солҳои 70-уми асриXX бештар шакл гирифт. Ӯ дар байте аз шеъри "Ба муаллим" манзараро шоирона ба тасвир мекашад:

*Бо ҳамон хома, ки устод, ту додастӣ ба ман,*
*Хостам ҳайкали тасвири ту бунёд* [6, с. 30].

Бо хома ҳайкали тасвирӣ офаридан албатта, нигариши шоиронаест, ки дар шеъри ин шоир шакл гирифтааст.

Тасвири дигареро аз шеъри "Орзӯ"-и Қутбӣ Киром манзур менамоем:

*Солҳо истода ин кӯҳи баланд,*
*Ҳамчу марди бовиқору арҷманд.*
*Гарчи он аз сина ганҷе сӯхтаст,*
*Бар тани худ ҷома аз гул дӯхтаст...* [6, с. 48].

Бар тани худ ҷома аз гул дӯхтани кӯҳ ва бо виқору арҷманд ба сурати як мард ба тасвир омадани он агарчанде ҳунари шоирии Қутбӣ Киромро зоҳир менамояд, аммо ин суруда ёди хонандаро ба суроғи шеъри "Пири гулфрӯшон"-и Муъмин Қаноат мебарад. Таъсирпазирии Қутбӣ Киром аз шеъри Муъмин Қаноат ба содагӣ зоҳир мегардад. Шукӯҳу шаҳомат ва ҳунари баланде, ки дар шеъри Муъмин Қаноат дида мешавад, ба ҳеҷ ваҷҳ дар ин шеъри Қутбӣ Киром ба чашм намехӯрад. Гузашта аз ин, норасоиҳое, ки аз лиҳози ҳунарӣ ва тарзи баёну таносуби сухан дар ин сурудаи Қутбӣ Киром ҳаст, намешавад онро ҳамсанги шеъри Муъмин Қаноъат донист.

Баъдҳо бардоштҳои чашмрасе аз ин манзараи ба тасвиркашидаи Муъмин Қаноат дар шеъри шоирон аксаран муваффақона сурат гирифтаанд. Масалан дар шеъри "Яхрӯд"-и Ҳабибулло Файзулло ҳамон дастори сафеди даври сари сангро мушоҳида менамоем, ки бегумон аз шеъри "Пири гулфрӯшон"-и Муъмин Қаноат таъсир пазируфтааст. Аммо тарзи ифода ва ҳунари нигориш дар шеъри Ҳабибулло Файзулло тамоман мутафовит ва хоси нигариши худи ӯст:

*Гирдбодест паси шаршараҳо,*
*Гарди дарё ба ҳаво печида,*
*Мавҷ монандаи дастори сафед,*
*Ба сари санги сиёҳ печида* [17, с. 49].

Ин тасвири баланду шоиронаест, ки дар таҷассуми шаршара ва мавҷҳои сафеди рӯд рӯи кор омадааст. Дар воқеъ, кафкҳои сафеди об, ки аз резиши шаршара ва бархӯрди рӯд бо сангҳо пайдо мегардад, дастори сафедеро мемонад, ки гирди сари сангҳои сиёҳ печонда шудааст.

Ҳадафнокии шеъри солҳои 60-70-ум чун шеъри солҳои 40-50-ум ва қабл аз он аслан аз мавзӯи он шакл мегирифт. Як мавзӯъ метавонист дар ашъори чанд шоири ин давра бо як мазмун ва як ҳадаф рӯнамой кунад. Аз ин лиҳоз ба инобат гирифтани ҳунари офариниш дар бурду бохти ашъори шоирони ин замон масъалаи аввалиндараҷа дар кори таҳқиқ маҳсуб меёбад. Масалан, мавзӯи ба кайҳон рафтани инсон мавзӯест, ки диққати аксари шоирони солҳои мавриди

назарро ба худ кашидааст. Тасвири воқеии ин мавзӯъ дар шеъри солҳои 40-50-ум он қадар корхӯрдаву обшуста шудааст, ки дигар ҳоҷати таваҷҷуҳ ба он дар шеъри шоирони солҳои баъд ҳам намонда буд. Аммо ин мавзӯъ, ки яке аз мавзӯъҳои иҷтимоии замон дар саросари шӯравӣ ба ҳисоб мерафт, шоиронро водор менамуд, то ба он ба тарзи дигар бинигаранд. Акнун ҷустуҷӯи ҳунарӣ ва тасвири бикр дар ин мавзӯъ зарур дониста мешуд, ҳамон тавре, ки Қутбӣ Киром дар шеъри “Дӯст медорам шаби бехобро” онро ба ин гуна ба тасвир кашидааст:

*Доғҳои синаи моҳи мунир*
*Баҳри ман, эй дӯст, дигар олам аст,*
*Гар варо бинам ба чашмони кушод,*
*Доғ не, он нақши пои одам аст* [6, с. 100].

Шоир танҳо ба хотири ифода кардани мақсади ягонаи худ, ки рафтани инсон ба кайҳон аст, манзараи аҷиберо дар моҳ ба мушоҳида мегирад. Он доғҳои намоёни рӯи моҳро на доғи синаи моҳтоб, балки нақши пои одам ба қалам медиҳад. Мисраи охири байт бори маънои тамоми шеърро мекашад ва ҳадафи ниҳоии шоир низ дар он хеле шоирона ва ҳунармандона зоҳир мегардад.

Ҳамин тариқ тозакориҳои шоирона дар шеъри солҳои 60-70-уми асри XX зина ба зина густариш пайдо карда, маъниҳои тозаву бикр дар адабиёт рӯи кор меомаданд. Лоиқ Шералӣ низ дар ин миён аз шоироне маҳсуб меёфт, ки дар ҷусторҳои ҳунарӣ тавфиқи зиёд ёфта буд. Ашъори ӯ баъдҳо то солҳои 80-90-ум дар баробари мактаби адабии Муъмин Қаноат ва Ғаффор Мирзо ба як мактаби адабии бузург табдил ёфта, пайравони зиёд пайдо намуд. Ҳамин гуна як баёни зебову шоиронаро дар мавзӯи тулӯи офтоб дар шеъри “Боз як рӯзам гузашт”-и ӯ, ки аз қадамҳои аввалинаш дар ин роҳ маҳсуб меёбад, мушоҳида менамоем:

*Панҷаҳои зарҳалии офтоби субҳгаҳ*
*Мисли дасти дӯст мекӯбад дарамро.*
*Ҳамчу дасти модарам ҳар субҳ рӯи бистарам,*
*Сила месозад сарамро* [20, с. 38].

Дар ин шеър нигариш ба мавзӯи офтоб бо нигоҳи тоза зоҳир гардидааст. Нурҳои офтоб тимсоли дастони дӯст пушти дари гӯяндаи шеър панҷа мезананд ва гоҳо чун дастони модар сари ӯро сила мекунад. Дар шеър гарчанде таркибу вожаҳои шоирона ба кор нарафтаанд, ҳамин ташбеҳи зебо ва баёни сода кифоят мекунад, ки шеърияти он иброз шавад. Нигариш ба мавзӯи офтоб дар шеъри Мастон Шералӣ, ки дар солҳои мавриди назар аллакай зинаҳои камолотро тай менамуд, низ зиёд ба чашм мерасад:

*Хуршед чу пушти ҷар биафтод,*
*Дар ҷони уфуқ шарар биафтод.*
*Шом омаду хаймаи сиё(?) зад,*
*Маҳ хаймаи шом пушти по зад* [26, с. 60].

Тасвири ғуруби хуршед дар шеъри классикӣ ва муосир бо тарзу услубҳои гуногун ба чашм мерасад. Аммо ин манзара дар шеъри мазкур тамоман бо тарзи нав рӯи кор омадааст. Дар воқеъ пушти ҷар афтодани хуршед ба маънии ғуруб нигоҳи наву тоза дар нигариш ба ин мавзӯъ маҳсуб меёбад. Пушти по задани маҳтоб хаймаи сиёҳи шомро низ аз зебоиҳои ин шеър аст. Шеъри “Ними шаб”-и шоир тасвири маҳро боз ҳам зеботару шоиронатар нишон медиҳад:

*Бунафша такя бар себарга дода,*
*Ба роҳат дар канори ҷӯй хоб аст,*
*Ба болини пари қу сар ниҳода,*
*Қамар чун духтари хушрӯй хоб аст* [26, с. 46].

Ин шеър аз тасвирҳои зебову шоирона саршор аст. Тасаввури манзараи такя додани бунафша ба себаргаҳои лаби ҷӯй хеле дилангезу маҷзуб аст. Дар ҳоле, ки аз ин дида тасвири зебову шоиронатаре моро дар байти дуюм интизор аст. Оё тасаввур мекунед, ки ба болини пари қу, яъне сафедии осмон сар ниҳодани қамар ва ташбеҳи ӯ ба духтари хушрӯву нозанине сар ба болишти пари қу ниҳода чи қадар зебову шоирона аст? Дар ин солҳо чунин тасвирҳо, албатта, муваффаққияти бузург барои шоирон маҳсуб меёфтанд.

Ҳамин ҳоло тасвири ғуруби офтобро дар тозакориҳои Мастон Шералӣ ва Лоиқ Шералӣ дидем, акнун нигариш ба ин мавзӯъро дар мисоли тасвири тулӯъи офтоб дар шеъри “Рӯди Варзоб”-и Ҳабибулло Файзулло мушоҳида менамоем, ки боз ҳам дилкашу шоирона қаламдод шудааст:

*Бомдодон чун барояд офтоб аз пушти кӯҳ,*
*Чун нигини зарҳалин рахшанда дар ангушти кӯҳ,*
*Қабзаи мӯест гӯё ранги тиллоранги он,*
*Боз мегардад ба олам субҳидам аз мушти кӯҳ* [17, с. 38].

Дар ин шеър моҳиятан манзараи баромадани офтоб ва паҳн гардидани нурҳои он ба олам тасвир шудааст, аммо хушку холӣ не, балки бо орои ибораҳои шоирона ва наву дастнахӯрда. Ҳатто қофияҳо дар ин шеър бо хушоҳангии худ тавонистаанд мусиқии шеърро ҷон бахшанд. Ташбеҳи офтоб ба нигини ангуштарин агар як ташбеҳи корхӯрдаву маъмул бошад, дар ангушти кӯҳ рахшидани он ташбеҳи нобу шоиронаест, ки аз ҳунари баланду нигоҳи шоиронаи Ҳабибулло Файзулло дарак медиҳад. Ба қабзаи мӯ ташбеҳ шудани нурҳои он ва ҳангоми субҳ раҳо шуданашон аз мушти кӯҳ нигоҳи тозаву шоиронаест, ки мисолашро дар шеъри ин давра камтар вомехӯрем. Ҳамин гуна як тасвири зебову шоиронаро дар мисоли гесӯ ва ташбеҳи он ба абри сиёҳ дар рубоии Ғоиб Сафарзода мехонем, ки хеле рангинхаёлона ба қалам омадааст:

*Парвози шарори бахт аз хандаи туст,*
*Торикии шаб зи чини афкандаи туст.*
*Абри сияҳи ба қуллаҳо хобида,*
*Гесӯи зи дасти ман парокандаи туст* [10, с. 127].

Рӯҷуъ ба мавзӯи офтоб ва бардоштҳои ҷолиб аз он дар ашъори шоирони ин давра хеле зиёд ба чашм мехӯрад.

Чашмаву дарёҳо, обҳои мусаффо низ ҳамеша илҳомовари шоирони ин давра маҳсуб меёбад. Дар шеъри ин шоирон об тимсоли покиву мусаффоӣ ва зиндагибахши инсонҳо ва ободии рӯзгори онҳо қаламдод шудааст. Бартарии ин мавзӯъ низ дар шеъри ин шоирон дар тарзи ифода ва тасвири он зоҳир мегардад. Нигариш ба мавзӯи об дар ашъори шоироне чун Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Ғаффор Мирзо, Аминҷон Шукуҳӣ, Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ, Ғоиб Сафарзода, Лоиқ Шералӣ, Ҳабибулло Файзулло, Бозор Собир, Гулрухсор ва дигарон бо ифодаҳои тозаву шоирона ва мусиқии равону дилнишин қаламдод шудааст.

Дар воқеъ, барои шоирони солҳои 60-70-ум як роҳи раҳидан аз умумигӯӣ ва гуфтани шеърҳои қолабиву мақолавӣ, ки ба ҷуз бори маъно дигар бадеият ва тахайюл дар онҳо камтар дида мешуд, рӯ овардан ба табиати зиндаи диёр буд. Акнун тасвири табиат, гулу гиёҳ, обу хок, рӯду чашмасор, долу дарахт ва ҳар он чи ки ба он марбут аст, ҳам ба шеърҳои лирикӣ ва ҳам ба шеърҳои иҷтимоии шоирон ворид гардида, диди ҳунарӣ ва бадеӣ, рангинии тахайюли онҳоро боло мебурд. Дар миёни шоирони ин солҳо муваффақтарин шоире, ки шеърашро бо табиат сахт омезиш додааст, Ҳабибулло Файзулло мебошад. Дар шеъри ӯ табиати зиндаи диёр ранг мезанад. Ӯ тавонистааст лирика, иҷтимоиёт, сиёсат ва

ҳама ҷанбаҳои шеъри худро бо истифодаи кулли жанрҳои адабӣ бо табиат ва тасвири бевоситаи он пайвад диҳад. Дар шеъри “Ёди ту”-и шоир, ки дар жанри чаҳорпора суруда шудааст ва аз шаш пора иборат аст, тасвири баланду шоиронаеро мебинем, ки назирашро ҳатто адабиёти форсӣ кам дорад. Ин тасвири шоирона дар омезиш бо табиат рӯи кор омадааст:

*Тугмаи зарди гули қоқуи тар,*
*Зиннати даври гиребонат кунам.*
*Чун гули бобуна сар боло кунад,*
*Дастаеро зеби дастонат кунам* [17, с. 51].

Ҳеҷ тасаввур мекунед, ки шоири рангинхаёли мо чи гуна тавонистааст гули зарди қоқуро, ки чун тугма мудаввар аст, зинати даври гиребони ёр кунад? Ин беҳтарин намуна дар ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ ва диди шоиронаи Ҳабибулло Файзуллост, ки рӯнамо шудааст.

Шоирон бо истифода аз осори мардумӣ низ, ҳам аз лиҳози ҳунарӣ ва ҳам аз лиҳози дарунмояи ашъор ва корбурди таркибу вожаҳои мардумӣ дар шеър муваффаққиятҳои калон ба даст овардаанд. Яке аз сарчашмаҳои асосӣ дар шеъри муосир будани осори мардумиро мо дар навиштаҳои аксар шоиронамон мушоҳида менамоем. Ҳатто шеъри бархе аз шоиронамон ба мисли баъзе аз дубайтӣ ва рубоиҳои Лоиқ Шералӣ, Ҳабибулло Файзулло, Бозор Собир, Гулрухсор, Ашӯр Сафар ва дигарон тобиши ашъори мардумиро гирифтаанд.

Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри солҳои 60-70-уми асри XX бо тасвирҳои тоза ва нигориши нав ба мавзӯъ дар шеъри шоирони пеш аз ҳама ба савти замона густариши бештар дорад, маҷрои тозаеро ба худ касб намудааст. Дар умум, зикри ин нукта зарур аст, ки шеъри солҳои мавриди назар аз лиҳози дарунмоя ва ҳунари офариниш дорои хусусиятҳои хосе мебошад, ки бо часпу талошҳои худӣ дар меҳвари ашъори ин шоирон, ҳам аз нигоҳи тасвир ва ҳам аз нигоҳи фарогирии мавзӯъ ба гунаи фарох ташаккул ёфта, таҳаввули бузургеро дар адабиёти муосир ба бор овардааст.

**Адабиёт**


1. Абдуманнон, А. Ламҳае ба роҳи рӯзгор./ А. Абдуманнон. – Душанбе, 2017. - 180 с.
2. Қаноат, М. Ситораҳои Замин / М. Қаноат. – Душанбе: НДТ, 1963. – 96 с.
3. Қаноат, М. Корвони нур / М. Қаноат. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 144 с.
4. Қаноат, М. Шаршара /М. Қаноъат. – Сталинобод: НДТ, 1960. – 104 с.
5. Қаноат, М. Аз Бесутун то кунун / М. Қаноат. – Душанбе: Адиб, 1993. – 176 с.
6. Қутбӣ, К. Парвози меҳр / К. Қутбӣ. – Душанбе: НДТ, 1963. – 108 с.
7. Қутбӣ, К. Субҳи содиқ / К. Қутбӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – 256 с.
8. Мирзо, Ғ. Аз самими дил / Ғ. Мирзо. – НДТ, 1952. – 52 с.
9. Мирзо, Ғ. Рӯйи сурх / Ғ. Мирзо. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 192 с.
10. Сафарзода, Ғ. Мероси ҷавонӣ. / Ғ. Сафарзода. Бо сарсухан ва тавзеҳоти Шоҳайдар Ёдгорӣ. Душанбе: Ирфон, 1978. -336 с.
11. Сафарзода, Ғ. Мунтахабот / Ғ. Сафарзода. Иборат аз 2 ҷилд.– Душанбе: Адиб, 2003.- 264 с.- Ҷ. 1.
12. Сафарзода, Ғ. Ҷавонӣ / Ғ.Сафарзода. – Душанбе: Маориф, 1986. - 70 с.
13. Собир. Б. Аз гули хор то симхор / Б. Собир. – М.: Интрансдорнаука, 2003.- 256 с.
14. Турсунзода, М. Гулчини ашъор / М. Турсунзода. – Душанбе: Адиб, 2011. – 428 с.
15. Турсунзода, М. Асарҳои мунтахаб / М. Турсунзода. Иборат аз 3 ҷилд.- Душанбе: НДТ, 1962.-267 с. Ҷ. 1)

16. Файзулло, Ҳ. Обшори офтоб / Ҳ. Файзулло. – Душанбе: Ирфон, 1981.-160 с.
17. Файзулло, Ҳ. Достони роҳ / Ҳ. Файзулло. – Душанбе: Ирфон, 1977.-112 с.
18. Ҳаким, А. Маҷмӯаи осор. / А. Ҳаким. Иборат аз 7 ҷилд. Хуҷанд: Ношир, 2017.- Ҷ 4.-564 с.
19. Шералӣ, Л. Резаборон / Л. Шералӣ. – Душанбе: Маориф, 1976. – 48 с.
20. Шералӣ, Л. Нӯшбод / Л. Шералӣ. Душанбе: Ирфон, 1971.-128 с.
21. Шералӣ, Л. Ӯро дӯст медоштам / Л. Шералӣ // Садои Шарқ, 2010.- №2. С. 111-112.)
22. Шералӣ, Л. Варақи санг / Л. Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 272 с
23. Шералӣ, Л. Хонаи дил / Л. Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 464 с.
24. Шералӣ, Л. Куллиёт / Л. Шералӣ. Иборат аз ду ҷилд.- Душанбе: Адиб, 2008.-560 с. Ҷ. 1.
25. Шералӣ, М. Борони сабз / М. Шералӣ. Душанбе: Ирфон, 1983.-208 с.).
26. Шералӣ, М. Раҳтӯша / М. Шералӣ. Душанбе: Ирфон, 1977.-144 с.
27. Шукӯҳӣ, А. Ватани сулҳ / А. Шукӯҳӣ.- Сталинобод: НДТ, 1950.-56 с.
28. Шукӯҳӣ, А. Шохаи райҳон / А. Шукӯҳӣ. – Душанбе: Адиб, 2003. – 128 с.

## ҶУСТУҶӮҲОИ ҲУНАРӢ ДАР ШЕЪРИ СОЛҲОИ 60-70-УМИ АСРИ ХХ

Дар ин мақола ҷустҷӯҳои ҳунарӣ ва тасвиргарӣ дар шеъри солҳои 60-70-и асри ХХ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, бо фарогирии ашъори шоирони пешсафи давраи мазкур ҳунари тасвиргарӣ дар шеъри муосир ба таври мухтасар нишон дода шудааст.

Ҳадафи аслии мақола нишон додани ҳунари тасвиргарӣ ва дигаргуниҳои дарунмояи шеъри муосир буда, муаллиф кӯшидааст, ки дар мисоли ашъори шоирони пешсафи солҳои мавриди назар дигаргуниҳои шеъри муосирро аз лиҳози дарунмоя ва ҳунари офариниш нишон диҳад.

Дар мақола ба масъалаи омилҳои рушд ёфтани тасвир ва нигариш ба мавзӯоти замон бо диди нав низ таваҷҷуҳ шуда, аз ин дидгоҳ рушди шеъри муосир бо орои тасвирҳои воқеъбинона ва созгор бо ҳаёти воқеии мардум, омезиши шеър бо табиат ва амсоли ин матраҳ шудааст.

Муаллиф, инчунин масъалаи таъсирпазирии шоирон аз шеъри ҳамдигарро дар мисоли тасвиргарӣ ва ҳунари шоирӣ ба таври мухтасар мавриди баррасӣ қарор додааст, ки барои хонанда метавонад маводи муқаддимавиеро оид ба шеъри солҳои мавриди назар дар мисоли тасвиргарӣ ва ҳунари шоирӣ ироъа намояд.

***Калидвожаҳо:*** *ҷустӯҷуҳои ҳунарӣ, тасвиргарӣ, адибон, шеър, тасвирҳои воқеӣ, омезиши табиат бо шеър, давраи шӯравӣ, моҳият.*

## ТВОРЧЕСКИЕ ПОИСКИ В ПОЭЗИИ 60-70 ГОДОВ XX ВЕКА

В данной статье проводится исследование творческих и изобразительных поисков поэзии 60-70 годов XX века. На основе творчества прогрессивных поэтов данной эпохи автором подробно показано изобразительное мастерство в современной поэзии.

Основная цель статьи – показать изобразительное мастерство и существенные перемены в современной поэзии. На примере творчества передовых поэтов данной эпохи автором сделана попытка показать изменения современной поэзии с сущностной позиции и творческого мастерства.

В статье особое внимание обращено факторам развития образа и взглядов на тематику того времени с новой точки зрения. С этих позиций рассматривается

и развитие современной поэзии с действительным и гармоничным изображением реальной жизни народа, связь поэзии с природой и др.

Автор также подробно исследует вопрос взаимовлияния поэтов друг на друга своим творчеством на примере искусства творения образа и поэтического мастерства, результаты которого могут стать для читателя вводным материалом по поэтическому мастерству.

***Ключевые слова:*** *творческие поиски, изобразительное искусство, литературы, поэзия, реальные образы, связь природы с поэзией, советский период, сущность.*

## CREATIVE SEARCHES IN POETRY OF 60-70 YEARS OF XX CENTURY

In this article is carried out the research of creative and pictorial searches of poetry of 60-70 years of XX century. On the basis of creativity of progressive poets of this epoch the author in detail shows fine skill in modern poetry.

The main purpose of the article is to show the fine art and significant changes in modern poetry. On the example of the creativity of the advanced poets of this era, the author makes an attempt to show the changes in modern poetry from an essential position and creative skill.

In the article special attention is paid to the factors of image development and views on the topics of that time from a new field of view. From this point of view, the development of modern poetry with a real and harmonious image of the real life of the people, the connection of poetry with nature, etc., is considered.

The author also explores in detail the issue of mutual influence of poets on each other with his work on the example of fine art and poetic skill, the results of which can become an introductory material for the reader on fine art and poetic skill.

***Keywords:*** *creative searches, fine arts, literature, poetry, real descriptions, connection of nature with poetry, Soviet, meaning.*

***Сведения об авторе:*** *Хамзаев Мухриддин - аспирант факультета таджикской филологии Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17, тел.: (+992) 985075826. E-mail: saburi-2011@mail.ru*

***Information about the author:*** *Hamzaev Muhriddin - postgraduate student of the faculty of Tajik Philology of the Tajik National University.* ***Address:*** *734025, The Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Avenue, phone: (+992) 985075826. E-mail: saburi-2011@mail.ru*

**УДК 37+371.47.022+373.2+008**

# ҶОЙГОҲИ ФАРҲАНГИ ПЕДАГОГИИ ВОЛИДАЙН ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ ФАРЗАНДОН

***Раҷабзода М., Шосаидзода С.Ҳ.***
**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Дар шароити ҷомеаи тозабунёди Тоҷикистон, ки яке аз ҳадафҳои асосии он тарбияи насли навраси бунёдкору ватандӯст маҳсуб меёбад, оила ва мактаб ҳар кадом иштирокчии комилҳуқуқии раванди таълиму тарбия ба шумор мераванд. Аммо ин комилҳуқуқӣ аз мактаб ва оила масъулияти баланди иҷтимоиро тақозо мекунад. Зеро аз тарбияи самараноки насли наврас ояндаи ҷомеа вобастагии амиқ дорад.

Аз ин рӯ, ҷомеа манфиатдор аст, ки мактаб ва оила ҳамчун ниҳодҳои мустақил дар ҷараёни таълиму тарбия пайваста механизмҳои таъсиррасонӣ ба насли наврасро такмил диҳанд, самараи фаъолияти онҳо муфид ва мушаххас бошад.

Дар раванди иҷрои масъулияти иҷтимоии хеш мактаб нисбат ба оила дорои имкониятҳои бештар буда, фаъолияти он муташаккилона аст, вай захираи кадрӣ ва таҷрибаи педагогӣ дорад, заминаи моддӣ-техникии он ҳадафманд ташаккул ёфта, муқтадир аст. Мактаб дорои имкониятҳои дигаре мебошад, ки оила аз он маҳрум аст.

Барои он ки оила дар раванди таълиму тарбияи фарзандон уҳдадориҳои хешро дар сатҳи барои ҷомеа матлуб ба анҷом расонад, сарварони оила бояд пайваста дар андешаи ҷустӯҷӯйи захираҳои ҳанӯз истифоданашудаи тарбиявии оила ва роҳу воситаҳои такмили методҳои таълиму тарбия бошанд. Яке аз ҳамин гуна захираҳо неруи педагогии аъзои калонсоли оила ва пеш аз ҳама падару модар маҳсуб меёбад. Албатта дар раванди тарбияи оилавӣ падару модар масъулияти баробар доранд, аммо аксарият бар онанд, ки зан-модар дар ин раванд мавқеи хос дорад.

Аз ин ҷост, ки вобаста ба масъалаи фарҳанги зан-модар ва таъсири он ба тарбияи фарзандон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки «дар хонаводае, ки зан-модар бомаърифату хушахлоқ мебошад, аксар вақт фарзандони сазовори номи нек ба воя мерасанд» **[9].** Воқеан, дар мавриди соҳимбмаърифат ва дорои ҷаҳонбинии васеъ будани зан-модар вай аз иҷрои вазифаҳои ба тарбияву камолоти маънавию ҷисмонии фарзандон алоқаманд ба осонӣ баромада метавонад, фарзандони чунин модар ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ беҳтар омода мегарданд, дар ҷомеа мавқеи худро дуруст муайян карда метавонанд, донишманду хештаншинос ба воя мерасанд, падару модарррро эҳтиром мекунанд ва ба арзишҳои муқаддаси миллӣ арҷ мегузоранд.

Аз ин рӯ, ҷомеа бояд барои баланд бардоштани сатҳи фарҳанги педагогии падару модарон тадбирҳои амалӣ андешад. Аммо мушкилоти асосӣ дар ин самт ин пеш аз ҳама мавҷуд набудани консепсияи ягонаи илмӣ оид ба мундариҷа ва сохтори фарҳанги педагогии падару модарон ва меъёрҳои аз ҷониби аксарият пазируфташудаи муайянкунандаи сатҳи фарҳанги педагогии волидайн ба шумор меравад. Илова бар ин, таҳқиқот оид ба проблемаи фарҳанги педагогии волидайн ҳанӯз камшумор буда, аксаран номукаммал мебошанд, дар онҳо

биниши бонизоми роҳҳои ҳалли проблема ба назар намерасад. Дар адабиёти илмии муосир тафсир ва шарҳу эзоҳи мафҳуми «фарҳанги педагогӣ» бағоят зиёд буда, дар ин самт муносибати ягона мавҷуд нест.

Бо назардошти доманадор будани мавзӯи мавриди таҳқиқ дар мақолаи мазкур мо пеш аз ҳама оид ба яке аз унсурҳои неруи педагогии оила – фарҳанги педагогии волидайн ибрози назар менамоем.

Бояд қайд намуд, ки бинобар барои ҷомеа бағоят муҳим будани таҳқиқи мавзӯи фарҳанги педагогии волидайн таваҷҷуҳи олимону мутахассисон нисбат ба он беш аз пеш меафзояд. Яке аз хусусиятҳои марҳилаи кунунии таҳқиқи мавзӯи мазкур аз он иборат аст, ки он дар ҳамбастагӣ бо дигар проблемаҳои ба оила, арзишҳои оиладорӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои оила, падару модарон, неруи тарбиявии оила алоқаманд баррасӣ мегардад. Оид ба омӯзиши масъалаи салоҳиятнокии падару модарон дар раванди тарбия асару мақолаҳои муҳаққиқон В.Н. Бушина, Н.Н. Мизина, Н.А. Хрусталькова, неруи тарбиявии оила Н.В. Додокина, О.В. Кучмаева, Л.Н. Константинова, А.А. Чуприна, фарҳанги педагогии волидайн В.Н. Вершанин, А.И. Колесникова, М.Н. Недвецкая ва дигарон бахшида шудаанд.

Дар педагогикаи муосир оид ба таҳқиқу баррасии мавзӯи фарҳанги педагогии волидайн ва нақши он дар таълиму тарбияи фарзандон, инчунин, омодагии педагогӣ-психологии волидайн ҷиҳати ислоҳи рафтору гуфтори номатлуби фарзандон Ю.П. Азаров, Ш.А. Амонашвили, Б.М. Бим-Бад, В.И. Нефедов, Ю. Щерба, В.А. Сухомлинский, А.С. Макаренко, М.П. Осипова, В.В. Чечет, И.А. Фурманов, Г.И. Малейчук, О.В. Шурпан, З. Арлич, В. Леви, Томас Гайнот, Р.М. Капралова, Э. Эйдемиллер, П. Экман, И.В. Гребенников, И.А. Мельничук, Г.И. Малейчук ва дигарон асару мақолаҳои зиёд эҷод намудаанд.

Специфической особенностью нравственного воспитания является то, что его нельзя обособить в какой-то специальный воспитательный процесс. Формирование морального облика протекает в процессе всей многогранной деятельности детей (учебной, трудовой, художественной, игровой). В тех разнообразных отношениях, в которые они вступают в различных ситуациях со своими сверстниками, с детьми моложе себя и с взрослыми. Тем не менее, нравственное воспитание является целенаправленным процессом, предполагающим определенную систему содержания, форм, методов и приемов педагогических действий [6, с.102].

В системе нравственного воспитания различают несколько аспектов:

Во-первых, осуществление согласованных воспитательных влияний учителя и ученического коллектива в решении определенных педагогических задач, а внутри класса – единство действий всех учащихся.

Во-вторых, использование приемов формирования учебной деятельности нравственным воспитанием.

В-третьих, под системой нравственного воспитания понимается также взаимосвязь и взаимовлияние воспитываемых в данный момент моральных качеств у детей.

В-четвертых, систему нравственного воспитания следует рассматривать и в последовательности развития тех или иных качеств личности по мере роста и умственного созревания детей [6, с.198].

Структура воспитательного процесса слагается из воспитывающей среды, воспитывающей деятельности и осмысления воспитанником своей жизни по отношению к окружающей действительности.

Основой воспитания, определяющей нравственное развитие, является формирование гуманистических отношений детей, не зависимо от содержания, методов, форм воспитательной работы. Процесс воспитания, направленный на развитие всех детей, должен быть построен так, чтобы обеспечить оптимальное развитие каждого ребенка, исходя из индивидуальности каждого ребенка.

Специфической особенностью процесса нравственного воспитания следует считать то, что он длителен и непрерывен, а результаты его отсрочены во времени. Существенным признаком процесса нравственного воспитания является

его концентрическое построение: решение воспитательных задач начинается с элементарного уровня и заканчивается более высоким. Для достижения целей используются все усложняющиеся виды деятельности. Этот принцип реализуется с учетом возрастных особенностей учащихся [2, с.386].

Процесс нравственного воспитания динамичный и творческий: учителя постоянно вносят в него свои коррективы, направленные на его совершенствование. Все факторы, обусловливающие нравственное становление и развитие личности школьника, разделяют на три группы: природные (биологические), социальные и педагогические. Во взаимодействии со средой и целенаправленными влияниями школьник социализируется, приобретает необходимый опыт нравственного поведения. На нравственное формирование личности оказывают воздействие многие социальные условия и биологические факторы, но решающую роль в этом процессе играют педагогические, как наиболее управляемые, направленные на выработку определенного рода отношений.

Одна из задач воспитания – правильно организовать деятельность ребенка. В деятельности формируются нравственные качества, а возникающие отношения могут влиять на изменение целей и мотивов деятельности, что в свою очередь влияет на усвоение нравственных норм и ценностей организаций. Деятельность человека выступает и как критерий его нравственного развития.

Развитие морального сознания ребенка происходит через восприятие и осознание содержания воздействий, которые поступают и от родителей и педагогов, окружающих людей через переработку этих воздействий в связи с нравственным опытом индивида, его взглядами и ценностными ориентациями. В сознании ребенка внешнее воздействие приобретает индивидуальное значение, таким образом, формирует субъективное отношение к нему. В связи с этим, формируются мотивы поведения, принятия решения и нравственный выбор ребенком собственных поступков. Направленность школьного воспитания и реальные поступки детей могут быть неадекватными, но смысл воспитания состоит в том, чтобы достигнуть соответствия между требованиями должного поведения и внутренней готовности к этому.

Необходимое звено в процессе нравственного воспитания – моральное просвещение, цель которого – сообщить ребенку совокупность знаний о моральных принципах и нормах общества, которыми он должен овладеть. Осознание и переживание моральных принципов и норм прямо связано с осознанием образцов нравственного поведения и способствует формированию моральных оценок и поступков.

Специфика организации процесса нравственного воспитания младших школьников состоит в тесной связи отношений "учитель – ученик", вследствие чего учитель находится в ситуации личной ответственности, в том числе за формирование нравственных ориентаций у детей. Основными рекомендациями учителям начальной школы по организации указанного процесса могут быть следующие:

- процесс нравственного воспитания младших школьников должен осуществляться систематически, а не от случая к случаю;
- для формирования нравственных качеств младших школьников необходимо применять всю совокупность средств доступных учителю, так как ему необходимо воздействовать на все сферы личности ученика воспитания, добиваясь положительной динамики процесса;

- в общей системе нравственного воспитания важное место должны занимать способы (формы, методы, приёмы и т.д.) направленные на формирование нравственных понятий, суждений, оценок, на воспитание нравственных убеждений. К этой группе относятся этические беседы, проблемные ситуации, метод дилемм, ситуации практического взаимодействия и их анализ, анализ поступков героев литературных произведений, диспуты по этическим проблемам и другие;

- способы нравственного воспитания должны быть подобраны с учетом возрастных особенностей учащихся, уровня нравственного развития;

- темы для обсуждения нравственных проблем учителю необходимо заранее обговаривать с детьми и учитывать их предложения, выбирая наиболее интересующие их вопросы;

- воспитательная работа с детьми младшего школьного возраста во внеурочное время должна организовываться с учетом особенностей детей слабо успевающих в учебе, среди которых низкая самоорганизация, низкий уровень развития познавательных процессов, низкая самооценка, обуславливающая формирование негативных черт характера, конфликтности;

- особенность применения способов нравственного воспитания младших школьников во внеурочное время состоит в том, что они в силу возрастных особенностей, очень восприимчивы к содержанию обсуждаемых вопросов и к оценкам, которые даёт учитель. Поэтому выводы должны быть максимально корректны в своих формулировках. Они не должны заключать в себе чрезмерную назидательность, а способствовать размышлению учащихся и приводить их к собственным выводам;

- необходимо помнить, что знание моральных норм есть предпосылка нравственного поведения, но при этом одних знаний не достаточно. Критерием нравственного поведения могут быть только реальные поступки детей, их побудительные мотивы;

- желание, готовность и способность сознательно соблюдать нормы морали могут быть воспитаны только в процессе длительной практики самого ребенка, поэтому важно похвала и подкрепление социально желательного поведения и игнорирование мелких нарушений правил, с целью не акцентирования взимания и не провокации поступков «на зло»;

- результат эффективности способов нравственного воспитания зависит от того, как педагог преподносит учащимся, те или иные нормы и правила поведения. Эмоциональное состояние жизнерадостного познания мира – это характерный признак духовной жизни детской личности. Слово учителя – инструмент воздействия на личность ребенка. Именно через беседы с педагогом, духовное развитие ребенка, самообразование, радость достижения целей, благородный труд, можно достичь целей. Самопознанию, самоусовершенствованию, умению остаться один на один с собственной душой, должны посвящаться специальные беседы педагога. Учитель призывает своих воспитанников, быть правдивыми и откровенными с самим собой, ставить такую цель в жизни, для достижения которой надо было решить задачи, которые соответствуют правилам морали, и никогда не противоречат истинным этическим нормам;

- при нравственном воспитании важно не только сформулировать моральное сознание, нравственные чувства, но и самое главное, включить младшего школьника в различные виды деятельности, где раскрываются их нравственные отношения;

- для того чтобы повысить эффективность взаимодействия учителя и учащихся, необходимо объективно оценить состояние процесса нравственного воспитания в классе. Необходимо провести объективный четкий анализ мероприятий, мониторинг эффективности различных способов, систематически используемых учителем в своей профессиональной деятельности.

Таким образом, использование рассмотренных формы, методов и приемов нравственного воспитания младших школьников во внеурочное время может способствовать повышению уровня развития нравственных качеств личности, формирование их нравственных представлений.

**Литература**


1. Аплетаев, М.Н. Система воспитания нравственной личности в процессе обучения [Текст]: монография / М.Н. Аплетаев. - Омск: Изд-во ОмГПУ, 1998. - 256 с.
2. Архангельский, Н.В. [Нравственное воспитание. [Текст] / Н. В. Архангельский — М.: Просвещение, 1979. — 534 с.
3. Анисимов, В. В. Общие основы педагогики: учебник для вузов [Текст] / В. В. Анисимов, О. Г. Грохольская, Н. Д. Никандров. - М.: Просвещение, 2006. - 574 с.
4. Божович, Л.И. О нравственном развитии и воспитании детей / Л.И.Божович // Вопросы психологии. – М.: Просвещение, 1975. – 254 с.
5. Болдырев, Н.И. Методика работы классного руководителя [Текст]: учеб. пособие по спецкурсу для студентов пед. ин-тов / Н. И. Болдырев. - М.: Просвещение, 1984. - 144 с.
6. Каирова, И.А. Нравственное развитие младших школьников в процессе воспитания / И.А. Каирова. - М.: Просвещение, 1979.- 290 с.
7. Каркошкина, Т.Н. Нравственное воспитание в начальной школе: Праздники, игры, викторины / Т.Н. Каркошкина. - Волгоград: Учитель, 2007. - 105 с.
8. Ожегов, С.И., Толковый словарь русского языка / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. – М.: АЗЪ; Издание 2-е, испр. и доп., 1995. – 928 с.
9. Сухомлинский, В.А. Избранные педагогические сочинения. В 3-х т. Том 2 / Сухомлинский В. А. – М.: Педагогика, 1980. – 388 с.


## ОСОБЕННОСТИ И УСЛОВИЯ НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ ВО ВНЕУРОЧНОЕ ВРЕМЯ

В статье «Особенности и условия нравственного воспитания младших школьников во внеурочное время» автором подчеркивается, что нравственное воспитание – процесс, направленный на формирование и развитие целостной личности ребёнка, и предполагает становление его отношения к Родине, обществу, коллективу, людям, к труду, природе, своим обязанностям и к самому себе.

Формирование нравственных ориентаций личности происходит не только в процессе обучения, но и в ходе творческой, активной деятельности, т.е. тогда, когда индивид пытается найти свои собственные, оригинальные решения разного рода задач. Подлинное творческое начало в человеке всегда деятельно, что находит свое конкретное воплощение в мыслительном процессе, практических действиях, поступках всей жизненной линии поведения. Следовательно, создавая для учащихся творческие условия в процессе освоения нравственной тематики, стимулируя активное освоение новых знаний, обретение новых личностных смыслов в жизни, развитие целеустремленности,

сосредоточенности и терпения, способствует формированию их нравственных качеств.

Отмечается, что младший школьник в процессе учёбы в школе постепенно становится не только объектом, но и субъектом педагогического воздействия, поскольку далеко не сразу и не во всех случаях воздействия учителя достигают своей цели. Действительным объектом обучения ребёнок становится только тогда, когда педагогические воздействия вызывают в нём соответствующие изменения.

Автор отмечает, что, включаясь в учебную деятельность, младшие школьники учатся действовать целенаправленно и при выполнении учебных заданий, и при определении способов своего поведения.

***Ключевые слова:*** *творческое начало, учебная деятельность, нормы нравственности, нравственное воспитание, младшие школьники, нравственные проблемы, доброта, порядочность, дисциплинированность, формирование, творческое начало, различные ситуации.*

## ХУСУСИЯТҲО ВА ШАРОИТИ ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ БЕРУН АЗ ВАҚТИ ДАРС

Дар мақолаи «Хусусиятҳо ва шароити тарбияи ахлоқии хонандагони хурдсол берун аз вақти дарс» муаллиф таъкид мекунад, ки тарбияи ахлоқӣ равандест, ки ба ташаккул ва рушди шахсияти мутлақи кӯдак нигаронида шудааст ва муносибати ӯро ба Ватан, ҷомеа, коллектив, одамон, кор, табиат дар бар мегирад.

Ташаккули маънавии шахсият на танҳо дар ҷараёни таълим, балки дар ҷараёни эҷодӣ, фаъолияти фаъол низ ба амал меояд, шахс мекӯшад роҳҳои мухталифи ҳалли мустақилона ва асили вазифаҳро дарёбад. Воқеияти эҷодӣ дар инсон ҳамеша фаъол буда, он дар раванди фикронӣ,фаъолияти амалӣ, рафтор ва тамоми ҷараёни ҳаёт таҷассум меёбад.

Аз ин рӯ, фароҳам овардани шароити эҷодӣ барои хонадагони хурдсол дар раванди азхудкунии мавзӯҳои ахлоқӣ, ҳавасмандгардонии рушди фаъолонаи донишҳои нав, дарёфти моҳияти нав дар ҳаёти шахсӣ, ташаккули ҷасорат, тамаркуз ва сабр ба ташаккули сифатҳои маънавии онҳо мусоидат мекунад.

Хонандаи хурдсол дар раванди таҳсил дар мактаб оҳиста-оҳиста на танҳо объект, балки мавзӯи таъсири педагогӣ мегардад, зеро таъсироти педагогӣ на ба таври фаврӣ ва на ҳамеша ба ҳадаф мерасад. Кӯдак танҳо вақте объекти воқеии тарбия мегардад, ки агар таъсири педагогӣ дар замири ӯ тағйироти дахлдоро тавлид намояд.

Муаллиф қайд мекунад, ки мактаббачагони хурдсол ба фаъолияти таълимӣ ворид шуда, ҳам ичрои вазифаҳои таълимӣ ва ҳам муайян намудани тарзҳои рафторашонро аз худ мекунанд.

***Калидвожаҳо:*** *эҷодкорӣ, корҳои таълимӣ, меъёрҳои ахлоқӣ, тарбияи ахлоқӣ, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, мушкилоти ахлоқӣ, меҳрубонӣ, одоб, интизом, ташаккул, эҷодкорӣ.*

## FEATURES AND CONDITIONS OF MORAL EDUCATION OF YOUNGER SCHOOLCHILDREN OUTSIDE SCHOOL HOURS

In the article “Features and conditions of moral education of younger schoolchildren outside school hours”, the author emphasizes that moral education is a process aimed at the formation and development of a holistic personality of a child,

and involves the formation of his attitude to the homeland, society, team, people, work, nature , to your duties and to yourself.

The formation of moral orientations of the personality occurs not only in the learning process, but also in the course of creative, active activity, i.e. then, when an individual tries to find his own, original solutions to various kinds of problems. A genuine creative principle in a person is always active, which finds its concrete embodiment in the thought process, practical actions, and actions of the entire life line of behavior. Therefore, creating creative conditions for students in the process of mastering moral topics, stimulating the active development of new knowledge, gaining new personal meanings in life, the development of determination, focus and patience, contributes to the formation of their moral qualities.

The younger student in the process of studying at school gradually becomes not only an object, but also a subject of pedagogical influence, since far from immediately and not in all cases of influence, teachers reach their goal. A child becomes a real object of education only when pedagogical influences cause corresponding changes in it.

The author notes that by engaging in educational activities, younger students learn to act purposefully and in the performance of educational tasks, and in determining the ways of their behavior.

***Keywords:*** *creativity, educational activities, moral standards, moral education, elementary school students, moral problems, kindness, decency, discipline, formation, creativity, various situations.*

***Сведения об авторе: Заробекова Насима Миргарифановна*** *– кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики преподавания Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода.* ***Адрес:*** *734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева,17/6, тел.: (+992)901416531.*

***Information about the author:*** *Zarobekova Nassima Margarifanovna – candidate of pedagogical science, associate professor of teaching methods, Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda.* ***Address:*** *734019, The Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone.: (+992)901416531.*

**УДК 021.13 (575.3)+023.5**

# САЛОҲИЯТИ КАСБИИ КИТОБДОРОН – ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ КИТОБХОНА

***Раҷабова Н.Ш.***

**Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода**

Азнавсозӣ ва ислоҳоти куллии низоми таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаи китобдорӣ, ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар ин соҳа аз сатҳи салоҳиятнокии касбии китобдорон ва донишҷӯёне, ки касби китобдориро пешаи худ интихоб кардаанд, вобаста аст. Бо вусъати раванди ҷоринамоии технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дар соҳаи номбурда ин алоқамандӣ боз ҳам таҳким меёбад. Алоқамандии мустақими ҷараёнҳои инноватсионии фаъолият аз татбиқи технологияҳои муосири таълим, бахусус татбиқи методҳои интерактивӣ дар муассисаҳои олии касбӣ аллакай собит гардидааст **[7].**

Барои он ки равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳои гуногун фаъол гардида, натиҷаи дилхоҳ диҳанд, бояд салоҳиятнокии касбии китобдорон, аз ҷумла китобдорони оянда (донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ) ба тақозои ҷомеаи муосири иттилоотӣ мутобиқат намояд. Чунки афзоиши босуръати селаи иттилооти мухталиф ва коҳиш ёфтани вақт барои омӯзишу таҳлили он яке аз хусусиятҳои ҷомеаи муосири иттилоотӣ ба шумор меравад.

Чунин вазъият ҳайати кормандони китобхонаро водор месозад, ки дорои сатҳи баланди салоҳияти касбӣ ва фарҳанги иттилоотӣ бошанд.

Дар баробари ин, масъалаи дигаре, ки зарурияти баланд бардоштани салоҳияти касбӣ ва коммуникативии китобдоронро беш аз пеш тақозо мекунад, ин омӯзиши инноватсияҳо, ҷоринамоии онҳо дар фаъолияти китобхонаҳо мебошад

Бинобар ин, китобдорон ҳанӯз дар овони донишҷӯйӣ бояд ба таҳсилоти салоҳиятнок фаро гирифта шаванд ва минбаъд таҳсилоти муттасили ба салоҳиянокӣ равонакардашуда мақсаду мароми онҳо бошад.

Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, ки «Самаранок ба роҳ мондани таҳсилоти салоҳиятнок ва давра ба давра ҷорӣ намудани он дар ҳамаи зинаҳои таълим талаби замон мебошад» **[1].**

Омодагии касбӣ натиҷаи тайёрии махсус, худмуайянкунӣ, таҳсилот ва худомӯзӣ, тарбия ва худтарбиякунӣ мебошад, ки ҳадаф ва натиҷаи ин равандҳо ноил гардидан ба сатҳи барои ҷомеа матлуби салоҳияти касбии мутахассисон мебошад. Ин ҳолати равонӣ, зуҳури фаъолона амал кардани шахс, сифати мураккаб ва низоми хусусиятҳои ҳамгирои ӯ ба шумор меравад. Ин гуна омодагӣ фаъолиятро танзим ва самаранокии онро таъмин менамояд. Аммо дар шароити татбиқи иноватсияҳо талабот нисбат ба сатҳи салоҳияти касбии тамоми категорияҳои мутахассисон, аз ҷумла китобдорон баланд мегардад. Зеро инноватсияҳои китобдорӣ ба мисли ҳама гуна навгониҳо проблемаҳоеро ба миён меоранд, ки аксаран ба ҳамоҳангсозии барномаҳои инноватсионӣ ва барномаҳои давлатии тарбия ва омодасозии мутахассисон, инчунин татбиқи консепсияҳои гуногун алоқаманд мебошанд. Ин гуна вазъият дар навбати худ коркардҳои усулан нави методӣ ва сифати нави навгониҳои китобдориро тақозо мекунанд. Дар ин росто монеаи асосӣ барои татбиқи инноватсияҳо, пеш аз ҳама сатҳи пасти салоҳияти касбии китобдорон мебошад. Барои он ки раванди инноватсионӣ дар соҳаи фаъолияти китобдорӣ босуръат ва бо сифати баланд

ҷорӣ гардад, китобдор бояд аҳамияти амалии инноватсияҳоро на танҳо дар низоми китобдорӣ, балки дар сатҳи шахсӣ низ дарк намояд, барои азхуд кардан ва татбиқи онҳо ҳамаҷониба омода бошад. Мутаассифона, воридшавии китобдорон ба муҳити инноватсионӣ аксаран худ ба худ, яъне ғайримуташаккилона, бидуни ба инобат гирифтани сифатҳои касбӣ ва шахсӣ, инчунин сатҳи омодагии онон ба фаъолияти инноватсионӣ ба амал меояд.

Омодагӣ ба фаъолияти инноватсионӣ дар китобхона ин ҳолати махсуси субъект (китобдор) аст, ки мавҷудияти муносибати мотиватсионӣ-арзишӣ нисбат ба касби китобдорӣ ва тарзу воситаҳои ноил гардидан ба мақсадҳои китобдорӣ, қобилияти эҷодӣ ва рефлексияро[1] тақозо мекунад.

Бинобар ин, дар радифи зарурати омӯзишу татбиқи инноватсияҳо дар соҳаи китобдорӣ масъалаи баланд бардоштани сатҳи салоҳиятнокии китобдорон муҳим мегардад.

Имрӯз мафҳуми «салоҳият» («компетенция») дар аксарияти соҳаҳои фаъолияти серистеъмол аст. Гуногунрангии ҳайати истифодарандагони мафҳуми мазкур (иқтисодчиён, ҳуқуқшиносон, педагогҳо, равоншиносон, менеҷерон, китобдорон ва ғайра) аз он шаҳодат медиҳад, ки дар мавриди муайяннамоии таърифи истилоҳ, мундариҷа ва сохтори он андешаҳо мухаталифанд.

Мафҳуми «компетенция» - «салоҳият» маҳсули афкори илмии муосир нест. Он дар охири асри XVI дар луғати машҳури тафсирии англисии Webster·s New World Dictionaru пайдо шуда, вале дар доираи илмӣ танҳо дар охири солҳои 90-уми асри XX васеъ паҳн гардид. То имрӯз таърифи ягонаи он мавҷуд нест. Шумораи тафсири он хеле зиёд аст.

Амрикоиҳо тафсири мафҳум ва арзёбии «салоҳият»-ро ҳамчун алтернативаи тестҳои анъанавӣ барои андозагирии сатҳи зеҳн (интелект) IQ , ки ҷиҳати пешгӯйии самаранокии кор имконияти маҳдуд дорад, пешниҳод кардаанд. Дар ин кишвар барои ошкор намудани омилҳои дастоварда ва самаранокии кормандони комёб ва муайян намудани фарқияти онҳо аз кормандони қафомонда (сусткор) муносибати босалоҳият (компетентностный подход)-ро истифода мебаранд. Ин анъанаи амрикоиҳо салоҳиятҳоро бо тавсифоти рафтори кормандон, ба монанди худогоҳӣ, худтанзимкунӣ, малакаҳои иҷтимоӣ алоқаманд дониста, итминон доранд, ки ин сифатҳоро тавассути таълим ва камолот ташаккул додан мумкин аст.

Англисҳо бошад, баръакс ҳангоми муайян намудани салоҳиятҳо тавсифоти шахсиро ба инобат намегиранд, балки бештар ба хусусияти фаъолияит таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Ҳангоми муносибати функционалӣ стандартҳои касбӣ нақши калидӣ бозида, минбаъд дар шакли салоҳиятҳо зуҳур меёбанд.

Муносибати бисёрчена(к). Дар Аврупо мафҳуми «салоҳият» дар миёнаҳои солҳои 90-уми асри гузашта паҳн гардид. Дар Фаронса муносибати босалоҳият ду самти мухталиф дорад: якум, салоҳият ҳамчун аломати универсалии шахс ва дуюм, - салоҳият ҳамчун қобилияти инфиродӣ, ки дар ҷараёни иҷрои корҳо зуҳур меёбад. Муайяннамоии салоҳият дар се ҷанбаи зерин сурат мегирад: дониш, тачриба ва тавсифоти рафтор.

Дар Олмони мафҳуми «тахассусҳои калидӣ», яъне асосӣ маъмул буда, он фарогири салоҳиятҳои инфиродие мебошад, ки маънои қобилият ба ҳамкорӣ, чандирӣ, хушахлоқӣ, мустақилият ҳангоми ҳалли мушкилотро дорад.

[1] Рефлексия (лотинӣ) – reflexio - ба худ ва ба шуури худ таваҷҷуҳ намудани субъект, аз ҷумла ба маҳсули фаъолнокии хеш ё ягон хел таҷдиди назар намудани он.

Таҳлили муносибатҳои фавқузикр аз он шаҳодат медиҳад, ки муносибати босалдоҳияти англисӣ тавсифоти фаъолият ва равандҳои иҷрои онро меомӯзад, муносибати босалоҳияти америкоӣ бошад, кормандонеро, ки ҳамин фаъолиятро анҷом медиҳанд. Фарқияти муносибати америкоӣ ва англисӣ дар ин маврид аз он иборат аст, ки онҳо салоҳиятро бар хилофи салоҳиятнокӣ, яъне ҷараёнро бар хилофи натиҷаи ҳамин ҷараён истифода мебаранд.

Бинобар ин, дар ин маврид, муносибати бисёрчена(к) комилтар аст, зеро он барои дарки мантиқӣ, пай дар пай ва бидуни ихтилофи мафҳуми мазкур мусоидат менамояд.

Дар Россия муддати тӯлонӣ муносибати «ДММ» (дониш, маҳорат, малака) бартарият дошт. Одатан аломати салоҳиятнокӣ мавҷудияти дипломи маълумоти олӣ ё вазифаи ишғолнамуда маҳсуб ёфта, аз ин ҳисоб соҳиби он афзалият дошт, вале он салоҳияти воқеӣ ё натиҷаи фаъолиятро инъикос карда наметавонист.

Масъалаи фарқияти мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ» низ мубоҳисавӣ боқӣ мемонад. Як гурӯҳи олимон ҷонибдоранд, ки ҳарду мафҳум муттаҳид карда шаванд.

Дар «Словарь иностранных слов» мафҳумҳои «салоҳият», «салоҳиятнокӣ» ва «босалоҳият» ба назар мерасанд.

Салоҳият (калимаи лотинӣ – competentia – мансубият тибқи ҳуқуқ) – а) доираи ваколатҳои ягон мақомот ё шахси мансабдор; б) доираи масъалаҳое, ки ҳамин шахс оид ба онҳо огоҳӣ ва таҷриба дорад.

Салоҳиятнокӣ – соҳиби салоҳият будан. Соҳибдониш будан барои ибрози андеша доир ба ягон чиз.

Босалоҳият – (лотинӣ – competens – мувофиқ будан, қобилиятдор, қодир) – салоҳият доштан. Маънои дигари он - донанда, воқиф, пурдон [8].

Дар қомуси интеренет – «Википедия» мафҳуми «салоҳият - компетенция» - маънои қобилияти шахсии мутахассис барои иҷрои вазифаҳои муайяни касбӣ маънидод карда шудааст. Зери мафҳуми «салоҳият» инчунин талаботи расмие, ки ба шахс, ба сифатҳои касбии кормандони муассиса (ё ягон гурӯҳи кормандон), ширкат вобастаанд, фаҳмида мешавад [4]. Дар доираи чунин фаҳмиш мафҳуми «салоҳият» барои арзёбии ҳайати корхона, муассиса, аз ҷумла, масалан, китобхона ё ягон сохтори он истифода бурда мешавад.

Баъзе муҳаққиқон салоҳиятнокиро ҳамчун «омодагии мутахассис барои ворид шудан ба намуди муайяни фаъолият» [2], муҳаққиқи дигар онро ба сифати «аломати омодагӣ ба фаъолияти ояндаи касбӣ» [11], гурӯҳи дигар ба ҳайси ягонагии бонизоме,ки хусусияту ҷузъиёти шахсӣ, моддӣ, воситавиро ҳамгиро месозад» [3], «ё на танҳо соҳиби дониш будан, балки талоши пайваста ба хотири навсозиву таҷдид ва истифодаи онҳо дар ҳолатҳои мушаххас» [10], инчунин ҳамчун «таҷрибаи шахсии ба донишу зеҳн асосёфтаи фаъолияти иҷтимоӣ-касбии инсон» [5], зумраи дигар «таъсиррасонӣ, дорои таносуби салоҳиятҳо будани инсон, аз ҷумла муноситбати ӯ нисбат ба ин салоҳиятҳо ва предмети фаъолият» [9] маънидод кардаанд.

Ҳамин тавр, мавҷудияти донишу таҷриба, ки барои фаъолияти босамар дар ягон соҳа зарур аст, салоҳият номида мешавад.

Дар адабиёти илмӣ намудҳои зерини салоҳият маъмуланд:

- салоҳияти таълимӣ-маърифатӣ;
- салоҳияти иттилоотӣ;
- салоҳияти коммуникативӣ;
- салоҳияти когнитивӣ;
- салоҳияти ахлоқӣ.

Далели умумие, ки нуқтаи назари муҳаққиқони гуногунро собит менамояд ҳамин аст, ки дониши инсон неру ва захираи илмӣ-амалӣ ба ҳисоб меравад, вале онҳоро омилҳои иловагӣ ба ҳаракат меоранд. Аз ин рӯ, салоҳият на танҳо мавҷудияти дониш ва таҷриба, балки маҳорати истифода бурда тавонистани онҳо дар раванди иҷрои ваколатҳо мебошад.

Бинобар ин, мутахассиси ҷавон қабл аз ҳама бояд ҳам дар маҷмӯъ раванди фаъолияти китобхона ва ҳам дар алоҳидагӣ сохторҳои зернизоми онро омӯзад ва дарк намояд. Зеро китобхона ин организми бонизом аст. Агар корманди китобхона, ки солҳои тӯлонӣ дар он фаъолият дошта, вале чигунагии кори феҳристнавис, библиограф, китобдори шуъбаи хизматрасонӣ ва хусусияти фаъолияти кормандони дигар сохторҳоро надонад, вай «меҳмон»-и ба китобхона воридшударо мемонад, он дорои сатҳи зарурии салоҳияти касбӣ нест.

Муҳаққиқ Л.И. Луценко таҳти салоҳиятнокии касбӣ ягонагии бонизом ва ҳамгироро (синтези ҷузъиёти интеллектуалӣ ва малакаҳо, сифатҳо ва таҷрибаи шахсие, ки ба инсон барои истифодаи неруи худ, амалӣ гардонидани фаъолиятҳои мураккаб, мутобиқшавии фаврӣ ва муваффақона ба шароити доимотағйирёбандаи ҷомеа ва фаъолияти касбӣ имкон фароҳам меоранд) **[6],** маънидод кардааст. Салоҳиятнокии касбӣ «маънии сифатҳои алоҳида шахс, маҷмӯи онҳо ё донишҳои муайян, маҳорату малакаро надорад». Он на танҳо нерӯи мавҷудаи инсон ва қобилияти истифодаи онро инъикос мекунад, балки он падида ва сифати нави ҳаёту фаъолиятро тавлид намуда, имкон медиҳанд, ки инсон комёб бошад» **[6]**. Салоҳиятнокии касбии китобдор бо салоҳиятнокии коммуникативии ӯ, ки заминаи муҳим барои камолоти касбият аст, робитаи мустақим дорад, чунки моҳияти фаъолияти китобдорӣ, қабл аз ҳама иртиботи дуҷониба (коммуникатсия) бо истифодабарандаи китобхона мебошад.

Аз ин рӯ, яке аз сифатҳои муҳими касбии ҳар як китобдор ин салоҳият – маҷмӯи маҳоратҳои когнитивӣ, лоиҳакашӣ (барномарезӣ), конструктивӣ, коммуникативӣ, ташкилотчигӣ ва аксиологӣ мебошад.

**Маҳорати когнитивӣ (маърифатӣ):**

- мақсадҳои умумии хизматрасонии китобхонаро ба вазифаи коллективи мушаххас табдил додан;
- омӯзиши мақсадноки сатҳи талаботи истифодабарандагон, сатҳи фарҳанги хонандагӣ ва иттилоотӣ;
- таҳлили хусусиятҳои фаъолият ва рафтори худ;
- мунтазам мукаммал намудани донишҳои касбӣ тавассути худомӯзӣ;
- дарк ва истифодаи интиқодии таҷрибаи пешқадами китобдорӣ;
- дар заминаи таҳлили фаъолияти худ ба даст овардани донишҳои нав;
- омӯзиши хусусиятҳои психологии аз худ намудани иттилоот аз ҷониби истифодабарандагони китобхона;
- омӯзиши хусусиятҳои инфиродӣ-психологии истифодабарандагони китобхона.

**Маҳорати лоиҳакашӣ (барномарезӣ):**

- коркарди наҳкшаҳои дурнамои фаъолият (-и худ ва коллектив);
- муайян намудани мақсадҳо, шакл ва услубҳои хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ;
- муайян намудани намудҳои ратсионалии фаъолият ва методҳои самараноки кор;
- пешгуйии натиҷаҳои дилхоҳи фаъолият;
- муайян намудани самаранокии хизматрасонӣ ва дурнамои рушди он;

- ҷустуҷӯи сабабҳои нокомӣ дар камбудиҳои фаъолияти хеш;
- истифода бурда тавонистани роҳҳои халли мушкилот.

**Маҳорати конструктивӣ:**

- истифодаи оқилонаи тамоми имкониятҳои хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ;
- истифодаи алгоритмҳо (тақсимоти амалиёти хизматрасонӣ ба қисмҳо ва усулҳои он);
- кор бо низоми ҳифзу нигоҳдошти иттилоот дар реҷаҳои суннатӣ ва автоматӣ;
- фаъолият дар ҷои кори автоматонидашуда (ҶКА);
- кор бо барномаҳои офисӣ (Word, Excel, PowerPoint) барои таҳияи ҳуҷҷатҳои электронӣ;
- истифодаи захираҳои шабакаи Интернет;
- истифодаи сканер, принтер, дастгоҳи аккосии рақамӣ.

**Маҳорати коммуникативӣ:**

- ба роҳ мондани робитаи мутақобилаи муносиб бо ҳамкорон;
- ба роҳ мондани робита, «забон ёфтан» ва тарзи дурусти гуфтор бо истифодабарандагони гуногун дар ҳолатҳои гуногун;
- серталабӣ нисбат ба риояи қоидаҳои истифодабарӣ аз китобхона, муносибати этиёткорона нисбат ба фонди китобхона;
- возеҳу мантиқӣ, боварибахшу фаҳмо иброз намудани андешаи худ;
- зоҳир намудани худдории эмотсионалӣ дар ҳар гуна ҳолат.

**Маҳорати ташкилотчигӣ:**

- маҳорати фароҳам овардани муҳити боҳаловати китобдорӣ;
- маҳорати ташаккул ва пешниҳоди хизматгузориҳои китобдорӣ;
- маҳорати тақсимоти дурусти вақт;
- маҳорати қабули мустақилонаи қарор;
- мустақилона ташкил намудани фаъолияти иттилоотӣ-ҷустуҷӯйии истифодабарандагони китобхона;
- ҳавасмандгардонии худомӯзии истифодабарандагони китобхона.

**Маҳорати аксиологӣ:**

- арзёбӣ ва назорати фаъолияти марбут ба мутолиа (истифодабарандагон ва худи китобдор);
- ҳангоми интихоби шаклу методҳои кор бо истифодабарандагон ба инобат гирифтани хусусиятҳои онҳо;
- арзёбии далелноки (бо далели) иттилооти гуногун.

Ҳар кадом аз маҳоратҳои номбурда дар сатҳҳои муайяни омодагии китобдор ба фаъолияти инноватсионӣ зоҳир мегардад. Барои равшан гардидани матлаб, дар заминаи таҳлили адабиёти мавҷудаи илмӣ метавон сатҳҳои зерини омодагии китобдоронро ба фаъолияти инноватсионӣ муайян намуд:

**- Сатҳи дарки пешакии (интуитивии) ташаккулёбии омодагӣ ба фаъолияти инноватсионии китобдорӣ.** Китобдороне, ки вобаста ба хусусияти фикрронӣ ва фаъолияти амалӣ ба сатҳи мазкур шомиланд, иинноватсияро алтернативаи амалияи анъанавӣ меҳисобанд. Асоси чунин муносибат тамоюли эмотсионалӣ ва гувоҳии дилашон нисбат ба қабули падидаи нав аст, зеро он дониши амиқи назариявии хусусияти ғояи инноватсионӣ ё таҳлили амалияи китобдорӣ набуда, балки нав аст. Дар онҳо рефлексия ташаккул наёфтааст.

**- Сатҳи репродуктивии ташаккулёбии омодагӣ ба фаъолияти инноватсионии китобдорӣ.** Ин категорияи китобдорон ба асосҳои назариявӣ, мазмун, услубҳои

мушаххаси китобдорони навовар шинос буда, баъзан унсурҳои ҷудогонаи онҳоро дар фаъолияти хеш мавриди истифода қарор медиҳанд. Аммо истифодабарии инноватсияҳо дар фаъолияти онҳо муназзам нест, аз ҳолаптҳои мушаххас вобаста аст. Баъзе аз онҳо андеша доранд, ки технологияҳои навро бояд танҳо муаллифонашон истифода баранд. Дар онҳо рефлексия ба қадри кофӣ зоҳир нагардидааст.

- **Сатҳи ҷустуҷуйии ташаккулёбии омодагӣ ба фаъолияти инноватсионӣ**. Китобдоронеро, ки ба гурӯҳи мазкур шомил менамоянд, кӯшиш мекунанд, ки ба таври нав фаъолият намуда, дар фаъолияти хеш технология ва методикаҳои маъмули хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотиро истифода баранд. Онҳо ба озмоишу таҷрибагузаронии падидаи нав бо майлу рағбати том машғул шуда, комёбӣ ва нокомиҳояшонро пинҳон намекунанд, барои муҳокимаи ошкоро ва андешарониҳо нисбати инноватсияҳои китобдорӣ омодаанд.

- **Сатҳи эҷодии ташаккулёбии омодагӣ ба фаъолияти инноватсионӣ.** Китобдороне, ки нисбат ба фаъолияти инноватсионӣ муносибати эҷодӣ доранд, дорои донишҳои амиқу васеъ оид ба муносибатҳои инноватсионӣ нисбат ба хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ буда, технологияҳои навро аз худ менамоянд ва технологияҳои навро тавлид карда метавонанд. Барои аксарияти онҳо татбиқи нерӯи эҷодӣ дар раванди инноватсионӣ самти муҳими фаъолияташон ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, омодагӣ ба фаъолияти инноватсионии китобдорӣ худ аз худ ташаккул намеёбад, дар муҳокимаҳои маҷозӣ (виртуалӣ) ба вуҷуд намеояд, балки дар ҷараёни амалияи китобдорӣ бо таҷассуми тамоми дастовардҳои марҳилаҳои қаблӣ ба амал омада, бо шарофати он ба сатҳи олӣ мерасад. Ин маънои онро дорад, ки як марҳилаи қаблии омодагӣ ин заминаи ташаккул барои марҳилаи нав аст. Аз ин рӯ, ба таври объективона ошкор намудани сатҳи ташаккулёфтаи омодагии китобдори мушаххас ба фаъолияти инноватсионӣ имкон медиҳад, ки корҳо дар самти рушди нерӯи инноватсионии ӯ ба нақша гирифта шаванд, зеро он ҷузъи муҳими сифатҳои касбӣ маҳсуб меёбад.

**Адабиёт**


1. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ, шаҳри Душанбе, 30.08.2017 [Манбаи электронӣ] // Реҷаи дастёбӣ // ttp://www.president.tj/ru.
2. Асмолов, А.Г. Формирование универсальных учебных действий в начальном школе.-М.: Просвещение, 2010.- 186 с.
3. Бермус, А.Г. Проблемы и перспективы реализации компетентностного подхода в образовании [Электронный ресурс].- http://www.edioss.ru/journal/2005/0910-12.htm
4. Википедия –свободная энциклопедия [Электронный ресурс]: Режим доступа https://ru.wikipedia.org › wiki
5. Зимняя, И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании [Текст]/И.А.Зимняя. –М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004. – 40 с.
6. Луценко, Л.И. Развитие коммуникативной компетентности руководителя в процессе повышения его квалификации как важное условие модернизации российского общества//Вестник Тульского филиала Финуниверситета. - 2015.- № 1. - С. 227-228.

7. Природова, О.Ф., Никишина В.Б., Кузнецова А.А. Моделирование системы непрерывного педагогического образования преподавателей медицинского вуза //Профессиональное образование в России и за рубежом.- 2017. - № 2 (26). - С. 60-68.
8. Словарь иностранных слов онлайн [Электронный ресурс] Режим доступа // https://www.nashislova.ru
9. Хуторской, А.В. Ключевые компетенции и образовательные стандарты//Интернет-журнал «Эйдос». 2002 [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.eidos.ru/journal/2002/-4-23.htm
10. Чошонов, М.А. Гибкая технология проблемно-модульного обучения: методическое пособие.- М.: Народное образование, 1996.-160 с.
11. Щедровицкий, П.Г. Очерки по философии образования: (статьи и лекции) /П.Г.Щедровицкий. - Рига. Пед.центр «Эксперимент», 1993.- 156 с.

## САЛОҲИЯТИ КАСБИИ КИТОБДОРОН – ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ КИТОБХОНА

Дар мақола масъалаҳои салоҳияти касбии китобдори муосир ва омодагии ӯ ба пешбурди фаъолияти инноватсионии китобдорӣ таҳлил карда шудаанд. Қайд гардидааст, ки мафҳуми «салоҳият» ин ихтирои рӯзҳои мо нест. Он дар охири асри XVI пайло шуда, вале танҳо дар солҳои 90-уми асри гузашта ба таври васеъ паҳн гардид.

Мафҳуми «салоҳият» беш аз ҳама дар муассисаҳо мавриди истифода қарор дошта, дар бисёр ҷомеаҳои касбӣ предмети баҳсу мунозираҳо мебошад.

Имрӯз фаҳмиши ягонаи он вуҷуд надорад. Ба андешаи муаллифи мақола, заминаи умумие, ки нуқтаи назари муаллифони гуногунро ифода мекунад, аз он иборат аст, ки мавҷудияти дониши инсон ифодаи нерӯ, захираи илмӣ-техникии ӯ мебошанд, аммо онҳоро танҳо омилҳои иловагӣ ба ҳаракат меоранд.

Муаллиф ба омилҳои иловагӣ салоҳияти касбиро дохил менамояд, вале қайд менамояд, ки салоҳият ин на танҳо мавҷудияти дониш ва таҷриба, балки маҳорати истифодаи онҳо дар раванди татбиқи ваколатҳо мебошад. Аз ин рӯ, яке аз сифатҳои муҳими касбии китобдор ин маҷмӯи маҳоратҳои когнитивӣ, лоиҳакашӣ, (барномарезӣ), ташкилотчигӣ, коммуникативӣ, аксеологӣ, инчунин омодагӣ ба фаъолияти инноватсиои ба шумор мераванд.

Сарчашмаи асосии омодагии кормандони китобхонаҳо ба фаъолияти инноватсионӣ ин фаросати инноватсионӣ (яъне қабул карда тавонистани инноватсияҳо), камолоти шахсӣ, тамоюли касбӣ, таҳсилоти муттасили касбӣ, тарбия, худтарбиякунӣ, худмуайянкунии касбии китобдор мебошад.

***Калидвожаҳо:*** *салоҳият, салоҳияти касбӣ, фаъолияти инноватсионӣ, фаъолияти инноватсионии китобдорӣ, маҳорати когнитивӣ, маҳорати лоиҳакашӣ, маҳорати конструктивӣ, маҳорати ташкилотчигӣ, маҳорати аксиологӣ, худмуайянкунии касбӣ.*

## ПРОФЕССИОНАЛЬНАЯ КОМПЕТЕНТНОСТЬ БИБЛИОТЕКАРЕЙ – ВАЖНЫЙ ФАКТОР РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ БИБЛИОТЕК

В статье анализируются вопросы профессиональной компетенции современного библиотекаря и его готовности вести инновационную библиотечную деятельность. Отмечается, что понятие «компетенция» не является

изобретением наших дней. Оно появилось в конце XVI века, но получило широкое распространение в 90-х гг. прошлого столетия.

Понятие «компетенция» все чаще используется в организациях, являясь предметом дискуссий во многих профессиональных сообществах.

На сегодняшний день не существует однозначного его понимания.

По мнению автора статьи, общей основой, характеризующей точку зрения различных авторов, является то, что знания человека выступают потенциалом, научно-техническим багажом, которым он располагает, но привести их в действие могут лишь дополнительные факторы.

К числу дополнительных факторов автор включает профессиональную компетентность, однако, считает автор, компетентность – это не только наличие знаний и опыта, но умение распорядиться ими в ходе реализации своих полномочий. Исходя из этого, одним из немаловажных профессиональных качеств библиотекаря является совокупность когнитивных, проектировочных, организаторских, коммуникативных и аксиологических умений, а также готовность к инновационной деятельности.

Главным источником готовности библиотечных работников к инновационной деятельности являются инновационная восприимчивость, личностное развитие, профессиональная направленность, непрерывное профессиональное образование, воспитание, самовоспитание, профессиональное самоопределение библиотекаря.

***Ключевые слова:*** *компетентность, профессиональная компетентность, инновационная деятельность, библиотечная инновационная деятельность, когнитивные умения, проектировочные умения, конструктивные умения, коммуникативные умения, организаторские умения, аксиологические умения, профессиональное самоопределение.*

## PROFESSIONAL COMPETENCE OF LIBRARIANS IS AN IMPORTANT FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF INNOVATIVE ACTIVITIES OF LIBRARIES

The article analyzes the issues of professional competence of a modern librarian and her willingness to conduct innovative library activities. It is noted that the concept of "competence" is not an invention of our days. It appeared in the late XVI century, but became widespread in the 90s of the last century.

The concept of "competence" is increasingly used in organizations, being the subject of debate in many professional communities.

To date, there is no unambiguous understanding of it.

According to the author of the article, the General basis characterizing the point of view of various authors is that human knowledge is a potential, scientific and technical baggage, which he has, but only additional factors can bring them into action.

Among the additional factors the author includes professional competence, however, the author believes that competence is not only the availability of knowledge and experience, but the ability to dispose of them in the course of the exercise of their powers. Based on this, one of the important professional qualities of a librarian is a set of cognitive, design, organizational, communicative and axiological skills, as well as readiness for innovation.

The main source of readiness of library workers to innovative activity are innovative susceptibility, personal development, professional orientation, continuous

professional education, education, self-education, professional self-determination of the librarian.

***Keywords:*** *competence, professional competence, innovative activity, library innovative activity, cognitive skills, design skills, constructive skills, communicative skills, organizational skills, axiological skills, professional self-determination.*

***Сведения об авторе:*** *Раджабова Назира Ширинovна – старший преподаватель кафедры библиотековедения и библиографоведения Таджикского государственного институт культуры и искусства имени Мирзо Турсунзода, 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Борбад, 73 [а], тел.: (992) 918104129.*

***Information about the author:*** *Rajabova Nazira Shirinovna - senior lecturer of the Department of library and bibliography of the Tajik State Institute of Culture and Art named after Mirzo Tursunzod, 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 73[a] Borbad str., phone.: (992) 918104129.*

**УДК 338.48 (575.3)**

# ТУРИЗМИ ТАЪРИХӢ-ФАРҲАНГӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ РУШДИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

***Ҳақназаров А.***
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Таассури саёҳат дар биниши иҷтимоӣ, тафаккур, сатҳи худогоҳӣ ва дар маҷмӯъ, ҷаҳоншиносӣ ва маърифати ҳаёт бениҳоят бориз ва амиқ буда, имрӯз ба яке аз рукнҳои фарҳанги ҷаҳондонӣ мубаддал гардидааст.

Дар замони муосир саёҳат яке соҳаҳои тараққикарда ва ҳатто метавон гуфт, ки маҳаки асосии рушди иқтисодиёти кишварҳост.

Туризм ҷиҳати рушди мунтазами иқтисодиёт, беҳдошти вазъи иҷтимоии ҷомеа, бавежа таъмини ҷойи корӣ ва барҳӯрдорӣ аз ҳунарҳои мардумӣ омили боэътимод ба шумор рафта, вобаста ба ин ё он давлат хусусиятҳои хосаро фарогир аст.

Муҳаққиқе доир ба туризм ва аҳамияти он дар рушди соҳаи иҷтимоӣ чунин нуктаи назари хешро иброз доштааст: «Туризм мӯҷиби иртиқои сатҳи огоҳиҳо, биниши иҷтимоӣ ва пешрафти фарҳанги умумӣ шудааст ва аз ҳамин роҳ будааст, ки дар тӯли таърихи иҷтимооти мухталиф ба фарҳанг ва адаб ва равишҳои зиндагии якдигар пай бурда ва он чиро, ки бо вазъи муҳит ва зиндагонии худ қобили татбиқ медонистаанд, ба сарзамини хеш ба армуғон овардаанд» [6, с. 209].

Дар ин замина, бо иктифои ғановати мероси фарҳангию таърихӣ ва мавзеоти нотакрории табиати кишвари мо метавон комилан ҳадс зад, ки ҳар як сайёҳ бо кулбори пур аз огоҳиҳои фарҳангӣ ва тассуроти мондагор армуғони зиёдро бо худ хоҳад бурд.

Ҳамчунин, комилан табиист, ки шинохти фарҳанги саёҳат аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ тобиши хоса пайдо карда, дар замони имрӯз ниёзи сайёҳии ҷомеа хостори кишварҳоест, ки мероси бою пурғановати фарҳангӣ, таърихию табиӣ ва инфрасохтори мусоиди сайёҳиро дар худ бештар таҷассум кардаанд.

Дар такя ба ин нукта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқтидори бузурги мероси таърихию фарҳангии тоҷикон, табиати нотакрор ва обҳои мусаффо, меваҳои шаҳдбори кишвар, меҳмоннавозии камназири халқ, истеъдоду ҳунари волои мардумиро ҷавҳари асосии туризми миллӣ дониста, яке аз самтҳои сиёсати давлатиро ба эҳё ва ҳифзу рушди минбаъдаи он равона кардааст.

Ин буд, ки Пешвои миллат зимни натиҷагирӣ аз соли сипаришуда (2018) қайд намудааст, ки «соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани соли 2018 ба дарки аҳаммияти самтҳои мазкур дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мардум такони ҷиддӣ бахшида, шумораи сайёҳоне, ки соли 2018 ба Тоҷикистон омаданд, нисбат ба соли 2017 дуюним баробар афзуд, вале барои расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда як сол басанда нест».

Бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот пешниҳод менамоям, ки солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шаванд» **[2]**.

Ҷамъбасти соли 2018 – ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” бори дигар воқеияти суханони Пешвои миллатро собит намуд. Дастовардҳое, ки тӯли як сол мардуми кишвар дар самти сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ба даст оварданд, хеле назаррас мебошад.

Яке аз навъҳои маъруфи сайёҳии муосир, ки дар арсаи ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи сайёҳонро ба ҳуд ҷалб намудааст, туризми таърихӣ-фарҳангӣ мебошад, ки сарчашмаҳои асосии ин намуди туризмро мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ, мероси гаронбаҳо ва пурғановат, инчунин, объектҳои дорои аҳамияти таърихию фарҳангидошта ташкил менамояд. Бар он мабно, ки туризм дар кишвари мо ва соири мамолики пасошӯравӣ соҳаи ҷавон маҳсуб ёфтааст, фаҳмиши истилоҳии он ҳар навъ маънидод мегардад. Аз ин назар, зарур буда, ки роҷеъ ба шарҳи илмии истилоҳи туризми таърихӣ-фарҳангӣ ба андозае мутаваҷҷеҳ бошем. Чуночи дар китоби луғати фалсафӣ, ки зери таҳрири И.Т.Фролова интишор гаштааст, «туризми таърихӣ-фарҳангӣ ба сифати мафҳуми нав шинохта шуда, дар самти фарҳанги ҷаҳонии сайёҳӣ ҳамчун омил ва олоти баҳамоварии халқиятҳо, бартарафсозии низоъ ва бадбиниҳо, тарбияи эҳтиром ва таҳамулпазирӣ хидмат хоҳад кард” [5, с. 68].

Ба ақидаи муҳаққиқони рус Карпова Г.А. ва Хорева Л.В. “туризми таърихӣ-фарҳангӣ ташрифи шахсони берун аз ҷойи зисти худ, бо мақсади тамошои ҷойҳои зебо ва нотакрори фарҳангӣ, аз ҷумла чорабиниҳои фарҳангӣ, осорхонаҳо, мазеъҳои фарҳангӣ, намоишҳои бадеӣ, театрҳои мусиқавӣ, драмавӣ, ҷойҳои умумии рӯзгузаронии аҳолии маҳаллӣ, ки мероси фарҳангии аҳолӣ, арзишҳои анъанавӣ намудҳои фаъолият ва ҳаёти ҳаррӯзаи аҳолии маҳаллиро инъикос мегардонанд” [4, с.239; 7].

Ба пиндори олими англис Ҷ.Ричерд туризми таърихӣ-фарҳангӣ «ҳаракати одамон ҷиҳати боздиди ёдгориҳои фарҳангии дур аз маҳалли зисти худ бо мақсади гирифтани маълумоти нав ва қонеъ гардонидани ниёзҳои фарҳангист» [4, с. 239; 8, с. 45].

Туризми таърихӣ-фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои зиёд дошта, то ба имрӯз дар кишвари мо 3047 ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва меъморӣ мавҷуд аст **[1]**. Шумораи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва меъморӣ дар доираи ин рақам маҳдуд нашуда, бо назардошти иловаи ёдгориҳои бостонӣ, кашфи ин ё он сарчашмаҳои фарҳангию таърихӣ, ба вуҷуд омадани мавзеи фарҳангӣ ва сайёҳӣ теъдоди онҳо афзун гардида, минбаъд ба сифати сарчашмаи нави сайёҳӣ ва бо ин васила таҳкимбахши иқтисодиёти миллии мамлакат бозгӯ мешаванд.

Ҳамзамон, дар ҳудуди кишвар барои инъикоси мероси гаронарзиши таърихӣ-фарҳангӣ беш аз 140 осорхонаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, минтақавӣ, ноҳиявӣ ва шахсӣ мавҷуд аст, ки ҷиҳати рушди туризми таърихӣ-фарҳанги заминаи мусоид ба шумор рафта, инчунин, театрҳои гуногун, боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва дигар муассиаҳои фарҳангӣ низ дар рушди он кӯмак менамоянд.

Аксари сайёҳон ба иқлим, фарҳанг, ёдгориҳои табиӣ ва табиат бештар таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Таърих гувоҳ аст, ки сарватмандон дар ҳамаи давру замон ҳамеша ба минтақаҳои дурдаст сафар мекарданд, ки бешак ин ҳолат амри тасодуфӣ нест. Ин имконпазир гардид, зеро одамон имкониятҳои молиявӣ пайдо карданд ва умри дарозтар гирифтанд. Пас гуфтан мумкин аст, ки туризм то андозае аз гузаштаи дур вуҷуд дошт. Сафарҳое, ки мо имрӯз мебинем, аз ҷониби сайёҳоне навишта шудааст, ки ба кишварҳои гуногун сафар карда, чашмонашонро ба китоб табдил додаанд. Аммо сайёҳӣ дар ҷаҳони имрӯза

бинобар индустриализатсия шудани кишварҳо ва сарфа кардани пули бештар маъмул шудааст. Дар кишварҳои пешрафта сайёҳӣ як чизи фарҳангӣ гаштааст. Ҳар як шахс дар як сол ба ҳисоби миёна як моҳро дар соҳаи туризм сарф мекунад.

Айни замон туризм дар кишварҳои тараққикунанда, алахусус, дар фаъолияти иқтисодии онҳо, таваҷҷуҳи афзоянда дорад ва яке аз унсурҳои асосии даромади умумии миллӣ мебошад.

Таҳқиқоти соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон ниҳоят муҳим аст, зеро Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги сайёҳӣ мебошад.

Акнун савол ба миён меояд: аҳамияти сайёҳӣ чӣ гуна аст? Чаро кишварҳо барои ҷалби сайёҳон ин қадар маблағгузорӣ мекунанд? Бояд зикр намуд, ки қабл аз ҳама аҳамияти муҳимми ҷалби сайёҳон барои кишварҳо зиёд кардани даромад мебошад, зеро вақте, ки сайёҳон меоянд, онҳо хароҷотро ба монанди хароҷоти хӯрок ва манзил, меҳмонхона, вақтхушӣ, нақлиёт, хароҷоти сафар мепардозанд. Сафарҳо, инчунин пуле, ки барои хариди туҳфаҳо ва молҳои маҳаллӣ дар мамлакати қабулкунанда пардохт карда мешаванд ва арзиши ворид шудан ба осорхона ё ҷойҳои тамошобоб; ин хароҷот ба шукуфоии иқтисодии кишвари мизбон тавассути асъоре, ки онҳо ворид мекунанд, мусоидат мекунанд.

Мавзеъҳои зиёратӣ низ яке аз заминаҳои асосии туризми таърихӣ-фарҳангӣ ба шумор рафта, дар қаламрави ҷумҳурӣ чунин мавзеъҳо зиёд мебошад ва солҳои охир таваҷҷуҳи сайёҳони дохилӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб намудаанд.

Дар маҷмӯъ, иқтидори захираҳои мероси таърихӣ-фарҳангӣ барои рушди туризм мақоми арзишманд доранд. Ҳар яки онҳо таҷассумгари даврaҳои таърихӣ ва фарҳангии миллати мо буда, вазифаи мушаххаси тарбиявиро низ иҷро карда, барои рушд ва дурнамои туризм дар Тоҷикистон, воқеан, иқтидори бузург маҳсуб меёбанд.

Ҳамин тавр, ёдгориҳои таърихию фарҳангии мо метавонанд дар оянда низ ба сифати омили муҳими ҷалби сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ ва ба ин васила, яке аз манобеи даромади иқтисоди миллӣ баромад намуда, на танҳо дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифати ҷомеаи мо, балки дар рушди ҷаҳоншиносӣ ва ҳисси эстетикии ҷомеаи ҷаҳони нақши бориз дошта бошад.

Ҷиҳати ҳадафёбии бештари мо дар ин самт ба вуҷуд овардани инфрасохтори муосири ҷаҳонӣ барои сайёҳон вобаста ба мавқеъҳои саёҳат мутобиқи матлаб буда, метавон, ки ин корро на танҳо тавассути сармоягузории хориҷӣ, балки ба воситаи ҷалби соҳибкорони дохилӣ низ ба сомон расонид.

Бо назардошти муҳимияти масъалаи мазкур, таваҷҷуҳи Пешвои миллат ба ин соҳа зиёд гардида, ҷиҳати рушди соҳа санадҳои зиёд ва афзалиятноки меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд. Ин тадбирҳо боиси афзудани шумораи сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ дар кишвар, рӯз то рӯз беҳтар гардидани шароити саёҳат ба сарчашмаҳои таърихию фароҳангии миллӣ шуданд. Итминон аст, ки рушди мунтазам, бемайлон ва мукаммали соҳаи сайёҳии кишвари мо дар ояндаи наздик дар сатҳи ҷаҳонӣ ба роҳ монда шуда, яке аз манбаҳои устувори даромади иқтисоди миллӣ мегардад.

Таҳлилу мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари сайёҳӣ ботадриҷ маъруфият пайдо карда, заминаи бузурги сайёҳиро фарогир аст ва мероси пурғановати таърихӣ-фарҳангӣ ва табииро дорост, аз ин рӯ, набояд ки аз ҳавзаи муаррифӣ ва бархӯрдории комил аз рушди бемайлони сайёҳӣ бенасиб бошад. Дар ин росто, мутаваҷҷеҳ шудан ба омӯзиши дақиқ, ҳифз ва эҳёи мероси фарҳангӣ, табиӣ ва таърихӣ, азхудкунии ҳарчи бештари онҳо, инчунин бунёди инфрасохтори сайёҳӣ, тарбияи баландихтисоси соҳа метавонад туризмро ба яке

аз манбаъҳои боэътимоди даромади миллӣ табдил диҳад, ки ин дар навбати худ яке аз ҳадафҳои дорои аҳамияти стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ғояи рушди сайёҳӣ ва дар заминаи он ҳарчи бештар ҷалб намудани сайёҳон имрӯз ба сифати андешаи пурқимати умумимиллӣ ва яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ эътироф шудааст, ки ҳамаи ин дар ниҳояти кор барои иқтисодиёти кишвар самараи нек ба бор меоранд.

**Адабиёт**


1. Қурбон, Ш. Сайёҳии таърихӣ – фарҳангӣ. Ба он таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир намешавад. // Ҷумҳурият. – 2017. – 29 июн.
2. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Омӯзгор . – 2018. - № 52 (12173). – 27 дек.
3. Файзбахш, Ҳ. Санъати ҷаҳонгардӣ дар Эрон. – Теҳрон: Маркази хадамоти ҷаҳонгардӣ, 1976.
4. Фомина, Е.Д. Историко-культурный туризм // Международный научный журнал «Инновационная наука». – 2016. – №11-1. – С. 238-241.
5. Философский словарь / Под ред. И.Т. Фролова. - М.: Республика, 2001. — 719с.
6. Шарбатӣ, А. Арзишҳо ва асароти санъати туризм // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2010. - №6(62). – С. 207-210.
7. Экономика и управление туристской деятельностью: учебное пособие в 2-х частях. Ч. 1 / Под общ. ред. Г.А. Карповой, Л.В. Хоревой. – СПб.: Изд-во СПбГУЭФ, 2011. – 268 с.
8. Richards G. Cultural Tourism in Europe. CABI. – Wallingford, 2005. – 254 s.


## ТУРИЗМИ ТАЪРИХӢ-ФАРҲАНГӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ РУШДИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН


Дар мақола нақши мероси таърихию фарҳангӣ дар рушди сайёҳӣ, инчунин мавқеи туризм дар рушди иқтисодиёти кишвар мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф саъй намудааст, ки фаҳмиши илмии туризми таърихӣ-фарҳангиро аз нигоҳи муҳаққиқон таҳлил карда, дар маҷмӯъ, аҳамияти онро барои пешрафти туризм асоснок намояд.

Ба андешаи муаллифи мақола имрӯз таваҷҷуҳи ҷомеаи муосир нисбат ба рушди туризм ба кишварҳое равона гардидааст, ки дорои мероси пурғановати фарҳангӣ, таърихию табиӣ ва инфрасохтори мусоиди сайёҳӣ мебошанд.

Қайд гардидааст, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои инъикос ва тарғиби мероси гаронарзиши таърихӣ-фарҳангӣ осорхонаҳо, театрҳои гуногун, боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва дигар муассиаҳои фарҳангии сатҳи мухталиф фаъолият доранд, ки дар баробари ин барои рушди туризми таърихӣ-фарҳангӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, воситаи муассири ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба шумор мераванд.

Муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти мавҷуда ва мушоҳидаҳои мустақим оид ба иқтидор ва имкониятҳои рушди туризми таърихӣ-фарҳангӣ маълумот дода, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан Пешвои миллатро дар ин самт инъикос намудааст.



***Калидвожаҳо:*** *туризм, туризми таърихӣ-фарҳангӣ, фарҳанг, тамаддун, таърих, мероси фарҳангӣ, мероси таърихӣ, рушди сайёҳӣ.*

## ИСТОРИКО-КУЛЬТУРНЫЙ ТУРИЗМ И ВОЗМОЖНОСТИ ЕГО РАЗВИТИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье рассматривается роль историко-культурного наследия в развитии туризма, а также значение туризма в развитии экономики страны.

На основе теоретических взглядов исследователей, автор стремится анализировать научное толкование историко-культурного туризма.

По мнению автора статьи, современное общество по развитию туризма особое внимание уделяет странам с культурным, историческим и природным наследием, современной и удобной туристической инфраструктурой.

Отмечается, что для пропоганды богатого историко-культурного наследия на территории Республики Таджикистан действуют музеи, различные театры, парки культуры и отдыха и другие культурные учреждения разного уровня, которые формируют благоприятные условия для привлечения иностранных туристов.

На базе существующей литературы и прямых наблюдений автор иллюстрирует туристические возможности страны, особенно для развития историко-культурного туризма, отмечая при этом, вклад Правительства Республики Таджикистан, особенно, Лидера нации в данном направлении.

***Ключевые слова:*** *туризм, историко-культурный туризм, культура, цивилизация, история, культурное наследие, историческое наследие, развитие туризма.*

## HISTORICAL AND CULTURAL TOURISM AND OPPORTUNITIES FOR ITS DEVELOPMENT IN TAJIKISTAN

The article considers the role of historical and cultural heritage in the development of tourism, as well as the importance of tourism in the development of the country's economy.

Based on the theoretical views of researchers, the author seeks to analyze the scientific interpretation of historical and cultural tourism.

According to the author, the modern society for tourism development pays special attention to countries with cultural, historical and natural heritage, convenient tourist infrastructure.

It is noted that in order to preach the rich historical and cultural heritage on the territory of the Republic of Tajikistan there are museums, various theaters, parks of culture and recreation and other cultural institutions of different levels, which as influencing methods create favorable conditions for attracting foreign tourists.

On the basis of the existing literature and direct observations, the author gives information on the possibilities of historical and cultural tourism development, noting the contribution of the government of the Republic of Tajikistan, especially the Leader of the nation in this direction.

***Keywords:*** *tourism, historical and cultural tourism, culture, civilization, history, cultural heritage, historical heritage, tourism development.*

***Сведения об авторе:*** *Хакназаров Абдуназар – доктор исторических наук, профессор кафедры гуманитарных дисциплин Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: (+992) 918 74 73 25.*

***Information about the author:*** *Khaknazarov Abdunazar - Doctor of History, Professor of the Department of Humanitarian Disciplines of TSFEU. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: (+992) 918 74 73 25.*

**УДК 950.85**

# САҲМИ АБӮМУСЛИМ ДАР ТАБДИЛИ ВОЛИГИИ ХУРОСОН БА АМОРАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

***Раҷабов С.М.***

**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Дар таърихи мардуми тоҷик истилои араб, яке аз воқеаҳои пуртазод, мудҳишу фоҷианок ва дар айни замон қисматсоз ба ҳисоб меравад. Мақсади асосии муборизон таҳти роҳбарии Абӯмуслим бо сарнагун сохтани як сулолаи арабӣ ва ба ҷои он ба сари қудрат овардани сулолаи дигар маҳдуд набуд, балки онҳо ба хотири озод намудани кишвару мардуми худ аз истилогарон, баҳри соҳибихтиёрӣ мубориза оғоз намуда буданд. Аз ибтидо бо ин шиор ошкоро баромад кардан онҳоро ба душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ карда метавонист, ҳатто мумкин буд, ки онҳо ҳамчун исёну ошӯбҳои қаблӣ ба шикаст дучор мегаштанд. Рӯҳияи исломӣ ба қувваи бузурги маънавии миллионҳо табдил ёфта, онҳоро аз қасди нест кардан ё пеш кардан арабҳо аз хоки худ бозмедошт. Раванди минбаъдаи таърихӣ, аз ҷумла нокомии ҷунбишҳои Симбоди Муғ – Зардуштӣ, Муқаннаъ ва дигарон ин андешаро бори дигар собит намуданд.

Гузашта аз ин, насли нави бо бани Умайя омезишёфта ба пояи давлату савлат расида, якҷоя бо иттифоқҳои ашрофзодагони маҳаллию аъробӣ такягоҳи боэътимоди ин сулола шуда буданд. Бо назардошти ин ва дигар омилҳо, Абӯмуслим қарор дода буд, ки барои ба мақсад расидан бояд аз зиддиятҳои оштинопазири байни қабилаҳои арабӣ моҳирона истифода барад. Ба тарафдории яке аз хонадони бонуфӯзи онҳо баромад карда, хонадони дигарашро сарнагун созад ва баъд аз пайдо кардани мақоми пешвоӣ, бо истифода аз норозигӣ ва адовати ҳамватанонаш нисбат ба истилогарон, иқтидори ҳарбии худро бар зидди хонадони дуюми батахтомада равон созад. Мувофиқи ин нақша Абӯмуслим ҳаракати хуросониҳоро бо шиори Аббосиҳо: «Барои ҳимояи авлоди Пайғамбар (с)!» ҳамоҳанг сохт, ки он барои ҳамаи мусулмонон амали муққадас маҳсуб меёфт. Бо истифода аз ин, хуросониҳо ба шикасти сулолаи Умайя ва иҷрои зинаи аввали мубориза ба осонӣ ноил гаштанд. Акнун дар назди онҳо иҷрои вазифаи асосӣ ва охирин – ба даст овардани истиқлолият бо нигоҳдошти ягонагии тамоми масоҳати «волигии Хуросон», ки паҳнои таърихии ориёиро муттаҳид сохта буд, қарор дошт.

Аз ин рӯ, Абӯмуслими ботамкин ба тақозои таърих, ки намояндаи хонадони Аббосиҳо – ас-Саффоҳро ба қудрат оварда буд, муввақатан муросо карда, аз паси иҷрои нақшаи худ мегардад. Вай аз ҷавонию камтаҷрибагии халифаи нав, ҳунари ташкилотчигии фаъолони Аббосӣ, оммаи васеи мухолифони Умавиҳо, ки ӯро дастгирӣ мекарданд ва ба ӯ эътимод доштанд, моҳирона ва эҳтиёткорона истифода мекард. Агарчӣ бо теғи буррои худ ба манфиати Аббосиҳо зарба мезад, вале аз ҷониби дигар ин зарбаҳо барои расидан ба ҳадафи асосӣ зарур буданд.

Халифаҳои Аббосиро беш аз ҳама қудрату тавоноӣ, доноӣ, мақом ва обрӯи баланди Абӯмуслим дар ҷомеаи исломӣ ба даҳшат оварда буд, вале ба ӯ, ҳоло ҳатто ибои рост нигаристанро надоштанд.

Абӯмуслим лаҳзаи амалисозии нақшаи мусоидаткунандаро аз даст надода, бо ҳамватанони худ тартиботи дилхоҳи хешро ҷорӣ мекард. Чораҳое меандешид, ки на танҳо ягонагию истиқлолияти волигии Хуросонро берун аз иродаи халифаҳои Аббосӣ бояд таъмин месохт, балки бехатарии онро аз

сараҳадшиканиҳои дигар мухолифони бурунмарзӣ низ эмин дошта тавонанд. Ба хотири он, ки дар Халифат такягоҳи боэътимоди худро дошта бошад, кӯшиш кард, ки дӯсти наздику саркардаи бовафояш Холид ибни Бармакиро ба вазифаи хазинадор ва баъд вазири халиф ас-Саффоҳ таъин намояд - ҳамоне, ки дар андак муҳлат бо поквиҷдонию кордонии худ дар Халифат баъди халиф шахси дуюми бонуфӯз эътироф шуда буд.

Чи тавре зикр гардид, Холид ва Мӯсо ибни Каъаб ба авлодони баруманди балхиён тааллуқ доштанд. Бармакиҳо дар маркази Балх, аз қадим боз, роҳибони бутхонаю соҳибони бозори «Навбаҳор» буданд. Тавассути ин бутхонаю бозор овозаю ҳангомаи ин хонадон чун родмардони дасткӯшоду босаховат, одамдӯсту боъадолат то ба Чину Ҳиндустон расида буд. Хонадони Каъб бошад амирони касбии Балх буданд ва мувофиқи маълумоти мавҷуда охирин амири ин хонадон дар ин мулк - Ҳорис ибни Каъб буд. Шоираи шинохтаю аз ҷониби Абӯабдулло Рӯдакӣ эътирофгашта- Робеъа низ духтари ҳамин хонадон буд [5, с.1420-1422]. Сарони ин ду хонадон ҳамроҳи тарафдорону пешхизматони худ исломро қабул карда, бо Абӯмуслим як шуданд ва дар ташкили ҳаракати мардумӣ саҳмгузор гардиданд.

Ба андешаи Б. Ғафуров «дар охири асри VII ва миёнаи асри VIII арабҳо ноҳияҳои асосии Осиёи Миёнаро ишғол намуда, ҳукумронии сиёсии туркҳоро дар ин кишвар аз байн бардоштанд» [10, с. 187]. Дар маҷмӯъ, албатта ин ақида дуруст аст, аммо агар ба он мушахас нигарем, ба назар мерасад, ки ин хизмати таърихиро хуросониҳо худашон ба анҷом расониданд.

Дар давраи волигии Абӯмуслим соли 751 соли душвортарин гардид, зеро ба ӯ лозим омад, ки на танҳо дасти душманони берунаро кӯтоҳ созад, балки бенизомию саркашиҳои тоифаҳои ҳаводорони бани Умайя, муқобилони сиёсати вай дар хусуси ба қудрат овардани бани Аббосиҳо ва ситамгориҳои баъзе мулкдорони саркашу ҳасудро низ ба эътидол оварад.

Аз осори Наршахӣ, Табарӣ, Муҳаммади Балъамӣ, Мирхонд ва дигарон доир ба шахсияти Абӯмуслим маълумоти зиёдеро ба даст овардан мумкин аст. Аз ҷумла ба ақидаи Наршахӣ Абӯмуслим мусулмони комил буд, усулҳои исломиро сахт риоя мекард ва фасодкунандагони шариъатро дӯст намедошт ва ба онҳо ҷазоҳои сазовор медод. Бар зидди ҳокимон ва мулкдорони калоне, ки ба деҳқонон ва дигарон зӯроварию маҷбурсозиро раво медиданд, оштинопазир буд. Аз ин ҷост, ки ҳокимони Бухоро, Самарқанд Хутталон, Кеш ва дигар иғвогаронро, ки дар замони Умавиҳо аз ҳисоби авом сарвати зиёде гирд оварда буданд, ба ҷазо кашид ва молу амволашонро мусодира карда, ба хазинаи давлати худ ҳамроҳ сохт [10, с. 73].

Дар тайи ду сол Хуросону Мовароуннаҳрро якҷоя бо тамоми Эрони имрӯза муттаҳид сохт, авзои сиёсии онҳоро ба эътидол овард ва ба зери назорати худ гирифт. Дар ҳайати 70 нақибон (маслиҳатчиён) бо тартиби Шӯрои давлатӣ ҳукумати маъмурӣ орост [4, с. 72]. Тибқи маълумоти Табарӣ, Наршахӣ, Муҳаммад Балъамӣ ва Мирхонд ҳайати нақибони ӯ аз афроди фарзонаю варзидаи Хуросон Мӯсо ибн Каъаб, Синдбоди Муғ (зардӯштӣ), Ибни Ҳошим (Муканнаъ), Низак, аз арабҳои Аббосӣ: Сулаймон ибни Кассир, Молик ибни ал-Хайсам ва дигарон иборат буд.

Мақомоти ҳарбию маъмурии Хуросон ва эътибори Абӯмуслим бо бисёр нишондодҳо дар Халифат, аз мақомоти бародарон Саффоҳ ва Ҷаъфари Аббосӣ баланд буд. Ин ҳақиқатро дарк намуда, Ҷаъфари Давониқ (бахил) кӯшиш дошт, ки бародари худ халиф Ас-Саффоҳро барои Абӯмуслимро аз миён бардоштан

розӣ гардонад. Дар ҳар вохӯрӣ ӯро бовар мекунонд, ки Абӯмуслим барои ҳукумати онҳо хатари калон меорад. Аммо Саффоҳ агарчӣ инро мехост, вале ҷуръат намекард ва дар ҷавоб барои ором кардани додараш мегуф - «Ҳоло ба ин кор вақт нарасидааст. Магар намебинӣ, ки тамоми Хуросон ва Ироқ бо ӯст» [8, с. 247].

Аз нуфӯзи мақомоти худ истифода бурда, Абӯмуслим Хуросон ва Эронро далерона давлати ягона ва миллӣ эълон карда, зимомдории онро аз Ироқ то Фарғона ба дасти худ гирифт. Чунин амали таърихиро баъди 100 соли аз байн рафтани империяи Сосонӣ дар замони истилои араб ҳамчун аввалини воқеаи аз нав поягузории он қабул бояд кард. Зеро Абӯмуслим якҷоя бо аҳли маъмурини худ ва соҳибмансабони навин харҷу сарфи Эрон ва Хуросонро низ ба даст гирифта буд. Дар «Халифат ҳам бе маслиҳат ва машварати вай ягон иқдоми чиддӣ ба амал намеомад» [2, с. 271], чунки истеҳкоми ҳукумати Аббосиҳо низ аз қудрату тавоноии ӯ пойдор буд.

Абӯмуслим аморати худро бо анъанаҳои аҷдодони худ идора мекард. Ӯ, дар сохтори маъмурӣ, тартиботи заминдорӣ, ситонидани молиёт аз заминдорону дигар табақоти аҳолӣ ва ғайра ба таҷрибаи таърихии Сосониҳо такя дошт. Доимо дар андешаи пешбурду ҳимояи молу амволи заминдорон буд, барои ҳифзи онҳо аз таҷовузҳои ғафлатонаи қабоили кӯчманчӣ ғамхорӣ менамуд. Барои таъмини бехатарии мулкҳои зироатдиҳанда ӯҳдадор гашт, ки дар атрофи онҳо сохтори бораҳоро, ки чанд сол қабл бухорхудот Хутак-Хотун сар карда буд, идома диҳад [1, с. 317].

Феъли истиқлолиятхоҳонаю болоравии тавоноиву ҳарбию қудрати иқтисодии Хуросон ва машҳурияти шахсии Абӯмуслим хотири бародарони Аббосиро боз ҳам мушаввештар сохта буд. Ҳасудии онҳо нисбати амири Хуросон то рафт зиёд мегашт ва хавфашон нисбати нигоҳ доштани тахти Халифат меафзуд. Онҳо дар ибтидо мехостанд сирри ҳамаи ин музаффариятҳо ва манбаҳои рӯҳбаландии ӯро аниқ намоянд. Аз ҳар тараф дар бораи ӯ пурсон мешуданд, аммо вай, ки сиррашро ба ҳеҷ кас намекушод ҳеҷ чизро маълум карда натавонистанд. Абӯмуслим ба ин гуна кунҷковиҳо, ба ҳама оромона фақат як ҷавоб медод: «Ман пуртоқатона амал мекунам ва асрори худро ба ҳеҷ кас арза намедорам» [9, с. 81].

Хуросониҳо бо ғалабаи худ ифтихор доштанд ва тамоми қудрату тавоноии худро ба он сафарбар намуда буданд, ки истиқлолияти худро устувор нигоҳ доранд. Таҷрибаи чандинсолаи муборизаҳои сиёсӣ, мактабу равияҳои сершумори илмӣ, адабӣ ва бахусус таълимоти фиқҳии Абӯҳанифа тарғиботчии адолат ва дастгирикунандаи аъмоли онҳо буданд, вале халифаҳои нави Аббосӣ ба ҳеҷ ваҷҳ ба ин рафтори онҳо ҳамрайъ набуданд. Онҳо дар Халифат Абӯмуслим барин рақиби тавоною дорои мартабаи беҳудудро тоқати дидан надоштанд ва намехостанд, ки Хуросон барин кишвари пурсарватро дар дасти ӯ, ҳамчун мулки соҳибистиқлол вогузоранд.

Чи тавре ки зикр гардид, чун Абӯмуслим маншури Мисру Шомро бо номаш дида буд, дарк кард, ки Бӯҷаъфар Хуросонро аз ӯ сутудааст ва ин ҳақиқат буд. Бӯҷаъфар баъд аз он, ки ба Хуросон раҳсипор гаштани рақибашро фаҳмид, ҳамоно маншури Хуросонро ба номи амакбачааш Бӯдовуд – Холид ибни Иброҳим, ки Саффоҳ ҳангоми дастур хостани Абӯмуслим ба ҳаҷ, ба ҷои ӯ халифат карда буд, фиристод ва ҳоло мехост, ки онро бо фиреб аз роҳ занад. Бо маншур якҷоя ба номи Бӯдовуд мактуб низ ирсол карда буд, ки Абӯмуслим ба мо хиёнат кард. Аз Мисру Шом, ки мо ба ӯ арзонӣ доштем, даст кашид ва ҳоло ба

Хуросон равон аст. Ту лашкарро гирд кун ва номаи манро ба лашкариён арза дор ва байъати онҳоро ба худ дар бораи вилоятдории Хуросон биситон. Ба ӯ, барои даромадан ба Хуросон роҳ мадеҳ.

Абӯмуслим мактуби Бӯдовудро хонд ва донист, ки Бӯҷаъфар ҳамаи роҳашро бастааст ва ҳатто ӯро дар чашми хуросониҳо ва лашкариёнаш саркашу хиёнаткор ва муртад нишон додааст. Дар ҳақиқат, ҳангоме ки Бӯдовуд мактуби халифаро ба лашкариён арза дошт, аксари кулли онҳо Бӯдовудро аз Абӯмуслими «хиёнатпеша» боло дониста, ӯро байъат карданд. Бӯдовуд ҳамзамон Шӯрои маъмурии Абӯмуслимро пароканда ва дӯстону шахсони содиқи ӯро аз ҷумлаи хуросониҳо аз он берун кард.

Акнун амири Олӣ Муҳаммад дар назди як аъроби давониқ, носипосу бадкеш музтар монда буд. Аз ҳама мудҳиш барои вай он буд, ки мусулмонони побанди хурофот, мумкин дигар бовараш накунанд. Дар ривоятҳо дар хусуси горди ҳаштҳазораи ӯ сифатҳо бисёранд, аммо ба рӯҳияи меҳану мардумдӯстии вай ба хотири мансабу ҳимояи ҷони худ, бо ҳамватанони худ ҷангидан рост намеомад. Ва агар мегурехт аз таҳқиби Давониқ эмин набуд ва ин сабабгори хунрезиҳои зиёде мегардид. Бо ин ва дигар сабабҳои эҳтимолӣ ба назди Бӯҷаъфар рафтан ва ҷон супориданро авлотар донист. Бӯҷаъфар бошад се рӯз бо эҳтимоли ошӯб нахестан Абӯмуслимро хуб пазируфт. Лашкариёнро ба қабулаш орост ва бо суханҳои дуруғи рӯҳафзо бо тамоми мартабаҳое, ки дар Халифат маъруф буд, ӯро ба онҳо муаррифӣ намуд. Се рӯз паи ҳам пойгоҳашро баланд дошт ва бо ҳурмату эҳтироми сохта, ба боргоҳаш даъват менамуд. Рӯзи чаҳорум ҳам, ӯро бо ҳамин минвол ба қабулгоҳ даъват намуд ва шамшерзанони моҳиреро, ки дар паси пардаҳо пинҳон карда буд, бо ишораи кафкӯбӣ ба куштани ӯ фармон дод. Абӯмуслим гуфт: «Ё амирилмуъминин, маро макуш, маро бидор, то ҳар гоҳ, туро душмане бархезад, ҷони худро пеши ту фидо кунам». Давониқ гуфт: «Вайлак, маро ба рӯи замин аз ту душмантар нест» [6, с. 87]. Дар таърихҳои навишта, дар хусуси мақтали Абӯмуслим хабарҳои мухолиф бисёранд, вале ҳақиқаташ ҳамин аст, ки Ҷаъфар ӯро кушт ва аз дасти Аббосиҳо боз бисёре аз хуросониҳои барӯманд аз ҳаёт маҳрӯм гаштанд.

Ҷаъфар пешвои хуросониҳоро кушт ва як қатор чораҳои эҳтиётиро анҷом дод, ки ин хабар зуд паҳн ва боиси аксуламали ӯ нагардад. Баъди андак муҳлат горди шахсии ӯро даста-даста беяроқ карда, аз хизмат ҷавоб дод; Бӯдовудро фармуд, ки Хуросонро ба назорати қотеъона гирад.

Аммо баъди се моҳ хабари ин фоҷиа ба Хуросон расид ва боиси ҳаракати нави хуросониҳо бар зидди хулафои Аббосӣ гашта, то соли 899 (144 сол) давом кард. Ному нақшаҳои истиқлолхоҳонаи Абӯмуслим ҳамчун дастури инқилобӣ қабул шуда буд. Аммо дар зинаи аввал, солҳои 755 -775 бар зидди носипосиву беадолатии Ҷаъфар муборизон бештар аз ҷонибдоронаш намояндагони дину мазҳабҳои гуногун буданд, ки дар маҷмӯъ якбора бар зидди Халифат, Ҷаъфар, Ислом ва мусулмонон бархестанд. Саромади ин ҳаракат дӯсти наздики Абӯмуслим Синбоди Муғ буд, ки дар муҳлати кӯтоҳе аз Нишопур то Рай расида, дар атрофи худ қариб 100 000 деҳқонони ғайриҳарбӣ ҷамъ овард [3, с. 73-74]. Пас аз он дар дигар гӯшаю канорҳои Хуросон ҷунбишҳои Устод Сис, Ибраҳими Толиби, Муҳаммади Нафс, Закӣ [7, с. 138-139] ва дигарон, ки бисёрашон барои ҳимояи мақоми мазҳабҳои худ баромад мекарданд, ба амал омаданд. Сипас исёни Муқаннаъ Хуросону Мовароуннаҳрро фаро гирифт, ки бо тавоногӣ, давомнокӣ, фарогирию сернамояндагӣ ва дигар хусусиятҳои сиёсию ғоявии худ аз дигар ошӯбҳои қаблӣ фарқ мекард. Аммо таърихнависони исломӣ ин

ҷунбишҳоро ҳаракати «зиндақон» номидаанд, ки дар ҳақиқат онҳо ба хусусиятҳои пешрафти таърихи давраи исломӣ мувофиқат накарданд, аз тарафи мардуми мусулмон дастгирӣ наёфтанд ва ба шикаст анҷомиданд. Вале ба ҳар ҳол халифаҳои Аббосиро, алалхусус Ҷаъфарро маҷбур сохтанд, ки аққалан пеш аз маргаш ба фарзандони худ таъқид намояд, ки ҳақи хуросониҳоро дар пойдории Халифат эътироф кунанд.

**Адабиёт**


1. Айни, С. Восстание Муканны // Повести. Очерки. –Душанбе: Маориф. -1984. – 317 с.
2. Гафуров, Б. Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. М.: Наука, 1998. -384 с.
3. Джалилов, А. Завоевание Средней Азии Арабским халифатом. // История таджикского народа, Т. 11. –Душанбе,1999
4. История таджикского народа. – Т. II. Эпоха формирования таджикского народа. – Душанбе, 1999. -791 с.
5. Муҳаммад Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. – Душанбе, Ҷ. 2. – 1435 с.
6. Мухаммад Наршахӣ. История Бухары /Пер. с персид. Н. Лыкошина; Под ред. В. В. Бартольда. –Ташкент, 1897.
7. Мирхонд. Равзат-ус-сафо. Таълиқот ва тасҳеҳи доктор Аббоси Зарёб. Ҷ.2.– Теҳрон, 1358 ш. (1979 м.). – 819 с.
8. Нилсон, Ф. Р. Наследие Центральной Азии: от деревности до тюркского нашествия/ Пер. с англ. Л. Н. Додхудаевой. – Душанбе, 2000.
9. Наршахӣ. Таърихи Бухоро. - Кобул, 1362. – 430 с.
10. Хакназаров, А. Освободительная борьба таджикского народа против арабского Халифата. – Душанбе, 2007. -372 с.


## САҲМИ АБӮМУСЛИМ ДАР ТАБДИЛИ ВОЛИГИИ ХУРОСОН БА АМОРАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ


Дар мақолаи мазкур саҳми Абӯмуслим дар табдили волигии Хуросон ба аморати соҳибистиқлол, ки солҳои 750-755 ба вуқӯъ омадааст, сухан меравад.

Муаллиф кӯшиш намудааст, ки ташреҳи ҳаматарафаи илмии пажӯҳиши худро дар асоси маводи аз маъхазу сарчашмаҳо ва адабиёти муосири таърихӣ, ки бисёрашон бори нахуст истифода шудаанд, анҷом диҳад. Муаллиф тавонистааст, ки бо далелҳои тозаю эътимоднок ҳодисоти аз эътибори кашофони пештара дурмондаро ошкор созад ва манзараи воқеии вазъи иҷтимоӣ-сиёсии Хуросону Суғдро дар ҳайати Хилофат дақиқ тасвир намояд.

Ба андешаи муаллифи мақола саҳми Абӯмуслим дар муборизаи истиқлолпарастӣ тамоми қишрҳои ҷомеаи аҷдодони тоҷикро фаро гирифта, онҳоро бо иродаи таърих, ба сарварии ҷунбиши азими зидди Умавия тайёр сохт. Бояд афзуд, ки иттиҳоди дар тӯли солҳои 721-750 ташаккулёфта баъди ба қудрат омадани Аббосиҳо дар Халифат, дар давоми панҷ соли дигар - то ба қатл расонидани Абӯмуслим бо дасти халифаи дуюми Аббосӣ хело такмил ёфт ва барои соҳибистиқлол гаштани тоҷикон дар асрҳои IX-X мусоидат намуд.

Илова ба ин, муаллиф зарур донистааст, ки бо далелҳои тозаю эътимоднок ҳодисоти аз эътибори муҳаққиқон дурмондаро равшан гардонида, манзараи воқеии саҳми Абӯмуслимро дар табдил додани волигии Хуросон ба аморати соҳибистиқлол (с. 750-755) мукаммал ва ғанӣ гардонад.



***Калидвожаҳо:*** *Абӯмуслим, Хуросон, Суғд, Эрон, Хилофати Араб, Ислом, Уммавиҳо, Аббосиҳо.*

## РОЛЬ АБУМУСЛИМА В ПРЕОБРАЗОВАНИЕ ХОРАСАНСКОГО НАМЕСТНИЧЕСТВА В НЕЗАВИСИМОГО ЭМИРАТА

В статье рассматривается роль Абумуслима в преобразовании хорасанского наместничества в независимого Эмирата 750-755 годов.

Автор в своём развёрнутом анализе опирается на достоверных источниках и современных исторических материалах. Впервые на основе достоверных фактов установлена общественно-политическая ситуация Хорасана и Согда в эпоху Халифата.

По мнению автора, личность Абумуслима оказывала влияние на все слои общественности таджикского народа в борьбе за независимость и мотивировала их на восстание против Омейядов.

Следует отметить, что содружество получившее развитие в 721-750 годах после вступления во власть Аббасидов в Халифат, в течение пяти лет до казни Абумуслима перешло в руки второго халифа Аббоси. В такой обстановке оно значительно усовершенствовалось и сыграло существенную роль в независимости таджикского народа в IX-X веках.

Опираясь на достоверных фактах, автор чётко излагает обстановку той эпохи, и ясно подчеркивает роль Абумуслима в преобразовании хорасанского наместничества в независимого Эмирата (750-755 гг.).

***Ключевые слова:*** *Хорасан, Согд, Иран, арабский Халифат, Ислам, Омейяды, Аббасиды, Абумуслим.*

## ABUMUSLIM'S ROLE IN THE TRANSFORMATION OF KHORASAN GOVERNORSHIP INTO AN INDEPENDENT EMIRATE

The article considers the role of Abumuslim in the transformation of Khorasan governorship into an independent Emirate of 750-755.

The author in his detailed analysis is based on reliable sources and modern historical materials. For the first time on the basis of reliable facts, the socio-political situation of Khorasan and Sogd in the era of the Caliphate was established.

According to the author, the personality of Abumuslim influenced all segments of the Tajik people in the struggle for independence and motivated them to revolt against the Umayyads.

It should be noted that the Commonwealth developed in 721-750 years after the accession of the Abbasids to the Caliphate, for five years before the execution of Abumuslim passed into the hands of the second Caliph Abbosi. In this situation, it has improved significantly and played a significant role in the independence of the Tajik people in the IX-X centuries.

Based on reliable facts, the author clearly describes the situation of that era, and clearly emphasizes the role of Abumuslim in the transformation of the Khorasan governorship into an independent Emirate (750-755).

***Keywords:*** *Khorasan, Sogdiana, Iran, the Arab Caliphate, Islam, the Umayyads, the Abbasids, Abu Muslim.*

***Сведения об авторе: Раджабов Саиднеъмон Муллоджонович*** *– кандидат исторических наук, доцент, заместитель ректора по международным отношениям Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992) 900611118*

***Information about the author: Rajabov Saidnemon Mullojonovich*** *– candidate of History, associate Professor, Vice-rector on international relation of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992) 900611118*

**УДК 9+33 (575.3)**

# НИЗОМИ АНДОЗ ВА АНДОЗСУПОРӢ ДАР БУХОРОИ ШАРҚӢ ВА ПОМИР ДАР АСОСИ ТАҲҚИҚОТИ АКАДЕМИК БАҲОДУР ИСКАНДАРОВ

***Якубшоев А.Х., Карамалишоев К.Н.***

**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Дар охири солҳои 60-уми асри XIX дар ҳудуди Бухорои Шарқӣ парокандагии феодалӣ ҳукмфармо буда, дар ин минтақа якчанд ҳокимиятҳои феодалии мустақилу ниммустақил вуҷуд доштанд. Бо гузашти вақт, аниқтараш пас аз мутеъшавии Аморати Бухоро ба Россияи подшоҳӣ ин мулкҳо, яъне ноҳияҳои Ҷанубу Шарқӣ ва Марказии Тоҷикистон, аз ҷумла, Ҳисор, Кӯлоб, Қубодиён, Қаротегину Дарвоз ба ҳокимияти амирӣ дохил карда шуданд. Ҳокимият дар ин мулкҳо ба таври меросӣ аз насл ба насл мегузашт.

Ҳокимияти идоракунӣ воситаи асосии истисмор ва пахш намудани муборизаҳои меҳнаткашон ба шумор мерафт. Баъди ҳамроҳ ва ё истило шудани ин ноҳияҳо ба ҳайати идораи маъмурии аморат дигаргуниҳо дохил карда шуданд, тамоми Аморат ба бекигариҳо тақсим шуда буд. Дар минтақаҳои ҳозираи Ҷанубу Шарқӣ ва Марказии Тоҷикистон бекигариҳои Ҳисор, Қӯрғонтеппа, Қубодиён, Кӯлоб, Балҷувон, Қаротегину Дарвоз вуҷуд доштанд. Акнун баъди истило намудани ноҳияҳои Ҷанубу Шарқӣ ва Марказии Тоҷикистон аморати Бухоро худро дар чашми мардуми мусулмони Осиёи Миёна давлати баобру мешуморид.

Тибқи маълумоти бойгонишуда ва дигар маълумотномаҳо дар солҳои баъд аз истило намудани қисмати Бухорои Шарқӣ аҳолии Бухоро ба 2 млн. 500 ҳазор нафар расида буд. Аз ин миқдор 250 ҳазорашро аҳолии шаҳр ташкил медод [6, с.7]. Тавре, ки аз дигар тадқиқот бармеояд, дар натиҷаи истило аз ҷониби аморат шумораи аҳолии ин навоҳӣ чунин муайян шуда буд: Кӯлоб бо 25 ҳазор, Қурғонтеппа бо 4 ҳазор, Дарвоз бо 3 ҳазор ва Қубодиён бо 1 ҳазор нафар аҳолиашон ба ҳайати Аморат дохил карда шуданд. Якчанд маҳаллаҳои алоҳидаи аҳолинишин вуҷуд доштанд, ки дар ҳаёти иқтисодии Бухорои Шарқӣ нақши муайянро бозиданд. “Ба ин маҳаллаҳо Душанбе бо 28 ҳазор хона ва Регар бо 7 ҳазор хона дохил мешуданд” [1, с. 203].

Вобаста ба масъалаи сатҳи рушди шаҳрҳо бояд қайд кард, ки вазъи шаҳрҳои Бухорои Шарқӣ на фақат аз шаҳрои Осиёи Миёна, балки аз шаҳрҳои қисмати Ғарбии Бухоро фарқ мекард. Яъне онҳо аз марказҳои калони тиҷоратию истеҳсолоти ҳунармандӣ ва роҳҳои алоқаву савдоӣ хеле дур ҷой гирифта буданд. Пас, маълум мешавад, ки сатҳи рушди иқтисодии ин манотиқ ҳам қафомонда будааст. Бо иқтисодиёти қафомондаи худ ин шаҳру навоҳӣ дар ҳаёти мардуми ин ҷойҳо нақши на онқадар бузургро бозидаанд. Тафовути шаҳрҳои ин минтақа аз деҳкадаҳо танҳо он буд, ки дар шаҳрҳо намояндагони амир бо сардории бек, намояндагони савдо, заминдорони калон, руҳониҳо, қосибон ва як қисми деҳқонон зиндагӣ мекарданд. Дар як қатор шаҳрҳо қушунҳои амир ҷой гирифта буданд. Намояндагони табақаи болоии тамоми Бухорои Шарқӣ аз чиҳати иҷтимоӣ ба якдигар монандӣ доштанд.

Дар шаҳру ноҳияҳои мазкур дорои аз ҳама баланд бек – намояндаи табақаи феодалони калон ба шумор мерафт. Ин амалдор болои ҳукумат, яъне бекигарӣ ҳукмронӣ мекард, ки дар зери итоъати вай амалдорони бисёре фаъолият мекарданд. Шахси дуюм дар бекигарӣ ясавулбошӣ (девонбегӣ) ба шумор мерафт.

Ваколату вазифаи асосии девонбегӣ ин пеш аз ҳама рӯёнидани андоз ва маҷбуриятҳо, инчунин закот аз аҳолӣ буд. Дар итоати девонбегӣ якчанд амалдорони дигар – котиб, арбоб, ясавул хизмат мекарданд.

Дар бекигариҳо амалҳои дигар низ буданд, ба монанди “мирзои муншӣ”. Барои ишғоли ин вазифа одамони босавод ва дорои ҳусни хати хубро даъват менамуданд,

“Миршаб”- тартиботро нигоҳ медошт ва аз болои зиндон ва маҳбусони он назорат мебурд; “Мироб” бошад, доимо аз болои об назорат менамуд. Вай дар ихтиёри худ якчанд ёрдамчиҳо дошт. Аз ҷумла, “амин”, ки хӯҷаини як ҷӯйбор буд, инчунин “арбоб”- назоратчӣ ва “оқсақол”- тақсимкунандаи об, “ҷӯйбонҳо”- тозакунандагони ҷӯйҳо ва мирзо, ки дар ихтиёри “мироб” буданд; “Пайгирчӣ”- ҷамъкунандаи закот аз савдо ва ҳайвоне, ки онҳоро барои фурӯш ба бозор меоварданд, ба ҳисоб мерафт.

Дар аморат ва воҳидҳои маъмурии он руҳониён мақоми асосиро ишғол мекарданд ва дар идоракунӣ таъсири махсуси худро доштанд. Амалдорони мазкур дар ҳудудҳои Тоҷикистони Ҷанубу Шарқӣ ва Марказӣ ба се қисм тақсим шуда буданд: а) Қозӣ – назорати иҷрои қонунҳои шариатро бар уҳда дошта, дар ихтиёри худ якчанд мулозим ва мирзо дошт; б) Муфтӣ – донандаи қонунҳои шариат, ки ба додани ривоят машғул буд; в) Раис – ба назорати тартибот аз болои ҷинояткорон,вайронкунандагони қонунҳои дини ислом, савдо, мактабҳо, тартиботи оилавӣ ва ғайраҳо машғул буд.

Пас аз забт гардидани аморати Бухоро аз тарафи Россия Бухорои Шарқӣ ба аморати Бухоро зӯран ҳамроҳ карда шуд. Дар ин ҷо якчанд мулкҳои феодалии ниммустақил мавҷуд буданд. Бо мақсади мустаҳкам намудани мавқеи аморат дар минтақа гарнизонҳои ҳарбӣ ҷойгир карда шуданд. Чунончи, академик Б.И. Искандаров доир ба ин масъала иброз медорад:“Соли 1871 дар Регар 400 нафар, дар Ҳисор 4000 нафар сарбоз ва 11 тӯп, дар Кӯлоб 3000 нафар сарбозу 4 тӯп ва дар Қалъаи–Хумб соли 1878 қариб 5000 сарбози амир ҷой гирифта буданд” [2, с.81].

Мулки Ҳисор дар Бухорои Шарқӣ яке аз бекигариҳои калонтарин маҳсуб меёфт. Аммо баъд аз истило шудан он ба 7 бекигарии ҷудогона Бойсун, Шеробод, Деҳнав, Юргӣ, Ҳисор, Қубодиён ва Қургонтеппа тақсимбандӣ карда шуд. Ҳамин тариқ, дар ҳамаи ин бекигариҳо ва ҳамчунин дар Ҳисор низ идоракунӣ дар асоси идораи умумибухорогӣ ташкил карда шуд.

Аз ин бармеояд, ки дар Бухорои Шарқӣ тағйироти маъмурию ҳудудӣ ба амал омада, ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва махсусан низоми андозу андозбандӣ таъсири калон расонид. Миқдору ҳаҷми андозҳои пардозӣ афзуда, ба ҳаёти ҳаррӯзаи сокинони минтақа зарба зада, боиси ошӯбҳои мардумӣ мегардид.

Шоҳ дар байни амлокдорону шоҳигариҳо обрӯи зиёдеро соҳиб буд. Вай метавонист амлокдорҳоро аз бек харида гирад. Як қатор мулкҳои дигареро дар қисмати шарқии Кӯлоб харидорон харида мегирифтанд. Харидор ба бек ва амир туҳфаҳои гаронбаҳо ва пули зиёд дода, баъд соҳиби округ мешуд. Барои он ки хароҷоти сарфкардаи худро пӯшонанд, харидорон ба души мардум андозҳои зиёдеро бор мекарданд ва ин кори ӯро ягон шахс манъ карда наметавонист.

Ғайр аз харидорон, боз иҷоракорон вуҷуд доштанд, ки ягон округро ба муҳлати муайян иҷора гирифта, он миқдори пулеро, ки бек дархост менамуд бояд дар муҳлати муайян бармегардонид. Иҷоракор метавонист, ки рӯзи аввали ба иҷора гирифтани округ пулашро супорад. Агар иҷоракор ин корро сари вақт иҷро менамуд, хӯҷаини округ ба шумор мерафт. То ба охир расидани вақти

муайяншуда иҷоракор тамоми андозҳои ҷорибударо ба манфиати худ меситонид. Иҷоракорон андозҳоро ду маротиба зиёд менамуданд.

Дар аморати Бухоро андози асосӣ хироҷ маҳсуб меёфт. Ин намуди андозро аз даромади ҳосили замин пардохт мекарданд, ки асосан ба шакли натуралӣ, бо мавод адо мекарданд. Дар асри XIX бошад як қисми қарз бо пул пардохт карда мешуд. Ҳаҷми андози мазкур бошад чунин муайян карда шуда буд: амлокдор бо ашрофони худ ба саҳро, ба назди деҳқонон рафта, дар ҳузури оқсақоли деҳот ҳаҷми тахминии ҳосилро муайян намуда, аз он андози хироҷро ҳисоб мекард. Яъне ягон стандарти муайяну низоми ягонаи ин намуди андоз ба мушоҳида намерасид.

Намуди дигари андоз “танобона” ном дошта, аз заминҳои зери боғ, замини корам ва обчакорӣ, полизӣ пардохт карда мешуд. Ҳаҷми ин андоз вобаста ба ҷойгиршавии майдонҳои замин, яъне ба бозор наздик ё дур буданаш муайян карда мешуд.

Дертар дар аморат шакли нави андоз - “қушпулӣ” руёнда мешуд. Ҳангоми муайянкунии меъёри ин андоз ҷуфти барзаговҳои корӣ, ки барои кишти замин истифода мешуданд, ба инобат гирифта мешуд.

Дар низоми андозбандии аморати Бухоро закот – намуди дигари андоз мавҷуд буд, ки ҳаҷми пардохти он 2,5% аз арзиши маҳсулот муқаррар шуда буд. Ин андозро асосан чорводорон ва тоҷирон мепардохтанд.

Андозҳои зерин танобона, закот, қушпулӣ танҳо дар шакли пули нақд ситонида мешуданд.

Ҳашар – намуди маҷбурият буд, ки дар он аҳолӣ барои корҳо дар хоҷагии феодал ҷалб карда мешуданд. Тавассути ҳашар чунин корҳоро анҷом дода мешуданд: таъмири роҳҳо, каналҳо, купрӯкҳо ва дигар иншоот. Нафарони ба корҳои маҷбурӣ ҷалбшуда, дар ибтидо, бо маводи ғизоӣ таъмин карда мешуданд. Аммо аз ибтидои садаи XVIII одамон бояд ба ҳашар бо маводи ғизоӣ, асбобу олоти корӣ ва аробаи худ ҳозир мешуданд.

Маъмурияти аморат барои сари вақт ситонидани андозҳо дар ҳар бекигариҳои Бухорои Шарқӣ амлокдор таъин намуд ва дар навбати худ дар ҳар як бекигарӣ чандин амлокдорон дар маҳалҳо амал мекарданд. Масалан: Бекигарии Қаротегин ба 10 амлокдорӣ тақсим шуда, дар навбати худ ин амлокдориҳо ба 34 мири ҳазора тақсим мешуданд. Бекигарии Дарвоз ба 4 амлокдор - Чилдара, Тавилдара, Вахёи боло ва Сағирдашт тақсим мешуд. Вале баъдтар як қатор тадқиқотчиён, аз ҷумла Н. Лаптинов, ки таърихи пеш аз инқилобии Дарвозро омӯхта буд, ба чунин хулоса омад: “Дар ҳайати бекигарии Дарвоз амлокдориҳои Чилдара, Тавилдара, Далчир, Сағирдашт, Ванҷ, Маймон, Қалъаи -Хумб, Шикай, Куф, Хангон ва ду қисмати дигар Язғулом ва Тангшив дохил мешуданд” [3, с.50].

Аморати Бухоро Бухорои Шарқиро чун мустамликаи худ қарор дода, дар ин ҷо назар ба қисми ғарбии аморат тартиботи сахттаре ҷорӣ намуд, табақаҳои ашрофи сипоҳ ва нукарҳо, заминдорони калону руҳониён ва бойҳо ба такягоҳи аморат табдил ёфта буданд. Ба ин гурӯҳҳои болонишини истисморкунанда аз мирохӯр то додхоҳ ҳар гуна рутба ва мансабҳо дода мешуд. Мансабҳои олитар фақат ба сипоҳиёни дарбори амир дода мешуданд. Амир ба ивази маош ба ин сипоҳиён андози тамоми як деҳаро мебахшид. Сипоҳиёне, ки дорои чунин мукофот мегардиданд, “танҳо”–дор меномиданд.

Деҳқонони чунин деҳаҳо ба фоидаи “танҳо” кор мекарданд. Танҳохӯр метавонист духтарони ин деҳаҳоро фурӯшад, ба занӣ гирад, ҳавлиҳои деҳқононро кашида гирад ва ҳар чи мехост мекард. Хариду фурӯши мансабҳо ба

тарзи рӯйрост авҷ гирифта буд. Чунин хариду фурӯши мансабҳо боз ҳам аҳволи халқи камбағалро бад мегардонид. Солҳое, ки дар Қаротегин ҳокимони амир Алмосбек (1886-1892) ва Муҳаммадмурод-парвоначӣ (1842-1904) ҳукмронӣ мекарданд, хариду фурӯши мансабу вазифа ва унвону рутба қариб, ки ба расмият даромада буд. Барои нукари одӣ шудан 1200-3000 танга ришва додан лозим буд. Агар ин гуна нукар дар шаҳр ё қалъае ба хизмати ҳарбӣ таъин мешуд, аз ҳар гуна андоз озод карда шуда, ғайр аз ин, барои таъмини маош ба ихтиёраш ду "буна"-хоҷагии деҳқонӣ дода мешуд. Агар нукар худаш замину боғу ҳавлӣ дошта бошад, дар ин сурат ба вай "буна" дода намешуд, вале ягон андоз аз ӯ ситонида намешуд. Мансаби каровулбегӣ хеле қиматтар 2-4 ҳазор танга меистод. Ба ихтиёри қаровулбегӣ 4 "буна" дода мешуд. Қаровулбегие, ки дар хизмати амир бошаду дар айни ҳол молу мулку замин дошта бошад, уҳдадор буд, ки ба фонди хазинаи амир ушр (даҳяки ҳосил) ва "амал", яъне 21 танга хироҷи заминро диҳад" [5, с.71].

Аз ин бармеояд, ки дар Бухорои Шарқӣ амалдорон ва ҳокимони аз тарафи амир таъиншуда, алалхусус дар ноҳияҳои Ҷанубу Шарқӣ ва Марказии Тоҷикистон дар ғорату таҳқири аҳолӣ ягон ҳадду канор надоштанд.

Маҳсулоти чорводорӣ акнун на фақат ба бозорҳои Бухорои Ғарбӣ, балки ба Туркистон ҳам интиқол меёфт. Новобаста "ба тарзи идораи феодалӣ, ки дар аморат вуҷуд дошт ва ба пешрафти муътадили кишвар монеа мешуд, дар ноҳияҳои Бухорои Шарқӣ оҳиста-оҳиста муносибатҳои капиталистӣ ташаккул ёфтанд. Дар ин кор нақши муҳимро сохтмони роҳҳо аз Фарғона ба Помир, аз Самарқанд ба Термиз ба Чубеку Кӯлоб бозиданд" [4, с.84].

Пас маълум мешавад, ки чунин муносибатҳо дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба иқтисодиёти ноҳияҳои Ҷанубу Шарқӣ ва Марказии Тоҷикистон таъсири манфӣ расонида, хоҷагӣ баробар тараққӣ намекард.

Сиёсати мустамликавии ҳукумати подшоҳӣ ва аморати Бухоро зиддияти иҷтимоиро тезутунд гардонда, чун зуҳуроти олии норозигии халқи меҳнаткаш аҳолии мустамликаро ба шӯриши ошкоро бархезонд.

Ошӯбҳои халқӣ баъзан қисми калони аҳолиро фаро гирифта хусусияти оммавиро мегирифтанд. Қувваҳои харакатдиҳандаи ин шӯришҳо деҳқонони чоряккор, мардикорон, ҳунармандон ва камбағалони шаҳрҳо буданд. Дар баробари меҳнаткашони узбек, қиргиз, туркман дар ошӯбҳои умумӣ халқи тоҷик низ иштироки фаъолона доштанд.

**Адабиёт**


1. Гулшамбаров, С.И. Экономический обзор Туркистанского района обслуживаемого Среднеазиатской дорогой. Ч.1. – Ашхабад,1913. – 203 с.
2. Искандаров, Б.И. Из истории Бухарского эмирата.- М., 1958. – 254 с.
3. Искандаров, Б.И. Из истории Бухарского эмирата.- М., 1958. – 254 с.
4. Лаптинов, Н. Экономическое состояние Дарвазского бекства и основные занятия его населения. -Душанбе,1958. – 250 с.
5. Маджлисов, А. Аграрные отношения в Восточной Бухаре в XIX начале XX века. - Душанбе-Алма-Ата,1967. – 71 с.
6. Ҳамроев, М. Очерки истории Гиссарского бекства конца XIX века и начала XIX века. Тр. АН Тадж.ССР.- Т.114. - Сталинобод, 1959. – 372 с.

## НИЗОМИ АНДОЗ ВА АНДОЗСУПОРӢ ДАР БУХОРОИ ШАРҚӢ ВА ПОМИР ДАР АСОСИ ТАҲҚИҚОТИ АКАДЕМИК БАҲОДУР ИСКАНДАРОВ

Мақола масъалаҳои усули идоракунӣ, низоми андоз, андозсупорӣ ва муборизаи аҳолӣ бар зидди низоми пардохти андозу маҷбуриятҳо дар Аморати Бухоро - Бухорои Шарқӣ ва Помирро баррасӣ мекунад. Таваҷҷуҳи бештар ба аҳволи аҳолии меҳнаткаши Бухорои Шарқӣ равона карда шудааст, ки мансабдорони бухоройӣ ин минтақаро ҳамчун мустамлика мавриди истисмор қарор дода буданд.

Дар мақола вазъи андозситонӣ ва пардохти андозҳо, намудҳои андоз дар аморат ва тарзу усули ситонидани андозҳо, меъёри пардохти онҳо, маълумоти мухтасар оварда шудааст. Натиҷаи низоми номуайяни андозу маҷбуриятҳо ҳамеша дар Бухорои Шарқӣ ва дигар минтақаҳои аморат дар охири асри XIX ва аввали асри XX боиси афзудани норозигиҳо ва ошӯбу шӯришҳои мардумӣ шуданд.

Ҳамчунин доир ба авзои иҷтимоии аҳолӣ, мушкилоти рӯзгор ва ба вуҷуд омадани нахустин аломатҳо ва нишонаҳои сохтори сармоядорӣ дар минтақа мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

***Калидвожаҳо:*** *андоз, маҷбурият, низом, аморати Бухоро, мансаб, шӯриш, аҳолӣ, амалдор, унвон, рутба.*

## НАЛОГОВАЯ СИСТЕМА И НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ В ВОСТОЧНОЙ БУХАРЕ И НА ПАМИРЕ НА ОСНОВЕ ИССЛЕДОВАНИЯ АКАДЕМИКА БАХОДУРА ИСКАНДАРОВ

Статья посвящается проблемам, методу управления, налоговой системе, выплатам налогов и борьбе населения против выплаты безмерных налогов и повинностей в Бухарском эмирате и Восточной Бухары. Большое внимание уделяется положению населения Восточной Бухары, где бухарские чиновники эксплуатировали этот регион - как колонию.

В статье также говорится о налогообложениях населения, сборе налогов, видов налога. В конце XIX и начале XX века беспорядочность и нерегламентированность налоговой системы привели к народным возмущениям, восстаниям в Бухарском ханстве, его окрестностях.

Также даются сведения о социальном положении населения, проблемах быта и о процессах возникновения первых признаков и элементов капиталистического строя в регионе.

***Ключевые слова:*** *налог, повинность, система, Бухарский эмират, пост, восстание, население, должность, чиновник, чин.*

## THE RULE OF TAX AND TAX PAYMENT IN EASTEN BUKHARA AND THE PAMIR ON THE BASIS OF RESEARCH OF ACADEMICIAN BAHODUR ISKANDAROV

The article is devoted to the problems, the method of management, the tax system, the payment of taxes and the struggle of the population against the payment of immeasurable taxes and duties in the Emirate of Bukhara and Eastern Bukhara. More attention is paid to the situation of the population of Eastern Bukhara, where Bukhara officials exploited this region - as a colony.

The article also refers to the tax payments of the population, the collection of taxes, types of tax. The result of the disorder and irregularity of the tax system in

Bukhara has always led to popular outrage, uprisings in the Bukhara khanate and its surroundings in the late XIX and early XX century.

It also provides information about the social situation, problems of life and the processes of emergence of the first signs and elements of the capitalist system in the region.

Фридрих Энгелс аҳамияти нисбатан бузурги дастовардҳои илмӣ ва афкори фалсафии фарҳанги арабу форсро дар омодагии ғоявии давраи Эҳё таъкид намудааст. Ҷараёни рушди маънавии ҷомеаи аврупоиро дар давраи Эҳё тавсиф намуда, вай навишта буд: «Ба халқҳои романӣ аз шарқиён озодандешӣ, ки он аз фалсафаи юнонии навфатҳшуда маншаъ мегирифт жарфтар реша давонда, ба материализми асри XVIII замина омода кард» [9, с.346].

Аз нуқтаи назари адолати таърихӣ қайд менамоем, ки дар ҳақиқат системаи фалсафии файласуфони Юнони қадим ва мантиқшиносон танҳо дар Шарқ идома ва такмил ёфта, мавриди омӯзиш ва тафсиркунӣ қарор гирифт ва ба ин васила дастраси оммаи хонандагон гардид. Донишмандони асримиёнагӣ на танҳо олами Машриқзаминро бо фалсафа ва илми Юнони қадим шинос намуданд, балки худашон ба сифати муфассирони онҳо баромад намуда, дар баробари ин, асарҳои асили фалсафӣ эҷод карданд, ки дар асоси онҳо зербинои фалсафаи асримиёнагии шарқи мусулмонӣ гузошта шуд. Ҳамаи файласуфони мусулмон ба дараҷаи муайян дар зери таъсири файласуфон ва мантиқшиносони Юнони қадим, аз ҷумла Арасту қарор доштанд. Ҷойи шубҳа нест, ки онҳо худро шогирдони Арасту меҳисобиданд, ҳарчанд дар таълифоти худ аз рӯйи принсипи хеш кор мекарданд.

Бояд таъкид дошт, ки барои пайдоиш ва ташаккули истилоҳоти илмии мантиқӣ-фалсафӣ нақши бузургро мактабҳои гуногуни фалсафӣ бозиданд, ки ба тарҷумаи рисолаҳои илмӣ-фалсафӣ, инчунин, тарғиб намудани ин тарҷумаҳо машғул буданд.

Азхудкунии асоси таълимоти мантиқӣ-фалсафии Форобӣ зинаи аввалин дар омӯзиши мероси фалсафии ӯ мебошад, зеро бе тарҷума аз рӯйи усул, забон, маънои фалсафӣ, тадқиқоти дурусту дақиқ минбаъдаи таълимоти фалсафии ӯ номумкин мебошад.

Омӯзиши бодиққати асарҳои Форобӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки сарчашмаи асосии фалсафаи ӯ фалсафаи пеш аз мелодӣ, махсусан, фалсафаи машшоияи Арасту ба ҳисоб меравад. Ҳангоми баррасии системаи фалсафии ӯ, он далел ошкор мегардад, ки қариб дар тамоми асарҳои худ таҳқиқоташро аз тафсир ва шарҳи фалсафаи Арасту оғоз менамояд. Форобӣ алоқаи фалсафаи худро бо анъанаи Арасту пайваста, онро дар ҳама ҷо таъкид мекунад.

Аз таълифоти ӯ маълум мегардад, ки Арасту бештар ба масъалаҳои сирф илмӣ таваҷҷуҳ намуда, аксаран принсипҳои асосии худро нопурра ва на ҳамеша рӯйирост ифода мекард. Дар рисолаи «Он чӣ пеш аз таълими фалсафа зарур аст» Форобӣ муносибати Арастуро ба ин тарз мефаҳмонад: «Сабаби он ки дар

рисолаҳои Арасту нофаҳмиҳо вомехӯранд, се чиз аст. *Аввал*, ӯ ба чунин тарз таълимгирандаро тафтиш менамояд, оё вай барои таълим коршоям аст ё не; *дуюм*, чунин мепиндорад, ки кушодани фалсафа на ба ҳамаи одамон, балки танҳо барои касе мумкин аст, ки ба он сазовораст; *сеюм*, то ки пажӯҳишгар фикрро тавассути тадриботи илмӣ (*машқҳои мантиқӣ*) машқ диҳад» [2, с. 12].

Яке аз масъалаҳои мубоҳисавӣ дар илми таърихӣ-фалсафӣ он аст, ки оё Форобӣ дорои афкори мустақил ва асили фалсафӣ буд ё танҳо ҳамчун муфассири осори Арасту баромад мекард? Бешубҳа ба ин тамоюли ғарбгароӣ метавон посух гуфт, ки Форобӣ дар баробари тарҷумон ва шореҳи фалсафаи Юнон, аз ҷумла Арасту буданаш, осори мустақили зиёде таълиф намуд, ки аз ҷиҳати мазмун ва муҳтаво онҳоро метавон ба 5 зина тақсим намуд:

1. Ба ин қисмат китобҳои боарзиши фалсафӣ, энсиклопедие дохил мешаванд: «Эҳсо ул-улум», «Ороу аҳл ал-мадинат ал-фозила», «Китоб ал-ҳуруф», ки то имрӯз ба забонҳои туркӣ, ҳиндӣ, форсӣ, русӣ, англисӣ, немисӣ, фаронсавӣ (тоҷикӣ омодаи нашр С.Б.)… тарҷума шудаанд.

2. Дар ин радиф китобҳои мубоҳисавии: «Ҷамъ байна раъй ал-ҳакимайн», «Ҷавобот лима соилу суила ъанҳо», «Фи ал-воҳид ва ал-воҳида», «Фи ас-сиёсат ал-мадина», «Ъуюн ал-анбоъ», «Мо янбағӣ қабла таъаллуми ал-фалсафа» ва ғайра ҷой гирифтаанд, ки на танҳо масоили фалсафии қабл аз мелодиро фарогиранд, балки афкори он замонаро ба фалсафаи машшоияи асримиёнагӣ мувофиқ кунонида, дар заминаи онҳо хулоса (дониш) –и наверо пешниҳод кардаанд.

3. Дар қисмати сеюм китобҳое радабандӣ мебошанд, ки ҳамчун шарҳ ба китобҳои юнониён, махсусан, Арасту таълиф шудаанд: «Шарҳ фусус ал-ҳикам», «Шарҳ китоб ас-самоъ», «Шарҳ китоб ал-бурҳон», «Шарҳ китоб ал-мақулот», «Шарҳ китоб ал-муғолата», «Шарҳ китоб ал-хитоба», «Шарҳ китоб ал-ибора», «Шарҳ китоб ал-қиёс ва ҳува шарҳ ал-кабир» ва ғайра.

4. Қисмати чаҳорум осори мантиқии Форобӣ буда, теъдодашон ба чиҳил адад мерасанд, ки то замони мо бархе аз онҳо нарасидааст: «Ал-фусул ал-хамса», «Ал-алфоз ал-мустаъмала фи-л-мантиқ», «Китоб ал-мақулот», «Китоб ал-ибора», «Китоб ал-қиёс», «Китоб ал-қиёс-ас-сағир», «Китоб ал-қиёс-ал-авсат», «Ҷавомиъ ликитоб ал-мантиқ», «Китоб ал- ҳурӯф» «Китоб ат-таҳлил» «Китоб ал-бурҳон» «Китоб ал-ҷадал» ва ғайра.

5. Дар қисмати панҷум китобҳои этикӣ-эстетикӣ ва мусиқишиносие қарор доранд, ки то ин замон аз баъзеи онҳо ном боқӣ мондааст: «Китоб аш-шеър», «Китоб ал-ахлоқ», «Китоб ал-мусиқо ас-сағир», «Китоб ал-мусиқо ал-кабир», «Китоб ал-ҷамол» ва ғайра.

Инчунин, дар адабиёти илмӣ нуқтаи назаре эътироф шудааст, ки мувофиқи он тафсиркунӣ ҷузъи илм аз лиҳози такмили он ба ҳисоб рафта, ин раванд дар таълимоти Форобӣ мустақилият ва асолати афкори фалсафиро истисно намекунад, тафсиркунӣ - ин «шакли ифодаи фикри эҷодӣ мебошад» [2, с.15].

Сабаб он аст, ки тафсир чун навъи тафаккури фалсафӣ, ба сифати мавзӯи он як қатор система, мактаб ва анъанаҳои фалсафӣ баромад мекунад. Андешаи асосӣ дар ҷанбаи маърифатшиносӣ дар он ифода меёбад, ки чӣ тавр баъзе системаҳои фалсафӣ, мактабҳо ё анъанаҳо муайян гардида, ба сифати мавзӯи соҳавӣ ҷудо карда мешаванд. Моҳиятан, тафсиркунӣ ҳамчун фалсафа дар худ ва барои худ мавзӯъ гашта, зуҳуроти худогоҳии фалсафие мебошад, ки дар шакли махсус ифода ёфтааст. Аз ин рӯ, ҳалли ин вазифа муҳаққикро ногузир ба фалсафаи Афлотун ва Арасту оварда мерасонад. Дар ин маварид на танҳо барои

он ки онҳо объекти асосии тафсиркунии Форобӣ буданд ва бо ҳамин, то як андоза барои фаъолияти сифати асосии мавзӯи ӯ хизмат мекунанд, балки барои он ки онҳо марҳилаҳои муҳими барқароршавии худогоҳии фалсафӣ, инчунин, заминаи назариявии консепсияи таърихӣ-фалсафӣ маҳсуб мешуданд. Аз ин рӯ, он ақида комилан хато мебошад, ки фалсафаи Машриқзамин, ки олами араб, Осиёи Марказӣ ва Эронро фаро мегирад, такрори хиради фалсафаи атиқаи Юнони қадим мебошад. Ба шумораи чунин ақидаҳо метавон таъкиди Де Бойрро дохил намуд, ки чунин мепиндорад: «Фалсафаи исломӣ ҳамеша рӯбардоршуда ва мундариҷаи он аз асарҳои тарҷумашудаи юнонӣ вобаста буд. Таърихи он-таърихи омезиш, на эҷод мебошад. Он аз пешниҳодкунии масъалаҳои нав ва хусусияти ба худ хос дар ҳалли масъалаҳои куҳна фарқ намекунад. Аз ин рӯ, он барои таърихи афкор ягон пешравиро ифода намекунад. Ба ҳар ҳол, аҳамияти таърихии он нисбат ба миёнравӣ байни фалсафаи классикии атиқа ва схоластизми масеҳӣ якчанд маротиба бештар аст» [12, с. 29].

Аз ақидаи аврупомарказии Де Бойр маълум мегардад, ӯ ҳатто фаромӯш мекунад, ки илм ва фарҳанги аврупоӣ танҳо тавассути фалсафаи Шарқ, ки фалсафаи юнонро ҳифз ва тафсир намуда, ба илм ва фалсафаи аврупоӣ дастрас намуд, ғанӣ гардидааст. Дар ин ҷо дақиқан суханони шоири форсизабони покистонӣ Муҳаммад Иқболро оид ба нақши фалсафаи Шарқ дар инкишофи илму фалсафаи аврупоӣ, овардан мумкин аст, ки барои ӯ хизмати фалсафаи Шарқ ва доираи илмии аврупоӣ хело хуб маълум буд:

Дона он саҳронишинон коштанд,
Ҳосилаш афрангиён бардоштанд. [7, с. 508].

Файласуфони Шарқ пайравони кӯркӯронаи Арасту ва муфассирони одии таълимоти ӯ ва таълимоти дигар мутафаккирон Юнони қадим набуданд. Онҳо дорои фикри мустақил буда, оид ба баъзе масъалаҳо бо мутафаккирони юнонӣ радду бадал мекарданд. Форобӣ тезиси Афлотуниро оид ба мустақилияти нафс аз ҷисм ва олами атрофи он, дар бораи мавҷудияти абадии рӯҳи фанонашаванда зери танқид қарор медиҳад. Ӯ беасосии назарияи маърифати Афлотунро, ки маърифати ҳис ва тавассути он-воқеияти объективиро ҳамчун сарчашмаи эҳсосот рад мекард, нишон медиҳад. Инчунин, Форобӣ ба муқобили муқаррароти Афлотун дар бораи олами абадии ғояҳо, ки дар ёддоштҳо асос ёфтааст, дар бораи мавҷудияти ғоя, новобаста аз ашёи ҳисшаванда муқобил баромада, чунин менависад: «Рӯҳ наметавонад қабл аз ҷисм, чуноне ки Афлотун таъкид мекунад, вуҷуд дошта бошад. Ҳамин тавр аниқан наметавонад аз як ҷисм ба дигар ҷисм гузарад, чуноне ки инро ҷонибдорони таълимот дар бораи гузариши рӯҳ тасдиқ мекунанд» [3, с. 249].

Форобӣ дар баррасии баъзе масъалаҳо ба муқобили Муаллими аввал баромада, қобили қабул набудани муқаррароти ӯро дар бораи он ки «бархе аз ҷузъҳои рӯҳ (нафс) камоли ҷузъҳои ҷисмӣ мебошанд»,[4, с. 433], ки онҳо «аз ҷисм ҷудоанд ва хирад дар ҷисм вуҷуд дорад»,[3, с. 147], нишон дод.

Ҳамин тариқ, Абӯнасри Форобӣ дар баробари муқобилгузории афкораш ба Арасту дар баъзе масъалаҳо дар такмили баъзе масоил андешаи дуруст ба роҳ мондааст. Масалан, агар Арасту қазияро ба аподиктикӣ (бурҳонӣ), диалектикӣ ва иктишофӣ тақсим карда бошад, пас Форобӣ миқдори қазияро то панҷ росонида, ба назарияи худ, инчунин, қазияҳои суханварӣ ва назмиро низ ворид менамояд.

Асарҳои мантиқӣ-фалсафии Форобӣ нишон медиҳанд, ки ӯ на танҳо бо мерос ва афкори Арасту, Афлотун ва навафлотуниён, балки ба мероси дигар мактабҳои фалсафӣ ва мутафаккирон, ба монанди Гераклит, Демокрит,

Эмпедокл, Зенон, Парменид, Искандари Афродитӣ, Порфирий ва дигарон шинос буда, вале бештар дар таълифоти худ ба асарҳои Афлотун ва Арасту такя мекунад.

**Адабиёт**


1. Ал-Қифтӣ. Таърих ал-ҳукама (Таърихи хирадмандон). – Коҳира, 1982. – 640 с.(бо заб. ар.)
2. Аль-Фараби. Историко-философские трактаты. -Алма-Ата, 1985. – 624с.
3. Аль-Фараби. Естественнонаучные трактаты. -Алма-Ата, 1987. – 495 с.
4. Аристотель. Сочинения в четырех томах. Т.1. -М., 1975. -549с.
5. Герман, Л. Очерки истории средневекового материализма. – М., 1962. – 586 с.
6. Ибни Халдун. Муқаддима. -Теҳрон. 2010. - 742 с. (бо заб. фор.)
7. Иқбол, М. Куллиёти ашъор.- Теҳрон, 1343. – 508 с. (бо заб. фор.)
8. Звегинцев, В.А. История арабского языкознания. -М., 1958. – 80 с.
9. Маркс, К., Энгельс Ф. Сочинения, Т.20. -М., 1961. – 827 с.
10. Ҳасани Маликшоҳӣ. Тарҷума ва шарҳи «Ишорот ва танбеҳот»-и Ибни Сино. Ҷ.2. Мантиқ. - Теҳрон. 1368. –234с. (бо заб. фор.)
11. Brown, E. A Literary history of Persia. v. 1. -London, 1925. – 234 с.
12. De Boer. The history of philosophy in Islam. 1933. – 645 с.


## ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ ҒОЯВӢ-НАЗАРИЯВИИ АФКОРИ МАНТИҚӢ-МАЪРИФАТШИНОСИИ АБӮНАСРИ ФОРОБӢ

Дар мақола муаллиф кӯшидааст, ки вазъи мусоид ва ташаккулёбандаи илмро дар давраи тиллоии асримиёнагӣ бо далелҳои қатъӣ нишон диҳад. Ӯ иброз медорад, ки дар заминаи ташаккули Ислом ва ғояҳои пешқадами мутафаккирони Юнон афкори фалсафие тарҳрезӣ гардид, ки барои рушд ва такомули мактаби фалсафии машшоия ва пайравони он то кунун хизмат мекунад. Форобӣ яке аз бунёдгузорони ин мактаб дар таҳким ва рушди илм дар такя ба фарҳанги халқҳои Осиёи Марказӣ ва фалсафаи Юнони қадим, тавонист, асарҳои зиёди фалсафии юнониёнро тарҷума ва шарҳ навишта, дар заминаи онҳо асарҳои асили мантиқӣ-фалсафӣ эҷод намояд, ки зиёда аз ҳазор сол боз мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор доранд.

Муаллиф қайд мекунад, ки масъалаҳои мубрами ин давра ин таъсири мутақобилаи фарҳангҳо ва забонҳо дар марҳилаи рушди инсоният бо назардошти ҷаҳонишавӣ аҳамияти калонро касб кардааст, чунки таъсири омилҳои нав инсониятро аз нав барои шинохти арзишҳои маънавӣ водор месозанд.

Дар такя бо манбаҳои муътамад муаллифи мақола дастовардҳои илмиро маҳсули эҷоди як нафар ва ё як миллат надониста, натиҷаи мунтазам аз ҷониби миллатҳо гирдоварии ин комёбиҳо шуморида, иброз медорад, ки муҳити илмӣ-фарҳангии исломӣ низ на танҳо аз ҷониби арабҳо, балки аз ҷониби дигар халқҳо (эронитаборон), ки аз истилогарон фарҳанги болотар доштанд, ба вуҷуд омадааст.

Муаллиф дар баробари нигориши авзои илмии замони Форобӣ кӯшиш мекунад, ки масъалаҳоро атрофи фаъолияти эҷодии ӯ баррасӣ намояд. Дар мақола мактабҳои тарҷумонӣ, тарҷумаҳои Форобӣ, тафсиркунӣ ва таълифоти пурмуҳтавои он матраҳ гардида, андешаҳои муттазоди он, нисбати афкори файласуфони Юнони қадим, аз ҷумла Афлотун ва Арасту нишон дода шудааст.

Муаллиф доираи афкори фалсафии Форобиро васеъ дониста, қайд мекунад, ки ӯ дар таълифоташ на танҳо ба андешаҳои фалсафии замони худ ва

файласуфони Юнони қадим, Афлотун ва Арасту, балки ба мутафаккирони дигар чун Гераклит, Демокрит, Эмпедокл, Зенон, Парменид, Порфирий низ эътимод дорад.

***Калидвожаҳо***: *фалсафа, мантиқ, маърифатшиносӣ, Абӯнасри Форобӣ, Байт ул-ҳикмат, Аҳл ал-китоб, Осиёи Миёна, тафсиркунӣ, ҷисм, забон.*

## ИДЕЙНО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ФОРМИРОВАНИЯ ЛОГИКО-ГНОСЕОЛОГИЧЕСКИХ ВОЗЗРЕНИЙ АБУНАСРА ФАРАБИ

В статье автор, основываясь на убедительных доказательствах пытается показать благоприятную и развивающуюся ситуацию науки в золотом веке средневековой эпохи. Он утверждает, что на основе формирования Ислама и прогрессивных идей греческих мыслителей были разработаны философские идеи, которые служат основой для развития и совершенствования перипатетической философской школы и её последователей. Фараби является одним из основателей этой школы, основанной на культуре и философии древних народов Центральной Азии, способный переводить и комментировать многие греческие философские произведения и создавать на его основе подлинные философские произведения.

Автор утверждает, что в свете глобализации взаимосвязанные эффекты культур и языков на этой стадии человеческого развития приобрели большое значение, поскольку новые факторы подталкивают человечество к переоценке своих духовных ценностей.

Ссылаясь на достоверные источники, автор считает, что научные достижения являются результатом деятельности того или иного народа, отмечая, что исламская научная и культурная среда разделяются не только арабами, но и другими народами (иранцами), культура, которая превосходила культуру завоевателей.

Автор, наряду с научной деятельностью времени Фараби, пытается анализировать вопросы, связанные с его творческой деятельностью. В статье представлены переводческие школы, переводы Фараби, его убедительные интерпретации, а также приведены выводы философов Древней Греции: Платона и Аристотеля.

Автор глубоко зная сферу философских взглядов Фараби отмечает, что в своих произведениях мыслитель опирается не только на философские размышления своего времени и философов Древней Греции Платона и Аристотеля, но и на взгляды других мыслителей таких, как Гераклит, Демокрит, Эмедокл, Зенон, Парменид, Порфирий.

***Ключевые слова:*** *философия, логика, просвещение, Абу Наср Фараби, Дом мудрецов, книжники, Средняя Азия, интерпретация, тело, язык.*

## FUNDAMENTALS OF THE IDEOLOGICAL, THEORETICAL AND LOGICAL DEVELOPMENT OF ABUNASRI FO ROBI

In the article, the author tries to show the favorable and developing situation of science in the golden age of the medieval era on convincing evidence. He argues that, based on the formation of Islam and the progressive ideas of Greek thinkers, philosophical ideas have been developed that serve as the basis for the development and improvement of the Peripatetic philosophical school and its followers. Farobi was one of the founders of this school in Islamic East, based on the culture and philosophy of the ancient peoples of Central Asia, was able to translate and comment on many

Greek philosophical works and created genuine philosophical works on its basis (still under development).

The author argues that the interrelated effects of cultures and languages at this stage of human development in the light of globalization have gained great importance, as new factors push humanity to reassess their spiritual values.

Referring to reliable sources, the author believes that scientific achievements are the result of the creation of one or another people, noting that the Islamic scientific and cultural environment is shared not only by Arabs, but also by other peoples (Iranians), a culture that excelled the conquerors.

The author, along with the scientific activities of the Forob period, is trying to discuss issues related to his creative activity. The article presents translation schools, Farobo translations, its interpretations and convincing interpretations, as well as the conclusions of the philosophers of ancient Greece, Plato and Aristotle.

The author also expands the scope of philosophical views of Forobius, noting that he is not only a philosopher of his time, but also among the philosophers of Ancient Greece, Plato and Aristotle and other thinkers such as Heraclitus, Democritus, Emedocles, Zeno, Parmenides, Porfiry is also trustworthy.

***Keywords:*** *philosophy, logic, enlightenment, Abunasr Forobi, Bayt-ul-hikmat, Ahl al-Kitab, Central Asia, interpretation, discipline, body, language.*

***Сведения об авторе: Сулаймонов Бахманёр*** *- кандидат философских наук, старший преподаватель кафедры философии и политологии Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992) 938384345*

***Information about the author: Sulaimonov Bahmanyor*** *- candidate of Philosophy, senior lecturer of the Department of Philosophy and Politology of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992) 938384345*

**УДК 1(091)**

# МУБОРИЗАИ БАҲАМЗИДҲО ДАР ТАЪЛИМОТИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

*Азизмуродов М.Р.*
**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзоад**

Ягонагӣ ва муборизаи баҳамзидҳо яке аз қонунҳои умумии инкишофи табиат ва ҷамъият (ҷанбаи онтологӣ) буда, ҳамчунон ба ҳайси қонуни дарки воқеият (ҷанбаи гносеологӣ) баромад мекунад. Ин қонун дар маркази диалектика қарор гирифта, ба ибораи В.И. Ленин «моҳият ва ҳаста»-и диалектикаро ташкил мекунад [1, с. 93]. Дар ҷаҳон ягон зуҳуроте вуҷуд надорад, ки аз доираи раванди инкишофи доимӣ берун бошад.

Зиддият - навъи муайяни таъсрири мутақобили ҷиҳат, хосият ва тамоюлҳои зидди ин ё он низом ё байни низомҳо, равандҳо ва бархӯрди саъю қувваҳои мутақобил мебошад. Зиддият мунтазами беором хислати тамоми ҷараёни тағйироту ҳаракат мебошад ва дар ҳар ҷараёни тағйирот давра ва зинаҳоро худо кардан мумкин.

Айният у фарқият аз ҳамин зайл зинаҳо буда, баёнгари робитаи мутақобили тамоми чизҳои мутағайир мебошанд.

Тазод – чунин хусусияти ашё мебошад, ки ҷиҳатҳои муқобил дар зинаи муайян ҷойҳои канораро ишғол менамоянд: (баланд-паст, рост-чап, хушк-тар, гарм-хунук ва ғ.) ва дар байни онҳо робитаю ваҳдат вуҷуд дорад.

Муносибати мураккабу тағйирпазири тазодҳо зиддияти диалектикӣ номида мешавад. Тазодҳои диалектикӣ мисли қутбҳои оҳанрабо дорои робитаи ногусастанӣ мебошанд.

Вобаста ба хусусияти ҷиҳатҳои зид, шароитҳои таъсири мутақобил ва савияи ташкили низомҳо зиддиятҳо ба навъҳои зерин тақсим мешаванд: дохилӣ – таъсири мутақобили тараф, ҷиҳат ва тамоюлҳои дохили ин низом, ин организм, ё ҷамъият;

- берунӣ – таъсири мутақобили байни низомҳои мухталиф;
- антогонистӣ – таъсири мутақобили нируҳои оштинопазир (синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ғ.);
- ғайриантогонистӣ – таъсири мутақобили гурӯҳҳои иҷтимоие мебошанд, ки манфиату мақсади асосиашон бо ҳам мувофиқат мекунанд.

Ин қонун механизми дохилии инкишофро нишон дода, ҳар як ягонагиро ҳамчун маҷмӯи низомҳо ва элементҳои ба ҳам зид маънидод мекунад.

Шакли нисбатан намоёни ягонагӣ ва муборизаи баҳамзидҳо дар мавҷудияти самтҳо ва қутбҳои ба ҳам зидди воқеият, ҳамчун росту чап, неку бад, мусбату манфӣ, қутбҳои шимолию ҷанубӣ ва монанди инҳо мебошанд.

Таълимоти Мавлавиро метавон аз ҷиҳати фалсафӣ сазовори баҳои баланд донист, зеро дар он чандин масоили баҳсталаби фалсафӣ мавриди баррасии олимона қарор гирифтаанд. Нақши Мавлавӣ дар рушду такомули ирфони исломӣ хеле назаррас аст. Масъалаи ҳастӣ, асрори офариниш, инсон ва монанди инҳо дар таълимоти мутафаккир мавқеи намоён доранд. Дар консепсияи ҷаҳонбинии Мавлавӣ иттиҳоду ваҳдат ва дурӣ аз ҷаҳолату таассуб ҷойгоҳи махсусро ишғол менамоянд. Ваҳдати талаққинамудаи Ҷалолуддини Румӣ, сарманшаъ аз ҷомеаи инсонӣ гирифта, то дараҷаи «ваҳдати вуҷуд», яъне Ҳақиқати мутлақро дар бар мегирад. Мавлавӣ оламро таҷассуми Ақли Кул дониста, ақли инсонӣ ва мавҷудоти олами моддиро таҷассуми он медонад. Ӯ дар шинохти асрор ва дарки моҳияти ваҳдати вуҷуд мартабаи инсонро хеле баланд

бардошта, онро ҷузи пайвастшавандаи асли кул медонад. Мавзӯи марказии таълимоти Мавлавӣ Ҷалолиддини Балхиро тарбияи «Инсони комил» ташкил медиҳад. Инсони комил аз назари мутафаккир онест, ки ҳама паҳлӯҳои ҷаҳони моддиро дарк намудааст. Масъалаи мазкур дар таълимоти ахлоқии Мавлавӣ аз он шурӯъ шудааст, ки инсон дар содир кардани тамоми афъол озод аст. Озодии иродаи инсон метавонад бадиро ба некӣ табдил диҳад ва нафси разиларо саркӯб намояд. Нафсро омили бадӣ эълон кардани мутафаккир аз он ҷо сар задаст, ки моликияти хусусӣ ва манфиатҳои шахсӣ касро ба бадтарин кирдору аъмол водор мекунад. Дар роҳи комёбиҳои шахсӣ ва беҳбудии зиндагии шахсӣ ва беҳбудии зиндагии фардӣ, бухлу ҳасад, киноя̆ву адоват ва монанди ин хислатҳои ҳабис ривоҷ ёфта, бештар дар ахлоқи табақаи ашроф ифода меёбанд. Ӯ пайрави ахлоқи аҳли футувват ва оини ҷавонмардӣ буд. Аз назари мутафаккир омили аслии камолот ҷустуҷӯи ҳамешагии илму маърифат ва инсодӯстии ҳақиқӣ мебошад. Тавассути офаридани асари безаволи хеш - Маснавии Маънавӣ тавонист, таълимоти қуръониро бо тобишҳои ақлониву ирфонӣ тасвир намояд. Осори Мавлавӣ «Девони ғазалиёт», «Маснавии Маънавӣ», «Фиҳӣ мо фиҳӣ» ва «Маҷолиси сабъа» буда, мавзӯоти мухталифи ҷаҳони моддӣ, тарғиби маънавиёт ва тараннуми инсони озодандешу кашшофро дарбар мегиранд. Мафҳуми «Марди Худо» дар таълимоти Мавлоно инсонеро ифода менамояд, ки аз ҷиҳати маънавиёти воқеӣ мусаллаҳ шуда, некиву бадӣ, асрори вуҷуд ва дар маҷмӯъ нафси худро ба таври куллӣ шинохтааст. Дар маҷмӯъ, таълимот ва ҷаҳонбинии Мавлавӣ Ҷалолуддини Балхиро метавон тараннумгари футувват, ҷавонмардӣ, озодандешӣ, ваҳдат ва худшиносиву дар заминаи ин худошиносӣ номид.

Як хусусияти дигари муҳимми олам, аз нигоҳи Мавлоно, мавҷудият ва муборизаи зидҳо дар он аст. Ин ҷанбаи таълимоти ӯ низ ба хубӣ омӯхта шуда ва боиси баъзе хулосаҳои муболиғаомезе низ гардидааст: «…масъалаҳои зиёде, ки аз ҷониби Гегел ҳал шудаанд, Румӣ ҳанӯз 500 сол муқаддам гузошта буд ва қисман … ҳал сохта буд» [2, с. 192]. Вале ин ҷо ҳам сазовори таъкид аст, ки ҳангоме Мавлоно дар бораи зиддҳо сухан мегӯяд, ҳадафи маърифатӣ мегузорад ва таҳти ин мафҳум чанд маъниро дар назар дорад. Аввалан, ӯ зиддҳоро ба маънии танақузҳо, ё худ чун фаҳмиши гегелӣ, медонад: «Меҳру ҳайбат ҳаст зидди якдигар…» [2, с. 130]. Сониян, зидҳо барои Румӣ чор унсур аст:

Чор унсур чор устуни қавист,
Ки бад-эшон сақфи дунё муставист…
Пас бинои халқ бар аздод буд,
Лоҷарам мо ҷангием аз зарру суд [5, д. 6, 48-50].

Ниҳоят ва аз ҳама муҳим, зидҳо ва мавҷудияти онҳо барои Мавлоно аҳаммияти маърифатӣ дорад: «Ҷуз ба зид зидро ҳаменатвон шинохт…» [5, д. 5, 600]. Вале ин амр танҳо дар маърифати олами моддӣ корбаст мегардад, на дар маърифати ирфонӣ, зеро чуноне ки Н. Одилов барҳақ қайд мекунад, «Худо бе унсури муқобил аст:

Нури Ҳақро нест зиде дар вуҷуд,
То ба зид ӯро тавон пайдо намуд» [6, с. 47].

Ногуфта намонад, ки ин гуна андешаҳо дар бораи зидҳо ҳанӯз дар таълимоти Саноӣ бармехӯранд ва Румӣ аз онҳо низ истифода намудааст:

Ҳама аздод, лек з-амри илоҳ,
Ҳама бо якдигар шуда ҳамроҳ [7, с. 62].

Чунин таъсирпазирии Мавлоно аз Ҳаким Саноии Ғазнавӣ дар бисёре аз мавридҳо дида мешавад. Хулоса, муборизаи баҳамзидҳоро Мавлоно дар «Маснавӣ» чандин маротиба мавриди истифода кардааст. Албатта фаҳмиши

ирфонии Мавлоно аз фаҳмиши материализми диалектикӣ хеле фарқ дорад, аммо дар афкори ӯ пайдо будани диалектикаи баҳамзидҳоро мо дар байтҳои зерин ба таври рӯшан мушоҳида мекунем:

Ин ҷаҳон ҷанг асту кул, чун бингарӣ,
Зарра бо зарра, чу дин бо кофарӣ.
Он яке зарра ҳамепаррад ба чап
В-он дигар сӯйи ямин андар талаб.
Заррае болову он дигар нигун,
Ҷанги феълишон бибин андар рукун.
Ҷанги феълӣ ҳаст аз ҷанги ниҳон,
З-ин тахолуф он тахолуфро бидон.
Заррае, к-он маҳв шуд дар офтоб,
Ҷанги ӯ берун шуд аз васфу ҳисоб.
Чун зи зарра маҳв шуд нафсу нафас,
Ҷангаш акнун ҷанги хуршед аст бас [5, д. 6, 38-41].

Яъне ин ҷаҳоне, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, ***ҷанг аст ва кул*** ва дар он ҳар зарра бо зарраи дигар, ки албатта зидди он аст, ҷанг мекунад. Чӣ тавре ки дида мешавад, аз ин рӯшантар гуфторе дар баёни ягонагӣ (кул будани ҷаҳон) ва муборизаи баҳамзидҳо (ҷанги зарра бо зарра) ва он ҳам дар қолаби шеъри шевою равон вуҷуд надорад. Зимни шарҳи ин абёт шореҳи машҳури «Маснавӣ» Карим Замонӣ чунин менигорад: «Мавлоно дар ин байт ва абёти баъдӣ мегӯяд, ки ҷаҳони моддӣ пур аз тазод аст ва ҷаҳон бо ҳамин тазод побарҷост» [3, ҷ.6, с.29].

Ҳамин мазмунро Мавлоно идома дода, дар байтҳои 46 то 50-юми дафтари шашум аз «Маснавӣ» намудҳои нисбатан муҳими муборизаи баҳамзидҳоро ба се қисм тақсим мекунад:

Ҷанги табъӣ, ҷанги феълӣ, ҷанги қавл
Дар миёни ҷузвҳо ҳарбест ҳавл.
Ин ҷаҳон з-ин ҷанг қоим мебувад,
Дар аносир дарнигар, то ҳал шавад.
Чор унсур чор устуни қавист,
Ки бад-эшон сақфи дунё муставист.
Ҳар сутуне ишкананд(а)и он дигар,
Устуни об ишкананд(а)и он шарар.
Пас, бинои халқ бар аздод буд,
Лоҷарам мо ҷангием аз зарру суд [5, д. 6, 46-50].

Мурод аз «***Ҷанги табъӣ, ҷанги феълӣ, ҷанги қавл»*** се намуди мубориза аст: ***ҷанги табъӣ*** муборизаи зотии ашё ва падидаҳост, ки табъан тазоди дарунӣ доранд ва ин тазод боиси таҳаввул ва татаввури онҳо мегардад; ***ҷанги феълӣ*** муборизаи баҳамзидҳо дар сатҳи феъл (амал) аст, яъне зуҳуроти олами объективӣ дорои элементҳои ба ҳам зид буда, феълан ба ҳамдигар таъсир мерасонанд; ***ҷанги қавл*** муборизаи баҳамзидҳо дар сатҳи мантиқ аст, яъне ҷанги қавлҳо ва андешаҳост, ки дар ин росто қавлҳо ва андешаҳои нисбатан ба ҳақиқат наздик қавлҳои дуртарро мансух ё бекор мекунанд ва андешаи ба воқеият ва ҳақиқат наздиктаре рӯйи кор меояд ва он низ дар навбати худ бо пайдо шудани қавлу андешаи навтар ва саҳеҳтар ҷойи худро ба он медиҳад ва худ бекор мешавад. Ба таъбири фалсафаи муосир инкори инкор амалӣ мегардад, яъне муборизаи баҳамзидҳо заминаи инкори инкор мегардад.

Дар ин ҷо суханро бо шарҳи устод К.Замонӣ ба поён мебарем, ки мефармояд: «Ҷанги миёни табоеи мутазод ва ҷанги афъол ва ақволи мутаориз

дар миёни аҷзои ин ҷаҳон ҷанги ҳавлнок аст. Мавлоно дар ин байт ва абёти баъдӣ ба ҳокимияти асли тазод бар ҷаҳон мепардозад. Ӯ мегӯяд, тазод миёни падидаҳои ҷаҳон масъалаи тасодуфӣ нест, балки ба унвони як асли мусаллам аст. Бинобар ин давом ва қивоми ҷаҳон мубтанӣ бар асли тазод аст, чунон ки ҳам табъи падидаҳо ва аносири табиӣ мутазод аст ва ҳам табъи инсонҳо, ҳамин тавр гуфтор ва рафтори онҳо мутазод аст» [3, с. 31-32]. Яъне аз зарра то аносир ва аз аносир то табиати зинда ва ниҳоят то ба сатҳи рафтору гуфтори инсон саросар дар зери таъсири муборизаи баҳамзидҳо қарор доранд.

**Адабиёт**


1. Афанасьев, В.Г. Основы философских знаний. 14-е изд, доп. – М.: Мысль, 1986. – 399 с.
2. Богоутдинов, А.М. Очерки по истории таджикской философии.3-е изд. – Душанбе: Дониш, 2011. – 334 с.
3. Замонӣ, К. Шарҳи ҷомеи Маснавии Маънавӣ. Иборат аз 7 ҷилд. Ҷ. 2 – 6.- Теҳрон, Иттилоот, 1391ҳ.
4. Ҷаъфарӣ, М. Тафсир ва нақду таҳлили Маснавии Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ, нусхаи электронӣ, нашри Барномаҷ ал-Мактабат-иш-Шомилат برنامج المكتبة الشاملة - http://www.shamela.ws.
5. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ. Мутобиқ бо нусхаи тасҳеҳшудаи Р. Николсон. – Теҳрон: Паймон, бе соли нашр. – 1263 с.
6. Одилов, Н. Ҷаҳонбинии Ҷалолуддини Румӣ. – Сталинобод: Ирфон, 1964. – 107 с.
7. Олимов, К. Мировоззрение Санои. – Душанбе, 1973. – 136 с.


## МУБОРИЗАИ БАҲАМЗИДҲО ДАР ТАЪЛИМОТИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ


Дар мақола қайд гардидааст, ки Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ яке аз нобиғаҳои фарҳанги башарӣ ва намояндаи бузурги фарҳанг, фалсафа ва ирфони мо мебошад, ки бо осори пургановати худ ба андешаи аҳли илму ирфон таъсири амиқ гузоштааст. Ин нобиғаи афкори ирфонию фалсафӣ дар шоҳасари худ «Маснавии маънавӣ» ба масъалаҳои доимии ҳаёти инсонӣ ва саволҳои ҳамешагии фалсафӣ даст зада, онҳоро вобаста ба фалсафаи замони худ ва ирфон мавриди баррасӣ қарор додааст, ки хеле аз онҳоро баътар дигарон дар фалсафаи академӣ мавриди муҳокима қарор додаанд. Аз ҷумлаи чунин андешаҳои Мавлоно муборизаи баҳамзидҳо мебошад, ки баъд аз 500 сол аз ҷониби В.Ф.Г. Гегел ҳамчун қонун қабул гардидааст.

Дар мақола муаллиф кӯшиш кардааст, ки нуқтаи назари Мавлоно оид ба қонуни ягонагӣ ва муборизаи баҳамзидҳоро нишон диҳад.

Ба андешаи муаллиф, дар «Маснавии маънавӣ» Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ чандин маротиба масъалаи муборизаи баҳамзидҳоро мавриди баҳс қарор дода, онро пояи хилқат, яъне асоси офариниш донистааст. Муборизаи баҳамзидҳоро Мавлоно бо истилоҳи «ҷанги аздод» ифода намуда, мавҷудияти ин муборизаро дар тамоми сатҳи олами воқеӣ, дар шакли ҷанги табъӣ, ҷанги феълӣ ва ҷанги қавл ҷорӣ ва доимӣ донистааст.



***Калидвожаҳо****: Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, ирфон, фалсафа, диалектика, қонунҳои диалектика, муборизаи баҳамзидҳо, инкишоф.*

## БОРЬБА ПРОТИВОПОЛОЖНОСТЕЙ В УЧЕНИИ МАВЛАНА ДЖАЛАЛУДДИНА БАЛХИ

Мавлана Джалалуддин Балхи является одним из гениальных мыслителей человечества и один из ярких представителей нашей культуры, философии и мистики, который своими богатыми произведениями внес существенный вклад в научные и мистические идеи ученых. Мавлана в своём великом философско-мистическом произведении «Маснавии маънави» излагает мысли относительно жизненных проблем человека и извечных проблем философии, и трактует их в соответствие с философией и мистикой своего времени. В дальнейшем некоторые его идеи были использованны последующими поколениями в процессе академических и философских рассуждений. Одним из этих идей Мавланы является борьба противоположностей, которая через 500 лет была признана В.Ф.Г. Гегелем как закон.

Автор статьи анализирует точку зрения Мавланы относительно закона единства и борьбы противоположностей. По мнению автора статьи, Мавлана в своем «Маснавии маънави» неоднократно указывает на проблему борьбы противоположностей и признаёт его как основой мироздания, т.е. как основной закон творения мира. Мавлана, именуя борьбу противоположностей как «ҷанги аздод (война потивоположностей)» признает существование этой борьбы во всем реальном мире в виде естественной войны, деятельностьной войны и вербальной войны, вечной и постоянной.

***Ключевые слова:*** *Мавлана Джалалуддин Балхи, мистицизм, философия, диалектика, законы диалектики, борьба противоположностей, развитие.*

## STRUGGLE OF OPPOSITES IN THE TEACHINGS OF MAWLANA JALALUDDIN BALKHI

Mawlana Jalaluddin Balkhi being one of the brilliant thinkers of mankind and one of the brightest representatives of our culture, philosophy and mysticism, who with his rich works has made a significant contribution to the scientific and mystical thought of scientists. This thinker in his great philosophical and mystical work "Mathnavii Ma'navi" presents thoughts on the life problems of man and the eternal problems of philosophy, and treats them in accordance with the philosophy and mysticism of his time. Later, some of his ideas were used by subsequent generations in academic and philosophical discussions. One of these thoughts of Mawlana is the struggle of opposites, which only after 500 years of his life was recognized as legitimacy by W. F. G. Hegel.

The author of the article has tried in this article to analyze the point of view of Mawlana regarding the law of unity and struggle of opposites. It is revealed that Mawlana repeatedly in his" Mathnavii Manavi " points to the problem of the struggle of opposites and recognizes it as the basis of the universe, i.e. as the basic law of creation of the world. Mawlana referring to the struggle of opposites as "Jangi azdod (war of opposites)" recognizes the existence of this struggle throughout the real world in the form of natural war, activity war and verbal war, eternal and permanent.

***Keywords:*** *Mawlana Jalaluddin Balkhi, mysticism, philosophy, dialectics, laws of dialectics, struggle of opposites, evolution.*

***Сведения об авторе: Азизмуродов Мухаммадсалим Рахимович*** *– старший преподаватель кафедры философии и политологии Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992), 93 565 21 84, E-mail: boghbon@bk.ru*

***Information about the author: Azizmurodov Muhammadsalim Rahimovich*** *– senior lecturer of the Philosophy and Politology department of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17/6 Muhammadiev str., Phone: (+992) 93 565 21 84, E-mail: boghbon@bk.ru*

## МУНДАРИҶА

### ЗАБОНШИНОСӢ – ЯЗЫКОЗНАНИЕ

***Маҳмадҷонов О., Лузинаи З.*** Ҷанбаҳои лингвофарҳангии лексикаи маросими мотам дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ.....5
***Абдуллоева Г.*** Назаре ба истилоҳоти хешутаборӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ.....13
***Саидзода В., Самадова Г.*** Хусусиятҳои ифодаёбии ҷумлаҳои саволӣ дар забони чинӣ.....21
***Мирзоева Г.Х.*** Из истории лингвистических учений в современном русском языке……28
***Шамсов Б.С.*** Таркиби сохторӣ ва вижагиҳои корбурди унсурҳои забонии дискурси компютерӣ ……...36
***Сатторова Д.Қ.*** Ҷойгоҳи зарбулмасалу мақолҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ……..43
***Кесамирова С.Р.*** Реалияҳо ҳамчун падидаи воҳидҳои луғавии бемуодил (дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ).....52
***Одинаева Ш.Г.*** Современный русский язык и отфразеологическое образование слов.....58

### АДАБИЁТШИНОСӢ – ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

***Олимова Х.Ҳ.*** Образ ва тасвир дар насри нимаи дувуми асри XIX.....64
***Бобоалиева З.П.*** Сотим Улуғзода - пайвандгари дирӯз ва имрӯз.....72
***Абдуҷалили А.*** Таърих ва дарки тозаи бадеии он дар осори Муҳаммадзамони Солеҳ.....76
***Ҳамзаев М.*** Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри солҳои 60-70-уми асри XX.....87

### ПЕДАГОГИКА

***Раҷабзода М., Шосаидзода С.*** Ҷойгоҳи фарҳанги педагогии волидайн дар ташаккули шахсияти фарзандон.....95
***Саидов С., Котибова Ш.*** Компьютерные игры: польза или вред?.....104
***Заробекова Н.М.*** Особенности и условия нравственного воспитания младших школьников во внеурочное время.....112
***Раҷабова Н.Ш.*** Салоҳияти касбии китобдорон – омили муҳими рушди фаъолияти инноватсионии китобхона……120

### ТАЪРИХ – ИСТОРИЯ

***Ҳақназаров А.*** Туризми таърихӣ-фарҳангӣ ва имкониятҳои рушди он дар Тоҷикистон……129
***Раҷабов С.М.*** Саҳми Абӯмуслим дар табдили волигии Хуросон ба аморати соҳибистиқлол……134
***Якубшоев А., Карамалишоев К.Н.*** Низоми андоз ва андозсупорӣ дар Бухорои Шарқӣ ва Помир дар асоси таҳқиқоти академик Баҳодур Искандаров.....140

### ФАЛСАФА – ФИЛОСОФИЯ

***Бобоев К.Б.*** Политический плюрализм в Таджикистане в годы советской перестройки и в постперестроечный период……..146
***Сулаймонов Б.*** Заминаҳои ташаккули ғоявӣ-назариявии афкори мантиқӣ-маърифатшиносии Абӯнасри Форобӣ……156
***Азизмуродов М.Р.*** Муборизаи баҳамзидҳо дар таълимоти Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ……165

## МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

**Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёми донишкадаи забонҳо» пешниҳод мегарданд.**

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

**Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:**

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад. Ҳаҷми мақола бояд бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро дар бар гирад.

**Мақола бояд дорои сохтори зерин бошад:**

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна:

Саидов С.А.);

– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

– матни асосии мақола;

– ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [6, с.42]. Яъне, адабиёти №6 ва саҳифаи 42.

– нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Онҳо инчунин бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия бояд дар ҳаҷми на камтар аз 15 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ таҳия шавад;

– дар охири мақола маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо ду забон (русӣ ва англисӣ) бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

# ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

## Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник института языков»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

**Требования к оформлению научных статей:**

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

**Статья должна иметь следующую структуру:**

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Саидов С.А.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [6, с.42]. То есть, литература №6 и страница 42;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы на трех языках (на таджикском, русском и английском языках) оформляется следующая информация: название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора).

**ВЕСТНИК**
**ИНСТИТУТА ЯЗЫКОВ**
**(серия филологических, педагогических, исторических и философских наук)**

Научный журнал «Вестник института языков. Серия филологических, педагогических, исторических и философских наук» основан в 2011 г. Выходит 4 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: филологические науки (10.00.00), педагогические науки (13.00.00), исторические науки (07.00.00) и философские науки (09.00.00).

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте института (www.ddzt.tj).

---

**ВЕСТНИК**
**ИНСТИТУТА ЯЗЫКОВ**
**(серия филологических, педагогических, исторических и философских наук)**

**2019. №3 (35)**

Над номером работали:
Ответственный секретарь: Миракзода Ф.Ю.
Ответственный редактор: Шосаидзода С.Х.
Редактор русского языка: Ходжатов Б.Д.
Редактор английского языка: Азизмуродов М.Р.

**Вестник института языков**
**(серия филологических, педагогических, исторических и философских наук):**
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6.
Сайт журнала**:** www.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-50-01

Отпечатено в типографии ТГИЯ имени Сотима Улугзода
734019, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6.
Сдано в печать: 15.10.2019. Подписано к печати
22.10.2019
Формат 60x841/8. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз.